Чӣ гуна
барои фарзандон

# қаҳрамон

бояд шуд

Ҷош Макдауэлл   Дик Дей

Чӣ гуна
барои фарзандон

# қаҳрамон

бояд шуд

Ҷош Макдауэлл   Дик Дей

Originally published in English under the title
*How to be a Hero to Your Kids* by Josh McDowell & Dick Day.
© 1991 by Josh McDowell & Dick Day.
Original ISBN Nr: 978-0849938269

© 2008 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

Напечатано в Турции
Тираж: 1500 экз.
ISBN: 975-462-0517

# ПЕШГУФТОР

Ману Дик Дей ин китобро ҳамроҳ навиштем, аммо шумо пай мебаред, ки дар он нақл аз номи шахси якум аст. Чунин қарор аз боиси он аст, ки бисёре аз намунаҳои овардашуда аз ҳаёти мо гирифта шудаанд, ва мо чунин ҳисобидем, ки аз номи шахси якум навиштан беҳтар аст — ин фаҳмотар мешавад.

Қисми зиёди он чиро, ки шумо дар саҳифаҳои ин китоб мехонед, ман аз Дик шунидаам. Бобҳои 6, 8 ва 14-ро вай навиштааст. Мо ба ҳисоби умумӣ 10 фарзандро тарбия мекунем: шаштоашонро Дик ва Шарлотта ва чортоашонро ману Доттӣ. Мо дар таҷрибаи худ ба таъсирбахш будани «Нақшаи волидӣ» боварӣ ҳосил намудем. Акнун мо ин нақшаро ба шумо расонданӣ ҳастем. Мақсади ману Дик як аст — ба шумо ёрӣ диҳем, то ки барои фарзандон ва барои худ қаҳрамон шавед.

*Ҷош Макдауэлл*

# ИЗҲОРИ МИННАТДОРӢ

Ҳама гуна китоб натиҷаи кӯшишҳои якҷояи бисёр одамон аст. Мо мехостем ба шахсони зерин, ки ба шарофати онҳо ин китоб нашр гардид, изҳори миннатдорӣ намоем.

Ба Дейв Беллис — ӯ ҳамроҳи мо роҳи душвореро тай намуд: барои тавлид шудани худи идеяи китоб ёрӣ расонд, ва низ барномаи видеоӣ тайёр намуд, ки ин китоб ба он иловае гардид.

Ба Ҷой Пол аз «Уорлд Паблишинг» барои дастгирӣ, ёрӣ ва боварӣ ба мо.

Ба Шерӣ Ливингстон Нил барои таҳрири китоб дар тамоми марҳилаҳои тайёр намудани он.

Ба маҷаллаи «Дэдз оунлӣ». Ин маҷалла ба мо маводеро оиди он пешкаш намудааст, ки падарӣ ба ҳаёти инсон таъсири мусбат мерасонад.

Миннатдории махсуси худро ба Фритс Риденур изҳор менамоем:

Фритси азиз!

Ба ту изҳори миннатдорӣ менамоем, ки навиштаҳо, мусоҳибаҳо ва таҳқиқоти моро бо истифодаи истеъдодҳои худододи худ дида баромадӣ ва онҳоро дар чунин китоби пурзӯр ва осонфаҳм муттаҳид намудӣ. Нуктасанҷии табиӣ, сухандонӣ, фурӯтании ту меҳнати якҷояи моро ба шодӣ мубаддал намуданд. Боварӣ дорем, ки ба шарофати кӯшишҳои мо ҳаёти бисёр кӯдакон дигаргун мешавад ва онҳо барои пайравӣ намунаҳо пайдо мекунанд.

*Бо арзи эҳтиром Ҷош ва Дик*

# Қисми I

## ҚАҲРАМОНОНЕ ДАРКОРАНД, КИ МУВОФИҚИ «НАҚШАИ ВОЛИДӢ» АМАЛ МЕКУНАНД

Дар назари аввал ҳамоиши калимаҳои «қаҳрамон» ва «волид» бемаъно метобад. Ба волидон лозим меояд, ки фарзандонро ҷазо диҳанд, танбеҳ диҳанд, биниашонро пок кунанд, бинобар ин «қаҳрамон» номидани онҳо на он қадар дуруст аст. Аммо китоб дар асоси чунин ғоя навишта шудааст: волидон бояд барои фарзандон қаҳрамон бошанд. Мо нақшаи муайян пешниҳод менамоем. Дар се боби аввал мо:

- ба калимаи «қаҳрамон» тавсифи нав медиҳем. Мо на дар бораи шахсони машҳур, балки оиди волидоне сухан меронем, ки мехоҳанд фарзандонашонро дар намунаи худ тарбия кунанд.
- оиди он сухан меронем, ки чаро имрӯзҳо ба фарзандон қаҳрамонон заруранд.
- оиди он нақл мекунем, ки чаро миллионҳо оилаҳо аз насл ба насл «носоз» мемонанд.
- сабаби асосии онро ошкор менамоем, ки чаро шумо бояд барои фарзандон қаҳрамон бошед.
- «нақшаи волидӣ»-и барпо намудани оилаи хушбахтро баён менамоем.
- мефаҳмонем, ки чаро қаҳрамон ҳақ надорад, ки кӯдакро фиреб диҳад.

# 1 КӮДАКРО ФИРЕБ ДОДАН ҒАЙРИИМКОН АСТ

Гоҳо ман аз волидон мепурсам: «Чӣ гуна барои фарзандон қаҳрамон шудан мумкин аст?» Ҷавобҳо хеле гуногун мебошанд. Инак ҷавоби маъмултарин: «Ман чӣ хел қаҳрамон ҳастам? Онҳо Мадонна ва Мел Гибсонро, ситораҳои эстрада ва синамо, ё варзишгаронро мепарастанд. Дар зимистон ба писари ман Майкл Ҷордан маъқул аст, дар тобистон — Хосе Кансеко, дар тирамоҳ — Ҷо Монтана. Ман ба ин ситораҳо баробар шуда наметавонам». Ман ҳамеша як ҷавоб дорам: бо ҳеҷ кас қувваозмоӣ кардан даркор нест. Кӯшиш накунед, ки аз шахсони машҳур афзалият пайдо намоед! Мувофиқи тавсифи ман, *волидон ҳамеша қаҳрамон мебошанд*, танҳо лозим аст, ки ба таври даркорӣ рафтор намоянд.

Мақсади ин китоб — ба волидон нишон додани он аст, ки чӣ тавр дар оила қаҳрамон шаванд ва чаро ин дар айёми мо ин қадар муҳим аст.

## ФИШОРИ ДАҲШАТОВАР БА ОИЛА

Ба ҳамагон маълум аст, ки замони ҳозира барои тарбияи фарзандон давраи хуб нест. Вазъи иҷтимоӣ ба «муносибатҳои гарми оилавӣ» мусоидат намекунад. Ба оила бисёр омилҳои беруна таъсир мерасонанд, дар хона бошад — осудагӣ нест.

Тадқиқот нишон медиҳанд: дар байни кӯдаконе ки дар миёнаи солҳои 80-ум таваллуд шудаанд, 60% дар оилаҳои нопурра зиндагӣ мекунанд. Сабабҳо — ҷудошавӣ ё марги яке аз волидон аст. Мувофиқи маълумоти Идораи барӯйхатгирӣ, дар ҳар оилаи чорум кӯдакон бо васояткунандагон зиндагӣ мекунанд. Аз соли 1960 миқдори волидони танҳо 150% зиёд шудааст[1].

Дар ИМА зиёда аз 50% занҳо кор мекунанд. Мувофиқи маълумоти омори ИМА, соли 1990 64% ҳамаи занҳои оиладор кор мекарданд. Қариб 10,4 миллион кӯдакони аз шашсола хурд модарро танҳо бегоҳиҳо мебинанд[2].

Суханони «бепадар», «кӯдаки партофташуда» беш аз пеш ба гӯш мерасанд. Тадқиқоти дар Лос-Анҷелес ва Сан-Диего гузарондашуда нишон доданд: агар мактаббачагони синфи ҳаштум 11 соат ва ё зиёда аз он ба ҳоли худ вогузошта шаванд, хатари он, ки онҳо майнӯшӣ, сигоркашӣ ва истеъмоли маводи мухаддирро сар мекунанд, ду баробар меафзояд[3].

Кӯдакони ба ҳоли худ гузошташуда баъди мактаб бо чӣ кор машғул мешаванд? Телевизор тамошо мекунанд. Тадқиқот нишон медиҳанд: то вақти хатми мактаб кӯдак 18000 соатро ба тамошои телевизор сарф кардааст, ва барои аз худ кардани барномаи мактабӣ бошад — ҳамагӣ 12000 соат. Дар ин муддат онҳо шоҳидони 18000 кушторҳои телевизионӣ мегарданд[4].

Аз хурдсолӣ барои кӯдак телевизор аз ҳаво, ки барои нафаскашӣ зарур аст, муҳимтар мегардад. Дар се соли «пеш аз мактаб» кӯдак ба ҳисоби миёна назар ба вақте ки донишҷӯи коллеҷ дар аудитория дар чор сол мегузаронад, дар назди телевизор вақти бештареро сарф мекунад. Мувофиқи як тадқиқот, вақти муошырати бевоситаи кӯдаки панҷсола бо падар *25 дақиқа* дар як ҳафта аст, аммо ҳамон кӯдак дар назди телевизор *25 соат*ро мегузаронад[5].

### ЧӢ ГУНА БОЯД ОДАМРО ОДАМ НАМУД?

Маълумоти оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар якчанд даҳсолаи охир фишор ба оила афзудааст. Соли 1970 дар Хонаи Сафед (Белый Дом) оиди мушкилоти тарбияи кӯдакон конфронс баргузор гардид. Хулосаҳои он дар ҳуҷҷате зери унвони «Арзнома ба президент» гирд оварда шудаанд. Дар аввали он чунин гуфта шудааст: «Дар Амрико бӯҳрони оила, бӯҳрони тарбия ба миён омадааст. Худи мавҷудияти миллат зери хатар аст».

Дар арзнома зикр шудааст: барои амрикоиён «бедиққатии ҳамагонӣ ба кӯдакон» аз ҷониби волидон хос аст. Инсони ҳақиқӣ шудани кӯдак рӯз то рӯз душвортар мегардад. Агар ин раванд боздошта нашавад, «...натиҷа чунин хоҳад буд: афзудани дилхунукӣ дар оила, бепарвоӣ, нашъамандӣ, ҷинояткорӣ ва зӯроварӣ дар байни ҷавонон ва наврасон. Мо дар остонаи ҷамъияти наве истодаем, ки кӯдаконро рад мекунад ва аз ҷавонони худ метарсад. Маҷмӯи қоидаҳои ҳаётии худро дигар кардан, волидонро ба кӯдакон баргардондан, ва кӯдаконро ба ҷамъият баргардондан лозим аст»[6].

Материалҳои конфронс оиди мушкилоти тарбияи кӯдакон зиёда аз 25 сол пеш нашр шуда буданд. Аммо оё вазъи оила беҳтар шудааст? Чуноне ки мо мебинем, пешгӯиҳои «Арзнома ба президент»

иҷро шуда истодаанд. Дар миёнаи солҳои 80-ум ман бо доктор Генрӣ Брандт, рӯҳшиноси маъруфи масеҳӣ ҳамсӯҳбат шуда будам. Ӯ оиди он нақл карда буд, ки чӣ тавр ташкилотҳои миссионерӣ номзадҳоро барои хизматгузорӣ интихоб мекунанд. «Даҳ сол пеш аз ҳар се номзад як нафар ба хизмат лоиқ буд. Ҳоло бошад — аз ҳар даҳ номзад як нафар».

Ба саволи ман оиди сабабҳои чунин кам шудани миқдори одамоне ки ба хизмати миссионерӣ лоиқ мебошанд, ӯ чунин ҷавоб дод:«Дар бисёр ҳолатҳо номзадҳо аз боиси „ноустувории дохилии эҳсосотӣ, ки сабабгораш вазъи носолими оила аст, рад карда мешаванд».

**«ҲАМВОБАСТАГӢ» ЧИСТ?**

Генрӣ Брандтро гӯш карда, ба ёди кас калимаҳое меоянд, ки имрӯзҳо ба таркиби луғавии аҳли калисо дохил шудаанд: *оилаи носоз, «ҳамвобастагӣ», мутобиқшавандагӣ, намунаи бади волидон.*

Ба қавли доктор Фрэнк Минирт ва доктор Пол Мейер, асосгузорони бемористони «Минирт-Мейер», истилоҳи «ҳамвобастагӣ» якчанд даҳсола пеш, баъди кӯшишҳои аввалини ёрӣ додан ба майпарастон ва оилаҳои онҳо пайдо шудааст. Майпараст ба май вобаста аст, оила бошад, дар навбати худ, ба майпарастии ӯ вобаста мешавад. Агар аъзоёни оила худашон май нанӯшанд ҳам, вобастагӣ ҳар хел зоҳир мегардад.

Ҷамъияти Майпарастони Номаълум дар муолиҷаи майпарастӣ бо ёрии барномаи «Дувоздаҳ қадам» ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудааст. Аммо баъди муддате аён гардид, ки аксаран пас аз якчанд моҳи майнӯширо бас кардани майпараст оилаи ӯ барҳам мехӯрад. Маълум шуд, ки аъзоёни оила ба майпараст мутобиқ мешуданд ва ҳатто майнӯшии ӯро таҳсин менамуданд, агарчи чунин меҳисобиданд, ки аз таҳти дил кӯшиш мекунанд майнӯшии ӯро боздоранд. Моҳияти ин падида чунин аст: майпарастон ба май одат кардаанд, оилаҳо бошанд ба майпарастии онҳо вобаста мешаванд[7].

Истеъмоли май ва маводи мухаддир боиси «ҳамвобастагӣ» шуда метавонад, аммо *ҳама гуна майли дигари* идоранашаванда низ метавонад сабабгори он шавад. Мувофиқи ақидаи Минирт ва Мейер, «вобастагии якҷоя» метавонад дар майли носолим ба ягон кас, тарзи рафтор ё чиз зоҳир гардад: шахс барои идора намудани «ман»-и ботинии худ кӯшиш мекунад одамонро ба худ тобеъ кунад, воқеаҳоро идора кунад[8].

Маънои таҳтуллафзии калимаи «ҳамвобастагӣ» *вобастагии якҷоя* аст. Дар бисёр ҳолатҳо «ҳамвобастагӣ» дар натиҷаи муносибатҳои

носолим бо волидон ба миён меояд: барои баъзе касон кӯдакӣ — холигии калон аст.

Чӣ қадар одамон ба ҳамвобастагӣ гирифторанд? Маълумоти оморӣ мегӯянд: 15 миллион амрикоиҳо ба майпарастӣ ва ё нашъамандӣ дода шудаанд; ҳар яки онҳо камаш ба чор каси дигар таъсири ҷиддӣ мерасонад — ба ҳамсар, фарзандон, ҳамкорон. Пас, 60 миллион нафар аз майлҳои майпарастона ва нашъамандонаи 15 миллион кас ба таври ғайримустақим азият мекашанд.

Аммо майпарастӣ ва нашъамандӣ сабабҳои ягонаи ҳамвобастагӣ нестанд. «Майли носолим ба кор», хашмгинӣ, бадахлоқии ҷинсӣ, пурхӯрӣ, мувофиқи даромад зиста натавонистан, ҳатто гӯшанишинии беандоза — ҳамаи инҳо сабабгори ҳамвобастагӣ шуда метавонанд. Минирт ва Мейер зикр мекунанд: «Қариб 100 миллион амрикоиҳои ду насл гирифтори мушкилоте мебошанд, ки бо ҳамвобастагӣ робита доранд. Ин ба эпидемия монанд аст. Чӣ қадар бадбахтиҳо, рӯҳафтодагӣ, ва дилхунукӣ дар ҳаёти ҳамзамонон!» [9]

Ман ҳангоми кори худ дар байни ҷавонон ва волидон ба ҳаққонияти гуфтаҳои Минирт ва Мейер боварӣ ҳосил кардам. Миллионҳо одамон ҳамвобаста мебошанд. Баъзеи онҳо ба доми нашъамандӣ ва майпарастӣ гирифтор шудаанд, дигаронро бошад садоҳо аз давраи кӯдакӣ таъқиб мекунанд: «Боисрор бош! Ту ноком ва ноӯҳдабаро ҳастӣ!»

Дигарон аз ҳисси беқадрӣ халос шуда наметавонанд, ва ҳамааш аз боиси он, ки волидон барои онҳо вақти кофӣ ҷудо намекарданд. Бисёриҳо то ҳол чунин суханонро мешунаванд: «Ҳангоме ки *ҳама корро мувофиқи хости ман мекунӣ*, ман туро дӯст медорам». Аз рӯи ақидаи Минирт ва Мейер, ҳамвобастагӣ бо як насл маҳдуд намешавад — мушкилоти як насл ба насли дигар мегузарад, ва ин раванд то он даме давом мекунад, ки онро боздоранд. Мусо маҳз оиди ҳамин мегуфт: фарзандон то насли сеюм ва чорум гуноҳҳои падаронро ба мерос мегиранд (ниг. Хуруҷ 34:7: Такрори Шариат 5:8–10; 6:1–2).

Мехоҳам дар ин робита шеъри Доротӣ Нолтро иқтибос оварам. Дар он гуфта мешавад, ки кӯдакон дар зиндагӣ чиро меомӯзанд:

Ҳангоме кӯдаконро ҳақорат мекунанд,
  Онҳо ҳақорат карданро меомӯзанд.
Ҳангоме ки кӯдакон дар байни душманӣ ва хашм зиндагӣ мекунанд,
  Онҳо бадхашм ва ҷангара мешаванд.

Ҳангоме ки кӯдакон дар байни истеҳзоҳо зиндагӣ мекунанд,
Онҳо беҷуръат ва аз ҳад зиёд хоксор мешаванд.
Ҳангоме ки кӯдакон дар айбу шарм зиндагӣ мекунанд,
Ҳисси арзишнокии онҳо ба ҳисси айбдорӣ табдил меёбад[10].

**МАН ДАР ОРЗУИ ОИЛАИ ДӮСТДОР БА ВОЯ РАСИДААМ**

Истилоҳи «оилаи носолим» ба қарибӣ пайдо шудааст, аммо ба ман хуб маълум аст, ки чунин «носолимӣ» чӣ гуна дард оварда метавонад. Падари майпарасти ман ба қаҳрамон монанд набуд. Модар бародарам, хоҳарам ва маро дӯст медошт, аммо байни волидон наздикии ҳақиқӣ набуд. Онҳо якдигарро намефаҳмиданд. Дар ҳолати беҳтарин, ҳаёти онҳоро «ҳамзистӣ» номидан мумкин аст. Ман ҳеҷ гоҳ надидаам, ки падар модарамро ба оғӯш гирифта бошад. Дар ёд надорам, ки падар маро бо худ ба ягон ҷо бурда бошад, бо ман бозӣ карда бошад.

Ман дар фермаи ширӣ (150 акр) дар Мичиган калон шудаам. Дар наздикӣ шаҳраке буд. Дар он ҷо ҳама якдигарро мешинохтанд, ва албатта, бадмастии падарамро медонистанд. Ҳамсолонам ӯро масхара мекарданд, ва ман ҳамроҳи онҳо хандида, мекӯшидам дарду алами худро таскин диҳам. Гоҳо ман ба оғил даромада медидам, ки модарам шаллоқ хӯрда, дар рӯи саргини чорво хобидааст ва бархеста наметавонад. Ман падарамро барои чунин бераҳмӣ бад медидам ва мекӯшидам қасос гирам, ӯро таҳқир кунам ва ё ҷазо диҳам. Ҳангоме ки ӯ маст шуда, модарамро заданӣ мешуд, ё ки аз мастӣ карахт мешуд, ва ҳамин вақт мебоист назди ман дӯстон меомаданд, ман ӯро ба оғил кашола карда мебурдам ва ба охур баста, дар ҳамон ҷо мегузоштам. Бо гузашти солҳо, ҳангоме ки калонтар ва боқувваттар мешудам, ман ин корро бештар мекардам. Гоҳо, ҳангоме ки махсусан хашмгин будам, ман пойҳои падарро бо ресмон мебастам ва дар охири он ҳалқадаваке карда, ба гардани ӯ меандохтам. Дар замири дил ман умед доштам, ки вай аз банд раҳоӣ ёфтанӣ шуда, худро буғӣ карда мекушад.

Боре ман падарро тамоман масту аласт ёфтам, ва ӯро ба ҳуш овардани шуда, ба ваннаи пуроб андохтам. Ҳангоми афту дарафт ман ногоҳ пай бурдам, ки сари падарро зери об нигоҳ доштаам. Агар он вақт маро бознамедоштанд (то ҳол намедонам, ки ин кӣ буд), ӯро ғарқ мекардам.

Ман дӯст доштан ва дӯстдор буданро надида, ба воя расидаам. Дар мактаб ва дар коллеҷ ман оиди оилае орзу мекардам, ки дар он муҳаббати ҳақиқӣ ҳукмфармост. Идеяи ин китоб кайҳо пухта расида буд, ҳангоме ман чунин муҳаббатро дар оилаи ду шахсе ки

қаҳрамонони ҳаёти ман шуданд, дидам: *Дик Дей*, ки ҳаммуаллифи ин китоб аст, ва *Доттӣ Макдауэлл* — беҳтарин зан дар ҷаҳон (модари чор фарзанди ман).

### МАН УЗВИ ОИЛАИ ДИК ШУДАМ

Ман Дикро дар семинария, ки солҳои 60-ум мо дар он ҷо таҳсил мекардем, вохӯрдам. Дик аз ҳамаи мо якчанд сол калонтар буд. Ӯ оиладор буд ва аллакай 4 фарзанд дошт. Ӯ ба монанди ман аз оилаи носолими майпараст аст. Ӯ дар арафаи сисолагӣ назди Масеҳ омад ва ҳис мекард, ки бояд ба Худо хизмат кунад. Мо ҳангоми пур кардани журналҳои дарсҳои семинария бо ҳам шинос шудем.

Баъди муддате ман амалан узви оилаи Дей шудам: агар оиди ягон мавзӯъ фавран гап задан даркор шавад, ман ба хонаи ӯ мерафтам — хоҳ соати ҳафту ними пагоҳӣ бошад ё ёздаҳи шаб. Дик ҳамеша пурсабр, боилтифот, меҳрубон буд — маҳз ҳамин гуна муносибат бароям дар кӯдакӣ намерасид.

Ман аз он муносибате ки Дик ва Шарлотта ба фарзандон ва ба якдигар доштанд, ҳайрон будам. Онҳо ҳамаи мушкилоти фарзандонашонро ба дил наздик мегирифтанд. Фарзандонро қадр мекарданд, ҳамеша рӯҳбаланд менамуданд, бо рафтори худ нишон медоданд, ки онҳоро дӯст медоранд, дар онҳо ҳисси арзишнокиро тарбия мекарданд. Фарзандонро дӯст медоштанд ва ин ҳиссиёти худро бо бӯсаҳои беҳисоб зоҳир менамуданд.

Дар оилаи ман дар як сол як бор ҳамдигарро ба оғӯш мегирифтанд — дар рӯзи ид. Онҳо бошанд ин корро ҳамеша мекарданд. Онҳо ҳамеша барои фарзандон вақт меёфтанд, падари ман бошад аз ман парвое надошт.

Ба ғайр аз ин, онҳо фарзандонро барои ҳама гуна кори хона сипосгузорӣ мекарданд — барои бурда партофтани ифлосиҳо, рӯбучини хона. Дар хурдсолиам падар ба ман низ корро ёд медод. Ман ба ӯ ёрӣ медодам, аммо дар иваз чӣ мегирифтам? Ҳеҷ гуна сипосгузорӣ.

Ман ба хонаводаи Дик часпида гирифтам, охир, ман дар кӯдакӣ муҳаббатро қариб намедидам.

Ба маънои муайян оилаи Дик оилаи ман шуд — он оилае ки ман ҳеҷ гоҳ надоштам.

### ВОЛИДОНИ ДОТТӢ БАРОЯШ ҚАҲРАМОНОНИ ҲАҚИҚӢ БУДАНД

Дертар, ҳангоме ки ману Дик дар «Ҳаёти нав» кор мекардем, роҳҳои мо ба муддати кӯтоҳ аз ҳам ҷудо шуданд. Ман дар шаҳракҳои

донишҷӯён баромад мекардам ва дар он ҷо Доттиро вохӯрдам. Ҳангоме ки ману ӯ вохӯрданро сар кардем, зикрҳои доимии ӯ оиди оилааш таваҷҷӯҳи маро ҷалб намуд. Модар, падар, бародар ва хоҳараш барои ӯ аҳамияти зиёд доштанд. Баъди якчанд моҳ, ҳангоми таътили мавлудӣ, ман бо аҳли оилаи Доттӣ вохӯрдам ва ҳамон чизеро дидам, ки дар оилаи Дей маро ҳайрон карда буд.

Доттӣ ба волидонаш аз ҳама ҷиҳат маъқул буд. Модари ӯ ба ҷаҳон бо чашми фарзандон нигариста метавонист, бо ҳаёти онҳо мезист, ба ақидаҳои онҳо ҳамфикр буд.

Аммо бештар он чиз маро ҳайрон мекард, ки Доттӣ аз падари худ — шахси оддие ки зоҳиран нуронӣ набуд ва хислати кӯҳнапарастона дошт, ба ваҷд меомад. Бо вуҷуди ин ӯ барои Доттӣ қаҳрамон буд.

Аввалин иди Мавлуди Масеҳ бо аҳли оилаи Доттӣ ба ман имкон дод, ки бо падари ӯ наздиктар шинос шавам. Ӯ ба ман фикру ақидаҳои худро оиди он ки падар ва шавҳари ҳақиқӣ бояд чӣ гуна бошад, баён намуд: самимона дӯст доштан ва барои аз нав сохтани аҳли оила саъй накардан. Ӯ медонист, ки кӯдакро чӣ гуна рӯҳбаланд кардан лозим аст; агар фарзандон ягон корро хуб анҷом диҳанд, ҳеҷ гоҳ шодии худро пинҳон намекард; доимо дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ мекард.

Доттӣ, бародар ва хоҳараш вақти бисёреро бо волидон мегузаронданд. Онҳо худро танҳо ҳис намекарданд, ба ҷустани роҳи худ кӯшиш наменамуданд. Якҷоя будан ба онҳо маъқул буд ва барои чорабиниҳои якҷоя «вақт ҷудо кардан» лозим намеомад — онҳо ҳамеша *якҷоя буданд*, зеро инро мехостанд.

## «ҚАҲРАМОН» БОЯД ЧӢ ГУНА БОШАД?

Якчанд сол пеш радиожурналист тақрибан бо 200 нафар наврасон пурсиш гузаронд. Ӯ савол медод: қаҳрамони шумо кист? Дар рӯйхати қаҳрамонони онҳо Принс, Мадонна ва Майкл Ҷексон дар мадди аввал буданд. Ҳеҷ кас падар ё модари худро номбар накард. Пас, падару модарон акнун барояшон эътибори зиёд надоранд? Не, ин тавр нест, балки ин 200 наврас сарояндагони маҳбубро «қаҳрамони худ» меҳисобанд. Аммо оё қаҳрамонони ҳақиқӣ онҳоянд? Не, онҳо дар экрани телевизорҳо ва кинотеатрҳо, дар рок-консертҳо ва стадионҳо шӯҳрати муваққатӣ доранд, Қаҳрамони ҳақиқӣ он касест, ки ҳамеша дар наздат мебошад: ту ҷиҳатҳои қавӣ ва сусти ӯро мебинӣ.

Қолабҳои дунявиро дур карда, шумо мебинед: аҳли оилаҳои Дик ва Доттӣ беҳтар аз дигарон фаҳмидаанд, ки қаҳрамони ҳақиқӣ кист ва ӯ бояд чӣ гуна рафтор намояд. Ба ин оилаҳо нигариста, ман дарк

намудам, ки қаҳрамони ҳақиқӣ будан чӣ маъно дорад. Сухан на дар бораи шукӯҳи ягон маҳбуби мухлисон меравад, ки оиди ӯ танҳо аз рӯзномаҳо ё телевизион мефаҳмем, балки оиди таҷрибаи шахсӣ, ки ба шавҳар ва падар, модар ва зан лозим шуда метавонад.

«Қаҳрамон» кист? Луғатномаро мекушоем: қаҳрамон «бо далериву ҷавонмардӣ фарқ мекунад, ӯ ҳаёти худро ба хатар меандозад ва ё фидо менамояд». Мувофиқи тавсифи дигар: қаҳрамон «шахсест, ки дар ягон соҳа ба дастовардҳои назаррас ноил шудааст ва ё дар ягон кор саҳми босазое дорад».

Тавсифи дуюм бо майли мо ба «ситораҳо» робитаи бевосита дорад. Акнун фаҳмост, ки чаро бисёр волидон метарсанд, ки барои фарзандони худ қаҳрамон шуда наметавонанд. Онҳо ба таври кофӣ «харизма» надоранд. Ба фикрам, тавсифи охирин барои варзишгарон мувофиқ аст, аммо ба ҳар ҳол кӣ будани қаҳрамонро аниқ намекунад.

Қаҳрамон касест, ки ман *ба ӯ монанд будан* мехоҳам. Чӣ гуна метавон касро қаҳрамон номид, агар барои ба ӯ монанд шудан, чун ӯ рафтор намудан, мисли ӯ зистан кӯшиш накунӣ?

**ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ «ҚАҲРАМОНОН»**

Қаҳрамонони ҳақиқӣ як қатор хусусиятҳои умумӣ доранд. Онҳо ақидаҳои худро доранд, ки аз онҳо даст намекашанд. Онҳо қувваро дареғ надошта, ақидаҳои худро ҳимоя мекунанд. Қаҳрамонон беҳудагӯй нестанд, онҳо суханони худро бо амалҳо ва рафторашон тасдиқ менамоянд.

Қаҳрамонон ба атрофиёни худ ёрӣ доданро таҳқиромез намеҳисобанд. Худро то он дараҷа доно намеҳисобанд, ки дигар омӯхтан даркор набошад. Қувваро бо некӣ омехта намекунанд — ин ё онро вобаста ба вазъият зоҳир мекунанд. Ҳамеша атои худро ба дигарон мерасонанд, доимо мувофиқи қоидаҳои муайян амал менамоянд. Қаҳрамонон ҳеҷ гоҳ ба муваффақият то он дараҷа одат намекунанд, ки нобарорире фаромӯш кунанд[11].

Мутаассифона, ба бисёр қаҳрамонони ҳозира боилтифотӣ, покии ахлоқӣ, таваҷҷӯҳ ба арзишҳои оилавӣ ва бисёр дигар хусусиятҳои дар боло зикршуда намерасад. Онҳо кори худро хуб ба ҷо оварда метавонанд. Онҳо медонанд, ки шӯҳратмандии муваққатӣ, пули зиёдро чӣ тавр ба даст овардан мумкин аст, аммо ҳаёти онҳо сазовори он нест, ки ба онҳо пайравӣ кунем.

## ТАВСИФИ НАВИ КАЛИМАИ «ҚАҲРАМОН»

Мо мехоҳем, ки аз ин китоб волидон фаҳманд: барои кӯдак қаҳрамон будан — яъне ба ӯ оиди ҳаёт бе обуранги сунъӣ, бе сохтакорӣ ё риёкорӣ нақл кардан аст. Биёед ба калимаи «қаҳрамон» тавсифи нав медиҳем:

> **Қаҳрамон** — падар ё модарест, ки чунон боилтифотӣ, чунон хислат, чунон собитқадамӣ, чунон боинсофӣ зоҳир менамояд, ки ӯро намунаи тақлид мегардонанд.

Исо боре масале оиди тақлид (пайравӣ) нақл намуд — тақлид ба некӣ ва ё бадӣ: «Оё метавонад кӯре ба кӯри дигар роҳнамоӣ кунад? Оё ҳар ду дар чоҳ намеафтанд? Шогирд аз муаллими худ авло нест: аммо, пас аз такмил ёфтан ҳам, ҳар кас чун муаллимаш хоҳад буд» (Луқо 6. 39–40).

Суханони Исо нишон медиҳанд, ки чаро ҳар як волид бояд барои фарзанди худ қаҳрамон шавад. Гап на дар он аст, ки худро боэътибор, соҳибэҳтиром ё дӯстдошта ҳис кунем. На дар он аст, ки фарзандон моро дӯст доранд ва аз мо ба ваҷд оянд. На дар он аст, ки худро суперпадар ё супермодар ҳис кунем. Ҳамаи ин чизҳо «қисмҳои таркибӣ»-и нақши қаҳрамон мебошанд, аммо муҳимтарин нестанд.

*Шумо бояд барои кӯдак қаҳрамон шавед, то ки ӯро ба ҳаёти мукаммал дар ҷаҳони носолим, адоватнок ва фалокатбор омода созед.*

Оё мехоҳед, ки фарзандатон ба маводи мухаддир, алоқаи ҷинсӣ то никоҳ ва ё дигар васвасаҳое ки ҳангоми тамошои телевизор ё муошират бо ҳамсолон бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, «не» гуфта тавонад? Пас, фарзандатон ҳар қадар хурд ё аллакай калон бошад ҳам, кӯшиш кунед барои ӯ қаҳрамон шавед. Ҳар қадар барои фарзанд қаҳрамон шавед, ӯ ба шумо ҳамон қадар бодиққаттар гӯш медиҳад, ҳамон қадар бештар мехоҳад аз рӯи арзишҳои шумо зиндагӣ кунад.

## ФАРЗАНДОНАТОН ЧӢ ГУНА МЕШАВАНД?

Дақиқае андеша кунед. Сабабе ҳаст, ки аз боиси он шумо бояд барои фарзанди худ қаҳрамон шавед: *ӯ ба шумо монанд шуда, ба воя мерасад.* Фикр кунед, байни волид ва фарзанд робитаи зич ҳаст. Ояти Инҷили Луқо 6:40-ро ин тавр баён кардан мумкин аст:

«Фарзандон аз волидон авло нестанд, аммо ҳамаи фарзандон, пас аз тарбия ёфтан, чун волидони худ хоҳанд буд».

Мо дар фарзандони худ чиро дидан мехоҳем? Дар ёд нигоҳ доред: дар ниҳояти кор, шумо дар онҳо худро хоҳед дид, аз ҷумла тасаввуроти худро оиди Худо. Дар китоби «Омили волидӣ» Роберт Макҷӣ, Ҷим Креддок ва Пэт Спингл навиштаанд:

> «Тасаввуроти инсон оиди Худо, оиди худ, оиди муносибатҳо бо атрофиён ба муносибатҳои ӯ бо волидон вобастанд. Агар волидон дӯстдор ва ғамхор буданд (ва ҳастанд), шахс ҳамчунин Худоро дӯстдор ва қавӣ меҳисобад. Ӯ ором ва боваринок ба воя мерасад, бо атрофиён ба осонӣ забон меёбад. Аммо агар волидон дағал ва беҳад серталаб будаанд, шахс низ чунин меҳисобад, ки ба Худо писанд омадан ғайриимкон аст... Волидон ҳар гуна бошанд ҳам — дӯстдор ва ё бепарво, меҳрубон ё дағал — онҳо дар ташаккули тасаввуроти шахс оиди Худо, оиди худ, оиди муносибатҳо бо атрофиён нақши ҳалкунанда доранд. Натиҷа ҳам олӣ ва ҳам фоҷиавӣ буда метавонад»[12].

Мо пурра бо ин розӣ ҳастем. Муносибатҳои фарзандон бо шумо, волидон, сифати ҳаёти онҳоро ҳангоми ба воя расиданашон муайян мекунанд. Агар шумо барои онҳо қаҳрамон бошед, Худо Суперқаҳрамон хоҳад буд. Онҳо ба Ӯ на аз ҳисси гуноҳкорӣ, балки аз рӯи муҳаббат ва сипосгузорӣ хизмат хоҳанд кард.

Агар шумо фарзандони хурд дошта бошед, дар ёд нигоҳ доред — шумо барои онҳо чун «Худо» ҳастед. Онҳо ба ҳар як сухани шумо бовар мекунанд. Агар гӯед, ки моҳ аз панир сохта шудааст, — онҳо бовар мекунанд. Агар суханон ва рафторатон ба онҳо нишон диҳанд, ки онҳо ба дигарон монанд нестанд, пас шумо онҳоро чуноне ки ҳастанд, дӯст медоред (на барои намуди зоҳирӣ ва ё рафторашон), пас, вақте ки ба воя мерасанд, дар ивази ҳар арзиш ба комёбӣ саъй намекунанд. Онҳо мефаҳманд, ки мавқеъ дар ҷамъият, зебоӣ ва сарват хушбахтии ҳақиқӣ намеоваранд.

Дар ёд нигоҳ доред: ҷонҳои ҷавон, бегуноҳ ба зудӣ бо дурӯғи бадтарини шайтон рӯ ба рӯ мешаванд — шуморо танҳо барои дастовардҳоятон қадр мекунанд. Аммо агар онҳо аз хурдӣ ҳақиқатро фаҳманд, пас, ҳангоме ки ин дурӯғро мешунаванд, муҳаббат ва меҳрубониро ба ёд меоваранд, ва он гоҳ қувваташон мерасад, ки ба дурӯғи шайтон «не» ва ба муҳаббати Масеҳ «ҳа» гӯянд.

Ба волидони фарзандони калонсол чунин гуфта метавонам: барои сар кардан ҳеҷ гоҳ дер намешавад.

Мақсади ин китоб нишон додани он аст, ки қаҳрамони ҳақиқӣ падар ё модаре мебошанд, ки аз фармудаҳои Исо рӯ намегардонанд. Оддӣ, ҳамин тавр не? Аммо ҳар як волид медонад, ки ин он қадар осон нест. Мо ҳар як қадами фарзанди худро назорат карда наметавонем (падару модар медонанд, ки чӣ беҳтар аст). Баръакс, ҳаёти мо гоҳо ба ҷунбуҷӯли мӯрчаҳо монанд аст: ҷаҳон ба мо ҳуҷум мекунад, ва мо ба ғалабаи худ на он қадар боварӣ дорем.

**НАҚШАИ ИБОРАТ АЗ ШАШ ПУНКТ**

Ба ман, ва ба Дик низ, ин ҳиссиёт маълуманд, бинобар ин мо қарор додем ёрӣ пешниҳод намоем — нақшае ки онро «Нақшаи волидии иборат аз шаш пункт» номидаем. Шаш принсипи асосии тарбия — муносибати мавзун (мутаносиб) ба кӯдак, таҳсин, муҳаббат, диққат, тарбияи ҳисси масъулият ва нуфузу эътибори волидӣ.

Боби дуюм аз таҳлили тафсилии ин нақша иборат аст. Дар бобҳои дигари китоб ҳар яки ин шаш пунктро мо муфассал тафсир менамоем, то ба хонанда принсипҳои библиявӣ ва педагогии тарбия, ва низ пешниҳодоти амалиро оиди истифодаи ин принсипҳо (дар оила) диҳем.

Нақшаи иборат аз шаш пункт — дастуруламали тадриҷӣ аст, ки барои ба фарзанди худ қаҳрамон шудан ёрӣ медиҳад. Албатта, ба фарзандон сарояндаҳо, қаҳрамонони филмҳо ва дигар шахсони машҳур маъқуланд. Аммо ман бисёр сафар мекунам, бо хонандагони мактабҳо ва коллеҷҳо бисёр сӯҳбат мекунам ва мебинам: пеш аз ҳама онҳо сарвари боэътибор — собитқадам, боинсоф ва дӯстдорро меҷӯянд.

Инро танҳо падару модар дода метавонанд — на Мадонна ва на «Роллинг Стоунз». Кӯдакон фарқи байни таваҷҷӯҳи ҳақиқӣ ва бепарвоиро мебинанд. Онҳо ба таври ғаризавӣ ҳис мекунанд, ки атрофиён ба онҳо чӣ гуна муносибат мекунанд.

Ҳангоме ки онҳоро ҳақиқатан дӯст медоранд, онҳо инро мебинанд, мефаҳманд ва қадр мекунанд. Онҳо ҳис мекунанд, ки шумо ба онҳо чиро талқин карданӣ ҳастед — ҳисси худэҳтиромкунӣ ё ҳисси нодаркории худро. Онҳо таваҷҷӯҳи ҳақиқиро аз таваҷҷӯҳе ки «аз рӯи вазифа» аст, фарқ карда метавонанд.

Дар айни замон, онҳо фарқи байни «сифати вақти якҷоя гузарондашуда» ва «миқдори вақти якҷоя гузарондашуда»-ро фаҳмида наметавонанд. Барои онҳо ин ҳамон як чиз аст, бинобар ин ҳангоме ки

волидон машғуланд, фарзандон танҳо як чизро мебинанд: волидон барои онҳо вақт ҷудо намекунанд.

**КӮДАКРО ФИРЕБ ДОДАНӢ НАШАВЕД!**

Дар ёд надорам, ки ин суханонро аз куҷо гирифтаам, аммо онҳо барои ман дар муошират бо оила принсипи роҳбарикунанда гардидаанд, ва ман онҳоро дар ҳама ҷо такрор мекунам:

*Қаллобу аҳмақонро*
*Фиреб додан метавон,*
*Аммо ғайриимкон аст*
*Кӯдакро фиреб кардан.*

Шумо ин сатрҳоро дар китоб борҳо вомехӯред. Ҳатто агар ҳама чизи дигарро фаромӯш кунед ҳам, як чизро дар ёд нигоҳ доред: кӯдакро фиреб додан, аз ҳад зиёд назорат кардан, ё баръакс, сарфи назар кардан мумкин нест. Аммо суханон кофӣ нестанд, бояд амал намуд.

Барои қаҳрамон шудан ҳатмӣ нест, ки волидон комил бошанд. Аз онҳо фурӯтанӣ, пурсабрӣ ва ба омӯзиш омода будан талаб карда мешавад. Ҳангоме ки волидон ба фарзандон муносибати мавзун (мутаносиб) мекунанд, *диққат додан, рӯҳбаландкунӣ, дӯст доштани* онҳоро дар ёд доранд, ба онҳо *масъулиятшиносиро* меомӯзанд ва *эътиборнокии волидиро* зоҳир менамоянд, воқеаҳои аҷиб рӯй медиҳанд.

Ҳангоме ки ба кӯдакон ботаҳаммул ва боинсофона муносибат мекунанд,
  Онҳо нисбати дигарон ботаҳаммул буданро меомӯзанд.
Ҳангоме ки ба кӯдакон боварӣ ба худро талқин менамоянд,
  Онҳо ором ва боваринок буданро меомӯзанд.
Ҳангоме ки аз кӯдакон ба ваҷд омада, онҳоро таҳсин мекунанд,
  Онҳо дар дигарон хубӣ диданро меомӯзанд.
Ҳангоме ки фарзандон дар муҳити ростгӯӣ зиндагӣ мекунанд,
  Чӣ будани адолатро меомӯзанд.
Ҳангоме ки кӯдакон худро ҳимояшуда ҳис мекунанд,
  Онҳо имон доштанро меомӯзанд.
Ҳангоме ки калонсолон рафтори кӯдаконро таҳсин мекунанд,
  Кӯдакон қадр кардани худро меомӯзанд.
Ҳангоме ки кӯдакон муҳаббатро ҳис мекунанд,

Онҳо дар Худо ва дар ҷаҳон ҷустани муҳаббатро меомӯзанд[13].

«Нақшаи волидӣ» барои амалӣ гардондани ҳамаи ин мақсадҳо ва бисёр мақсадҳои дигар ёрӣ мерасонад. Нақша формулаи мӯъҷизанок нест. Он муваффақиятро таъмин намекунад, аммо барои шиноварӣ дар обҳои хурӯшон ва ё ором қутбнамо аст. Акнун биёед ин нақшаро аз наздик дида мебароем.

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Оё шумо ягон вақт фикр кардаед, ки чаро шумо, чун волид, бояд қаҳрамон бошед?

2. Дар ин боб Ҷош ба калимаи «қаҳрамон» тавсифи нав дод, ва рафтори «маҳбуби тамошобинон»-ро ба асоси он гузошт. Фарзандон дар ҳама чиз ба шумо тақлид мекунанд. Шумо оиди вазифаҳои волидӣ чиҳоро медонед? Рафтори шуморо дида, фарзандон чиҳоро ёд гирифта метавонанд? Онҳо кадоме аз ақидаҳои шуморо оиди ҳаёт ба худ мегиранд?

3. Дар қисми охири боб суханони муаллифони китоб оиди он оварда шудаанд, ки муносибати кӯдак ба Худо, ба худ ва ба атрофиён ба муносибатҳои ӯ бо волидон вобаста аст. Ин суханонро хонда, оиди чизи хондаатон дуо кунед.

4. «Фарзандон аз волидон авло нестанд, аммо ҳамаи кӯдакон, пас аз тарбия ёфтан, чун волидон мегарданд». Лаҳзае андеша намоед: фарзандонатон мисли шумо мешаванд. Дар худ ду-се сифати мусбат ёбед, ки ба фарзандон расондан мехостед. Фикр кунед, ки барои ин чӣ кардан лозим аст?

# 2 МУНОСИБАТҲО БО ФАРЗАНДОНРО БА ҲОЛИ ХУД НАГУЗОРЕД

Бисёр вақт мегӯянд, ки оиладорӣ ва падарӣ борест, ки одатан одамон онро бе тайёрии пешакӣ ба дӯш мегиранд. Амалан, тамоми омодагӣ «дар рафти кор» ба амал меояд — хатоҳо ва нобарориҳои бисёр. Бо ҳукми тақдир мо ба муҳимтарин одамони ҳаёти худ диққати камтар медиҳем: умед дорем, ки муҳаббат «ҳамеша ҳақ» аст, фарзандонамон бе ин ҳам «медонанд, ки мо онҳоро дӯст медорем» ва «мо ҳама чизро ба фоидаи онҳо мекунем».

Аммо дар амал мо омодагии асосиро ба никоҳ ва оиладорӣ аз муаллимони аввалин — аз падару модар мегирем. Мушкилӣ дар он аст, ки рафтори онҳо на ҳамеша ба принсипҳои илоҳӣ мувофиқанд.

Ман бо ҷавонписарон ва духтарон бисёр сӯҳбат мекунам ва медонам, ки бепарвоии волидон ҳамеша натиҷаҳои нохуш меоварад. Бо вуҷуди афзудани миқдори китобҳо, видеофилмҳо ва дигар «сарчашмаҳои маълумот», тарбияи кӯдакон муаммоест, ки бисёр оилаҳо аз ӯҳдаи ҳалли он намебароянд.

Ману Дик вонамуд намекунем, ки ба ҳамаи саволҳо оиди оилаҳои носоз ва ҳамвобаста ҷавоби тайёр дорем. Нақшаеро, ки дар ин китоб баён кардаем, формулаи комилан аниқ ва бехато ҳисобидан норавост. Бо вуҷуди ин, ба мо муяссар шуд баъзе принсипҳои асосии тарбияро ошкор намоем, ки ба оилаҳои носоз имкон медиҳанд, то аз вазъияти душвор бароянд, ба оилаҳои мӯътадил бошад имкон медиҳанд, то муносибатҳоро байни аъзоён беҳтар кунанд.

Мақсади мо — системаи тарбияи дар манъкуниҳо асосёфтаро бо дигар системае ки дар ҳавасмандкунӣ асос ёфтааст, иваз кардан мебошад. Агар ба «Нақшаи волидии иборат аз шаш пункт» пайравӣ намоед, дар ин самт ба муваффақият ноил хоҳед шуд. Ин нақшаро дар шакли ресепти хӯрокпазӣ пешкаш кардан мумкин аст:

*Муносибати нек*ро мегиред.
Ба он *таҳсин*ро илова мекунед.

Онро бо миқдори муайяни *муҳаббат* ва диққат омехта мекунед.
Сипас *вазифаҳо*ро, ки ба он *нуфузи волидӣ* пошида шудааст, илова мекунед.

Ҳамаи он чи дар ин китоб баён шудааст, бар шаш пункти «Нақшаи волидӣ» бунёд гардидааст. Дилхоҳ яке аз ин шаш принсипҳоро дар оилаи худ истифода баред, ва муносибатҳои шумо бо фарзандон беҳтар мешаванд.

Аммо дар ёд нигоҳ доред: ин шаш принсипро *бо тартиби қатъӣ истифода бурдан даркор аст*. Баъзе волидони масеҳӣ, бо беҳтарин мақсадҳо амал намуда, аз зоҳир намудани нуфузи волидӣ сар мекунанд. Онҳо аз фарзандон оиди ҳамаи амалҳо ҳисобот талаб мекунанд, калимаи дӯстдоштаи онҳо «вазифаҳо» аст. Волидоне ки пеш аз ҳама ба нуфузи худ аҳамият медиҳанд, чунин меҳисобанд, ки муносибати хайрхоҳона, таҳсин, муҳаббат, диққат на он қадар муҳиманд. Аммо чуноне ки дар боби 3-юм мебинем, чунин волидон рафтори оқилона намекунанд. Зиёда аз ин, аз устувор намудани нуфуз сар кардан — аз мақсади асосӣ дур шудан аст: шумо бо ин роҳ барои фарзанд қаҳрамон намешавед.

**ЧАРО АЗ МУНОСИБАТИ НЕК БО ФАРЗАНДОН САР КАРДАН ДАРКОР АСТ**

Ҳангоми истифодаи дурусти нақшаи иборат аз шаш пункт бояд аз *муносибати нек* сар кунед, зеро он асоси мутлақи *муносибатҳои хуб* бо фарзандон аст. Дар ҳолати идеалӣ бояд қатъиян муносибати нек намоед, яъне чунон муҳаббате зоҳир кунед, ки фарзандон донанд: новобаста ба он чи онҳо мегӯянд, мекунанд ва хатоҳое ки содир менамоянд, падару модар онҳоро ба ҳар ҳол дӯст медоранд.

Ҳангоме фарзандон мебинанд, ки волидон онҳоро ҳақиқатан дӯст медоранд, онҳо худро *ором* ҳис мекунанд. Фарзандон медонанд, ки онҳоро *на барои муваффақиятҳо*, балки барои он қадр мекунанд, ки *онҳо чуноне ки ҳастанд, ҳастанд*. Бисёрии волидон розӣ мешаванд, ки онҳо маҳз ба ҳамин идеал саъй мекунанд. Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки аллакай ба мақсад расидаанд. Аммо дар амал ин волидон танҳо ҳамон вақт бо фарзандон муносибати нек мекунанд, ки онҳо «ба таври даркорӣ» рафтор намоянд.

Дигар хел карда гӯем, то даме ки Фарҳодҷон ва Манижаҷон «хуб» (дуруст) рафтор мекунанд, волидон аз онҳо розӣ ҳастанд. Аммо ҳамин ки кӯдак хатое содир кунад (ягон кореро ба ҷо наоварад, рафтори бад кунад), волидон норозигии худро изҳор мекунанд. Худи

волидон ҳамон лаҳза намефаҳманд, ки «норозӣ» ҳастанд, аммо кӯдак инро дарҳол пай мебарад.

Таҷрибаи шахсии ман дар тарбияи чор фарзанд нишон медиҳад: барои ҳамеша аз фарзанди худ розӣ будан кӯшиши зиёд кардан даркор аст. Имкон надорад, ки ба худ оиди розӣ будан «қавл» диҳед, ва чунин ҳисобед, ки ҳамеша ҳамин тавр аст. Ман ҳамаи имкониятҳоро истифода мебарам, то ба фарзандон нишон диҳам, ки новобаста ба он ки масъалаҳои ба миён меомадаро хуб ё бад ҳал мекунанд, аз онҳо розӣ ҳастам. Онҳо, ба монанди ман, одамонанд, онҳо рӯзҳои хуб ва бад доранд. Аммо ман ҳамеша аз он розиям, ки фарзандони ман маҳз фарзандони ман ҳастанд.

**КЭТИИ ФУТБОЛБОЗ**

Ману занам ҳамеша кӯшиш мекунем нишон диҳем, ки якзайл аз фарзандонамон розием. Гоҳо ба ман чунин метобад, ки мо ба ин муваффақ нашуда истодаем, аммо баъд аз рӯи мулоҳизаҳои фарзандон мебинам, ки кӯшишҳои мо беҳуда нестанд. Онҳо хеле бодиққаттар аз он чи мо тахмин мекунем, гӯш мекунанд ва мушоҳида менамоянд.

Масалан, дар синни шашсолагӣ духтарамон Кэтӣ дар байни ҳамсолон «ситора»-и футбол гардид. Боре, баъди машқи пеш аз бозии муҳимтарини мавсим, вай назди ман давида омад ва гуфт:

«Дада, агар ман гол занам, ба ман як доллар медиҳӣ?»

«Албатта», — ҷавоб додам ман бо табассум.

«Ура», — нидо кард Кэтӣ. Барои кӯдаки шашсола як доллар барои гол ҳамон арзишеро дорад, ки барои ман — контракт бо Эн-би-си барои якчанд сол.

«Як лаҳза сабр кун», — гуфтам ман ҳангоме ки ӯ аллакай тайёр буд назди дастаи худ давида равад. — Ҳатто агар гол назанӣ ҳам, ман ба ту як доллар медиҳам».

«Рост?»

«Рост».

«Ура!» — боз нидо кард Кэтӣ ва ба сӯи майдон шитофт. Аммо ман боз ӯро боздоштам ва пурсидам: «Лаҳзае биист. Оё медонӣ, ки барои чӣ?»

Духтари шашсолаи ман бозистод ва ба ман нигарист. Аллакай се сол боз ман ба ӯ талқин карданӣ мешудам, ки «бо вуҷуди тамоми норасоиҳояш дӯст доштани шахс» чӣ маъно дорад, аммо ҳанӯз натиҷае набуд. Аммо ин дафъа ӯ ба ман нигариста, гуфт: «Охир, барои ту фарқ надорад, ки ман футболбозӣ мекунам ё не. Ту маро ба ҳар ҳол дӯст медорӣ».

Ман аз ин суханони духтарам хеле хурсанд шудам. Ҳатто дар ёд надорам, ки Кэтӣ дар он бозӣ гол зад ё не. Ин ҳеҷ аҳамият надошт. Танҳо он чи ӯ гуфт, аҳамият дошт: ман ӯро ҳамеша дӯст медорам. Моҳият дар ҳамин аст.

### ТАҲСИН ЧУНИН МАЪНО ДОРАД: «ТУ БА ДАСТОВАРДҲОИ ЗИЁД НОИЛ ШУДА МЕТАВОНӢ»

Аз фарзанд розӣ будан таҳкурсии муносибатҳои хуб бо ӯст, аммо *эътирофи* истеъдодҳои ӯ — санги маҳаки он аст. Ҳангоме ки фарзанд дӯстдошта аст, ҳисси арзишнокӣ ва боварӣ ба худро пайдо мекунад. Эътирофи лаёқатҳои ӯ ба ин *ҳисси аҳамиятноки*ро илова мекунад. Ӯ чунин фикр мекунад. «Онҳо нисбати ман бепарво нестанд. Падару модар дӯст медоранд, ки ман дар наздашон бошам. Онҳо аз ман фахр мекунанд».

Барои ба кӯдак нишон додани он ки шумо нисбати ӯ бепарво нестед, ба қавли Мамӣ Маккаллог, бояд «ҷӯяндаи меҳнатдӯст» шуд. Вазифаҳои волидиро наметавон бо насиҳатҳо, кӯшишҳои аз рафтори нохуб боздоштани кӯдакон маҳдуд кард. Кӯшишҳоро ба дигар тараф равона кунед: нигоҳ кунед, ки барои чӣ ва чӣ гуна метавонед фарзандатонро таърифу таҳсин намоед, ӯро рӯҳбаланд кунед.

Ин маънои онро надорад, ки шумо аз насиҳатҳо ва чораҷӯиҳои интизомӣ даст мекашед. Онҳо даркоранд. Аммо кӯдак ҳамон вақт гапдаро мешавад, ки чунин ҳақиқатеро фаҳмад: шумо аз он қаноатманд ҳастед, ки ӯ фарзанди шумост. Баъд аз ин метавонед норасоиҳо ва ё хатоҳои ӯро ислоҳ кунед, аммо бо хубӣ, бе таҳдидҳо: «Ба фикрам, ту нохуб кардӣ, аммо ин рафторат муносибати маро ба ту дигар накардааст».

Ману Дик оиди эътироф дар боби 7-ум ва 8-ум бештар нақл мекунем. Аммо ҳоло чунин ҳисобед, ки хайрхоҳӣ ва таҳсин кардан ду ҷузъи асосии «тарбия бо муҳаббат» мебошанд. Мо оиди *манъкуниҳо* — вазифаҳои ҳокимияти волидӣ дертар сухан меронем. Дар аввал мухтасаран ду воситаи асосии ба фарзандон нишон додани онро, ки ҳақиқатан онҳоро дӯст медоред ва қадр мекунед, аз назар мегузаронем.

### НАВОЗИШ: «МАН ТУРО ДӮСТ МЕДОРАМ»

Гӯё ба волидон ёдрас кардан лозим нест, ки онҳо бояд фарзандонашонро дӯст доранд. Аммо, мутаассифона, бисёр кӯдакон бе муҳаббат ба воя мерасанд, ва оқибатҳои ин баъди чандин солҳо аён мегарданд. Гоҳо чунин мешавад, ки ҷавонписар ё духтаре ки пеш аз оиладорӣ алоқаи

ҷинсӣ мекунанд, муҳаббатеро меҷӯянд, ки дар кӯдакӣ аз он маҳрум буданд.

Ман ҳамеша қатъиян боварӣ доштам: аз ҳад зиёд дӯст доштан ғайриимкон аст. Кӯдакон аз рӯзи аввали ҳаёти худ интизори муҳаббат мебошанд. Онҳоро оғӯш кардан, бӯсидан, навозиш намудан мумкин аст. Беохир такрор кардан мумкин аст, ки онҳоро дӯст медоред. Ин ба онҳо дилбазан намешавад. Ман ҳамеша ба фарзандонам мегӯям:«Ман туро дӯст медорам». Ва инро дар як рӯз чор ё панҷ бор мекунам[1].

Албатта, фарзандон ба воя расида, чунон рафтор мекунанд, ки гӯё дигар ба муҳаббат эҳтиёҷ надоранд ё онро намехоҳанд. Аммо, аз рӯи мушоҳидаҳои ман, ба чунин фарзандони калонсол назар ба кӯдакони хурдсол муҳаббати бештар даркор аст. Мушкилие ба миён омада метавонад: аз куҷо вақт пайдо кунем, муҳаббати худро чӣ тавр изҳор намоем... Аммо лаҳзае ҳам шубҳа накунед: муҳаббат ба онҳо даркор аст.

Мутаассифона, волидон ҳиссиёти худро нисбати наврасон кам зоҳир мекунанд. Мувофиқи як тадқиқот, ҳар қадар фарзандон калотар шаванд, аз волидон навозиши камтар мебинанд. 54% модарон ба фарзандони 11-солаи худ бо лақабҳои навозишкорона муроҷиат мекунанд, аммо ба фарзандони 15-сола ҳамагӣ 36% модарон чунин муроҷиат мекунанд. Аз байни падарон бошад танҳо 44%-и онҳо фарзандони 11-солаашонро навозишкорона ном мегиранд, ва танҳо 36% — 15-солаҳоро.

Дар мавриди навозиш бошад, 68% модарон фарзандони 11-солаашонро оғӯш мекунанд, мебӯсанд, сила мекунанд, дар 15-солагӣ бошад ин то 44% кам мешавад. Барои падарон ин рақам 50% нисбати фарзандони 11-сола ва 26% нисбати фарзандони 15-сола аст.[2]

Ҳеҷ кадом тадқиқотро комилан аниқ ҳисобидан мумкин нест. Бо вуҷуди он, ин ҳисоббарориҳо аниқ нишон медиҳанд, ки ҳар қадар фарзандон калонсолтар бошанд, волидон ба онҳо камтар муҳаббат зоҳир менамянд. Шумо чӣ фикр доред, ҳангоме ки онҳо 16-сола, 17-сола мешаванд, чӣ рӯй медиҳад. Пай бурдан душвор нест, ки ин адад боз камтар мешавад.

Қазои талхи тақдир ин аст: кӯдак ба синни наврасӣ медарояд, ба ташаккул додани ҷаҳонбинии худ сар мекунад, кӯшиш мекунад, ки идеали худро ёбад, худэҳтиромкунӣ ба даст оварад, аммо маҳз дар ҳамин давра зуҳуроти муҳаббати волидонро хеле кам мебинад.

Чунин набояд гуфт: «Фарзандон медонанд, ки ман онҳоро дӯст медорам. Суханон ва бӯсаҳо чӣ даркоранд?» Суханон ва бӯсаҳо

даркоранд! Зоҳир намудани ҳиссиёт ба фарзандон нишон медиҳанд, ки онҳо дӯстдошта ҳастанд, ин ба онҳо боварӣ ба худро медиҳад, барои берун аз оила бунёд намудани муносибатҳои солим ёрӣ мерасонад. Ман миқдори зиёди ҷавонписарон ва духтаронро дидаам, ки сабаби ба фосиқӣ дода шудани онҳо ин аст: онҳо исбот карданӣ мешуданд, ки онҳоро низ касе дӯст дошта метавонад.

### ДИҚҚАТ ДОДАН БА КӮДАК: «ТУ БАРОЯМ АЗИЗ ҲАСТӢ»

Ба маънои муайян, диққат пункти муҳимтарини «Нақшаи волидӣ» аст. Чаро? Комилан аён аст: агар шумо ҳеҷ гоҳ дар назди фарзандон набошед, чӣ гуна ба онҳо ҳусни таваҷҷӯҳ, таҳсин ва муҳаббати худро нишон дода метавонед? Чӣ гуна метавонед ба онҳо масъулиятшинос буданро ёд диҳед ва ҳокимияти волидии худро зоҳир кунед?

Дар айёми мо волидон худро сафед карданӣ шуда, «сифат»-и вақти бо кӯдакон мегузарондаашонро далел меоваранд. Аммо мо бояд фаҳмем, ки бо вуҷуди аҳамиятнокии «сифат»-и вақт, ҳеҷ чиз наметавонад «миқдор»-и онро иваз кунад. Миқдор ҳамеша ба сифат мегузарад. Мо ба кӯдак чунин гуфта наметавонем: «Писарам, биё панҷ дақиқа вақти босифатро якҷоя мегузаронем ва бо ҳамин қаноат мекунем».

Ман шахси ба мақсад нигаронидашуда ҳастам ва ҳамеша дар як вақт дар чор ё панҷ лоиҳаи калон иштирок мекунам, аммо ба ман лозим омад, ки дар ҷои аввал гузоштани фарзандонро ёд гирам. Дар бобҳои оянда ман фикрҳои худро оиди он баён мекунам, ки ҳамроҳи кӯдакон бо чӣ кор машғул шудан мумкин аст. Баъзе машғулиятҳо хеле осон ҳастанд, дигарҳояшон метавонанд ғалатӣ ва ҳатто ҳайратовар тобанд, аммо онҳо ба мову фарзандонамон маъқуланд. Мехоҳам, то фарзандонам фаҳманд, ки ман барои онҳо ҳамеша вақт дорам: ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз бароям аз онҳо ва занам муҳимтар нахоҳад буд. Аммо онҳо бояд дарк кунанд, ки асоси муҳаббати ман ба онҳо муҳаббати якуми ман аст — Исои Масеҳ.

### МУҲАББАТ ВА МАНЪКУНИҲО

Қисмҳои таркибии формулаи волидӣ — хайрхоҳӣ, таҳсин ва диққатро бо як калима ифода кардан мумкин аст — *муҳаббат*. Ба дигар паллаи тарозу мо ду омили ба мувозинат меовардаро мегузорем: вазифаҳо ва ҳокимияти волидӣ — манъкуниҳо ё қоидаҳое ки оила мувофиқи онҳо зиндагӣ мекунад. Аммо дар ёд нигоҳ доред, ки *муҳаббат дар ҷои аввал меистад*. Маҳз муҳаббат қоидаҳоро дилпазир ва фоиданок мегардонад.

Чуноне ки мо дидем, муносибати мавзун (мутаносиб) ба фарзанд ҳисси боварӣ ба худро медиҳад. Таҳсин ба ӯ ҳисси аҳамиятнокии худро медиҳад. Масъулиятшиносӣ барои худдорӣ кардан ёрӣ мерасонад. Ба кӯдак барои рафтори худ ҷавобгар буданро ёд дода, мо дар ӯ масъулиятшиносиро инкишоф медиҳем.

Намунаи шахсии волидон (шумо бояд масъулиятшинос буданро маҳз ҳамин тавр нишон диҳед) барои ба фарзандон қаҳрамон, намунаи ибрат шудан роҳи дуруст аст. Қаҳрамон на танҳо назорат мекунад, ки фарзандон масъулиятшинос калон шаванд, балки худ низ бомасъулиятона рафтор менамояд.

Ману Дик кӯшиш мекунем одамони масъулиятшинос бошем, аз фарзандон мепурсем, ки чӣ гуна беҳтар шавем. Агарчи фарзандон моро эҳтиром мекунанд, онҳо ҳақ доранд норасоиҳоямонро ба мо гӯянд, ва агар ягон амали мо ба қоидаҳои худамон мухолиф бошанд, моро огоҳ намоянд.

Аз фарзандон масъулиятшиносиро талаб карда, худатон бомасъулиятона рафтор намоед. Боре мо қарор додем, ки ба ресторан равем. Ҳама, ғайр аз духтари калониямон Келлӣ, ба ҳамон як ресторан рафтан мехостанд. Келлӣ дар интихоби худ танҳо монда, ҳамаи фикрҳои худро оиди интихоби мо баён намуд (дар байни сухан ӯ он ресторанро бо калимаҳои нохубе аз қабили «ошхонаи дилбеҳузуркунанда» тавсиф медод).

Ман барои истифодаи калимаҳои ғайриадабӣ Келлиро сарзаниш кардам, аммо баъд мо қарор додем ба ресторане равем, ки аксарият ба он ҷо рафтан мехоҳанд, ва баъд мо Келлиро ба ҷои мехостааш мебарем.

Ҳангоме мо ба ресторани интихобкардаи Шон, Кэтӣ ва Ҳэзэр расидем, ман ҳазлкунон гуфтам:

«Канӣ баромада ба ошхонаи фачи худ равон шавед».

Кӯдакони хурдӣ ба суханони ман аҳамият надоданд — дар фикру хаёли онҳо картошка ва гамбургер буд. Аммо ҳамин ки мо ба роҳ даромадем, Келлӣ гуфт:

«Дада, худат чӣ хел гап мезанӣ? Чӣ фарқ дорад, ки ресторанро «ошхонаи фач» номем ва ё «ошхонаи дилбеҳузуркунанда».

Ҳақ ба ҷониби Келлӣ буд. Мо ба хӯрокхӯрӣ мерафтем, аммо ба ман лозим омад, ки аввал суханони худро хӯрам. Ман оби даҳонамро фурӯ бурда, Келлиро барои танқиди бамаврид сипосгузорӣ намудам. Ман аз рафтори худ шарм доштам, аммо ин воқеа бароям дарси ибрат шуд: ман дурусттар фаҳмидам, ки масъулиятшинос будан, худдорӣ намудан ва беҳудагӯӣ накардан чист.

Дар семинарҳо барои волидон ману Дик одатан таъкид менамоем, ки масъулиятшиносиро омӯхта, кӯдакон гапдаро мешаванд, худдорӣ карданро ёд мегиранд. Агар кӯдак чӣ будани масъулиятшиносиро надонад, «идора кардани худ»-ро ёд намегирад ва эътибори шахси дигарро эътироф намекунад.

## ДУ НАМУДИ ҲОКИМИЯТ ҲАСТ

Калимаи «ҳокимият» «сарварӣ»-ро дар назар дорад. Сухан дар бораи волидон меравад — онҳо дар оила сарвар мебошанд. Ҳокимияти волидиро ба таври гуногун зоҳир кардан мумкин аст. Имкон дорад, ки *фармонраво* бошед ва ё бо кӯдак «*робитаи тарафайн*» барпо намоед.

Волиди фармонраво мегӯяд: «Ман сарвар ҳастам. Ту ҳатман он кореро мекунӣ, ки ман мехоҳам». Волиди фармонраво ба қонуну қоидаҳо пайравӣ мекунад. Волиди фармонраво ҳар як қадами кӯдакро назорат мекунад, ба ӯ фишор меоварад, мувофиқи хости худ кор мефармояд. Фарзандон барои вай лӯхтаконе мебошанд, ки бо ёрии ришта ба ҳаракат оварда мешаванд.

Тарафдори «робитаи тарафайн» мегӯяд: «Ман он чиро мехоҳам, ки барои ту беҳтар аст. Биё вариантҳоро дида мебароем... Ба фикрам, ин интихоби беҳтарин, муносибати масъулиятшиносона ба ҳаёт аст».

Тарафдори «робитаи тарафайн» рӯҳияи қонуну қоидаро ба роҳбарӣ мегирад. Ӯ сарвар–хизматгор аст, ки қадамҳои кӯдакро бо кордонӣ равона мекунад, ба ӯ намунаи хуб нишон медиҳад: фарзандон медонанд, ки манъкуниҳо ҳастанд; аммо онҳо ҳамчунин медонанд, ки дар чорчӯбаи ин манъкуниҳо онҳо озодии интихобро доранд. Волиди дӯстдоранда ба кӯдак имконияти интихоб карданро медиҳад, то ӯ қарор диҳад, ки чӣ гуна рафтор намояд, чӣ бигӯяд, чӣ кор кунад.

Нақшаи иборат аз шаш пунктро пешниҳод намуда, ман аллакай қиёсро бо ресепти хӯрокпазӣ истифода бурдам. Нақшаи волидӣ дар расми саҳифаи 28 дар шакли схема тасвир ёфтааст. Ана оилаи солиме ки дуруст фаъолият мекунад. Таҳкурсии он — *муносибати хайрхоҳона* ба кӯдак аст, дар болои он бошад *таҳсин* ҷой гирифтааст. Ду «девор» — *муҳаббат* ва *диққат*, нишон медиҳанд, ки кӯдак чӣ гуна *ҳусни таваҷҷӯҳ* ва *таҳсин*и волидонро ҳис мекунад. Деворҳо — *муҳаббат* — боми «*манъкуниҳо*»-ро (*масъулият* ва *ихтиёри волидӣ*) дошта меистанд.

Нақшаи волидӣ нақшаест барои бунёд намудани оилаи солиме ки дуруст фаъолият мекунад. Ба нақшаи иборат аз шаш пункт пайравӣ

намуда, шумо барои фарзандонатон қаҳрамон мешавед. Ва на барои ҳаловати худ, балки барои манфиатҳои онҳо. Шумо барои онҳо намунае мешавед, ки ба онҳо даркор аст, то ки дар ин ҷаҳони душвор ва хатарнок зинда монанд. Бори дигар такрор кардан мехоҳам: нақшаи иборат аз шаш пунктро бо тартиби муайян истифода бурдан даркор аст. Ҳангоми сохтани хона аз бом сар кардан мумкин нест — ҳамааш пош мехӯрад. Дар боби 3-юм мо муфассалтар таҳлил мекунем, ки чаро *муҳаббат* бояд пеш аз *манъкуниҳо* бошад.

## НАҚШАИ ВОЛИДИИ ИБОРАТ АЗ ШАШ ПУНКТ




*Муҳаббат пойдеворест, ки мадудиятҳо бар он бунёд ёфтаанд. Он сохтори ҳимоякунандаи оила аст.*

## БИЁЕД, АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Чаро нақшаи волидӣ доштан муҳим аст?

2. Аз рӯи андешаи муаллифон, дар тарбияи кӯдак бояд ҳусни таваҷҷӯҳи волидӣ дар ҷои аввал бошад. Як вараќи коғазро гирифта, андешаҳои худро оиди сабаби ин нависед.

3. Шумо таҳсини худро чӣ гуна зоҳир мекунед? Чӣ гуна ба фарзандон нишон медиҳед, ки аз онҳо розӣ ҳастед? Оё тарзу усулҳои махсуси таъриф кардан ва рӯҳбаланд намудани онҳоро доред? Шумо кадом корро бештар мекунед: таъриф мекунед ва ё сарзаниш менамоед? Оё ҳангоме ки фарзандон калон шуданд, ба онҳо камтар муҳаббат зоҳир мекардагӣ шудед ё не? Агар чунин бошад, бо ҳамсаратон оиди он гап занед, ки чӣ гуна бо ӯ (дар шакли бароятон ва барои онҳо қобили қабул) бештар навозиш зоҳир намоед.

4. Мувофиқи ақидаи муаллифон, бо фарзандон вақтро чӣ гуна «босифат» гузарондан даркор аст? Шумо ба ҳар як кӯдак чӣ қадар вақт ҷудо мекунед? Оё чорабиниҳои якҷояро дар нақша доред? Оё бо ҳар як фарзанд алоҳида вақт мегузаронед? Агар не, оё чунин карданӣ ҳастед? Чаро худи ҳамин ҳафта сар накунед?

5. Шумо чӣ фикр доред: оё аз фарзанд маслиҳат пурсидан даркор аст ё не? Оё ба шумо чунин наметобад, ки ин ба кӯдак имкон медиҳад, то нисбати калонсолон беҳурматӣ зоҳир намояд? Ё баръакс, оё ин ба кӯдак масъулиятшиносиро ёд намедиҳад?

6. Аз рӯи андешаи муаллифон, ду воситаи ба ҳам мухолифи зоҳир намудани нуфузи волидӣ ҳаст — фармонравоӣ ва бебанду борӣ (иҷозат додани ҳама чиз). Усули «робитаи тарафайн» ин ду тарзи корбурдро ба мувозинат меоварад. Шумо чӣ фикр доред, кадоме аз ин тарзҳои корбурд ба фарзандонатон маъқул аст ва барои чӣ?

# 3 АГАР МУНОСИБАТҲО ХУБ НАБОШАНД, ҲЕҶ ГУНА ҚОИДАҲО ЁРӢ НАМЕДИҲАНД

Қоидаи якум барои волидоне ки мехоҳанд барои фарзандон қаҳрамон шаванд, чунин аст:

*Агар байни волидон ва фарзанд ҳамдигарфаҳмӣ набошад, ҳатман исён бармехезад.*

Фарзандон ба қоидаҳо итоат намекунанд, барои онҳо муносибатҳо муҳимтаранд. Албатта, шумо метавонед қоидаҳоро сахттар намуда, фарзандонро ба «дуруст рафтор намудан» маҷбур кунед. Шумо метавонед то андозае фарзандонро назорат кунед, онҳоро тела дода, ба рафтори дуруст равона кунед, аммо кафолате нест, ки фарзандон шуморо дӯст дошта, ба шумо итоат хоҳанд намуд. Шумо танҳо амали ҷавобии онҳоро хоҳед дид, ки зоҳиран ба итоаткорӣ монанд аст, аммо дар замири дил онҳо тарс, норозигӣ ва хашмро ниҳон хоҳанд дошт.

Агар дар муносибатҳо бо фарзанд муҳаббат ва пурсабрӣ набошад, нохушиҳоро интизор шавед. Навиштаи Муқаддас волидонро огоҳ менамояд: фарзандонро барнаангезед ва ба хашм наоваред (ниг. Эфс 6:4; Қӯл. 3:21). Ин оятҳо мегӯянд, ки қоидаҳои сахт бе ҳамдигарфаҳмӣ кӯдакро хашмгин мекунанд ва ба беитоатӣ водор менамоянд.

Дар тӯли 15 соли охир ман ва Дик дар ИМА ва дигар кишварҳо бо волидон бисёр вохӯрдаем. Дар ҳар ҷое ки мо будем, оилаҳое буданд, ки фарзандони исёнкор доштанд, дар ҳама ҷо волидонеро медидем, ки қариб ба девонагӣ расидаанд ва чӣ кор карданашонро намедонанд. Чуноне ки дар боби 1-ум дидем, дар ҳамаи ин ҷамъиятро айбдор кардан осон аст. Бисёр «айбдорон»-ро ёфтан мумкин аст: агар фарзандони мо ин қадар бисёр телевизор тамошо намекарданд, агар ба кино бисёр намерафтанд, агар мусиқии рокро гӯш намекарданд...

Мо инкор намекунем: ҳамаи ин ба оилаҳо зарари ҷиддӣ мерасонад. Фарзандони мо дар ҷамъияте ба воя мерасанд, ки муҳити он ба

оила адоват дорад. Зиёда аз ин; бисёр арзишҳои мадании ҳозира душманони ашаддии оила мебошанд.

## БАРОИ ХАТОҲОИ ХУД ҶАМЪИЯТРО АЙБДОР КАРДАН ЛОЗИМ НЕСТ

Боиси ҳайрат нест, ки ҳозир ин қадар бисёр исёнкорон ҳастанд фарзандони беори сахтдил, хашмгин ва танҳо. Аммо падарону модарон бояд фаҳманд: гап на дар арзишҳои маданӣ аст. Метавон сустии худро сафед намуда, ҳамаи айбро ба сари маданият бор кард, аммо сабаби ҳақиқӣ амиқтар аст — дар остонаи хонаи худ.

Ҳангоме ки волидон аввал ҳамдигарфаҳмиро бо фарзандон ба даст наоварда, ба онҳо қоидаҳоро бор мекунанд, натиҷаи табиӣ исён хоҳад буд. Он метавонад рӯйрост бошад — дар рафтори кӯдак зоҳир гардад. Аммо пинҳонӣ ҳам буда метавонад: кӯдак зоҳиран итоаткор аст, агарчи дар замири дилаш норозигӣ ва дуршавӣ меафзояд, ақидаи носолим нисбати худ инкишоф меёбад, ва ӯ худро дигар эҳтиром намекунад.

Ҳақиқат дар он аст, ки «қоида бе ҳамдигарфаҳмӣ боиси исён мегардад» дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дуруст аст. Чанде пеш ман дар назди шашсад нафар шубонон дар Филиппин баромад намудам. Баъди баромад қариб дусад кас барои бо ман сӯҳбат кардан навбат истоданд. Мушкилии асосиеро, ки он бегоҳ бо он рӯ ба рӯ шудам, шубоне тасвия дод. Ӯ гуфт, ки тамоми оила зидди ӯ бархостаанд. Се фарзандаш — 17, 13 ва 10-сола, дар калисо «бадтарин» буданд. Онҳо исён мекарданд. Шубон донистан мехост, ки чӣ кор кунад.

«Ҳамаи қоидаҳоро фаромӯш кунед», — гуфтам ман.

«Чӣ тавр?» — нобоварона пурсид ӯ. — Онҳо ба ҳеҷ як қоида итоат намекунанд... Мегӯянд, ки ин қоидаҳо ба онҳо даркор нестанд».

«Барои ҳамин ҳам қоидаҳоро фаромӯш кунед, — ҷавоб додам ман. — он чиро, ки ман ин бегоҳ ба шумо гуфтам, дар тарозуи ақл баркашед, ва кӯшиш кунед, ки бо фарзандон ҳамдигарфаҳмӣ пайдо намоед. Шумо ҳеҷ чизро бой намедиҳед».

Фикри асосие ки он вақт ман ба гурӯҳи шубонони филиппинӣ расондам, аз он иборат буд, ки бо фарзандон ҳарчи бештар вақт гузарондан даркор аст. Чуноне ки дар бобҳои оянда мебинем, агар ба фарзанд гӯед, ки дӯст медоред ва таҳсин менамоед, аммо ба ӯ диққат надиҳед, фоидаи зиёд нахоҳад буд. Кӯдакон найрангро зуд пай мебаранд. Дар ёд нигоҳ доред: «Қаллобу аҳмақонро фиреб кардан метавон, аммо кӯдакро ҳеҷ гоҳ наметавон фиреб кард».

## «ТУ ҲЕҶ ГОҲ БО МО МАШҒУЛ НАМЕШАВӢ!»

Як шубон, дӯсти ман, ин принсипро сари вақт аз худ намуд. Боре ман аз Крис пурсидам, ки ӯ чӣ гуна аз ӯҳдаи калисои калони худ мебарояд.

«Фикр мекунам, ки ҳамааш дуруст аст, — бо хотири парешон ҷавоб дод Крис. — Ҳама корҳо хуб».

Аммо дар ҷавоби Крис чизе ба ман нишон дод, ки чунин нест.

«Крис, росташро гӯй, оё барои зану фарзандон вақтат мерасад?»

Ва ӯ рости гапро гуфт. Якчанд рӯз пеш духтари ҳафтсолаи ӯ ба хона омада, гуфтааст:

«Дада, ман бо хизматгузорӣ машғул шудан намехоҳам».

«Чаро, азизакам?» — пурсид ӯ.

«Аз боиси ту, — маъюсона ҷавоб дод духтарак. — Ту ҳеҷ гоҳ дар хона нестӣ. Ту ҳеҷ вақт бо мо машғул намешавӣ».

Вохӯрии тасодуфӣ бо Крис дар кӯча ба сӯҳбати сесоата дар хонаи ӯ табдил ёфт. Дар давоми сӯҳбат ӯ гуфт, ки корашро иваз карданист, ба ӯ кори админстративиро дар гӯшаи дигари кишвар пешниҳод намудаанд — он вақт ӯ барои муошират бо фарзандон вақт пайдо мекунад.

«Ин тавр нест, — гуфтам ман. — Худи ҳозир сар кардан даркор аст. Дар як ҳафта ду бегоҳро дар хона гузарон, духтаронатро аз мактаб пешвоз гир, ба ҳар яки онҳо ҳафтае як соат вақт ҷудо кун. Крис, агар ҳозир сар накунӣ, ҳеҷ гоҳ сар намекунӣ. Агар зиндагиатро дигар накунӣ, оилаатро аз даст медиҳӣ. Ва агар дигаргун шуда натавонӣ, хизматгузориро тарк кун».

Крис ба ман бо тарс нигарист, аммо розӣ шуд. Пеш аз рафтанам ба ӯ «Нақшаи волидӣ»-ро баён намудам ва таъкид кардам, ки агар волид ба он қатъиян пайравӣ кардан нахоҳад, фоидаи зиёд нахоҳад буд.

Баъди се моҳ ман занеро вохӯрдам, ки аз аҳли калисои Крис буд. Вай бо хурсандӣ назди ман омад.

«Ман барои он чи шумо барои калисоямон кардед, хеле миннатдор ҳастам».

«Шумо чиро дар назар доред? — бо ҳайрат пурсидам ман. — Ман аллакай чандин сол боз дар ин маҳал баромад накардаам».

«Не, охир, баромад карда будед», — гуфт зан. Баъд ӯ нақл кард, ки Крис баъди сӯҳбатамон мувофиқи маслиҳати ман амал намуданро сар кард. Ӯ ба оила бештар *диққат* медодагӣ шуд, аъзоёни оила худро *даркорӣ, эътирофшуда* ва *дӯстдошта* ҳис карданд. Крис худро дар назди зану фарзандонаш *шахси масъулиятшинос* нишон

дод, онҳо бошанд нуфузи ӯро чун сарвари оила эътироф намуданд: онҳоро ҳеҷ кас маҷбур накарда буд — онҳо худашон хостанд. Бо истифодаи «Нақшаи волидӣ» корҳои Крис рӯ ба беҳбудӣ оварданд. Ӯ оиди корҳои хонааш ба ҷамоат нақл кард, ва ин дар байни аҳли ҷамоат дигаргунӣ ба амал овард — волидон ба намунаи ӯ пайравӣ намуданд.

**БАРОИ ХУДИ ШУМО**

Ман ба Крис на формулаи мӯъҷизанок, на ваҳйи аз осмон нозилшударо баён кардам. Ин танҳо фикри солими Китоби Муқаддас аст, ки ба ҳар як шахс дастрас аст. Ману Доттӣ таъсирбахшии қоидаҳоямонро медонем: мо фарзандони худро бо ёрии онҳо тарбия кардаем.

Якчанд сол пеш мо қарор додем фарзандонро ба шаҳраки қариб деҳотӣ дар Калифорния, ки қариб сад мил шарқтар аз Сан-Диего дар сарҳади парки миллии Кливленд ҷойгир аст, барем. Дар он ҷо ҳама якдигарро мешиносанд, аз ҳамсояҳо ҳеҷ чизро пинҳон кардан имкон надорад.

Аз худи аввал ҳамаи маҳаллиён фаҳмиданд, ки мо фарзандонамонро пурра зери назорат дорем: мо қоидаҳое дорем, ки онҳоро риоя мекунем, аммо танҳо ба он андозае ки фарзандон тайёранд ба онҳо итоат кунанд.

Масалан, мо ҳамеша мусиқиеро, ки онҳо гӯш мекунанд, филмҳо ва консертҳоеро, ки ба онҳо мераванд, муҳокима мекунем. Дар ниҳояти кор дигар волидон низ ба интихоби мо боварӣ пайдо намуданд. Фарзандонашон назди онҳо омада, иҷозат мепурсиданд:

«Оё мумкин аст ба консерт равам?»

Ва чунин ҷавобро мешуниданд:

«Агар Шон ва Келлӣ Макдауэлл раванд, майлаш».

Сипас фарзандони онҳо ба хонаи мо меомаданд, ва Келлӣ, масалан, мепурсид: «Дада, дӯстонам мегӯянд, ки агар ман низ равам, онҳо ба консерт мераванд. Оё мумкин аст ба консерт равам?»

Гоҳо мо «майлаш» мегуфтем, аммо аксаран — тақрибан дар нисфи ҳолатҳо — лозим меомад, ки «не» гӯем. Ин ба дӯши мо масъулияти калонеро мегузошт, зеро сухан на танҳо оиди фарзандони мо мерафт, Охир, метавонист чунин ба назар расад, ки мо «миҷинг» ҳастем ва ба хурсандии фарзандон халал мерасонем!

Боре, ҳангоме ки Шон ба мактаби якшанбегии нав рафт, маълум шуд, ки муаллимаи ӯ дар ҳаққи мо, хусусан дар ҳаққи ман, суханони нохуб мегӯяд. Вай духтари воизи масеҳие буд, ки бо кор хеле банд буд ва барои фарзандон, хусусан барои ӯ, ки калонӣ буд, ҳеҷ вақт

намеёфт. Ин зан боварӣ дошт, ки дар оилаи шахсе ки бо хизмати миссионерӣ машғул аст, ҳамдигарфаҳмӣ буда наметавонад. Албатта, вай мушкилотеро, ки дар кӯдакӣ бо онҳо дучор мешуд, дар мо акс мекунонд. Мо аз чунин муносибати ӯ таассуф мехӯрдем, аммо коре карда наметавонистем.

Вазъиятро худи Шон ислоҳ намуд. Ин зан суханони ӯро оиди волидон ва хоҳарон гӯш карда, фаҳмид, ки ноҳақ будааст. Дар ниҳояти кор вай назди ману Доттӣ омада, узр хост. Дертар дар байни мо муносибатҳои хеле хуб барпо гардиданд.

### ҲАНГОМЕ КИ «СЕ» БА «ПАНҶ» ТАБДИЛ МЕЁБАД

Ҳангоме ки дар оила ҳамдигарфаҳмӣ ба даст омадааст, фарзандон бо арзишҳои ҳаётии шумо розӣ мешаванд ва мувофиқи қоидаҳои шумо зиндагӣ мекунанд. Якчанд сол пеш Келлӣ аз имтиҳони фанни таърих баҳои се гирифта, хеле хафа шуд, зеро аълохон буд. Аммо баъд вай ба ман қиссаи худро нақл кард, ва ман фаҳмидам, ки чаро вай ин қадар сахт хафа шудааст.

Як хонандаи хориҷӣ имтиҳони фанни таърихро ду ҳафта пеш аз дигарон супорид ва саволҳои имтиҳонро дар хотир нигоҳ дошт. Вай ин саволҳоро ба хонандагони дигар гуфта дод, ба Келлӣ низ гуфтанӣ буд, аммо Келлӣ рад кард: вай баҳоҳои сазоворро дӯст медошт.

Келлӣ ба имтиҳон хеле ҷиддӣ тайёрӣ медид, аммо баъд иқрор шуд:

«Дада, ин имтиҳони хел душвор буд. Метарсам, ки на он қадар хуб навиштаам».

Ниҳоят баҳоҳоро эълон карданд. Чуноне ки тахмин шуда буд, вай ба ҷои баҳои панҷи одатӣ се гирифт: ду аълохони дигари синф низ дар ҳамин ҳолат буданд. Аммо боиси ҳайрат буд, ки ду хонандаи сехон дар имтиҳон баҳои панҷ гирифтанд. Албатта, инҳо ҳамон хонандагоне буданд, ки пешакӣ саволҳоро фаҳмида гирифта буданд.

Аммо дар чашмони ману Доттӣ баҳои сеи Келлӣ аз баҳои панҷи онҳо беҳтар буд. Мо аз духтари худ фахр мекардем — вай аз имтиҳони душвор баҳои сеи ҳаққонӣ гирифт. Он чиз бароямон писандида буд, ки вай ин баҳои серо на аз боиси риоя намудани қоидаҳои мо, балки аз сабаби ба қоидаҳои ботинии худ итоат намуданаш гирифт — қарор дод, ки бовиҷдон монад ва он баҳоеро гирад, ки сазовор аст.

### «НЕ» ГУФТАН ДУШВОР, АММО ЗАРУР АСТ

Боре Келлӣ ба хонаи яке аз ҳамсинфон ба шабнишинӣ рафт — ҷашни хатми синфи ҳаштум. Бегоҳӣ Келлӣ занг зада иҷозат хост, ки дар

он ҷо дертар монад, агарчи аллакай соат даҳ буд. Ба суханони вай гӯш дода, ман якчанд савол додам. Келлӣ иқрор шуд, ки писарон низ мемонанд ва шояд нӯшокиҳои спиртӣ низ хоҳанд буд. Вай номҳои онҳоеро, ки монданӣ буданд, гуфт, ва ман номи писареро шунидам, ки нӯшокиҳои спиртӣ ба даст оварда метавонист (агарчи ҳанӯз ба монанди Келлӣ 14-сола буд).

Ман суханони Келлиро шунида, ҷавоб додам: «Не, Келлӣ, лозим нест. Ба хона баргард».

Дар тӯли ним соат Келлӣ се бор занг зад — ҳатто ба гиристан сар кард. Баъд ман фаҳмидам, ки гап дар чӣ будааст. Чор ё панҷ духтар низ мехостанд монанд, аммо онҳо мебоист аз волидон иҷозат мепурсиданд, аммо қарори волидон ба он вобаста буд, ки падари Келлӣ Макдауэлл чӣ мегӯяд.

Комилан равшан аст, ки дугонаҳо ба Келлӣ фишор меоваранд. Келлӣ маро бовар мекунонд, ки набояд хавотир шавем: волидон дар хона мебошанд, ҳамсинфон бисёранд, ҳеҷ кас имкон надорад, ки танҳо монад.

Ман мефаҳмидам, ки Келлӣ бо нишондоди дӯстон гап мезанад, ва дар қарори худ устувор мондам.

«Бубахш, Келлӣ, аммо бояд ба хона баргардӣ. Агар ту калонсолтар мебудӣ, ман шояд фикр мекардам, аммо боз ҳам «не» мегуфтам.Ту нав ба синфи нӯҳ гузаштаӣ, ва ману модарат чунин фикр дорем, ки шабнишиниҳои бардавом барои ту вақтгузаронии хуб нестанд».

Ман гӯшаки телефонро гузоштам — дар гӯшам ҳанӯз ҳам гиристани ӯ садо медод. Ман хафа кардани духтарамро дӯст намедорам, аммо дар ин маврид боварӣ доштам, ки дуруст рафтор кардаам. Ба хона баргашта, Келлӣ моро бедор кард ва изҳори миннатдорӣ намуд, ки барои шабгузаронӣ иҷозат надодем.

«Дада», — гуфт вай, — ман дар он ҷо монданӣ набудам, хусусан ҳангоме ки ту «не» гуфтӣ, аммо духтарҳо маро розӣ кунонданӣ мешуданд. Барои ёрӣ доданат ташаккур».

Гоҳо ману Доттӣ қатъият зоҳир намуда, «не» мегӯем, баъд фарзандон ташаккур мегӯянд, ки мо ақидаҳои устувор дорем ва онҳоро пайравӣ мекунем. Дар оилаи Дик низ чунин воқеа буд. Писари 16-солааш иҷозат хост ба шабнишиние равад, ки дар он ҷо нӯшокиҳои спиртӣ буда метавонистанд. Дик ба Ҷонатан ҷавоб дод: «Даркор нест. Ман ин гуна корҳоро намеписандам».

Дертар Ҷонатан барои иҷозат надодани падараш ташаккур гуфт.

Ҳангоме ки волидон устуворӣ зоҳир намуда, аз ақидаҳои худ даст намекашанд, ин ба фарзандон фоидаи дутарафа меоварад.

Аввалан, дар муошират бо ҳамсолон ёрӣ медиҳад. Онҳо барои рад кардан ҷавобе хоҳанд дошт: «Аз афташ, волидонам ба ман иҷозат намедиҳанд».

Сониян, ва ин муҳимтар аст, ба фарзанд нишон медиҳад: арзишҳое ҳастанд, ки аз онҳо даст кашидан мумкин нест: ҳолатҳое мешаванд, ки созиш кардан номумкин аст.

Ман ба ҳеҷ ваҷҳ гуфтан намехоҳам, ки фарзандон ҳамеша бо қарорҳои мо хушнудона ва бо ваҷд розӣ мешаванд. Мавридҳое мешаванд, ки барои «не» гуфтанамон ба мо сипосгузорӣ намекунанд. Аммо ба ҳар ҳол фарзандонамон қоидаҳои моро на аз рӯи тарс ё риёкорӣ риоя мекунанд. Онҳо қоидаҳоро барои он риоя мекунанд, ки мо аз хурдсолиашон кӯшиш мекардем бо онҳо забон ёбем.

**ДАР КИТОБИ МУҚАДДАС ЧАНД ҚОИДА ҲАСТ!**

Агар аз ин китоб шумо ақаллан ягон фикрро қабул намоед, гуфтаҳои зеринро дар ёд нигоҳ доред: *қоидаҳо бе ҳамдигарфаҳмӣ боиси исён мегарданд*. Ба фарзандон на худи қоидаҳо, балки муносибатҳо бо калонсолон муҳиманд.

Ҷош, — мегӯянд гоҳо волидон ба ман, — ман мехоҳам дар мавқеи Китоби Муқаддас бимонам. Он бошад ба мо қоидаҳоро талқин мекунад. Масалан, Даҳ аҳком!»

Ман розӣ мешавам, аммо дар айни ҳол мегӯям: Даҳ аҳком қисми муносибатҳои байниҳамдигарии Худо бо халқаш буданд. Худо медонист: риояи Шариат худ аз худ кори хеле вазнин аст. Исроилиён на аз боиси риояи Даҳ аҳком, балки аз боиси наздикӣ бо Парвардигор наҷот ёфта метавонистанд. Ҳангоме исроилиён дар даромадгоҳи Канъон истода, ҷуръат намекарданд даромада, онро забт кунанд, Мусо ба онҳо муроҷиат карда, рӯзеро ба ёдашон овард, ки ба Худо беитоатӣ карданд — он вақт ӯ дар болои кӯҳи Сино буд ва лавҳҳои Даҳ аҳкомро қабул мекард. Мусо он вақт ба онҳо ёдрас намуд: ҳангоме ки ӯ рафт, мардум аз Худо дур шуда, Ҳорунро розӣ кунонданд, ки гӯсолаи тиллоӣ созад, ва баъд базму майнӯшӣ карда, дар атрофи он ба ракс даромаданд. Инро дида, Мусо лавҳҳоро шикаст ва сӣ рӯз дуо карда, барои халқи исёнкор шафоат намуд.

Парвардигор дуои Мусоро шунид ва халқро ҷазо надод. Баъд Ӯ ба Мусо фармуд, ки боз ду лавҳ тарошида, ба кӯҳ оварад; ва Даҳ аҳкомро дар ҳамон ҷо навишт.

Мусо хулоса карда, гуфт: «Ва алҳол, эй Исроил, Худованд Худоят аз ту чӣ талаб дорад? Талабаш фақат ин аст, ки аз Худованд Худои худ битарсӣ, бо ҳамаи роҳҳои Ӯ равона шавӣ, ва Ӯро дӯст бидорӣ,

ва Худованд Худои худро бо тамоми дили худ ва бо тамоми ҷони худ ибодат намоӣ, ва аҳкоми Худованд ва фароизи Ӯро, ки ман имрӯз ба ту, *барои манфиати ту* амр мефармоям, риоят кунӣ» (Такрори Шариат 10:12–13, курсиви муаллиф).

Бо вуҷуди исёнкории исроилиён, Худо барои онҳо падари дӯстдор буд, ва «барои манфиати онҳо» ҳама корро мекард. Даҳ аҳком на бори вазнин, балки ҳимоя ва баракат мебошанд. Агарчи шариат комил аст (Забур 18,8), он танҳо «асокаш» аст (Ғал. 3:24), ки норасоии моро зоҳир мекунад. Муҳаббат бошад ба иҷро кардани қонун ёрӣ медиҳад (Румиён 13:10).

Бисёр волидон чунин меҳисобанд, ки фикр карда баромадани қоидаҳо ва тартибот барои фарзандон — хусусан барои ҷавонписарон ва духтарон — «барои манфиати онҳо» аст. Аммо дар айни замон омили муҳимтарин — ҳамдигарфаҳмиро фаромӯш мекунанд. Ба фарзандон чунин гуфтан мумкин аст: «Ман барои шумоён ҳама корро мекунам». Аммо агар онҳо ҳис накунанд, ки волидон аз онҳо қаноатманд ҳастанд, рафтори онҳоро таҳсин мекунанд ва онҳоро дӯст медоранд, ин ба онҳо таассуроте намебахшад. Ва агар илова ба ин шумо вақт надошта бошед, то ба фарзанд нишон диҳед, ки то чӣ андоза ӯ бароятон муҳим аст, интизор нашавед, ки ӯ хушнудона бо қоидаҳои шумо розӣ мешавад. Баръакс, ба исён омода бошед.

Бисёр волидони фарзандони наврас ба ман муроҷиат кардаанд. Мушкилот — маводи нашъаовар, амали ҷинсӣ, ҳомиладории барвақт, корҳои ҷиноятӣ. Яъне ҳама гуна корҳои бад. Ҳамаи волидон аз ғам чӣ кор карданашонро намедонанд ва мепурсанд: «Чӣ кор кунем?»

Афсӯс, ки ман бо онҳо то зодашавии фарзанд ё ақаллан ҳангоми тифлии ӯ, ки барои ҷустани ҳамдигарфаҳмӣ давраи беҳтарин аст, бо волидон сӯҳбат карда наметавонистам. Аммо дар синни наврасӣ низ роҳҳои ҳамдигарфаҳмиро бо кӯдак ҷустан мумкин аст, агарчи хеле душвортар мешавад. Барои ин чор ё панҷ сол сарф шуда метавонад, ва бояд гуфт, ки наврасӣ барои фарзанд давраи душвортарин аст. Аммо рӯҳафтода нашавед. Дар ёд нигоҳ доред: **барои ҷустани ҳамдигарфаҳмӣ бо фарзанд ҳеҷ гоҳ дер намешавад**.

## ҲАВВОРӢ ПАВЛУС ОИДИ ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН МАЪЛУМОТ ДОШТ

Олимон дар мавриди оиладор будан ё набудани ҳавворӣ Павлус ақидаи умумӣ надоранд. Аммо ба ҳар ҳол ӯ тарбияи фарзандонро хуб медонист. Дар Нома ба Кӯлассиён 3:20 Павлус мегӯяд: «Эй фарзандон, ба падарону модарони худ дар ҳар бобат итоат намоед, зеро ки ин писандидаи Худованд аст». Аммо фарзандонро чӣ водор

мекунад, ки ба волидон итоат кунанд? Дар ояти баъдина Павлус илова мекунад: «Эй падарон, фарзандони худро ба хашм наоваред, ки мабодо онҳо маъюс шаванд».

Оё шумо ягон вақт хашмгин шудаед? Шумо гумон мекунед, ки хашмгинӣ танҳо ба калонсолон хос аст? Хашмгинӣ ҳолати «ғазаб ё норозигӣ аст, ки он вақт шахс сабру таҳаммулро аз даст медиҳад». Натиҷааш чист? Фарзанд худдориро аз даст медиҳад. Дигар хел карда гӯем, ӯ ба худ мегӯяд: Ҳамаи ин барои чист? Оё ин коре ки ман мекунам, маъное дорад? Охир, ба ҳар ҳол ҳамааш бад аст. Агар падару модарам маро бад ҳисобанд, инак ман бад мешавам».

Пас — фарзандро хашмгин накунем? Ҳамаи қоидаҳоро дур афканда, ӯро ба ҳолаш вогузорем? Не, ин кор аз аввала бадтар мешавад — фарзанд гумон мекунад, ки шумо дар ҳаққи ӯ ғамхорӣ намекунед. Павлус дар Нома ба Эфсӯсиён ба ин савол ҷавоб додааст. Дар он ҷо ӯ фарзандонро насиҳат медиҳад, ки ба волидон итоат кунанд, зеро ки ин аз рӯи инсоф аст, ва илова мекунад: «Падар ва модари худро иззат намо — ин аст ҳукми аввалин бо чунин ваъда: «То ки некӯаҳвол бошӣ ва бар замин умри дароз бинӣ».

Сипас ӯ давом медиҳад: «Ва шумо, эй падарон, фарзандони худро ба хашм наоваред, балки онҳоро дар таълимот ва насиҳати Худованд тарбия кунед» (Эфсӯсиён 6:4).

Як худи қоидаҳо кофӣ нестанд. Ҳангоме ки фарзандон бадрафторӣ мекунанд, шумо, албатта, нақши полисро бозида метавонед. Аммо агар сабру таҳаммул кунед, онҳоро рӯҳбаланд намоед, муҳаббат ва диққат зоҳир намоед, пас, фарзандон ба қоидаҳои шумо аксуламали дуруст мекунанд. Чунин муодила мебарорем:

*Қоидаҳо — ҳамдигарфаҳмӣ = исён*

*Қоидаҳо + ҳамдигарфаҳмӣ = ҳамоҳангӣ*

Волидон ҳамеша бояд аз худ пурсанд: «Ҳамдигарфаҳмӣ бо кӯдаконро чӣ гуна ба даст овардан мумкин аст? Ҳангоме ки ман «не» мегӯям, оё онҳо ба ман чун ба қаҳрамон менигаранд, ё чун ба аждаҳо? Ман аз кадом ҷиҳат ноҳақ ҳастам?»

Ба ҷои диққат додан ба «ноҳақ» будани худ, оиди он фикр кунед, ки *аз кадом ҷиҳат «ҳақ»* буда метавонед. Дар бобҳои минбаъда мо маънои муҳаббати бешартро муҳокима мекунем. Агар кӯдак устувории ҳиссиёти шуморо набинад, худшиносии ӯ инкишоф намеёбад, худэҳтиромкунӣ бошад аз байн меравад. Пеш аз ҳама ба

фарзанд нишон диҳед, ки ӯро дӯст медоред — новобаста ба рафтораш. Аммо дар аввал бояд ба сарчашма рӯ оваред — ба Худи Худо.

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Ба таҳлили муносибатҳои худ бо фарзандон якчанд дақиқа вақт ҷудо кунед. Дараҷаи муносибатҳоятонро бо ҳар як фарзанд аз рӯи меъёри 10-баллӣ баҳо диҳед. Агар барои ҳар як фарзанд ин рақамҳо гуногун бошанд, ҳайрон нашавед. Фикр кунед, ки чаро ин тавр аст. Оё баъзе фарзандон аз қоидаҳо шикоят мекунанд? Оё гоҳо ба итоат овардани ягон нафари онҳо душвор мешавад? Оё ба даст овардани ҳамдигарфаҳмӣ душвор аст? Оиди муносибатҳоятон бо фарзандони «душвортарбия» фикр кунед.

2. Дар саҳифаи 31 оиди он нақл карда мешавад, ки чӣ гуна Ҷош ба шубони филиппинӣ, падари фарзандони душвортарбия, пешниҳод намуд, ки «қоидаҳоро фаромӯш кунад». Шумо чӣ фикр доред, ӯ чиро дар назар дошт? Оё мумкин аст, ки дар аввал муносибатҳоро бо фарзанд дуруст карда, сипас дар бораи қоидаҳо фикр кунед?

3. Дар саҳифаҳои 32 Ҷош ба шубон Крис маслиҳат медиҳад. Духтари Крис ба вай гуфтааст, ки бо хизматгузорӣ машғул шудан намехоҳад, зеро худи Крис ҳеҷ гоҳ дар хона нест ва бо ӯ ва бо оила машғул намешавад. Маслиҳати Ҷош чунин буд: ҳар ҳафта ду бегоҳро дар хона гузаронад, ба ҳар яки фарзандон ҳафтае як соат вақт ҷудо кунад. Тартиби рӯзи худро дида бароед. Оё шумо бегоҳиҳоро ҳамроҳи оила дар хона мегузаронед? Оё бо фарзандон бозӣ мекунед? Дар моҳи гузашта чанд бор бо фарзандон бозӣ кардед?

4. Ҳангоме шумо қарор медиҳед, ки ба фарзанд «не» гӯед, чӣ рӯй медиҳад? Оё шумо кӯдакро гӯш мекунед? Оё далелҳои худро меоваред? Ё фармонравоёна рафтор менамоед?

5. Оё бо рафтори худ боиси норзигии фарзанд намешавед? Оё ӯро хашмгин намекунед? Чаро нишаста, ба суханони ӯ гӯш надиҳед?

# ҚИСМИ II

## МУНОСИБАТИ МАВЗУН (МУТАНОСИБ) БА ФАРЗАНД: ТАҲКУРСИИ БОВАРӢ ВА ХУДЭҲТИРОМКУНӢ

Асоси ҳамдигарфаҳмӣ байни одамон — муносибати хайрхоҳона ба якдигар аст. Масалан, муносибатҳои мо бо Худо бар файзи Ӯ бунёд ёфтаанд — муносибати неки ҳамешагии Худо нисбати мо. Мо ҳеҷ гоҳ ба муҳаббати Худо сазовор шуда наметавонем. Мо назди Ӯ бо боварии кӯдаконае меоем, ки Ӯ моро дӯст медорад ва қабул мекунад. Кӯдакон бо ҳамин гуна боварӣ назди волидон меоянд. Оё кӯдакро *ҳамеша*, бе истисно дӯст доштан мумкин аст? Чаро фарзандон бояд ба ҳусни таваҷҷӯҳи волидон боварӣ дошта бошанд? Агар фарзанд ҳусни таваҷҷӯҳи волидонро набинад, чӣ рӯй медиҳад? Чӣ гуна ҳусни таваҷҷӯҳи волидон ба фарзандон ёрӣ медиҳад, ки ҳисси арзишнокӣ ва худэҳтиромкуниро ба даст оваранд. Дар ин боб шумо ҷавобҳоро ба саволҳои зерин хоҳед фаҳмид:

- Чӣ гуна сари вақт фаҳмида метавонед, ки кӯдакро маҷбур мекунед ба муҳаббат «сазовор» шавад.
- Дар Навишта оиди нотакрор будани ҳар як шахс чӣ гуфта шудааст? Чӣ гуна ба фарзандамон нишон диҳем ки ӯ нотакрор аст?
- Норасоии усулҳои «қолибӣ»-и тарбия дар чист?
- Дар кадом ҷойҳои Навишта оиди ҳисси арзишнокии худ ва худэҳтиромкунӣ гуфта шудааст?
- Китоби Муқаддас худэҳтиромкунии ҳақиқиро чӣ гуна тавсиф медиҳад?
- Чаро дар фарзандон чунин фикре пайдо шуда метавонад: «Ман арзиши зиёде надорам, ва шояд ҳатто тамоман беарзиш ҳастам»?
- Чӣ гуна ба фарзанд фаҳмондан даркор аст, ки Худо «ашёи навъи дуюм» истеҳсол намекунад?
- Якчанд намунаҳои амалӣ оиди ба фарзанд нишон додани муҳаббати доимии худ.
- Чаро хайрхоҳиро танҳо бошуурона зоҳир кардан мумкин аст? Чӣ тавр фаромӯш накунем, ки ба фарзандон хайрхоҳ бояд буд?

# 4 АГАР ФАРЗАНДОН БА ШУМО ДАРКОР БОШАНД, БА ХУД НИЗ ДАРКОРАНД

Шумо фарзандонатонро барои чӣ дӯст медоред? Барои он чи онҳо мекунанд, ё барои он ки онҳо ҳастанд?

Барои ҷавоб додан шитоб накунед. Агар андаке фикр кунед, савол на он қадар содда метобад. Бисёр чиз ба он вобаста аст, ки шумо ин «зарурат»-ро чӣ гуна мефаҳмед.

Муносибати мавзун (мутаносиб) ба фарзанд аз ҳақиқати зерини Китоби Муқаддас бармеояд: фарзанди шумо мавҷудест, ки ба сурати Худо, бо истеъдодҳои худодод офарида шудааст. Фарзандоне ки волидон ба онҳо муносибати мавзун (мутаносиб) мекунанд, бо эҳтимолияти бештар дар худ ҳисси солими худэҳтиромкуниро инкишоф медиҳанд. Онҳо дар муносибатҳо бо волидон худро бовариноктар ҳис мекунанд. Онҳо одатан ба ҳукми волидон итоат мекунанд.

Муносибати мавзун (мутаносиб) ба фарзандон чӣ маъно дорад?

*Муносибатҳои мавзун (мутаносиб) ба фарзандон хеле муҳиманд, зеро ба фарзанд ҳисси боварӣ ба худро медиҳанд, ӯро ошкорбаён мегардонанд ва байни шумову фарзанд муҳити боварӣ барпо мекунанд.*

Аз тарафи дигар, муносибатҳои номавзун (номутаносиб) он гоҳ ба миён меоянд, ки волидон танҳо дар мавриди талабҳои онҳоро ба ҷо овардани фарзанд қаноатманд мегарданд. Агар фарзанд гапдаро бошад, ба муваффақиятҳо ноил шавад, аз ӯ розӣ ҳастанд. Аммо агар дастовардҳои ӯ ба талаботи волидон мувофиқ набошад, ӯ худро нобоварона, радшуда ҳис мекунад, худэҳтиромкуниро аз даст медиҳад. Фарзанд ошкорбаёниро бас мекунад, боварии байни ӯ ва волидон аз байн меравад.

**НОБОВАРӢ СИМОҲОИ ГУНОГУН ДОРАД**

Дар давоми сафарҳои худ ман наврасон ва талабагонеро вомехӯрам, ки байни онҳо ва волидонашон муносибатҳои тамоман номавзун (номутаносиб) ба миён омадаанд (агар умуман ин муносибатҳо бошанд).

Марк медонад: ӯ дар коллеҷ таҳсил нахоҳад кард, зеро ҳанӯз дар мактаби ибтидоӣ яке аз муаллимон гуфтааст, ки ӯ кундфаҳм аст. Аз ин ҳам бадтар он аст, ки волидон доимо такрор мекунанд: «Ту танбал ҳастӣ, аз дастат коре намеояд».

Ҳамсинфон пойҳои борики Лориро доимо масхара мекарданд. То хатми мактаб ба гӯши ӯ чунин ҳазлҳо мерасиданд: «Пойҳои парранда», «Ба душ равӣ, бо худ лижа гир». Акнун Лорӣ дар коллеҷ таҳсил мекунад ва ҳанӯз ҳамон хел лоғар аст, агарчи бисёрии дугонаҳояш аллакай роҳи аз фарбеҳӣ халос шуданро меҷӯянд. Аммо ӯ чун пештара аз «пойҳои борик»-и худ шарм медорад ва кӯшиш мекунад, ки ӯро бо либоси шиноварӣ набинанд.

Ҷефф зоҳиран ба худ боварӣ дорад. Ӯ яке аз хонандагони беҳтарини синф, бозингари беҳтарини дастаи футбол аст. Ва инак фалсафаи Ҷефф: «Ба муваффақият ноил шудан даркор аст, вагарна ҳеҷ кас бовар намекунад, ки аз дастат ягон кор меояд».

Ба Марк ва Лорӣ барин шахсон нигариста, дарҳол норасоии худэҳтиромкуниро мебинӣ — онҳо ба худ боварӣ надоранд, худро дӯст намедоранд. Дигарон, ба монанди Ҷефф, худбаҳодиҳии пастро дар паси рафтори агрессивӣ, ҳангоматалабона пинҳон карданӣ мешаванд. Аммо дар замири дил онҳо ҳамчунин худро нобоварона ҳис мекунанд.

«Аз кадом ҷиҳат нобоварона? — мепурсед шумо. Нобоварона дар он, ки онҳо ягон арзише доранд. Онҳо кӯшиш мекунанд дар зиндагӣ ба муваффақиятҳо ноил шаванд, ва фикр мекунанд, ки бояд ба худ ва ба атрофиён аҳамиятнокии худро исбот намоянд.

Онҳо чунин фикр мекунанд: ҳусни таваҷҷӯҳи дигаронро ба даст овардан даркор аст. Онҳо намефаҳманд, ки ҳамон ҳуқуқҳоеро доранд, ки ҳамаи одамони ба сурати Худо офаридашуда доранд — дӯстдошта будан ва чуноне ки ҳастанд, маъқул шудан... «Пас чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ, ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ? Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ» (Забур 8:5–6).

**ОЁ ХУДЭҲТИРОМКУНӢ МАФҲУМИ БИБЛИЯВӢ АСТ?**

Агарчи ҳайратовар аст, ман одамонеро вомехӯрам, ки ба библиявӣ будани мафҳуми «худэҳтиромкунӣ» шубҳа доранд. Пас аз семинар барои волидон ман бисёр вақт эътирозҳоро мешунавам: бисёр волидон бо тасаввуроти ман оиди худэҳтиромкунӣ розӣ нестанд. Шояд, онҳо дар ягон китоби шӯҳратнок хондаанд, ки «худэҳтиромкунӣ» мафҳумест, ки онро ҳаракати «Давраи нав» тарғиб мекунад ва дар он ягон чизи порсоёна ё библиявӣ нест. Онҳо аз чунин китобҳо чунин боварӣ пайдо мекунанд: ба худэҳтиромкунӣ саъй кардан гуноҳ аст, зеро шахсро дар худ маҳдуд мекунад. Ҳангоме ки ман чунин эътирозҳоро мешунавам, тақрибан чунин ҷавоб медиҳам: «Ман ба муҳокимаи ин масъала омода будани шуморо қадр мекунам. Албатта, шахс метавонад дар худ маҳдуд шуда, манфиатҳои худро аз манфиатҳои дигарон боло гузорад. Аммо розӣ нестам, ки худбаҳодиҳӣ ва худэҳтиромкунӣ мафҳумҳои «гуноҳолуд» мебошанд. Баръакс, чунин меҳисобам, ки маҳз худбаҳодиҳии дуруст ва эҳтироми худ шахсро аз худпарастӣ бозмедоранд, роҳ намедиҳанд, ки ба «чиз дар худ» табдил ёбад.

**ТАВСИФИ МАФҲУМҲОИ «ХУДБАҲОДИҲӢ» ВА «ХУДЭҲТИРОМКУНӢ»**

Ҳар кадоми мо оиди худ тасаввуроти фикрӣ, яъне худбаҳодиҳӣ дорад. Зиёда аз ин, тадқиқот нишон доданд: мо кӯшиш мекунем, ки рафторамон ба симои фикрии худамон мувофиқат кунанд. Дар мактаб ва коллеҷ хонда, ман худам инро аз сар гузарондаам. Аз боиси душвориҳо дар оила, ки пеш аз ҳама бо падар вобаста буданд, аз сабаби мухолифат бо муаллимоне ки бо дасти чап навиштани маро намеписандиданд ва маро хонандаи бадхон меҳисобиданд, худбаҳодиҳии ман хеле паст буд. Ман оиди худ ягон тасаввуроти нек надоштам...

Танҳо ба воситаи имон ба Масеҳ ва дарки муҳаббати Худо ман тавонистам ҳисси солими арзишнокии худро пайдо кунам. Одамоне ки ҳисси солими арзишнокии худро доранд, ба худ муносибати мавзун (мутаносиб) мекунанд, зеро медонанд, ки Худо онҳоро дӯст медорад ва аз онҳо розӣ аст. Ҳисси солими арзишнокии худ чунин мегӯяд: «Маро дӯст медоранд ва қадр мекунанд — ман як қисми болаёқат ва комилҳуқуқи офариниши Худо ҳастам. Ҳа, ман гуноҳкор мебошам, аммо Худо гуноҳҳоямро кафорат намудааст. Ӯ гуноҳҳои маро бахшидааст, акнун ман чуноне ҳастам, ки Ӯ маро ончунон дидан мехоҳад».

Одамоне ки ҳисси солими арзишнокии худро доранд, аҳамиятнокии худро дарк мекунанд. Онҳо бовар мекунанд, ки даркор ҳастанд, ба

шарофати онҳо ҷаҳон беҳтар мешавад. Шахсе ки ҳисси солими арзишнокии худро дорад, бо дигарон муошират менамояд ва онҳоро қадр мекунад. Чунин шахс пур аз умед, шодӣ ва боваринокӣ аст. Ин суханон хеле шинос метобанд? Китоби Муқаддас инро самари Рӯҳ меномад (Ғал. 5:21–22). Аз тарафи дигар, шахсе ки ҳисси арзишнокиаш инкишоф наёфтааст, ғуломи ақидаи дигарон аст. Агар шумо худро носазовор ҳис кунед, худи худатон буда наметавонед.

Талабае ки зоҳиран хеле ба худ боварӣ дошт, ба ман чунин навиштааст: «Ман худро аблаҳ ҳис мекунам. Ман аз он метарсам, ки дар бораи ман чӣ фикр мекунанд. Ман ба худ маъқул нестам. Ман ба чашмони одамон нигоҳ карда наметавонам, дар назди онҳо будан маро ба ҳарос меоварад. Ман худро нодаркор ҳис мекунам. Метарсам, ки ҳама аз ман рӯ мегардонанд»[1].

### НАВИШТАҲО МОРО ТАЪЛИМ НАМЕДИҲАНД, КИ ХУДРО ПАСТ ЗАНЕМ

Масеҳиёне ки чунин меҳисобанд, гӯё ба шахси имондор ҳисси арзишнокии худ бегона аст, тамоман намехоҳанд худро дӯст доранд ё қабул намоянд. Баръакс, онҳо худро кирмҳои ҳақир, гуноҳкорони нодаркор меҳисобанд, ки сазовори оташи дӯзах мебошанд. Чунин шахсон бисёр вақт оятҳоеро ба монанди Румиён 12:3 иқтибос меоваранд: «Дар ҳаққи худатон бештар аз он чи шоён аст, фикр накунед, балки хоксорона, ба андозаи имоне ки Худо ба ҳар кас насиб кардааст, фикр ронед». Мувофиқи ақидаи онҳо, ин оят онҳоро таълим медиҳад, ки оиди худ фикри баланд надошта бошанд, таълим медиҳад, ки худро паст зананд.

Аммо ин оят одамро паст намезанад. Дар он гуфта шудааст, ки мо бояд оиди худ фикри баланд дошта бошем — чун оиди офаридаҳои Худо, — аммо на зиёда аз он. Павлус таълим медиҳад, ки одамони воқеъбин, солимфикр бошем. Ин оят имкон медиҳад, то хулоса барорем:

*Худбаҳодиҳии солим аз он иборат аст, ки «худро чуноне бинӣ, ки Худо туро ончунон дидан мехоҳад, — на зиёда ва на кам»*

Мо гуноҳкор будани худро фаромӯш намекунем, аммо бо вуҷуди гуноҳолудии худ мо дар ёд нигоҳ медорем, ки ба сурати Худо офарида шудаем ва бинобар ин «модарзод даркорӣ» ҳастем.

### МАН ХЕЛЕ БАРВАҚТ ФАҲМИДАМ, КИ ЧАПДАСТҲОРО ДӮСТ НАМЕДОРАНД

Дар хурдсолӣ ман ҳанӯз намедонистам, ки ба сурати Худо офарида шудаам ва «модарзод даркорӣ» ҳастам. Ман тасаввуроте надоштам, ки Худо аз ман розӣ аст. Ман қувваи зиёдеро барои писанд омадан ё маъқул шудан ба шахсоне ки ба ман аҳамият медоданд, сарф мекардам. Ман чапдаст зода шудаам, ва дар мактаби миёна муаллимон маро маҷбур карданӣ мешуданд, ки ҳама корҳоро бо дасти рост кунам. Масалан, як муаллима ба дасти чапи ман бо ҷадвал мезад.

«Канӣ, Ҷон, — мегуфт ӯ, — дасти ростат кадом аст?»

Ба зудӣ ман ба хулосае омадам, ки чапдаст аз касе ки бо дасти рост менависад, бадтар аст, пас, ман аз дигарон бадтар ҳастам.

Ман асабонӣ ва нисбат ба худ нобовар шудам, забонам мегирифтагӣ шуд. Ба худбаҳодиҳии паст ва худэҳтиромкунии ками ман лакнати забон илова шуд.

Ман дар ҳама корҳо душворӣ мекашидагӣ шудам — дар назди синф гап задан душвор буд. Боре мо вазифа гирифтем: Мурочиати геттисбергиро аз ёд кунем. Дар хона вақти тоза кардани оғилхона ман ҳамаашро бе лакнат гуфта тавонистам. Аммо ҳангоме ки дар назди синф истодам, забонам гирифт, ва ман ҳатто сатри якумро гуфта натавониста, навмедона давида аз синф баромадам.

### МАН БАД ДИДАНИ ПАДАРИ БАДМАСТИ ХУДРО ЁД ГИРИФТАМ

Мактаб барои аз худэҳтиромкунӣ маҳрум кардани ман корҳои зиёдеро анҷом дод, аммо зарари бештарин дар оила расонда шуд. Ман ба муҳаббати модарам боварӣ доштам, аммо муносибатҳои хеле бад бо падар ҳаёти маро қариб вайрон карданд. Дар синни 14-солагӣ нафрате ки ба бадмастии падар доштам, ба нафрат ба худи падар табдил ёфт. Ин ҳиссиёт сол то сол меафзуд.

Дар хотирам ҳамеша саҳнае нақш бастааст: баъди анҷомёбии соли хониш мо қарор додем, ки дар фермаи мо базм ташкил кунем. Мо вақтро хеле хуш мегузарондем, аммо ҳамин вақт падарам омад. Мошини кӯҳнаи ӯ чанги кӯчаро хезонда, морпеч ҳаракат мекард — қариб ба дарахт бармехӯрд, баъд — ба девор, қариб сагеро зер кард.

Падар мошинро нигоҳ дошта, аз он баромад ва калавида-калавида ба хона равона шуд. Маст будани ӯро дида, дӯстонам ба ҳазлу масхара сар карданд. Ман давида берун рафтам ва муддате дар он ҷо мондам — аз шарм ба чашмони дӯстонам нигоҳ карда наметавонистам.

**МОДАРАМ БО ДИЛИ ШИКАСТА ВАФОТ КАРД**

То хатми мактаби миёна ду моҳ монда буд. Боре ман ба хона қарибиҳои нисфи шаб баргаштам ва дидам, ки модарам гиря мекунад.

«Чӣ шуд? Чӣ воқеае рӯй дод?» — пурсидам ман, ва тахмин кардам, ки падарам боз ӯро лату кӯб кардааст. Якчанд дақиқа ба ҳамин минвол гузашт. Сипас вай чунин гуфт:

«Бас аст... дигар тоқатам намонд, — мегирист ӯ. — Падари ту... мастигарӣ... лату кӯб ва таҳқирҳо... »

«Медонам», — гуфтам ман бо дард.

«Ман дигар наметавонам, — нола кард ӯ. — дигар зистан намехоҳам. Як моҳи дигар интизор мешавам, то даме ки ту мактабро хатм кунӣ, — боз гиряҳои беист, — ва баъд мемурам».

Ин гуна суханонро аз модарам борҳо шунида будам. Аммо ин дафъа дар оҳанги сухани ӯ як чизи наве буд. Ӯ гӯё марги худро пешгӯӣ мекард. Оё ӯ дар бораи худкушӣ фикр мекард? Ман ба ин боварӣ надоштам, аммо рафтори ӯ маро тарсонд.

Баъди ду моҳ ман мактаби миёнаро хатм кардам, ва рӯзи ҷумъаи оянда модарам вафот кард. Оё одам аз дилшикастагӣ мурда метавонад? Духтурон мегӯянд, ки «не». Аммо аз ҷиҳати рӯҳонӣ ва ҳиссиётӣ, албатта, ҳа. Модарам вафот кард — падарам худэҳтиромкунӣ ва ҳисси арзишнокии ӯро пурра нобуд намуд. Бо марги модар охирин сарчашмаи осудагӣ ва оромӣ барҳам хӯрд. Ба ҳар ҷое ки равам, ҳар қадар дер ба хона баргардам — модар ҳамеша интизори ман буд, бо ман сӯҳбат мекард, аз зиндагии ман пурсон мешуд. Акнун ӯ набуд. Ман танҳо мондам.

**ҲАНГОМИ ДОХИЛШАВӢ БА КОЛЛЕҶ МАН ДАР ҲОЛАТИ БӮҲРОНИ РӮҲОНӢ БУДАМ**

Ҳангоми маросими дафн ман ба падар бадбинона менигаристам. Ман аз ӯ нафрат доштам, ва агар аз хона рафта, ба коллеҷ дохил намешудам, дар охир ягон кори бад мекардам. Ман як мактаби ғайридиниро интихоб намудам. Ман ба шаҳраки донишҷӯён дар ҳолати таназзули эҳсосотӣ омадам. Ба ман муҳаббати бешарт намерасид. Ман мехостам ба атрофиён маъқул шавам. Аммо аз ин бештар ман мехостам ба худ маъқул шавам, аз ҳисси нафрат ба худ раҳо шавам.

Ман он чизеро мехостам, ки ҳамаи ҷавонон ба он майл доранд: дилпурӣ, боварӣ, осоиштагӣ дар дил ва, албатта, хушбахтӣ. Ман бахтро ба даст овардани мешудам. Барои ин ман аз курси якум кӯшиш кардам, ки дар шаҳраки донишҷӯён ба мавқеи сарварӣ ноил шавам. Маро сардори курс интихоб карданд. Ҳамаи қарорҳо бо

иштироки ман қабул карда мешуданд: кадом лекторро ба шаҳраки донишҷӯён даъват намоем, чӣ гуна шабнишиниро аз ҳисоби пули донишҷӯён ташкил кунем.

Аз рӯзи душанбе то панҷшанбе ман хеле зиёд кор мекардам. Ман дар як ҳафта се бор хушбахт будам: рӯзҳои ҷумъа, шанбе ва якшанбе.

Солҳо мегузаштанд. Ман ба гурӯҳи хурди донишҷӯёне аҳамият додам, ки вақти зиёдеро бо ду нафар муаллимон мегузаронданд. Онҳо як хусусияти фарқкунанда доштанд, ки ман онро фаҳмида наметавонистам. Онҳо медонистанд, ки ба чӣ ва чаро бовар мекунанд — ин сифатҳо ҳамеша ба ман маъқул буданд. Бар хилофи аксарият, аз афташ, онҳо медонистанд, ки чӣ мекунанд. Аммо беш аз ҳама он чиз ғайриоддӣ буд, ки онҳо оиди муҳаббат ва оиди ёрӣ расондан ба дигарон бисёр сухан меронданд — ин барои шаҳраки ғайридинии донишҷӯён нодир ва ҳайратангез буд.

Ман хостам фаҳмам, ки ин одамон аз дигарон бо кадом хусусият фарқ мекунанд. Ман қарор додам, ки бо онҳо аз наздик шинос шавам. Онҳо ба ман пешниҳод намуданд, ки оиди Исои Масеҳ андешаронӣ кунам.

Барои андешаронӣ қариб ду сол сарф шуд, аммо ман аллакай шаккок-агностик набудам. Маводи ҷамъшуда маро бовар куноданд, ки Исои Масеҳ оиди Худ танҳо ҳақиқатро мегуфт, Ӯ Писари Худо ва Наҷотдиҳандаи ҷаҳон буд. Ҳангоме ки ман ин ҳақиқатро дарк намудам, дар назди ман саволе пайдо шуд — чӣ гуна масеҳӣ шавам. Монанди К. Люис, ман ба подшоҳии Худо бо дили ноҳоҳам медаромадам, аммо дар ниҳояти кор ҳаётамро ба Исои Масеҳ супурдам.

Баъди муддате Масеҳ ҳаёти маро дигаргун намуд. Ман ба худ бовариии ҳақиқӣ пайдо намудам, ҳисси арзишнокии худ ва осудагиро ба даст овардам. Исо ҷазоро барои гуноҳҳои ман ба дӯши Худ гирифт, бинобар ин ман медонистам, ки Худо маро чуноне ки ҳастам, дӯст медорад. Ман барои ба муҳаббати Ӯ сазовор шудан чизе надорам. Ӯ наҷотро танҳо аз рӯи имон ато мекунад.

Ҳусни таваҷҷӯҳи бешарти Худо ҳақиқати ҳайратоварест, ки одамон оиди он ҳатто фикр намекунанд. Ба монанди Марк, Лорӣ ва Ҷефф, ки дар аввали боб оиди онҳо нақл карда будам, одамон фикр мекунанд, ки онҳоро барои зебоӣ, истеъдод ва ё маҳораташон дӯст медоранд. Онҳо тамоми умр кӯшиш мекунанд ба ҳусни таваҷҷӯҳи одамон ноил шаванд, ва дарк намекунанд, ки Худо онҳоро аллакай дӯст медорад. Худо ба шарофати хизматҳои шоёни Исои Масеҳ моро — фарзандонашро — чуноне ки ҳастем, қабул мекунад, ва шарт

намегузорад. Юҳанно ҳаминро дар назар дорад, ҳангоме мегӯяд: «Муҳаббат дар он аст, ки на мо Худоро дӯст доштаем, балки Ӯ моро дӯст дошт ва писари Худро барои кафорати гуноҳҳои мо фиристод» (1Юҳанно 4:10).

Ҳақиқатҳои Китоби Муқаддасро ман ҳис кардам: чунин фикр хатост, ки гӯё танҳо шахси комил — касе ки ба ягон хел меъёрҳо мувофиқат мекунад ва ба атрофиён таассуроти муайяне мегузорад, ба ҳусни таваҷҷӯҳ ноил шуда метавонад. Дар ниҳояти кор, аҳамият надорад, ки ман чапдаст ҳастам ва дар хурдсолӣ лакнати забон доштам (ҳоло ҳам, агар асабонӣ шавам, забонам мегирад). Тадриҷан муносибати бад ба худ ва майли пинҳон намудани сустиҳо ва норасоиҳои худ аз байн рафт. Ман иқрор мешавам, ки комил нестам. Аммо дар баробари ин мефаҳмам, ки «дар Масеҳ комил ҳастам». Моҳият дар ҳамин аст.

**ХУДО ПАДАРИ МАРО ДИГАРГУН НАМУД**

Ба воситаи имон ман фаҳмидам: муносибати хуби Худо ба ман он холигиеро, ки як умр аз боиси бепарвоии падар ҳис мекардам, пур мекунад. Аммо Худо роҳҳои осон надорад. Ӯ ба ман озмоише фиристод.

Ман масеҳӣ шуда, кӯшиш кардам бо падар муносибати хуб барпо намоям, аммо ба муваффақияти назаррасе ноил нашудам. Боре, ҳангоме ки ман мошинамро дар назди гузаргоҳи роҳи оҳан боздошта будам, ронандаи масте бо суръати 40 мил дар як соат ба мошини ман бархӯрд. Дасту пойҳо ва гардани ман шикаст ва маро ба беморхона бурданд. Ҳангоме ки ман ба хона баргаштам, падарам — аҷибаш ин буд, ки ӯ тамоман ҳушёр буд — ба ҳуҷраи ман омада, гуфт:

«Ман барин падарро чӣ гуна дӯст дошта метавонӣ?»

«Падар, — гуфтам ман, — ним сол пеш ман туро бад медидам, аммо Масеҳ ҳаёти маро дигаргун намуд».

Баъд ман ба ӯ ҳамаи он чиро, ки оиди Исои Масеҳ медонистам, нақл кардам.

Падар баҳс намекард. Фақат гӯш медод. Баъд ҳамроҳи ман дуо кард. Ман ба шунидаам бо душворӣ бовар мекардам:

«Худоё, агар Ту ҳақиқатан Худо бошӣ, ва Масеҳ Писари Ту бошад, дар зиндагии ман он кореро кун, ки дар зиндагии писарам кардаӣ. Ман эътироф мекунам, ки Ту Наҷотдиҳандаи ман ҳастӣ».

Баъди як моҳ ман ба коллеҷе гузаштам, ки дар наздикии фермаи падарам буд. Баъди марги модар падар танҳо зиндагӣ мекард, гоҳо барои хабаргирии ман ба коллеҷ меомад. Солҳои зиёди азобҳо ва

ранҷишҳои тарафайн паси сар шуданд. Ману падарам 14 моҳро якҷоя гузарондем, то даме ки вай аз сактаи дил вафот кард. Ин 14 моҳ ба ман нишон доданд, ки барои ислоҳ намудани муносибатҳо ҳеҷ гоҳ дер намешавад. Барои ба якдигар меҳрубонӣ кардан дер намешавад. Он чи ман дар соли охирини ҳаёти падар дар муоширaт бо ӯ аз сар гузарондам, ба ман омӯзонд, ки нисбати фарзандони худ бепарво набошам.

## ФАРЗАНДЕ КИ ДАРКОРӢ АСТ, БА ХУДАШ НИЗ ДАРКОР АСТ

Ман ба шумо оиди нохушиҳои худ нақл кардам. Сабаб — худбаҳодиҳии паст ва набудани худэҳтиромкунӣ аст. Дар ин мисол ман хостам нишон диҳам, ки худро даркорӣ ҳис кардани фарзанд то чӣ андоза муҳим аст. Ӯ ба касоне даркорӣ будан мехоҳад, ки ба онҳо тақлид мекунад — ба волидон ва муаллимон. Агар фарзанд доимо чунин суханонро шунавад: «Ту корношоям ҳастӣ!», комилан табиист, ки ӯ ба хулосае меояд: «Пас, ман он қадар арзише надорам. Ё умуман ҳеҷ арзише надорам».

Ҳангоме ки фарзанд худро нодаркор ҳис мекунад, ӯ ба худ низ маъқул намешавад. Сабаби худбаҳодиҳии паст ва норасоии худэҳтиромкунӣ дар ҳамин аст.

Аммо фарзанде ки худро ба шарофати волидон даркорӣ ҳис мекунад, тамоман бар акси ин аст. Дар ин ҷода волидони Доттӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудаанд. Онҳо дар ҳар сеи фарзандони худ ҳисси аҳамиятнокии худро инкишоф дода тавонистанд, аммо дар баробари ин ҳеҷ кадоми онҳо худро аз дигаре беҳтар намеҳисобид. Доттӣ борҳо ба ман гуфта буд, ки агар худро эркаи волидон меҳисобид ё фикр мекард, ки волидон бародар ё хоҳарашро бештар дӯст медоранд, норохат мешуд ё ҳатто эътироз менамуд.

Волидони Доттӣ ҳамаи фарзандонро як хел дӯст медоштанд, аммо дар баробари ин, суханони оддиро меёфтанд, то фардияти ҳар яки онҳоро инкишоф диҳанд. Падар ба Доттӣ мегуфт: «Ту духтари дӯстдоштаи калонии ман ҳастӣ». Ба хоҳараш Саллӣ, ки ҳафт сол хурдтар буд, мегуфт: «Ту духтари дӯстдоштаи хурдии ман ҳастӣ». Ба бародараш Стив бошад чунин мегуфт: «Ту писари дӯстдоштаи ман ҳастӣ».

Доттӣ ин усулро нисбати фарзандонамон истифода мебарад. Келлӣ «духтари дӯстдоштаи калонӣ»-и ӯ мебошад, Шон — «писари дӯстдошта», Кэтӣ — «духтари дӯстдоштаи хурдӣ», «Ҳэзэр» — «хурдакаки дӯстдоштаи чашмсиёҳ».

Ин усули оддӣ, аммо натиҷабахш аст. Масалан, Шон, медонад, ки ягона писари оила аст, аммо ба ҳар ҳол «писари дӯстдошта» будани худро шунидан бароящ гуворост. Моҳият дар он аст, ки

ҳамеша суханонеро ёфтан мумкин аст, то фарзанд худро аз дигарон фарққунанда ҳис кунад. Шумо бояд ҷиҳатҳои қавии фарзандонатонро дида, онҳоро инкишоф диҳед.

Доттӣ бо як дугонааш мукотиба мекунад, ки ду писари қариб ҳамсол дорад. Ин зан ҳамеша яке аз писаронашро таъриф мекунад ва ӯро шодӣ ва фахри худ меномад, дигарашро бошад хеле кам зикр менамояд. Аз афти кор, яке аз онҳо маҳбуби волидон аст. Дар бораи он чи писари дигарӣ ҳис мекунад, танҳо пай бурдан мумкин аст.

Дар китоби хеле хуб «Пинҳон кардан ё ҷустан» доктор Ҷеймс Добсон нишон медиҳад, ки дар Амрикои асри XX бисёр касон аз ҳисси беарзишӣ азият мекашанд. Ӯ чунин меҳисобад, ки ин эпидемияро волидон боздошта метавонанд, агар дар ёд нигоҳ доранд, ки ҳамаи фарзандон бо арзишнокии баробар офарида шудаанд ва ба эҳтирому муносибати сазовор ҳуқуқ доранд.

Ба фикрам, доктор Добсон гуфтаҳои Китоби Муқаддасро баён намудааст. Дар назди ҳар як волид вазифа истодааст — дар фарзанд ҳисси арзишнокии худро инкишоф додан. Агар волид ин корро кунад, барои фарзандонаш ба маънои ҳақиқӣ қаҳрамон мешавад.

## БИЁЕД, АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Шумо, волид, дар фарзанд ҳисси худэҳтиромкуниро чӣ гуна тарбия карда метавонед? Аз гуфтугӯи озодона оиди Китоби Муқаддас сар кардан мумкин аст:

   - Мо ба сурати Худо офарида шудаем (Ҳастӣ 1:26–27)
   - Худо ба мо вазифаи махсусе додааст — соҳибӣ кардани замин (Ҳастӣ 1–28)
   - Ӯ моро аз фариштагон фақат андак кам кардааст (Забур 8:6)
   - Шумо гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаед (Румиён 9:33), *аммо* Худо Писари ягонаи Худро фиристод, то ки барои гуноҳҳои мо бимирад (Юҳанно 3:16)
   - Ҳар яки мо имконият дорад, ки ба номи Исои Масеҳ имон оварда, фарзанди Худо шавад (Юҳанно 1:12–13).
   - Худо моро бо нархи гаронтарин — марги Писари Худ дар салиб бозхарид намуд (1Қӯринтиён 6:20; 1Петр 1:18–19)
   - Азбаски мо бозхарид шудаем, моро фариштаҳо ҳимоя мекунанд (Ибриён 1:14; Забур 90:11–12)
   - Худи Исо дар он ҷое ки бо ӯ абадан монда метавонем, бароямон ҷой тайёр мекунад (Юҳанно 14:1–3)

Шояд шумо ҳанӯз ба ҳаққонияти ин сатрҳои Китоби Муқаддас боварӣ надоред. Оиди онҳо андеша намоед, дуо кунед, бо шубон ё дӯсти масеҳии худ, ки ба ӯ боварӣ доред, гап занед. Бо мурури он ки ин ҳақиқатҳо бароятон воқеӣ мегарданд, шумо онҳоро бо боваринокӣ ва рӯҳбаландии бештар ба фарзандон мерасонед. Вагарна муносибати некро ба таври дигар чӣ гуна нишон додан мумкин аст? Чӣ гуна ба таври дигар нишон додан мумкин аст, ки онҳо барои Худо ва Исои Масеҳ, барои шумо гаронбаҳоянд?

2. Гуфтугӯ бо фарзандон оиди ҳақиқатҳои Китоби Муқаддас ба онҳо ёрӣ медиҳад, ки худро даркорӣ ҳис кунанд. Аммо барои он ки ин гуфтаҳои Китоби Муқаддас таъсирбахш шаванд, *фарзандон бояд ҳамеша бинанд, ки падару модар ба ин ҳақиқатҳо пайравӣ мекунанд.* Баъзе волидони масеҳӣ хатои сахт мекунанд. Онҳо ба фарзандон қиссаҳои Китоби Муқаддасро нақл мекунанд, *аммо чӣ гуна мувофиқи онҳо зистанро нишон намедиҳанд.* Дар натиҷа фарзандон тарбияи «яктарафа» мегиранд. Ба онҳо калимаҳо ба ибораҳои дурустро ёд медиҳанд, аммо дар рафтори муаллимони асосии онҳо — волидонашон суханҳо бо амалҳо мувофиқат намекунанд.

   Чаро худи ҳозир вазъи корҳои оилавии худро таҳлил накунед? Шумо ба фарзандон чӣ медиҳед? Онҳо суханон ва қоидаҳои Китоби Муқаддасро мешунаванд ё ҳақиқатҳои онро дар амал мебинанд, чунки волидон ба онҳо ва ба якдигар мувофиқи Навиштаҳо муносибат мекунанд? Бо ҳамсаратон муҳокима кунед, ки оё ба фарзандон намунаи нек нишон медиҳед, Сипас якҷоя дуо кунед, то ки Худо ба шумо хирад ато намояд.

# 5 МУНОСИБАТИ ХАЙРХОҲОНА БА ФАРЗАНД: МАЪНОИ ҲАҚИҚИИ МАСАЛҲО 22:6

Ин ҳангоми 12-солагии писарам Шон рӯй дода буд. Ӯ дар дастаи бейсбол бозӣ мекард. Як ҳафта пеш аз саршавии мавсим ба сарам фикре омад: ман чӣ будани муҳаббатеро, ки сазовораш нестем, ба ӯ ва рафиқонаш нишон медиҳам. Ман 12 талон харидам — бо онҳо дар ресторани маҳаллӣ яхмос гирифтан мумкин буд — ва ба тренери (мураббӣ) онҳо додам.

«Ин барои бачаҳо», — гуфтам ман.

«Хуб, — гуфт тренер табассумкунон. — Ташаккур. Агар ҳамаи волидон дар ҳаққи даста ғамхорӣ мекарданд, хеле хуб мебуд. Инро баъди ғалабаи аввалин ба онҳо медиҳам».

«Не, — гуфтам ман. — Онҳоро баъди *мағлубияти* аввалин бо яхмос зиёфат кунед».

Тренер бо ҳайрат ба ман нигарист. Ӯ ба он фикр одат карда буд, ки мукофотро танҳо барои бозии хуб медиҳанд. Фаҳмондан лозим омад:

«Ман ба фарзандони худ на барои дастовардҳо ва саъю кӯшиш мукофот медиҳам. Бояд фаҳмед: онҳо ба сурати Худо офарида шудаанд. Ман бовар мекунам, ки писари ман ба шабоҳати Худо офарида шудааст. Ӯ барои Худо новобаста ба муваффақиятҳои варзишиаш гаронқадр аст. Агар ӯ умуман бейсбол бозӣ карда натавонад ҳам, ман ӯро дӯст медорам».

Тренер ба ман бо диққат нигарист. Ниҳоят вай гуфт: «Ана гапу мана гап!»

Мавсим сар шуд, дастаи Шон дар бозиҳои аввал ғолиб омад, аммо бозиҳои сеюм ё чорумро бой дод. Тренер ба қавлаш вафо кард: ба ҳар як бозингар яктогӣ талон барои яхмос дод, ва даста бохти худро хуб «қайд» намуд.

Барои ин яхмос Шон ба ман камаш 5 бор сипосгузорӣ намудааст. Баъд боз се бозингари даста барои изҳори миннатдорӣ омаданд. Хусусан Ҷессӣ ном писарак дар хотири ман монд. Ӯ гуфт:

«Ташаккур барои яхмос, мистер Макдауэлл. Ин хеле хуб буд! Барои шумо фарқ надорад, ки мо ғолиб меоем ё бой медиҳем, шумо моро ба ҳар ҳол дӯст медоред».

Шунидани ин суханон басо форам буд. Ман кӯшиш мекардам ба Шон ва рафиқонаш фаҳмонам, ки на бейсболбозӣ карда тавонистан, балки он чиз барои онҳо муҳим аст, ки ҳар яки онҳо ба сурати Худо офарида шудаанд ва барояш хеле азиз мебошанд. Оё барои бачаи 12-сола аз худ намудани чунин дарс душвор аст? Ҳеҷ душвор нест, хусусан агар далели асосии шумо яхмос бошад.

## ЯК НАФАР АЗ 5 МИЛЛИАРД

Ман мехоҳам, ки Шон ва дигар фарзандонам фаҳманд: Худо на танҳо ҳар яки моро ба сурати Худ офаридааст, — Ӯ ба ҳар кас *фардияти нотакрор* додааст. Фикр кунед: мо зиёда аз 5 миллиард ҳастем, аммо касе айнан монанди шумо нест. Ва ягон нафаре нест, ки ба фарзанди шумо монанд бошад.

Ман бисёр вақт ба донишҷӯён чунин савол медиҳам: Агар шумо ба яке аз 5 миллиард монанд набошед, барои монандшавӣ ба касе саъй намудан чӣ даркор аст?

Бо вуҷуди ин, бисёриҳо кӯшиш мекунанд ба дигарон монанд шаванд. Онҳо ба дигарон — ба намуди зоҳирии онҳо, мӯй, қаду қомат, истеъдодҳо ва маҳоратҳои онҳо ҳасад бурда, зиндагӣ мекунанд. Барои ба худ воқеъбинона нигаристан бояд фаҳмид: Худо ҳар якеро нотакрор офаридааст. Рекламаи машҳурро дигар хел баён карда, чунин мегӯем: «**Худо моли навъи дуюм истеҳсол намекунад**».

Суханони подшоҳ Сулаймонро ба ёд оваред: «Бачаро бо роҳе ки ба ӯ мувофиқ аст, тарбия намо; пир шавад ҳам, аз он дур намешавад» (Мас. 22:6).

Мутаассифона, бисёр волидони масеҳӣ ин оятро нодуруст маънидод мекунанд. «Китоби Муқаддасро дар оила хонед, дуо кунед, фарзандонро ба мактаби якшанбегӣ ва калисо баред, ва ҳангоме ки онҳо ба воя мерасанд, аз имон дур намешаванд», — онҳо ин оятро ана ҳамин тавр мефаҳманд.

Аммо маънои ҳақиқии ин оятро калимаҳои «роҳи ӯ» ба мо баён мекунанд. Муаллиф на дар бораи роҳи Худо, балки оиди роҳи фарзанд сухан меронад! Сухан дар бораи он аст, ки фарзанд кӯшиш мекунад, ки аз пайи сарвар равад, ва вазифаи ин сарвар — фарзандро бо роҳи ба ӯ мувофиқ равона кардан аст.

Дар ҷои дигар, дар Забур, худи ҳамон калимаи ибронӣ «кашидаанд» тарҷума шудааст — чуноне ки камонро мекашанд (Забур 10:2

— тавзеҳи тарҷумон). Дар замони мо ҳама чиз қолабӣ шудааст, аз ҷумла камонҳо ҳам: қариб ҳама метавонанд камон харанд ва ба ҳадаф расонданро дарҳол ёд гиранд. Аммо дар замонҳои қадим ду камони яххела сохтан ғайриимкон буд. Ҳар як камонвар силоҳи худро истифода бурда, ба андоза ва тори он одат мекард.

Камонварон худашон барои худ камон месохтанд, ва барои ба ҳадаф расондан онҳо мебоист силоҳи худро медонистанд.

Волидон низ бояд фаҳманд, ки фардияти ҳар як фарзанд дар чист. Фарзандро «бо роҳи ба ӯ мувофиқ» равона кардан маънои онро надорад, ки ӯро ба ҳоли худ вогузорем ё ҳама кори мехостагиашро иҷозат диҳем. Дар Китоби Муқаддаси тафсирии «Рирӣ» ояти 22:6 аз китоби Масалҳо чунин тафсир карда шудааст: «бо роҳе ки ба ӯ мувофиқ аст» мувофиқи одатҳо ва шавқу завқаш тарбия кардани фарзандро дар назар дорад. Ҳангоми тарбияи фарзанд хислат, майлу рағбатҳо ва дараҷаи инкишофи ҷисмониву ақлии ӯро ба назар гирифтан даркор аст»[1].

Чуноне ки камонвар бояд медонист, ки оё тори камон сахт кашида шудааст, шумо низ бояд махсусияти ҳар як фарзандро дониста гиред. Волидон ба таври ғаризавӣ ҳис мекунанд, ки ҳар як кӯдак ба дигарон монанд нест, аммо ба ҳар ҳол фарзандонро яккхела тарбия карда, ба хато роҳ медиҳанд. Шояд, ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки дар тасаввури волидон фарзандон бояд як хел хуб рафтор намоянд. Ман розӣ ҳастам: ҳар оила бояд қоидаҳои худро дошта бошад, аммо фарзандон яккхела буда наметавонанд. Ҳар як фарзанд ба суханони волидон ба таври худ аксуламал нишон медиҳад. Амалан:

*«Ба як қолаб даровардан» — роҳи кӯтоҳтарини вайрон кардани шахсияти фарзанд аст.*

**ЧАРО АЗ СИННИ ХЕЛЕ ХУРД ТАРБИЯ КАРДАНИ ФАРЗАНД МУҲИМ АСТ**

Дар ин бобат Дик ва Шарлотта ба ман таъсири зиёд расондаанд. Ман онҳо ва фарзандонашонро мушоҳида карда, психологияи тарбияро омӯхтам. Танҳо баъд аз ин ман дар амал татбиқ намудани назарияро сар кардам — ҳангоме ки ману Доттӣ оилаи худро ташкил намудем.

Мувофиқи ақидаи равоншинос (психолог) Эрик Эриксон, ки дар соҳаи омӯзиши шахсияти одам мутахассиси соҳибэътибор аст, ҳамаи мо аз ҳашт «синну сол» ё ҳашт марҳилаи инкишоф мегузарем. Ду соли аввали кӯдак синни *боварӣ* аст: волидон ҳама талаботҳои ӯро

қонеъ мегардонанд, аммо маҳз дар ҳамин вақт ӯ дар худ дидани шахсиятро меомӯзад, ба худ дилпурӣ доштанро сар мекунад.

Сипас кӯдак ба синни *худшиносӣ* мегузарад: ӯ доимо «ман», «аз они ман» мегӯяд. Кӯдак мебинад, ки қисми олами атроф нест. Волидон дар ҳар як марҳила бояд дар ӯ шахсиятро бинанд ва «бо роҳе ки ба ӯ мувофиқ аст», равона кардани ӯро сар кунанд. Дигар хел карда гӯем, онҳо бояд фардияти ӯро инкишоф диҳанд.

Дар синни томактабӣ, ҳангоме ки кӯдак бо кӯдакони дигар муошират карданро сар мекунад, ӯ ба иттиҳоди *ташаббус* (инициатива) дохил мешавад. То ин синну сол ҳар кӯдак худ бо худ бозӣ мекунад. Дар синни томактабӣ бошад (аз се то панҷсола) онҳо бо кӯдакони дигар муошират кардан ва ҳамроҳашон бозӣ карданро сар мекунанд. Якҷоя амал намуданро сар мекунанд, ҳамроҳ ягон чизро фикр карда мебароранд ва ба нақша мегиранд[2].

Ин се марҳилаи аввал барои ташаккули худбаҳодиҳии кӯдак аҳамияти беандоза доранд. Мо бисёр вақт мешунавем, ки ба кӯдакони се-панҷсола аҳамияти зиёд додан даркор аст. Дар ҳама синну сол ба кӯдакон нишон додан мумкин аст, ки онҳо шахсиятҳо мебошанд, ва шумо онҳоро бе ҳеҷ сабаб дӯст медоред. Доттӣ чандин сол пеш суханони Ҷин, зани доктор Ҳовард Ҳендрикро шунида буд:

*Ҳангоме ки сухан дар бораи кӯдакон меравад, волидон бояд бо табиат созгор бошанд.*

**ФАРЗАНДИ ШУМО ЯГОНА АСТ**

Хислати кӯдакро фаҳмида, ӯро мувофиқи он тарбия намудан хеле муҳим аст. Мо дар оилаи худ кӯдаконро ба таври гуногун ҷазо медиҳем. Масалан, агар Келлиро барои ҷазо маҷбур кунем, ки ним соат дар миёнаи ҳуҷра дар курсӣ шинад, ин натиҷае намебахшад. Чунин вақтгузаронӣ ба вай ҳатто маъқул аст: вай нишаста, ба хаёлоту орзуҳо дода мешавад.

Аз тарафи дигар, агар Шонро маҷбур кунем, ки ақаллан 20 дақиқа ором шинад, ин барои ӯ «ҷазои сахт» хоҳад буд. Шон бачаи хеле муоширатӣ аст ва муддати зиёд танҳо нишаста наметавонад. Танҳо нишаста, бо касе гап назадан барои ӯ кори бадтарин аст. Ҳэзэр ва Кэтиро мо ба таври дигар ҷазо медиҳем.

Ин танҳо як намуна аз амалияи тарбияи оилавии мост. Агар шумо ба фарзандон диққат диҳед, ҳар яки онҳо нотакрор аст. Шумо бояд на танҳо фарзандонро ҷазо диҳед, балки тарафҳои *қави*и онҳоро нишон диҳед.

Муҳим он аст, ки ҳар яке нотакрор будани худро бинад ва хушбахт бошад. То ҳар яке ҳамон хел бошад, ки Худо ӯро офаридааст, ва кӯшиш накунад, ки ба ягон каси дигар монанд шавад. Ин фикрро Бэйрон Мэйчоу, донишҷӯи коллеҷе ки ман дар он баромад карда будам, дар шеъри худ хеле равшан ифода намудааст:

Тамоми умр мекӯшидам ба дигарон писанд оям,
Тамоми умр барои дигарон спектакл намоиш медодам.
  Дигар чунин намекунам.
Ман ба дигарон тақлид карданӣ мешудам.
  Аммо кӣ ба ман тақлид хоҳад кард?

Барои он ки кӯдак «ба худ одат кунад», нотакрор будани худро бинад, доимо ба ӯ ёдрас намоед: «Дар ҷаҳон касе монанди ту нест. Кӯшиш кун ҳамон хел бошӣ, ки Худо туро офаридааст. Ту беҳтарин ҳастӣ, беҳтар аз ту нест».

**ХУДО МОРО АЗ ҲАМА БЕҲТАР МЕДОНАД ВА АЗ ҲАМА БЕШТАР ДӮСТ МЕДОРАД**

Бояд ба фарзанд нишон диҳед, ки ӯ нотакрор аст, ва дар айни замон ба ӯ талқин кунед, ки ӯ махсус аст, ва ӯро дӯст медоред. Худо ба воситаи Ирмиё маҳз ҳаминро мегӯяд: «Бо муҳаббати абадӣ туро дӯст доштам, бинобар ин туро бо марҳамат ба Худ ҷалб намудам» (Ирмиё 31:3).

Дар Нома ба Румиён 8 Павлус бовар мекунонад, ки муҳаббати Худо тағйирнаёбанда аст: ҳеҷ кадом санҷишҳо ва душвориҳое ки дар роҳи шумо дучор мешаванд, наметавонанд шуморо ё фарзандатонро аз муҳаббати Худо дур кунанд (о. 38–39).

Ман бо бисёр одамон сӯҳбат кардаам — бо пирон ва ҷавонон. Бисёрии онҳо намефаҳманд, ки Худо онҳоро ҳатто пеш аз масеҳӣ шуданашон дӯст медошт. Ҳангоме ки мо ҳанӯз дар торикӣ будем, душманони Ӯ будем, ҳангоме ки мо гуноҳкор будем, Ӯ моро дӯст медошт ва барои мо мурд (ниг. Эфсӯсиён 5:2; Румиён 5:8). Ҳангоме ки мо ҳанӯз Ӯро намедонистем, моро дӯст медошт, пас, акнун, ки мо фарзандони Ӯ шудаем, то чӣ андоза бештар дӯст медорад?! Исо дар ин бора гуфта буд: «Чунон ки Падар Маро дӯст доштааст, Ман низ шуморо дӯст доштаам; дар муҳаббати Ман бимонед» (Юҳанно 15:9).

Ман рӯзеро дар ёд дорам, ки суханони суруди Билл ва Глория Гейтер дар дилам нақш бастанд: Маро дӯст медоранд. Маро дӯст медоранд... *Он Касе ки маро беҳтар аз ҳама мешиносад, ва беш аз ҳама дӯст медорад* (курсиви муаллиф).[3]

Худо оиди мо ҳама чизро медонад. Ман бисёр вақт Худоро барои суханони аҷоиби Забур 138 сипосгузорӣ мекунам: «Худовандо! Маро тафтиш намудаӣ, ва мешиносӣ... ҳамаи роҳҳоям ба Ту маълум аст. Калимае ҳанӯз бар забонам нест, ки Ту, эй Худованд, онро ба куллӣ медонӣ» (о. 1,3–4).

Таронасаро чунин мегӯяд: Худо маро беҳтар аз занам Доттӣ, беҳтар аз ҳар каси дигар мешиносад. Ҳанӯз пеш аз он ки оиди чизе фикр кунам, Худо андешаи маро медонад. Бо вуҷуди ин Ӯ маро дӯст медорад.

Ин ба ҳама дахл дорад. Ин ҳақиқатро ба кӯдакон бо ҳамаи воситаҳо бояд фаҳмонд. Худо ману шуморо хеле хуб мешиносад. Ҳеҷ кас моро бештар аз Худо дӯст намедорад.

Ман оиди муҳаббати Худо барои он чунон бисёр гуфтаам, ки медонам: бисёр волидон ба худ боварӣ надоранд. Оилаҳое ҳастанд, ки волидон фарзандонро танҳо барои ягон хел дастовардҳои махсус рӯҳбаланд мекунанд. Аммо ҳатто агар худатон дар чунин муҳити нокомил ба воя расида бошед, ин маънои онро надорад, ки аз ин вазъияти беилоҷ берун омада, бо фарзандони худ муносибатҳои хуб барпо намуда наметавонед.

Яке аз фикрҳои асосии ману Дик чунин аст: Худо шуморо бе ҳеҷ гуна шарт дӯст медорад, ва Ӯ ба шумо қувват медиҳад, то ки фарзандони худро ҳамин гуна беғаразона дӯст доред. Ман мехоҳам, ки шумо комил шавед. Ман намегӯям, ки баъзан шумо аз рафтори фарзандонатон хашмгин намешавед. Ҳеҷ кас наметавонад сабру таҳаммули «илоҳӣ» зоҳир кунад, ба фарзандон комилан мавзун (мутаносиб) муносибат кунад. Танҳо Худо ба ин кор қодир аст. Аммо Худо на танҳо намунаи бузург барои пайравист, балки сарчашмаи хушкнашавандаи қувва аст. Ӯ на аз боиси дастовардҳо дӯст доштани фарзандонро ёд медиҳад. Ӯ ёрӣ медиҳад, то нишон диҳед, ки муҳаббати володонро бо дастовардҳо сазовор шудан даркор нест.

### ОИДИ КЕЛЛӢ... ВА ҶИМ БЕККЕР

Ҳангоме ки духтари ман 13-сола буд, бароям имконияти хубе пайдо шуд, то нишон диҳам, ки ӯро чуноне ки ҳаст, дӯст медорам; ман ӯро тамоман на ба хотири дастовардҳояш дӯст медорам.

Боре баъди дарсҳо ман ӯро дар назди мактаб пешвоз гирифтам. Мо сӯи мошин мерафтем, ва ӯ пурсид: «Дада, ту оиди Ҷим Беккер чӣ фикр дорӣ?»

Ҷим ва Тэммӣ Беккер шахсони овозадор буданд, аммо ман намедонистам, ки онҳо дар мактаби дунявӣ мавзӯи гуфтугӯҳо

гардидаанд. Ҳангоме ки ман аз кӯдакон саволи душворро мешунавам, бисёр вақт бо савол ҷавоб медиҳам. Ин тавр барои ман осонтар аст, то қарор диҳам, ки ба кӯдак чӣ ҷавоб диҳам. Ба ғайр аз ин, ман барои андешидан вақти иловагӣ пайдо мекунам.

«Чаро ту инро мепурсӣ?» — савол додам ман.

«О! Имрӯз мо дар синф як соати расо оиди Ҷим Беккер ва ҳамаи он чи ӯ бо Ҷессика Ҳен кардааст, гап задем... Ман донистан мехоҳам, ки ту дар ин хусус чӣ фикр дорӣ».

Дар сари ман вариантҳои гуногуни ҷавоб давр мезананд. Ман фикр кардам, ки бисёрии волидони масеҳӣ ва ҳатто ғайримасеҳиён чунин ҷавоб медоданд:

«Ин хеле бад аст. Ин нафратовар аст. Ӯро аз мартабаи динӣ маҳрум бояд кард. Ӯ ҳатто масеҳӣ ҳам нест».

Ман шубононеро шунидаам, ки ба аҳли калисои худ маҳз ҳамин хел мегуфтанд. Ман хашми онҳоро фаҳмида метавонам. Ҷим Беккерро маҳкум намуда, шубон амалан ба ҷавонписарони калисои худ чунин мегуфт: «Агар ба вазъияти ногувор афтед, пеши ман наоед».

Ба духтарон бошад: «То даме ки шумо покдоман ҳастед, ман шуморо дӯст медорам, аммо агар берун аз никоҳ ҳомила шавед, нафрин мехонам».

Волидони масеҳӣ, ки Ҷим Беккерро мазаммат мекарданд, ноаён ба фарзандонашон талқин мекарданд: «То даме ки ту нашъмандӣ, майпарастӣ ва фосиқӣ намекунӣ, ман туро дӯст медорам».

Ман бояд чӣ ҷавоб медодам? Чӣ тавр ба духтари 13-сола тамоми бадии гуноҳро нишон диҳам, ва дар айни замон гуноҳкорро маҳкум накунам? Ман лаб газида, тез фикр мекардам, ва ниҳоят, чунин гуфтам: «Азизам, он чи Ҷим Беккер кардааст, гуноҳ аст».

Ман ба Келлӣ фаҳмондам, ки чаро ин гуноҳ аст, оиди дар ҳуҷраи меҳмонхона воҳӯрдани Ҷим Беккер бо Ҷессика Ҳен гап задам. Сипас давом додам:

«Аммо, Келлӣ, ту ва ҳамсинфонат бояд боз як чизи дигарро фаҳмед. Худо чуноне ки ба ману ту муҳаббат дорад, ҳамон гуна Ҷим Беккерро дӯст медорад. Масеҳ барои Ҷим Беккер мурд, чуноне ки барои ман ва ту. Агар Худо Ҷим Беккерро бахшида натавонад, моро низ намебахшад».

Мо муддате хомӯшона роҳ мерафтем. Дар айни ҳол ман кӯшиш мекардам суханони мувофиқ ёбам, то ба вай бигӯям: *ман туро на барои он дӯст медорам, ки ту покдоман ҳастӣ; агар ту ногоҳ ҳомила шавӣ, ба ҳар ҳол назди падар омада метавонӣ; файзи Худо на танҳо ба Ҷим Беккер, балки ба ту низ ато шудааст.*

Ман нафаси чуқур кашида, бозистодам ва Келлиро сӯи худ гардонда, гуфтам:

«Азизам, биё воқеъбинона ба ин падида менигарем. Оё тасаввур мекунӣ, ки агар ту ҳомила мешудӣ, бо ман чӣ мешуд? Нисфи аҳли калисои мо аз ман рӯ мегардонданд. Кормандони рӯҳонӣ, роҳбарони нашриётҳо, хабарнигорон, мавъизадиҳандагон ба ман дармеафтоданд».

Чашмони осмониранги Келлӣ аз ҳамдардӣ медурахшиданд: «Медонам, дада».

«Аммо, азизам, — давом додам ман, — мехоҳам, ки ту як чизро донӣ. Агар ту ҳақиқатан ҳомила шавӣ, ман ба он чи аҳли калисои мо мегӯянд, аҳамият намедодам. Ман ба он чи рӯҳониён, роҳбарони нашриётҳо, мавъизадиҳандагон, хабарнигорон, шубонон ё дигар касон мегӯянд, аҳамият намедодам. Ман метавонам аз онҳо рӯ гардонам, аммо аз ту — ҳеҷ гоҳ. Ман туро оғӯш мекардам, ва мо ҳамаи масъалаҳоро ҳал мекардем».

Ин вақт духтари 13-солаам китобҳояшро ба асфалт афтонд, гиря кард, бо дастони худ маро печонда гирифт ва нидо кард: «Медонам, дада! Ту маҳз ҳамин тавр мекардӣ!»

«Хуб, — гуфтам ман. — Ман танҳо инро ёдрас намудам».

Ва худам андеша кардам: *хуб мебуд, ки ин гуфтаҳоямро сахт дар ёд нигоҳ медоштам.*

Ин гуфтугӯ якчанд сол пеш шуда буд. Аз он вақт ман ҳамеша ба ӯ ёдрас менамудам, ки ба ӯ боварӣ дорам ва новобаста ба ҳар воқеаи имконпазир ӯро дӯст медорам. Шумо гумон мекунед: ин шахс худро ба вазъияти хатарнок меандозад, зеро Келлӣ гуфтаҳои ӯро «дастак» карда метавонад. Ё чунин фикр карда метавонад: «Фарқ надорад, ки чӣ гуна рафтор кунам — падар ба ҳар ҳол маро дӯст медорад». Аммо ин маро безобита намекунад. Ман ба Келлӣ боварӣ дорам ва мо якдигарро мефаҳмем.

Аммо ба ҳар ҳол, агар Келлӣ, Кэтӣ ё Ҳэзэр бе никоҳ ҳомила мешуданд, ман чӣ кор мекардам? Ин даҳшатовар мебуд. Аммо ман аз Худо илтиҷо дорам, ки агар чунин шавад, бигузор Ӯ ба ман қувват диҳад, то чунон падаре бошам, ки Ӯ мехоҳад. Бовар дорам, ки Ӯ ба ман ёрӣ медод, то духтарамро ба оғӯш гирам ва воқеаро ҳамроҳи ӯ муҳокима намоям.

## ТИНКЕР БЕЛЛ ВА ХОКАИ МӮЪҶИЗАНОК

Чӣ гуна рафтор намоем, то дар лаҳзаи бӯҳрони вазнин («Оча, ман ҳомила шудаам!») фарзандамонро аз худ дур накунем? Ҳамааш ба

он вобаста аст, ки оё шумо дар вазъиятҳои на ба ин андоза вазнини ҳаррӯза бо фарзанд мусолиҳа карда метавонед. Дар боби 1 ман навиштаам, ки волидони Доттӣ ба ман чӣ таассуроте гузоштаанд. Онҳо муносибати неки худро ба ӯ бо даҳҳо воситаҳо изҳор менамуданд, ва ман ба зудӣ фаҳмидам: ин барои намоишкорӣ нест.

Модари Доттӣ бахшоиши ғайриоддӣ дошт — ба фарзандон нишон дода метавонист, ки аз онҳо фахр мекунад. Ӯ хурсандии худро на танҳо бо суханон, балки бо амалҳо низ нишон медод. Ӯ метавонист ба олами кӯдак дохил шуда ба ҳаёт бо чашмони ӯ нигарад. Ӯ фикрҳо ва майлу рағбатҳои фарзандонро фаҳмида метавонист.

Масалан, ҳангоме ки Доттӣ қариб ҳафтсола буд, китоби маҳбуби ӯ ҳикояҳо оиди Питер Пэн буд. Дар ҷаҳони хаёлот зистан, нақшҳои қаҳрамонони дӯстдоштаи гуногунро бозидан ба вай маъқул буд. Боре модар бо коре машғул буд, Доттӣ бошад ба таххона даромада, қуттии калони хокаи шустушӯйиро ёфт. Хокаро гирифта, вай хокаи мӯъҷизанокеро ба ёд овард, ки Тинкер Белл аз ҳикоя оиди Питер Пэн ба ҳама чиз мепошид.

«Ман Тинкер Белл мешавам ва дар ҳама ҷо хокаи мӯъҷизанок мепошам», — фикр кард Доттии ҳафтсола. Вай дар таххона гашта, хокаро мепошид. Ба зудӣ фарши хона бо қабати хока пӯшида шуд. Муддате Доттӣ дар ҳолати ваҷд ба ҷаҳони хаёлии Питер Пэн ғӯтавар гардида буд. Баъд ба атрофаш нигариста, ногоҳ фаҳмид, ки чӣ кор кардааст: «Чӣ кор бояд кард?»

Баъди якчанд дақиқа модараш омад. Агар дар ин маврид ӯ Доттиро сахт ҷазо медод, касе ӯро маҳкум намекард. Аммо аз рӯи ёддоштҳои Доттӣ, чунин шуд: «Модар тамоман дигар хел аксуламал намуд. Ӯ ба ҷаҳони ман даромад ва фаҳмид, ки ман ҳангоми бозидани нақши Тинкер Белл хокаро пошида, чӣ гуна шодӣ ва ваҷдро ҳис мекардам. Вай дар барам нишаста, маро ба худ ҷафс намуд, ва мо дар бораи Питер Пэн ва саргузаштҳояш сӯҳбат кардем. Вай орзуҳои маро фаҳмид. Мо ба хокаи дар ҳама ҷо пошида нигариста, хандидем, ва баъд якҷоя таххонаро рӯбучин кардем».

Ин қиссаи хурд оиди Доттӣ ва хокаи мӯъҷизаноки ӯ хеле маъқул аст. Он нишон медиҳад, ки ба фарзанд ҳамеша муносибати нек зоҳир кардан мумкин аст. Албатта, бетартибӣ ба модар маъқул нашуд: вай ба Доттӣ фаҳмонд, ки бетартибӣ набояд бошад ва ҳарчи тезтар рӯбучин кардан даркор аст. Аммо дар айни замон вай он он ҳиссиёти зебоеро, ки Доттӣ ҳангоми бозӣ аз сар гузаронд, нобуд накард. Вай ҷанҷол накард, ба сари Доттӣ дод нагуфт, балки кӯшиш кард он чиро, ки барои кӯдак хеле муҳим буд, ҳамроҳи духтараш аз сар гузаронад.

Воқеаи хокаи мӯъҷизанок танҳо яке аз мисолҳоест оиди он, ки модари Доттӣ бо фарзандон робита барпо карда метавонист. Ӯ ба онҳо имкон намедод, ки ҳар чи ба фикрашон ояд, кардан гиранд. Ӯ ҳамеша ба онҳо мефаҳмонд, ки хуб чист ва бад чист. Аммо *муносибатҳои мавзун (мутаносиб), дӯстона бо фарзандон* ҳеҷ гоҳ канда нашуда буданд.

Доттӣ суханони модарро як умр дар ёд нигоҳ дошт: «Кори асосии ҳаёти ман модар будан аст. Ман дигар кас буданро орзу ҳам намекунам — танҳо модари шумоён будан мехоҳам».

## ФАРЗАНДЕ КИ БА ВОЛИДОН БОВАРӢ НАДОРАД, ДАР ТАРСУ ҲАРОС ЗИНДАГӢ МЕКУНАД

Ҳангоме ки ман бо Доттӣ вохӯрданро сар кардам, дарҳол пай бурдам: вай шахсе мебошад, ки ба худ боварӣ дорад. Якчанд нақлҳои ба мавриди «хокаи мӯъҷизанок» монандро шунида, ман сабаби ин бовариро фаҳмидам. Доттӣ далели зиндаи он аст, ки волидони дӯстдор ба фарзанд ёрӣ медиҳанд, ки ба худ боварӣ пайдо кунад. Ҳангоме ки ману Доттӣ оила барпо намудем ва фарзанддор шудем, ман аз он ҳайрон будам, ки ӯ ба онҳо чӣ қадар диққат медиҳад! Ӯ барои ман намунаи ибрат шуд. Ба ӯ нигариста, ман фаҳмидам, ки ба фарзандон чӣ гуна муносибат кардан даркор аст.

Мо самари кӯшишҳои педагогии худро борҳо дидаем Барои падару модар *ҳеҷ чиз* муҳимтар аз он нест, ки бо фарзандон муносибатҳои мавзун (мутаносиб) барпо намояд. Агар кӯдак муҳаббати доимии шуморо ҳис накунад, ба худ дилпурӣ пайдо намекунад. Кӯдаке ки дилпурӣ надорад, ба одамон бовар намекунад. Кӯдаки нобовар ошкорбаён намешавад. Масалан, аз мактаб омада, вай ба шумо нақл намекунад, ки дар мактаб рӯй медиҳад, дӯстонаш чиҳо мегӯянд ва чӣ корҳо мекунанд. Агар фарзанд дилпурӣ надошта бошад ва худро нодаркор ҳис кунад, дар тарсу ҳарос зиндагӣ мекунад.

«Хоҳ-нохоҳ маро намефаҳманд ва ҷанҷол мекунанд — беҳтараш чизе нагӯям».

Ана барои чӣ дар муносибатҳо бо фарзандон дар ҷои аввал бояд субот бошад. Ҳар қадар бештар ба фарзандон нишон диҳед, ки онҳоро бе ҳеҷ сабаб дӯст медоред, онҳо ҳамон қадар ошкорбаён мешаванд, ҳарчи бештар мехоҳанд мушкилоту асрори худро ба шумо гӯянд.

Чуноне ки аллакай гуфтам, ба фарзандон мавзун (мутаносиб) муносибат кардан душвор аст. Танҳо Худо метавонад «бе ҳеҷ сабаб» дӯст дорад. Ман бошам гуноҳкор ҳастам, камбудиҳои бисёр дорам,

аммо бовар мекунам, ки доимо нумӯ карда, ба идеали Худо наздик мешавам.

Гоҳо фарзандон чунон корҳое мекунанд, ки ман забонамро мегазам ва оҳи чуқур кашида, ба ҳавои тоза мебароям. Ман майл ба он дорам, ки фарзандонро сахт ҷазо диҳам, ва гоҳо аз ҳад зиёд. Баъд ман ба хона бармегардам, «ҷораи ҷазодиҳӣ»-ро бекор мекунам ва узр мепурсам. Ман суст ҳастам, аммо қувваи Рӯҳулқудс ба ман лаёқатҳеро медиҳад, ки аз онҳо бехабар будам.

Гуфтаҳои бобҳои аввалро хулоса мекунем. Қоидаҳо бе ҳамдигарфаҳмӣ боиси исён мегарданд. Аммо агар ҳамдигарфаҳмӣ ба даст ояд, ва кӯдак ба ҳиссиёти волидон боварӣ дошта бошад, исён ба миён намеояд. Баръакс, шумо ҳис мекунед, ки кӯдак ба шумо майл дорад. Шояд ӯ на он қадар гапдаро ва меҳрубон мешавад, аммо ӯ бе тарс ба шумо боварӣ хоҳад кард, зеро мефаҳмад: бо вуҷуди ҳама гуна воқеаҳо шумо ӯро дӯст медоред.

Боварӣ ба муҳаббати волидон ба фарзандон имкон медиҳад, ки ба худ боварӣ дошта бошанд. Айнан ҳамин суханонро оиди муҳаббати Худо ба мо гуфтан мумкин аст. Бисёр илоҳиётшиносон чунин меҳисобанд, ки фикри асоситаринро оиди табиати калисо ҳаввори Павлус дар Нома ба Эфсӯсиён ифода намудааст. Павлус оиди калисо — бародарии умумии имондорон менавишт, аммо ин ба оила низ дахл дорад. Павлус дар ибтидои нома ба масеҳиёни Эфсӯс чунин мегӯяд: Худо «моро пешакӣ муайян намудааст, ки ба василаи Исои Масеҳ *бар тибқи салоҳдиди иродаи худ*, ба фарзандӣ қабул кунад» (Эфсӯсиён 1:5, курсиви муаллиф).

Худо моро на аз боиси он дӯст медорад, ки вазифадор аст, балки бо хости Худ. Муҳаббати одамӣ бошад гоҳо ба кӯшиши ирода вобаста аст. Дар боби оянда Дик Дей нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин ҳақиқатро дар шаҳраки камаҳамияте ки аз хонааш ҳазорҳо мил дур буд, фаҳмид ва ин дарс ӯро ва оилаашро барои ҳамеша дигаргун намуд.

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Дар ибтидои боб ҳикояте нақл карда шудааст, ки чӣ хел Ҷош ба дастаи писараш талонҳо барои яхмос дод, то ки онҳо баъди *мағлубияти аввалин* мукофот гиранд. Оё чунин шудааст, ки шумо бо фарзандон ягон мағлубият ё чизи ба ин монандро «қайд» карда бошед?

2. Лаёқатҳои фарзанди худ ва хусусиятҳои хислати ӯро чӣ гуна ошкор карда, майлу рағбатҳо ва истеъдодҳои ӯро донистан мумкин аст? Бо ҳамсаратон муҳокима кунед, ки чӣ гуна то тарбияи «ба қолиб даровардашуда» паст наравед. Муҳокима кунед, ки кадом кӯдак дар оила муносибати махсусро металабад ва чаро? Ба қароре оед, ки нисбати ӯ кадом усулро ба кор мебаред.

3. Тасаввур кунед: духтари шумо бе никоҳ ҳомила шудааст ё писаратон духтареро дар ҳолати ҳомиладориаш тарк кардааст. Оё онҳо дар ин вазъият назди шумо бе тарсу ҳарос омада метавонанд? Оё шумо бо онҳо дар ин бора гап задаед?

4. Фикр кунед, ки чӣ хел ба фарзанди худ бо суханон ва амалҳо нишон дода метавонед, ки ӯ беҳтарин аст.

5. Оё шумо бо Ҷош розӣ ҳастед, ҳангоме ӯ мегӯяд, ки бо фарзанд мавзун (мутаносиб) муносибат кардан осон нест, гоҳо лозим меояд лаб газида, оҳи чуқур кашед, ва хашми худро дар сайру гашт фурӯ нишонед? Дар лаҳзаҳои сустӣ ӯ ба чӣ умед мебандад? Ҳар рӯз дуо карданро фаромӯш накунед:

   > «Худовандо, ба ман ёрӣ деҳ, то он рӯзеро, ки Ту муҳаббати бешарти худро зоҳир намудӣ, дар ёд нигоҳ дорам. Новобаста ба ҳамаи он чи рӯй дода метавонад, ман мехоҳам фарзандонамро ҳамин тавр дӯст дорам. Ба ман барои ин қувват ва хирад деҳ».

# 6 МУНОСИБАТИ МАВЗУН (МУТАНОСИБ) БА ФАРЗАНД ЧУНИН МАЪНО ДОРАД: «ТУ МАХСУС ҲАСТӢ» *(ДИК ДЕЙ)*

Якчанд сол пеш ман дар шаҳри Нюпорт Бич (иёлати Калифорния) дар ҷамоати серодам бо парастории рӯҳонӣ машғул будам. Ҳамсӯҳбати душвортарини ман зани тақрибан сисола буд, ки ба муҳаббат ва ҳамдардӣ эҳтиёҷи сахт дошт. Ягона мушкилӣ аз он иборат буд, ки ӯ оиди муҳаббат ва Худо — сарчашмаи ҳама гуна муҳаббат ва меҳрубонӣ гап задан намехост

Ҷанет дар оила фарзанди ягона буд. Падараш — шахси серталаб ва фармонраво — доимо мегуфт, ки ӯ ҳама корро нодуруст мекунад ва одами *бебарор* аст. Шахси фармонраво ҳокими худписандест, ки ҳокимияти мутлақ дорад. Падари ӯ ба ин тавсифот пурра мувофиқат мекард. Дар ниҳояти кор вай фармонравоии худро ба таври нафратовартарин истифода бурд: ба номуси духтараш таҷовуз кард.

Ман пай бурдам: ҳар боре ки ман Худоро зикр мекардам, мушакҳои Ҷанет таранг мешуданд, ба рӯи ӯ соя меафтид. «Худо» барои имондорон падар аст, аммо вай ҳамон дам падари худро ба ёд меовард. Дарҳол даҳшатҳо ва захмҳои давраи кӯдакӣ ба хотираш меомаданд.

Калимаи «муҳаббат» низ дар вай ҳисси хатарро бедор мекард. Вай ки аз падар на муҳаббат, балки танҳо таҳқир ва таҷовузро дида буд, ба хоҳиши ҷинсии ҳар ҷавоне ки «туро дӯст медорам» гӯяд, гузашт мекард. Албатта, ҷавонон барои ба даст овардани чизи дилхоҳашон ҳар гапро бо осонӣ мегуфтанд. «Туро дӯст медорам» мегуфтанд ва бадани ӯро истифода мебурданд. Дар натиҷа худи калимаи «муҳаббат» барои вай дардовар шуда буд.

Дар тӯли зиндагӣ Ҷанет ҳеҷ чизе ба даст наовард, дигарон бошанд, хусусан мардон, аз вай ҳама чизи мехостаашонро мегирифтанд.

Ҷанет дар хона ғайр аз манъкуниҳо ва таънаҳои падари фармонравояш ва чизи даҳшатноктарин — таҷовуз ба номус — чизеро надида буд. Сабабҳои исёни вай ба падар — заминӣ ва осмонӣ — фаҳмо мебошанд. Маълум аст, ки чаро вай бадан ва рӯҳи худро бо

осонӣ ба ҳар ҷавоне медод. Вазъият ҷиддӣ буд — шахс пурра инони ихтиёрро аз даст додааст.

Ба Ҷанет чӣ гуна ёрӣ додан мумкин буд? Нишон додани он ки падари дӯстдори осмонӣ ба падари суст, асабонӣ ва фосиқи вай монанд нест. Барои бо ӯ забони умумӣ ёфтан ман кореро кардам, ки барои бисёрии масеҳиён ғайриоддӣ аст: оиди «Мавҷуде» гап задам, ки вайро дӯст медорад. Ман ба худ нақши тасаллодиҳанда, падари насиҳатгарро гирифтам, аммо на барои он ки ба ҳусни таваҷҷӯҳи ӯ ноил шавам, балки барои он ки вайро назди Падари осмонӣ *оварам*. Дар охир вай муносибати неки маро дарк намуд, ва ман имкон пайдо кардам, ки ба вай оиди Худо, оиди муҳаббати Ӯ гап занам. Баъди муддате ман дидам, ки ба Ҷанет на танҳо маслиҳатҳои ман, балки муҳаббати Худо низ таассурот мебахшанд.

## ИСЁН ЯКЕ АЗ ВОСИТАҲОЕСТ БАРОИ ЧУНИН ГУФТАН: «БА МАН ДИҚҚАТ ДИҲЕД, МАРО ДӮСТ ДОРЕД!»

Ҳангоме ки шахс худро нодаркор ҳис мекунад, исён мебардорад. Шаклҳои исён хеле гуногун буда метавонанд. Ҷанет исёнро ба ифрот расонда буд, аммо ҳисси нодаркор будан кӯдаконро ба корҳои на он қадар ҷиддӣ низ водор мекунанд. Масалан, ҳангоми парастори рӯҳонӣ шуда кор карданам ман ба мактабҳо бисёр мерафтам. Яке аз вазифаҳои ман аз он иборат буд, ки ҳангоми танаффусҳо ба муаллимон дар нигоҳ доштани тартибот ёрӣ диҳам. Муаллимон мегуфтанд, ки қариб 80–90% бетартибиҳоро хонадагон дар назди онҳо содир мекунанд. Ин аҷиб метофт: агар кӯдакон дар гӯшаи дуртари ҳавлии мактаб, дар ҷои ба назар намерасида авбошӣ мекарданд, мантиқи бештаре мебуд.

Аммо ман ба муаллимон фаҳмондам, ки кӯдакон бо чунин рафторашон гӯё мегуфтанд: «Ман дар ин ҷоям! Ба ман муҳаббат даркор аст. Агар маро касе дӯст надорад, бигузор ақаллан диққат диҳанд. Ман барои ин ҳама корро мекунам». Ин кӯдакон дар оила муҳаббатро надидаанд, онҳо ҳатто нафратро надидаанд! Барои аз шахсе нафрат доштан ба ӯ диққат додан даркор аст. Волидон нисбати онҳо тамоман бепарво буданд. Кӯдакон барои онҳо аҳамияте надоштанд. Сахттарин таҳқир он аст, ки ба шахс тамоман аҳамият надиҳед, гӯё ӯ вуҷуд надорад.

Одатан кӯдакони хурдсол ва синнашон миёна ошкоро исён мекунанд. Аммо хонандагони синфҳои болоӣ низ исёнкор мебошанд. Аммо онҳо бо назокат зоҳир кардани исёнкории худро ёд гирифтаанд.

Моҳият дар он аст, ки *ҳар як шахс, хусусан кӯдак, мехоҳад, ки ӯро фаҳманд*. Агар ӯ чизи мехостаашро бо як восита ба даст

наоварад, воситаи дигареро ихтироъ мекунад, ҳатто агар он ба атрофиён қобили қабул набошад ҳам. Чаро ин тавр аст?

Ману Ҷош чунин меҳисобем: ҷавоб дар табиати инсон ва моҳияти муносибатҳои ӯ бо Худо аст. Мо ба ҳамдигарфаҳмӣ аҳамияти зиёд медиҳем, зеро он санги зовияест, ки Худо онро ба инкишофи шахсияти инсон ворид намудааст. Худо Падари осмонист — Ӯ мехоҳад, ки рафтори фарзандони Худро дигаргун намояд. Аммо пеш аз он ки ин корро кунад, Ӯ ба мо файзи Худро зоҳир менамояд. Файз чист? Муҳаббати бешарт. Китоби Муқаддас аниқ таълим медиҳад: набояд кӯшиш ба харҷ диҳем, ки Худо моро қабул намояд. Ӯ моро чуноне ки ҳастем, бо гуноҳҳо ва хатоҳоямон қабул мекунад.

Волидон ин принсипро ҳар қадар беҳтар аз худ кунанд, муносибаташон бо фарзандон ҳамон қадар беҳтар мешавад. Ҳар як шахс кӯшиш мекунад, ки ҳисси *боварӣ* дошта бошад — ҳис кунад, ки ӯ даркор аст, арзиш дорад. Ин қадами аввал ба сӯи худэҳтиромкунӣ аст.

Равоншинос (психолог) Натаниэл Бранден, ки оиди масоили худбаҳодиҳӣ асарҳои зиёде навиштааст, чунин ақида дорад: ба худэҳтиромкунӣ зарурат доштани шахс яке аз эҳтиёҷоти асосии ӯст. Аммо шахс намедонад, ки ин эҳтиёҷро чӣ гуна қонеъ гардонад. Вай инро бо мурури замон ошкор мекунад. Мутаассифона, аксаран кӯшиши ба даст овардани худэҳтиромкунӣ боиси худвайронкунӣ мегардад.

## ТАСАВВУРОТИ НОДУРУСТ ОИДИ ҶАҲОН БА ҶУСТАНИ ҶАВОБҲО ХАЛАЛ МЕРАСОНАНД

Оё шумо порчаҳои бозии муамморо ҷо ба ҷо кардаед? Бисёриҳо порчаҳоро ба фарш рехта, тасвири дар қуттӣ бударо аз назар мегузаронанд. Ҷо ба ҷо кардани муамморо аз гӯшаҳо ва канорҳояш сар карда, тадриҷан сӯи марказ ҳаракат кардан мумкин аст. Тасвири рӯи қуттӣ ба мо тасаввуроти умумӣ дода, нишон медиҳад, ки порчаҳои муамморо чӣ гуна ҷо ба ҷо кардан даркор аст.

Аз як ҷиҳат ҳаёт низ муаммо аст. Аммо бисёриҳо кӯшиш мекунанд, ки ба қуттии дигар нигариста, онро ҷо ба ҷо кунанд.

Бо гурӯҳҳои волидон ва ҷавонон кор карда, ману Ҷош пай бурдем: онҳо камаш чор тасвири нодуруст доранд — намуди зоҳирии шахс, дастовардҳои ӯ, мартабаи ӯ дар ҷамъият ва сарват.

Ман ҳанӯз касеро вонахӯрдаам, ки нисбати *намуди зоҳирии худ* бетараф бошад. Дар китоби доктор Ҷеймс Добсон «Пинҳон кардан ё ҷустан» бобе ҳаст, ки «Тангаи тиллоии арзиши инсон» ном дорад. Ӯ оиди зебоии инсон менависад[1].

Муҳим нест, ки умуман дар кишвар барои ҷолибтар гардондани намуди зоҳирӣ чӣ қадар саъю кӯшиш ё чанд миллион доллар сарф мешавад. Мо ба ҳар ҳол ба тасвири қуттии дигар менигарем. Ин барои ёфтани калиди сирри арзиши инсон ёрӣ намедиҳад. Илова бар ин, ба ҷолибияти ҷисмонӣ аҳамияти барзиёд дода, мо ҳатман ба тасвири нодурусти дуюм диққат медиҳем — *дастовардҳо*. Дамбо ном филчаи гӯшкалонро ба ёд оваред. Аз боиси намуди зоҳириаш ҳама аз ӯ рӯ гардонданд. Ӯ чӣ кор кард? Ӯ парвоз карданро ёд гирифт!

Вақте одамон ба хулосае меоянд, ки ба намуди зоҳирӣ умед баста наметавонанд, норасоии зебоиро бо дастовардҳо ҷуброн мекунанд. Чуноне ки дар боби оянда мебинем, кӯдакро барои дастовардҳояш таъриф кардан даркор аст, аммо аввал ӯ бояд фаҳмад: худэҳтиромкунӣ аз дастовардҳо барнамеояд.

## ХАРАКИРӢ АЗ БОИСИ БАҲОИ ЧОР

Коҳини шаҳраки донишҷӯён донишҷӯеро назди ман овард, ки ба ҳадди худкушӣ расида буд. Донишҷӯи донишгоҳи калон дар арафаи гирифтани медали тилло буд. Аммо инак дар тӯли 14 соли таҳсил ӯ баҳои чор гирифт. Ман дар ёд дорам, ки ҳангоме бори аввал баҳои чор гирифтам, ҳамон дам ба «қайд кардан»-и он рафтам. Аммо ин ҷавонписарро баҳои чор ба фикри худкушӣ овард.

Вай дар оилаи японӣ фарзанди калонӣ буд. Агар шумо оиди маданияти осиёӣ чизе донед, мефаҳмед, ки ӯ чӣ душворие дошт. Иззати нафси ӯ пурра дар дастовардҳои ӯ асос ёфта буданд. Акнун бошад ӯ баҳои чор гирифта, «ноком» шуд, ва таҳдиди худкуширо ҷиддӣ ҳисобидан даркор буд. Хушбахтона, ба ман муяссар шуд, ки ӯро аз ин қадами даҳшатовар боздорам.

## САРВАТ ВА МАРТАБА ДАР ҶАМЪИЯТ НИЗ МАҚСАДҲОИ НОДУРУСТАНД

Дигар тасвири нодуруст (бар иловаи намуди зоҳирӣ ва дастовардҳо) *сарват* аст. Аз худи кӯдакӣ дар назди мо қуттии экрандор (телевизор) меистад. Он бо ҳазорон воситаҳо ба мо талқин мекунад: «Бихар! Ба даст овар! Соҳиб шав!» Мувофиқи як тадқиқот, то лаҳзаи хатми мактаб аз пеши назари одам қариб 50 ҳазору сесад эълони рекламавӣ мегузарад[2].

Стефен Эйр дар китоби худ «Куштани аждаҳоёни ҷаҳон» чунин менависад: «Мутахассисони реклама даҳҳо воситаҳоеро доранд, то ба мо талқин намоянд, ки ҳар қадар дороии бештар дошта бошем, худро ҳамон қадар беҳтар ҳис мекунем». Мошини хуб, хонаи хуб, либоси

хуб, дандоншӯяки хуб харидан даркор аст. Ва ҳамаи мушкилот ҳал мешаванд.

Сиренаҳо дар Мэдисон-авеню ба мо месароянд, ки ҳама чизро ба даст овардан мумкин аст — муваффақият, осудагӣ дар дил, хушбахтӣ, — танҳо бихар ва соҳиб шав. Воситаҳои ахбори умум ба мо талқин менамоянд, ки сарват хурэҳтиромиро ба вуҷуд меоварад. Моро ба фикре омӯхта мекунанд: «Ҳар қадар бойтар бошӣ, ҳамон қадар беҳтар». Истеъмол — акнун мақсади зиндагии мо ҳамин аст»[3].

Сарват ҳанӯз ҳама чиз нест. Боз як тасвири нодуруст — *мартаба дар ҷамъият* аст. «Одам соҳиби тақдири худ аст» — ин суханон ба мо маъқуланд. Исо се сол ба шогирдонаш мефаҳмонд, ки онҳо набояд оиди худ аз рӯи сарвати ғункарда ё мартабаашон дар ҷамъият баҳо диҳанд. Баръакс, Ӯ доимо ба онҳо оиди он мегуфт, ки «дар осмон сарват ғун кунанд» (Матто 6:19–21).

Дар Инҷили Марқӯс мо саҳнаеро мебинем. Исо бо шогирдонаш сафар мекунад. Баъди як рӯзи роҳ Исо пурсид: «Дар роҳ оиди чӣ баҳс доштед?»

Ногоҳ хомӯшӣ фаро расид. Ҳеҷ кадоми шогирдон иқрор шудан намехост: мавзӯи баҳс он буд, ки кадоме аз онҳо якум аст. Он гоҳ Исо дар байни онҳо нишаст ва гуфт: «Ҳар кӣ мехоҳад нахустин бошад, вопасин ва хизматгори ҳама шавад» (Марқӯс 9:33–35).

Ҳамин тавр Исо бо як мулоҳизаи аниқ ба шогирдон фаҳмонд: онҳо дар назди Худо баробар мебошанд. Аҳамиятнокии шахс на бо калимаи «якум» муайян карда мешавад. Баръакс, Исо сурати хизматгореро мекашад, ки на аввалин, балки охирин шуда, ба худ боварӣ пайдо мекунад. Ана симои доҳии ҳақиқӣ ва бузургии ҳақиқӣ.

Дарси хизмат карданро дода, Исо кӯдакеро, ки дар он ҷо буд, бардошт ва оғӯш карда, гуфт: «Ҳар кӣ яке аз ин гуна кӯдаконро ба исми Ман қабул кунад, вай Маро қабул мекунад» (Марқӯс 9:37).

Чаро Исо намунаи кӯдакро истифода бурд? Чунки шогирдон дастовардҳои худро ба асос гирифта, оиди мартабаи аввал баҳс мекарданд. Исо бошад қарор дод ба онҳо шахсеро нишон диҳад, ки ҳанӯз дастоварде надорад.

Моҳиятан Исо ба онҳо чунин гуфт: «Назди ман ба монанди ин кӯдак омадан даркор аст — бе даъвоҳо, бе ҳилагарӣ. Ба Ман корҳои худ, муваффақиятҳои худро нишон надиҳед. Ба Ман ва ба Падари осмонии Ман набояд гӯед, ки кадоми шуморо бояд дӯст дорем. Мо бе ин ҳам шуморо дӯст медорем, чунон ки кӯдаки хурдеро, ки бо боварӣ дастонашро сӯи мо дароз мекунад, дӯст медорем».

Арзишнокии шумо на дар муваффақиятҳо ва мартаба дар ҷамъият асос меёбад. Арзишнокии шумо на дар он чи доред ё он чи мекунед, асос меёбад. Арзишнокии шумо дар он асос меёбад, ки *шумо кистед*, — дар шахсияте ки ба сурати Худо офарида шудааст».

**УМҚИ МУҲАББАТИ ХУДО**

Барои дурусттар фаҳмидани суханоне ки Исо ба шогирдон (ва ба мо) гуфт, бояд саволеро фаҳмем: Худо кист? Юҳанно, шогирде ки дарси Исоро хубтар аз ҳама аз худ карданӣ буд, ҳавворӣ шуд. Ба ғайр аз Инҷил ӯ ба калисоҳои масеҳиён се нома навиштааст. Дар яке аз онҳо (1Юҳанно 4:17) ӯ ҳақиқати содда, аммо амиқро баён намудааст: «Худо муҳаббат аст». Юҳанно калимаи юнонии «агапе»-ро истифода бурдааст — муҳаббати бешарт ва комил, ки мукофотро толиб нест ва ба он эҳтиёҷ надорад.

Худо эҳтиёҷи рафънашавандаи дӯст доштанро дорад. «*Агапе*» -и Худо бояд предмете дошта бошад, ки ӯ муҳаббати Худро бар ӯ фурӯ мерезад. Шояд чунин тобад, ки Худо моро барои қонеъ намудани талаботҳои Худ офаридааст. Агар чунин бошад, саволе ба миён меояд: наход Худо худкифоя нест? Ин масъаларо бо фаҳмидани ин матлаб ҳал кардан мумкин аст: Худо эҳтиёҷеро, ки ба муҳаббат дорад, дар чорчӯбаи Ваҳдати Сегона қонеъ мегардонад. Ӯ табиати Худро, ки камолотро металабад, дар Илоҳ — Падар, Писар ва Рӯҳулқудс ифода мекунад. Дар асл Худо ғайр аз Худ ба касе эҳтиёҷ надорад. Бо вуҷуди ин, дар китоби Ҳастӣ Худо гуфтааст: «Одамро ба сурати *Мо* биофарем» (Ҳастӣ 1:26).

Моҳият дар он аст, ки *мо ба Худо даркор набудем*. Аммо Ӯ хост, ки мо ба вуҷуд оем, ва то ҳол аз мо шод аст. Мо мавҷудоти фонӣ ҳастем, ки ба сурат ва шабоҳати Худо офарида шудаем. Ин маънои онро дорад, ки Ӯ ба мо қобилияти дӯст доштанро додааст — дӯст доштани Ӯ ва наздикон, пеш аз ҳама фарзандони худ. Аммо барои бо фарзандон муносибатҳои пурмаъно барпо намудан хоҳиш ва боварӣ даркор аст.

Худо ба мо қобилияти интихоб намуданро додааст — интихоб намудани некӣ ва бадӣ. Мард ва зани аввалин аз санҷиш нагузаштанд, ва акнун барои гуноҳҳои онҳо мо азият мекашем. Одам ва Ҳавво бадиро интихоб карданд, чунки ба Худо, ба суханони Ӯ шубҳа карданд. Симои илоҳӣ, ки дар инсон аст, аз боиси гуноҳи аввалин вайрон шудааст, аммо он пурра барҳам нахӯрдааст. Худо дӯст доштани одамро давом медод ва барои исботи муҳаббати Худ Писарашро ба салиб фиристод.

## ХАЗИНАИ ДОНИШҲОИ ИЛОҲӢ ТАМОМНАШАВАНДА АСТ

Ман солҳои дароз бо парастории рӯҳонӣ машғул шуда, боварӣ ҳосил намудам: масеҳиён бояд якҷоя ҷамъ шаванд, то ки хислати Худо ва арзишнокии Худро беҳтар фаҳманд. Дар ниҳояти кор ман кори парастории рӯҳониро тарк кардам ва ба Ҷулиан — шаҳраки хурдакак дар шарқтари Сан-Диего дар Калифорния кӯчидам. Ман дар ташкил намудани маркази Ҷулиан — ташкилоти ғайритиҷоратие ки вазифааш ба одамони синну солашон гуногун кӯмак расондан буд, ёрӣ медодам: ҳамаи имондорон бояд ҷаҳонбинии масеҳиро дар худ ташккул диҳанд ва ҷои худро дар ҷамъият бинанд. Мо курси таълимӣ таълиф намудем, ки асосҳои илоҳиёт, равоншиносӣ, таърих ва табиатшиносиро дар бар мегирад. Мақсади мо инкишофи ҳаматарафаи *шахсият* аст: инкишофи зеҳнӣ ва рӯҳонӣ, ба ҷамъият муттаҳид шудани шахсият, инкишофи хислат.

Ба зудӣ Ҷош низ бо оилааш ба Ҷулиан кӯчида омад. Ӯ дар ташкилоти мо дарс медод. Дар тӯли даҳ соли кор маркази Ҷулиан ҳаёти бисёр соҳибкорон, занҳои хонашин, донишҷӯён, ходимони масеҳӣ, миссионеронро дигаргун кард.

Барнома омӯзиши илоҳиёт, фалсафа, таърих, санъат, рӯҳшиносӣ ва ҷамъиятшиносиро дар бар мегирифт. Дар давоми курси босуръати семоҳа мо ба муносибатҳои байни хонандагон, ба ҳолати ботинии онҳо диққати зиёд медодем.

Яке аз қисмҳои барномаро мо «Таҷрибаи хилватнишин» номидем. Хонандагон ба кӯҳҳо мерафтанд, ҷамъ кардани рюкзакро ёд мегирифтанд, оиди дар ҳолатҳои душвор зинда мондан тестҳо месупориданд. Мо донишҷӯёнро ёд медодем, ки дар вазъиятҳои бӯҳронӣ чӣ гуна рафтор намоянд.

Қисми илоҳиётшиносиро донишҳое ташкил медоданд, ки ман дар семинария ҳосил намуда будам. Дар айни ҳол ман диққати асосиро ба муҳаббати тамомнашавандаи Худо равона мекардам. Ман чунин меҳисобидам, ки худам ин ҳақиқати бузургро хеле хуб мефаҳмам. Дар ин вақт ман аллакай чор фарзанди хурд доштам. Ман назди Масеҳ омада, қасам хӯрдам, ки фарзандонро мувофиқи идеалҳои олии Худо тарбия мекунам. Ман кӯшиш мекардам ба онҳо муҳаббати тамомнашавандаро нишон диҳам. Чор фарзанди аввалро ману Шарлотта мувофиқи тасаввуроти худ оиди ин принсипи бузургтарини Китоби Муқаддас тарбия мекардем. Аммо солҳо мегузаштанд, ва ман фаҳмидам: ман ҳанӯз на ҳама дарсҳои Китоби Муқаддасро аз худ кардаам.

## ИЛОҲИЁТШИНОСИЕ КИ ҶИСМ ВА ХУН ДОРАД

Баъди 16 соли зода шудани фарзанди чорум Ҷонатан таваллуд ёфт. Ман аз чилсолагӣ гузашта будам. Ҷонатан хурдакак зода шуд, вазнаш аз ду кг камтар буд. Мегӯянд, ки дар синни баъди чилсолагӣ зода шудани кӯдак тасодуф ё «баракати тасодуфӣ» аст. Аммо ман дигар хел фикр карданро афзал медонам: Худо ба мо Ҷонатанро дод, то ки мо ӯро аз рӯзи зода шуданаш ба тарви масеҳиёна тарбия кунем

Ҳангоме ки Ҷонатанро аз таваллудгоҳ ба хона оварданд, ман ҳар бегоҳӣ ба хонаи хоби ӯ даромада, нигоҳ мекардам, ки чӣ гуна ӯ дар кат хобидааст, ва аз он шод мешудам, ки ин писари ман аст. Шояд Иброҳим ҳамин гуна ҳиссиётро аз сар мегузаронд, ҳангоме ки дар пиронсолӣ писараш Исҳоқ зода шуд.

Чӣ хел нағз! Ин фарзанди ман аст! — мегуфтам ман. — Ба ин кӯдак нигаред! Ба мӯйҳои маллаи ӯ нигаред. Ин кӯдаки ман аст. Худоё, Туро шукр мегӯям».

Ҳамин тавр дар тӯли шаш сол бегоҳ аз пайи бегоҳ, ҳафта аз пайи ҳафта, сол аз пайи сол мегузашт. Ҷонатан шоҳзодаи хурди мо буд.

Ҳангоме ки ӯ шашсола шуд, ману Шарлотта дар маъракаи калони инҷилшиносонӣ иштирок доштем, ки онро «Ҳаёти нав» дар Корея ташкил намуда буд. Натиҷаҳои ин маърака бағоят назаррас буданд. Бегоҳии охирин дар майдони Иойдо 2.7 миллион масеҳиён ҷамъ омаданд, то ки дуо кунанд ва Худоро ҷалол диҳанд. Чунин ҷамъомади калони масеҳиёнро ҷаҳон то ҳол надида буд. Ман ҳамроҳи онҳо «Ҳалелуё» месурудам, ва чашмони ман аз ашк пур мешуданд.

Воқеаҳои он бегоҳ ба ман таассуроти бузург расонданд, аммо ҳаёти маро дигаргун накарданд. Аммо ба ҳар ҳол 24 соат пеш аз бозгашт ба ИМА ҳаёти ман дигаргун шуд.

Пагоҳии якшанбеи боронӣ, як рӯз пеш аз сафар ману Шарлотта ба хонаи кӯдакон, ки дар як гӯшаи Сеул буд, рафтем.

Чаро мо ба хонаи кӯдакон рафтем? Кӯдакон ба мо даркор нестанд: мо аллакай панҷ фарзанд доштем. Чор нафари онҳо писарон мебошанд. Дар хона одамон бисёранд. Барои тақсим намудани мероси ночизи ман ба қадри кофӣ меросхӯрон ҳастанд.

Мо ба қадри кофӣ фарзандон доштем, аммо мехостем ба кӯдаке ки на оила дорад ва на муҳаббатро дидааст, ҳам ин ва ҳам онро диҳем. Дар ниҳояти кор директор панҷ кӯдакро овард ва пурсид:

«Кадоми онҳоро мегиред?»

«Кадоми онҳоро мегиред?» — Савол моро водор менамуд, ки интихоб намоем. Гӯё ба сари мо як сатил об рехтанд: мо ногоҳ фаҳмидем, ки танҳо як нафарро гирифта метавонем, ва чор нафари

дигар дар ин ҷо мемонанд. Ду нафари онҳо ҳанӯз тифл буданд, ва мо қарор додем, ки Худо на онҳоро барои мо омода намудааст. Мо мехостем барои Ҷонатан бародар ё хоҳаре пайдо кунем. Ин интихоби моро то се нафар маҳдуд намуд: духтараки чорсола, писараки панҷсола ва духтараки шашсола.

Дақиқае нагузашта, духтараки чорсола болои зонуи ман баромада нишаст ва ба забони худ гап задан гирифт. Духтараки шашсола бошад чун модари хурдакак рафтор менамуд. Вай лӯхтакбозӣ мекард, то даме ки лӯхтакҳоро аз дасти ӯ гирифтанд. Ӯ ба назар маҳин, аҷоиб метобид.

Баъд мо ба писараки панҷсола диққат додем, ки гӯё аз ҳамаи ин воқеаҳо тамоман парвое надошт. Ману Шарлотта аз ҳама хоҳиш кардем, ки интизор шаванд, ва аз ҳуҷра баромада, дуо кардем. Баъд гиристем. Баъд боз дуо кардем. Ҳамин тавр мо мегиристем, дуо мекардем, боз мегиристем ва баъд дуо мекардем.

Худоро шукр мегӯям, ки он рӯз борон меборид: ман ба кӯча баромада, рӯямро ба қатраҳои борон доштам. Ман метарсидам, ки директори хонаи кӯдакон фикр мекунад, ки ин амрикоиҳо чун фоҳишаҳои эҳсосотӣ рафтор мекунанд, ва ҳеҷ кадом кӯдакро ба мо намедиҳад.

Ҳангоми дуо Худо ба мо нишон дод, ки киро интихоб намоем. Танҳо Худо ба ин қодир аст. Ӯ ба ҳар дуи мо хоҳиши якхела дод. Мо чӣ кор карданамонро намедонистем ва фикри якдигарро пай бурданӣ мешудем.

Аллакай қариб рӯҳафтода шуда, мо қарор додем, ки қуръа партоем: маслиҳат кардем, ки баробари ишора миқдори муайяни ангуштонро ба кафи якдигар андозем, то нишон диҳем, ки киро интихоб кардаем. Як ангушт кӯдаки чорсоларо ифода мекард, ду ангушт — панҷсоларо ва се ангушт — шашсоларо.

Ва мо бо ҳайрат дидем, ки ҳар ду ба кафи якдигар ду ангушт андохтаем. Шарлотта гумон мекард, ки ман духтараки чорсоларо гирифтанӣ ҳастам, ман бошам боварӣ доштам, ки ба Шарлотта кӯдаки шашсола маъқул шудааст. Аммо дар лаҳзаи интихоб маълум шуд: Худо ба мо гуфт, ки писари панҷсоларо гирем.

Директор табассум намуд ва барои тайёр намудани ҳуҷҷатҳои писархондкунӣ рафт. Ман чунин мепиндоштам, ки душвориҳо паси сар шудаанд, аммо ҳайҳот. Ногоҳ фикре ба сарам омад: *оё ман метавонам ин писаракро чун Ҷонатан, чун шоҳзодаи ман дӯст дорам?* Сипас ман овози паст ва оромеро шунидам: «Дик, он чиро, ки оиди оила ва никоҳ мегӯӣ, ба ёд овар. Муҳаббат интихоб аст. Ин ҳиссиёт нест — одам бошуурона интихоб мекунад, ки дӯст дорад ё не».

Он гоҳ ман фаҳмидам: ман бояд қадами имонро гузорам, интихоб намоям. Ман мебоист *қарор медодам*: ман ба ин кӯдак падари хуб мешавам, ӯро чун Ҷонатан ва дигар фарзандонам то охири умр дӯст медорам.

Мо ба ҳамаи ҳуҷҷатҳо имзо гузоштем ва рӯзи дигар ба ватан баргаштем. Ма борҳо фикран ба ин воқеа бармегаштам, ва шабоҳатеро ҳис кардам.

**ШОҲЗОДАИ ХУРД ВА «ИНТИХОБШУДА»**

Мо Ҷонатанро — фарзанди давраи миёнсолиамонро, шоҳзодаи худ меҳисобидем, чуноне ки Исҳоқ барои Иброҳим буд. Ва инак дар оилаи мо «интихобшуда» пайдо шуд — Тиммӣ, чуноне ки мо ӯро номидем. Пораҳои муаммо якҷоя шуданд. Ва дар ин вақт илоҳиёт — суханони оқилона — ба шакли ҷисм ва хуни зинда даромаданро сар кард. Илоҳиёт таълим медиҳад: Худо Падар аст, Исои Масеҳ Писар (шоҳзода-ворис) аст, ва ман, Дик Дей, — «интихобшуда» мебошам. На ман Худоро интихоб кардам, Ӯ маро интихоб намуд. Ин ба ҳар як масеҳӣ низ дахл дорад.

Ва инак қиссаи абадӣ дар оилаи ман такрор мешавад. Ман падар ҳастам, Ҷонатан «шоҳзода», Тиммӣ «интихобшуда»-и ман аст.

Оиди ин фикр карда, ман ба муҳаббати Худо ба таври дигар нигаристам. Худо маро интихоб намуда, бе ягон шарт ва босаброна дӯст медорад. Ман Тиммиро интихоб намудам, яъне ӯҳдадор шудам, ки айнан ҳамин тавр бе ягон шарт ва босаброна дӯст дорам. Ман боварӣ ҳис мекунам, зеро медонам, ки Худо маро дӯст медорад, бинобар он ин ҳисси бовариро ба фарзандон дода метавонам.

Ин китоб оиди бисёр ҳақиқатҳои олӣ нақл мекунад, оиди тарбияи кӯдакон бисёр маслиҳатҳои пурқимат пешниҳод мекунад. Аммо китоб дар ақидае асос ёфтааст, ки *ҳар як кӯдак барои Худо беандоза гаронбаҳост*. Масеҳиён бисёр вақт барғалат гумон мекунанд, ки танҳо баъди ба Исои Масеҳ имон овардан дар назари Худо арзиш пайдо мекунанд. Чунин ҳисобида мешавад, ки онҳо ҳеҷ арзише надоштанд, гуноҳкорони вайроншудаи сазовори дӯзах буданд. Аммо ин тавр нест. Арзиши мо на дар он аст ки мо худро ба Масеҳ ҳамто кардем. Он лаҳзае ки мо имон овардем, лаҳзаи ба Худо боварӣ пайдо кардан аст.

Касе дар суханони ман бисёр хатоҳои илоҳиётӣ пайдо мекунад, аммо биёед якҷоя фикр мекунем. Агар ба Худо танҳо масеҳиён азиз бошанд, дар ҳаққи гуруснагони Африқо ё кӯдакони ҳанӯз зоданашуда ғамхорӣ кардан чӣ даркор аст? Охир, онҳо ҳанӯз имон наовардаанд-

ку. Маълум мешавад, ки бо вуҷуди гуноҳолуд буданаш, ҳар як инсон барои Худо азиз аст, чунки ба сурати Ӯ офарида шудааст. Бешубҳа, ин сурат ба таври даҳшатовар доғдор ва вайрон шудааст, аммо он сурати Ӯст! Арзиши инсонро нақшаи абадии Худо муайян мекунад.

Кафорат бори дигар тасдиқ мекунад: Худо моро дӯст медорад. Наҷот ба мо имкон медиҳад, ки муҳаббати Ӯро ҳис кунем. Худо ба мо *эҳтиёҷ надорад*. Аммо аз рӯи марҳамати Худ Ӯ моро дӯст медорад, зеро моро дӯст доштан *мехоҳад*.

Мо волидони ба сурати Худо офаридашуда ҳастем, бояд ба қадри имкон хислати Худоро ба фарзандон нишон диҳем. Вазифаи асосии мо ин аст: ба онҳо нишон диҳем, ки онҳо низ ба сурати Худо офарида шудаанд; онҳо барои Ӯ беандоза азиз мебошанд.

Тиммӣ ба Амрико омад ва узви оилаи мо шуд. Аммо пеш аз он ки ӯ ба мо ва ба маданияти мо одат кунад, моҳҳои зиёд гузаштанд. Боре ман аз ӯ пурсидам:

«Тиммӣ, ту ба Корея баргаштан мехоҳӣ?»

«Не», — ҷавоб дод ӯ.

«Барои чӣ?» — пурсидам ман. Ҷавоби ӯро ҳеҷ фаромӯш намекунам:

«Чунки дар ин ҷо маро дӯст медоранд».

Хуб гуфта шудааст, ҳамин тавр не? Ба муҳаббати бесабаб тавсифи илоҳиётшиносона додан мумкин аст. Онро аз нуқтаи назари рӯҳшиносӣ маънидод кардан мумкин аст, аммо муҳаббати бесабаб дар амал бо ин суханон ифода меёбад: «Ана оилаи ман. Дар ин ҷо ман худро *махсус* ҳис мекунам».

Агар ҳар як кӯдак дар бораи оилаи худ чунин гуфта метавонист, хуб мебуд.

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Дар ин боб Дик менависад, ки кӯдакон то дараҷае ба субот ва муҳаббат эҳтиёҷ доранд, ки тайёранд ба авбошӣ даст зананд, то ки ба худ диққатро ҷалб намоянд. Шумо чӣ фикр доред, оё ҳар кадоми мо ба дӯстдошта будан эҳтиёҷи сахт надорем?

2. Дик оиди «қуттиҳои нодурусти бозии муаммо», яъне оиди воситаҳои маъмултарини қонеъ гардондани эҳтиёҷ ба субот ва муҳаббат гап мезанад. Сухан дар бораи *намуди зоҳирӣ, дастовардҳо, сарват ва мартаба дар ҷамъият* меравад. Кадоме аз ин воситаҳо шуморо ба васваса меандохтанд, ва кадоме — фарзандонатонро? Бо ҳамсаратон гап зада, муайян кунед, ки ба фарзандон кадом намунаро нишон медодед — нек ё бад? Фарзандон аз шумо чиро қабул кардаанд?

3. Дар охири боб қиссаи Тиммӣ, писараки кореягие нақл карда шудааст, ки ӯро дар синни 5-солагиаш Дик ва Шарлотта писархонд кардаанд. Ҳангоме Тиммӣ гуфт, ки ба Корея баргаштан намехоҳад, «чунки дар ин ҷо ӯро дӯст медоранд», онҳо боварӣ ҳосил карданд, ки Тиммӣ узви оилаи онҳо шудааст. Шумо ба кӯдакон чӣ тавр мефаҳмонед, ки онҳо дӯстдошта ва махсус ҳастанд?

# ҚИСМИ III

## ТАҲСИН: КАЛИДИ ДАРКИ АҲАМИЯТНОКИИ ХУД

Дар қисми дуюми китоб мо дидем, ки муносибатҳои нек ва мавзун (мутаносиб) бо фарзандон муҳиманд, зеро ба онҳо ёрӣ медиҳанд, то фаҳманд, ки ҳаёт маънову аҳамият дорад. Аз паси муҳаббат ва субот таҳсин меояд. Шахс мефаҳмад, ки на танҳо худи ӯ, балки ҳамаи он чи ӯ *мекунад*, аҳамият дорад. Ва гап на дар бораи хоҳиши таҳсин аст (агарчи ин ҳам муҳим аст). Таҳсин барои фаҳмидани *аҳамиятнокии* худ ёрӣ мерасонад: шахс ҳис мекунад, ки ҳам ӯ ва ҳам кори ӯ ба ғайр аз худаш барои касе муҳиманд. Ана барои чӣ ин қадар муҳим аст, ки волидон дастовардҳои фарзандонашонро қадр кунанд, аммо дар айни замон дастовардҳоро ба мақсади зиндагии онҳо табдил надиҳанд. Ду боби минбаъда ба он бахшида мешавад, ки чӣ тавр дар ин «таноби дорбозӣ» нигоҳ доштани мувозинатро ёд гирифтан даркор аст. Шумо ин чизҳоро мефаҳмед:

- Чаро таҳсин бояд дар субот ва муҳаббат асос ёфта бошад?
- Чӣ гуна ба фарзандон таҳсини худро нишон дода, дар айни замон дастовардҳоро ба мақсади зиндагии онҳо табдил надодан мумкин аст?
- Волидон аксаран ба кадом хатоҳо роҳ медиҳанд?
- Чаро ҳар шахси сеюм камолотпараст мегардад, яъне шахсе ки дар ҳама чиз ба камолот саъй мекунад?
- Чӣ гуна таҳсинро водор намоем, ки дар хонаамон сокин шавад?
- Нишонаҳои камолотпарастӣ кадомҳоянд ва ҳангоми пайдо шудани онҳо чӣ кор кардан лозим аст?
- Чӣ тавр ба ҷои камолотпарастӣ дар кӯдак сифатҳои баланди маънавиро тарбия намоем?
- Қувваи калимаи «*не*» дар чист?
- Чӣ тавр мусобиқа ба ҳирси мукофотҳо табдил ёфта метавонад, ки шиори он чунин аст: «Ғалаба — дар ивази ҳар чизе ки бошад»?

- Мусобиқаи боинсофонаро чӣ гуна бурдан мумкин аст? Чӣ гуна дар чунин мусобиқаҳо ба «мухолифон» табдил наёфтан мумкин аст? Чӣ тавр мусобиқа ба инкишофи сифатҳои беҳтарини инсон ёрӣ мерасонад.

# 7 КОРҲОИ НЕКИ ФАРЗАНДОНРО БЕ АҲАМИЯТ НАГУЗОРЕД

Ҳангоме ки фарзандони мо калон шуда, ба мактаб рафтанд, ман ҳама кори имконпазирро кардам, то он принсипҳоеро, ки Дик Дей ба ман омӯзонда муд, дар амал истифода барам. Ман медонистам: ба фарзандон муҳаббати бешарт даркор аст, ва ҳама корро кардам, то ки онҳо ҳар рӯз дар ман зуҳуроти ин муҳаббатро бинанд. Аммо ман як мушкилии калон доштам — худи ман.

Дар коллеҷ ман назди Масеҳ омадам ва дар бисёр ҷабҳаҳо аз нобоварӣ ба худ раҳо шудам. Аммо аз таҷрибаи аввалини муошират бо масеҳиён ман ба хулосае омадам, ки Масеҳ — агарчи дӯстдор аст — дар масъалаи гуноҳ хеле сахтгир аст. Агар масеҳӣ ба Худо писанд омаданӣ бошад, бояд гуноҳро сахт бад бинад (чунон ки Худи Худо аз он нафрат дорад), ва тамоми умр бо ин бадбинӣ зиндагӣ кунад.

Баъд ман Доттиро ба занӣ гирифтам, ва мо соҳиби фарзандон шудем. Дар асоси таҷрибаи аввалини масеҳии худ ман қарор додам: кори волид аз он иборат аст, ки фарзандонро аз гуноҳ боздорад. Ман ба худ гуфтам: «*Агар аз химча даст кашам, фарзандро вайрон мекунам. Ин ба Худо маъқул намешавад*».

Ман зӯровариро истифода намебурдам, ҳаргиз не! Аммо дар солҳои аввали падарии худ ман хеле хурдагир будам. Ман фарзандонро барои хатоҳояшон сарзаниш мекардам, аммо ҳангоме ки онҳо ҳама корро хуб анҷом медоданд, таъриф карданро фаромӯш менамудам. Чунин метобид, ки ман ҳамеша дар назди фарзандон будам, аммо танҳо барои он ки огоҳӣ диҳам ва аз корҳои нодуруст боздорам. Ман гумон мекардам, ки вазифаи муқаддаси ман аз он иборат аст, ки ҳар як қадами онҳоро ислоҳ намоям.

### ЗУД ҶАЗО МЕДИҲАМ — АММО ДАР ТАЪРИФ НАМУДАН ШИТОБ НАМЕКУНАМ

Ман ақидаҳои худро дар амал татбиқ мекардам. Тасаввур кунед: ман дар кабинет китоб менависам, суханон гӯё худашон аз зери қалам

берун меоянд. Ин вақт Доттӣ медарояд: «Азизам, Шон имрӯз аз ҳамаи дарсҳо баҳои панҷ гирифтааст!»

«Хеле хуб, азизам, — ҷавоб медиҳам ман. — Аммо ман навишта истодаам. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ бо ӯ гап мезанам».

Ҳангоми хӯрокхӯрӣ ман метавонистам ба ёд оварам, ки бояд бо писарам гуфтугӯ кунам, аммо фаромӯш ҳам карда метавонистам. Моҳият ин аст: ҳангоме ки Шон (ё ягон фарзанди дигарам) ягон кори шоиста мекарданд, ман барои таҳсини онҳо шитоб намекардам.

Аммо тасаввур мекунем, ки Доттӣ чунин мегӯяд:

«Азизам, Шон ҳозиракак Кэтиро барои ба ҳуҷраи ӯ даромаданаш зад».

«*Чӣ* кард?» Ӯро дарҳол назди ман равон кун. Ман бо ӯ *гап мезанам*».

Хабар дар бораи он, ки писарам хоҳарашро задааст, боиси аксуламали тамоман дигар гардид. Акнун кори нависандагии ман он қадар муҳим набуд. Ман то хӯрокхӯрӣ интизор шудан намехостам. Ман мебоист *дарҳол* масъаларо ҳаллу фасл менамудам: мебоист писарамро ислоҳ мекардам ва ба таври даркорӣ ҷазо медодам.

Ман мисолҳои хеле зиёд оварда метавонистам: на Келлӣ, на Кэтӣ (Ҳэзэр ҳанӯз зода нашуда буд) бе ҷазо намемонданд. Ман намефаҳмидам, ки ба фарзандонам на он чизеро меомӯзонам, ки мехостам. Тадриҷан онҳо ба чунин хулоса омаданд: «Роҳи осонтарин ва зудтарини ҷалб намудани диққати падар — ягон кори *нодуруст* кардан аст».

Ман дар тамоми кишвар бо ҷавонон сӯҳбат мекунам, ва аз рӯи маълумоти ман аз 20 нафари онҳо 15 нафарашон мегӯянд, ки дар оилаи онҳо низ ҳамин ҳолат аст. Барои ҷалб намудани диққати волидон онҳо шӯхиву бетартибӣ мекарданд.

Ба қарибӣ ман барномаи радиоии доктор Ҷеймс Добсонро гӯш кардам. Ӯ барои сӯҳбат чор занро даъват намуд, ки ҳанӯз дар наврасӣ бо секс машғул шуданро сар карда буданд. Акнун онҳо 20-сола буданд ва натиҷаи амали худро медиданд: ҳолати эҳсосотии онҳо хеле бад буд. Се нафари онҳо гуфтанд, ки барои ҷалб намудани диққати падар онҳо ягон кори нодуруст мекарданд.

Ман намедонам, ки ин террори волидонаро то кай давом медодам. Ҳангоми ягон кори нодуруст кардани фарзандон боздошт намудани онҳо бароям осон буд. Ба ғайр аз ин, ман фармонраво шуда, боварӣ доштам, ки вазифаи волидии худро хуб ба ҷо меоварам.

## «МЕНЕҶЕРИ ФАВРӢ» БА ЁРӢ МЕОЯД

Соли 1984, ҳангоме ки Келлӣ даҳсола буд, Шон — ҳаштсола, ва Кэтӣ — чорсола, Худо ба воситаи як китоб бо ман гап зад. Не, ин Китоби Муқаддас набуд. Дӯстам ба ман оиди китобчаи хурде гап зад, ки «Менеҷери фаврӣ»[1] ном дошт ва як сол пеш нашр шуда буд.

Китоби Кеннет Бланшар ва Синклер Ҷонсон маҷоз буда, ба таври кӯтоҳ ва динамикӣ оиди он нақл мекунад, ки менеҷери ҳар як ширкат, таърифу танқиди бамавридро якҷоя истифода бурда, ба кормандон дар тартиб додан ва амалӣ гардондани нақшаҳо ёрӣ дода метавонад. Мувофиқи ақидаи муалифон, менеҷери муваффақиятнок дар ҷустуҷӯи он аст, ки кормандон кадом корро хуб анҷом медиҳанд. Ҳамин ки онро ёфт, ба онҳо таҳсин мегӯяд ва ҳавасманду рӯҳбаланд мегардонад.

Барои фаҳмидани мазмуни асосии китобча онро то охир хондан шарт набуд. Аслан он ба тарбияи фарзандон алоқае надорад, аммо аз он ман чизеро фаҳмидам, ки бароям, чун ба волид, хеле даркор буд. Ман фаҳмидам, ки ноҳақ будам. Ман чунин меҳисобидам, ки вазифаи волидии ман аз он иборат аст, ки хатоҳои фарзандонро кофта ёбам ва боварӣ ҳосил намоям, ки хатоҳо ислоҳ шудаанд. Ман фаҳмидам, ки робитаи ман бо фарзандон бояд дигар бошад. Шиори нави ман чунин буд:

*«Ягон кори дуруст кардани фарзандонро дида, таъриф кун»*

Ҷолиби диққат аст, ки як ибораи хурд метавонад ҷаҳонбинии одамро дигаргун кунад. Ман боварӣ ҳосил намудам, ки фарзандонро бе ҳеҷ шарт дӯст доштан даркор аст. Акнун ман кӯшиш мекардам, ки онҳоро ба таври сазовор қадршиносӣ кунам. Ман пештар ҳам онҳоро таъриф мекардам, аммо танҳо агар бо боварӣ гуфта тавонам, ки ҳамаи хатоҳои онҳоро ислоҳ кардаам. Аммо азбаски ҳамаи кӯдакон хатоҳо мекунанд, онҳоро маҳз ҳангоми хато карданашон ғофилгир кардан осонтар буд. Илова ба ин, кӯдакон медонанд, ки диққати калонсолонро чӣ гуна ба худ ҷалб кардан мумкин аст. Пас, фаҳмидан мумкин аст, ки дар назди ман мушкилии ҷиддӣ буд.

## АНҶОМИ ШИЗОФРЕНИЯИ ВОЛИДӢ

Аз як тараф, ман кӯшиш мекардам фарзандони худро фаҳмам, аз тарафи дигар — барои корҳои бад ҷазо диҳам. Ҳайратовар нест, ки ман гоҳо худро шизофреник ҳис мекардам! Аммо ҳангоме ки

ман хатоҳои худро фаҳмидам, ҳама чиз анҷом ёфт. Ба ҷои он ки оиди корҳои *нодурусти* онҳо гӯям, ман кӯшиш мекардам корҳои *дурусти* онҳор бинам. Ман дар назди худ мақсад гузоштам: дар ҳар як фарзанд камаш ду сифатеро пайдо кунам, ки шоёни таҳсин бошанд, ва ба ҳар як фарзанд сухани нек гӯям.

Ман боварӣ надорам, ки фарзандони ман дигаргунии қатъиро ҳис карданд. Чизи муҳиме ки ман пай бурдам: тасаввуроти ман оиди нақши волидон дигаргун шуд. Ман дарс тайёр кардани Келлиро мушоҳида мекардам, ва баъд мегуфтам: «Азизам, ман хеле хушнудам, ки ту бо ҷиддият дарс тайёр мекунӣ».

Агар бинам, ки Шон сатили ахлотро берун мебарад, меистодам ва мегуфтам: «Ташаккур, Шон, ки ту баровардани ахлотро ба ёд овардӣ».

Чун медидам, ки Кэтии хурдакак бозичаҳои худро меғундорад, ман мегуфтам: «Кэтӣ, ҷонакам, ба падарат маъқул аст, ки ту барои бозичаҳоят ғамхорӣ мекунӣ».

Ана боз як ихтирои ман: ман кӯшиш мекардам лаҳзаеро ёбам, ки ҳамаи фарзандон дар як ҷо, масалан, дар хонаи меҳмонқабулкунӣ ҷамъ меомаданд, ва сеанси «баҳогузорӣ» мегузарондам. Ман на ҳамеша ягон чизро бо овози шунаво мегуфтам, аммо мушоҳида мекардам, фикр мекардам ва ба худ савол медодам: «*Ҳозир ту дар фарзандонат чӣ чизи хубро мебинӣ?*» Баъд кӯшиш мекардам, ки фикран 15–20 сифати мусбатро номбар намоям — 4–5 сифат барои ҳар як фарзанд. Ман ҳамеша ин корро дар муддати се дақиқа анҷом медодам.

Ин машқи хурд ба ман ёрӣ медод, то ба ёд оварам, ки барои фарзандонам бояд шукргузор бошам*, бояд ба онҳо суханони таҳсин гӯям.* Мебинед: гап на дар он аст, ки шумо дар фарзандон ягон сифати нек ёфта тавонед, гап дар он аст, ки фарзандонро барои кӯшишҳояшон боинсофона таъриф кунед.

Ман бо волидоне сӯҳбат кардаам, ки ақидаҳояшон оиди тарбияи фарзандон ба тасаввуроти пештараи ман монанд мебошанд. Онҳо чунин мегӯянд: Ҳар як фарзанд *бояд* дар хона вазифае дошта *бошад*. Барои баровардани ифлосӣ барин чизҳои намеарзида таъриф кардани фарзанд чӣ даркор аст?

Ана ҷавоби ман: «Чаро не? Охир, ҳангоме шуморо барои коратон таъриф мекунанд, ба шумо маъқул аст-ку?!»

Ҳангоме ки сардори корхона шуморо барои кордониатон таҳсин мегӯяд, ба шумо маъқул аст. Ҳангоме тамоми оила барои хӯроки бомаза пухтанатон изҳори миннатдорӣ мекунад, ба шумо маъқул аст.

## ТАҲСИН ПРИНСИПИ БИБЛИЯВӢ АСТ

Китоби Муқаддасро омӯхта, ман дар он намунаҳои таҳсинро меёфтам. Ҳангоме ки Юҳаннно Исоро ғӯтаи таъмид медод, Падари осмонии Ӯ таҳсини Худро изҳор намуд: «Ин аст Писари маҳбуби Ман, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Ман бар Ӯст» (Матто 3:17).

Агар падари осмонӣ лозим донистааст, ки дар пеши аҳли олам Писари Худро таҳсин кунад, час чаро ман фарзанди худро дар хона ва дар назди одамон таъриф накунам?

Ҳаввории Павлус ҳамеша фарзандони рӯҳониеро, ки дар калисоҳои таъсисдодааш ба даст оварда буд, таъриф мекард. Ӯ касонеро номбар мекард, ки онҳоро рӯҳбаланд кардан мехост. Масалан, Павлус ба Тимотиюс навишта буд, ки ӯро дар дуоҳои худ доимо ба ёд меоварад ва ӯро дидан мехоҳад, ва аз имони самимии Тимотиюс пур аз шодӣ аст (2Тимотиюс 1:3–5).

Агар Павлус ки барои таъриф кардани шогирдонаш вақт ёфта бошад, ман низ вақт меёбам, то шогирдон худ — фарзандонамро, ки онҳоро Худо ба ман барои тарбия кардан ва хӯрондан додааст, ба таври сазовор қадршиносӣ кунам.

Ба як маъно Павлус аввалин «менеҷери фаврӣ» буд. Ӯ тарафдори интизоми сахт буд, хусусан ҳангоме ки сухан дар бораи калисои Қӯринт мерафт, аммо ҳамеша корҳои неки имондоронро ба назар мегирифт, онҳоро таъриф мекард ва рӯҳбаланд менамуд.

## МО ҲАНӮЗ МЕОМӮЗЕМ

Барои ёд гирифтани чунин муносибат ба одамон бояд фаҳмид: ҳамаи мо таърифи самимиро дӯст медорем. Мутаассифона, бисёриҳо суханони таърифу таҳсинро нашунида, ба воя мерасанд. Онҳо ба таърифу таҳсин шубҳа мекунанд ва ба самимияти он бовар намекунанд. Дар оилаи худи ман ҳамин тавр буд. Ҳатто ҳозир, ки аз лаҳзаи тағйири усули тарбияи фарзандонам 6 ё 7 сол гузаштааст, онҳо на ҳамеша ба ман бовар мекунанд. Гоҳо ман яке аз онҳоро боздошта, мегӯям: «Ман бояд бо ту гуфтугӯ кунам».

«Ман ягон кори нодуруст кардаам?»

«Не. Ман танҳо мехостам гӯям, ки ту хуб меҳнат кардӣ».

Ва ба ҳар ҳол, ҳангоме ман Келлиро ва хусусан Шонро таъриф мекунам, онҳо ба ман бисёр лаҳзаҳои нохуш меоваранд. Онҳо тахминан чунин ҷавоб медиҳанд: «Даркор не, дада. *Ин дафъа* хоҳони чӣ ҳастӣ?»

Аммо ман табассум мекунам ва таҳсини худро давом медиҳам — бо ғайрат ва андаке бо овози баланд, — чунки медонам: ин ба онҳо

даркор аст ва — метавонам бо боварӣ гӯям — ин ба онҳо маъқул аст!
Ҳамаи мо меомӯзем. Ман дарси ибрати худро меомӯзам, онҳо — аз они худро. Аммо ман пай бурдам: ҳар қадар бештар корҳои хуби онҳоро дида, таъриф намоям, ҳамон қадар камтар лозим меояд, ки барои корҳои бад ҷазо диҳам. Таъриф онҳоро водор мекунад, ки беҳтар рафтор намоянд. Фактҳо далели он мебошанд, ки онҳоро аз пештара камтар ҷазо доданам лозим меояд.
Масалан, ман доимо Келлиро барои он сарзаниш мекардам, ки ӯ либосҳояшро дар рӯи хона партофта мемонад. Ман қарор додам, ки аз схемаи одатӣ даст кашам: кӯшиш кардам, ки ӯро ҳангоме ёбам, ки либосҳояшро ба ҷевон ғундошта мемонад, ва таъриф кунам.
Ман ҳамеша аз Ҳэзэр хоҳиш мекардам, ки гурбачаи худро азоб надиҳад. Аммо баъд, ӯро ҳангоми ба гурбача муносибати хуб карданаш дида, таъриф мекардагӣ шудам. Ин ҳам ёрӣ расонд. Ва ман боварӣ дорам, ки бештар гурбача аз ман миннатдор аст!

**ҲУНАРИ ТАҲСИН КАРДАН**

Акнун вақти он расидааст, то сухани огоҳкунӣ гӯем. Агар фарзандон ба муҳаббати бешарти мо боварӣ надошта бошанд, таърифу таҳсин ба онҳо танҳо зарар расонда метавонанд. Иҷрои вазифа барои кӯдак мақсади асосӣ мегардад, ӯ тахминан чунин фикр мекунад: «*Агар ман корамро хуб ба ҷо оварам.. агар баҳои панҷ гирам.. ОН ГОҲ волидон маро қадр мекунанд*».

Агар шахс ба даст овардани муваффақиятро мақсади зиндагии худ кунад, ҳатман ҳисси айбдорӣ пайдо менамояд. Ман бисёр вақт аз волидон мепурсам, ки агар ягон корашон барор нагирад, оё онҳо худро айбдор ҳис мекунанд? Қариб ҳама ҷавоби тасдиқӣ доданд.

«Чаро? — мепурсам ман. — Наход, агар коратон барор нагирад, шумо бадтар мешавед?»

Онҳо мефаҳманд, ки ман чиро дар назар дорам. Ҳангоме ки кори шахс барор нагирад, ӯ на танҳо айбдориро ҳис мекунад, балки шарм медорад. Ҳисси шарм моро ба худамон зид мекунад. Ин аз боиси он аст, ки дар зиндагӣ ҳамеша ба мо лозим меояд ягон хел вазифаҳоро ба ҷо оварем. Бо ман низ ҳамин тавр буд: ман дар бачагӣ ҳамеша кӯшиш мекардам вазифаи гузошташударо иҷро кунам, то ки таърифи дигаронро шунавам — он таҳсинеро, ки аз падарам намешунидам.

Ана барои чӣ ман бисёр кӯшиш мекунам ба фарзандон талқин намоям: аввалан, ман онҳоро ба таври олӣ *қадр мекунам*. Масалан, ду фарзанди калонӣ — Шон ва Келлӣ — ҳамеша аълохон буданд.

Ҳангоме ки онҳо рӯзномаҳояшонро меоваранд, ман кӯшиш мекунам бо ҳар яки онҳо алоҳида гуфтугӯ кунам, барои муваффақиятҳо таъриф намоям.

Ин сӯҳбатҳо як навъ маросим шудаанд. Бо ёрии он ман ба онҳо талқин мекунам: ман, албатта, баҳоҳои аълои онҳоро қадр мекунам, аммо ҳатто агар онҳо бадтар таҳсил мекарданд, ман ба ҳар ҳол онҳоро дӯст медоштам.

Ба қарибӣ ман нав даҳонамро кушода будам, то дар назди Шон нутқи кӯтоҳи худро эрод намоям, ки вай гуфт: «Ман медонам, дада. Агар дар ҳаётам ягон баҳои хуб нагирам ҳам, ту ба ҳар ҳол маро дӯст медорӣ».

«Албатта», — ҷавоб додам ман.

Он гоҳ Шон табассум кард ва чашмонашро ҳилагарона ҷило дода, гуфт: «Аммо магар ту хурсанд нестӣ, ки ман бо баҳои аъло таҳсил мекунам?»

Бояд иқрор шавам: ӯ маро ғофилгир кард. Аммо ман инкор ҳам накардам. Дар боби 10-уми Такрори Шариат Худованд Худо ба банӣ Исроил гуфт, ки ба онҳо барои манфиати худашон аҳкомро медиҳад (о. 13). Ман низ мехоҳам фарзандонамро ҳамин тавр тарбия кунам: баҳри онҳо кореро кунам, ки бароям осон нест, аммо ба манфиат ва инкишофи худи онҳо хизмат мекунад.

«Ҳа, — гуфтам ман ба Шон. — Ман хурсандам, ки ту баҳоҳои аъло мегирӣ, аълочӣ ҳастӣ. Агар ту баҳои се ё чор гирӣ, ман ғамгин мешавам, ва лозим меояд чораҳо ҷӯям, то ки ту беҳтар таҳсил кунӣ. Агар ту қобилияти аълочӣ будан дошта бошӣ, аммо ман роҳ диҳам, ки ту баҳоҳои се ё чор гирӣ, пас, ман на он қадар падари ғамхор ҳастам».

Бо Кэтӣ дигар хел буд. Ману Доттӣ ба вай фишор намеовардем, маҷбур намекардем, ки фақат баҳоҳои аъло гирад, чунки ӯ, аз афташ, хонандаи миёна аст. Чӣ тавр донистан мумкин аст, ки кадоме аз фарзандон қобилияти бештар дорад. Мо онҳоро мушоҳида мекунем, бо онҳо кор мекунем ва ҳавасманд менамоем. Мо ҳамеша медонем, ки онҳо дар мактаб кадом мавзӯъҳоро мегузаранд, ва чӣ гуна онҳо аз ӯҳдаи вазифаҳо мебароянд.

Мо бо муаллимони онҳо гап мезанем. Ману Доттӣ ҳамеша кӯшиш мекардем, ки бо муаллимони фарзандонамон муносибатҳои хуб дошта бошем. Мо ҳамеша меҳнати онҳоро қадр мекардем, онҳо бошанд ҳавасмандии моро қадр мекарданд. Муаллимон медонанд: мо нисбати муваффақиятҳои фарзандон бепарво нестем, ва онҳо ба мо рости гапро гуфта метавонанд.

Ман мехоҳам, ки Шон ва Келлӣ фаҳманд: агар ман роҳ диҳам, ки дар мактаб на он қадар хуб таҳсил намоянд, ба онҳо зарар меоварам ва онҳо тамоми умр аз ин азоб хоҳанд кашид. Ин ба Кэтӣ ҳам дахл дорад. Агар мо ба ӯ роҳ диҳем, ки танбалӣ карда, баҳоҳои ба онҳо қобилият доштаашро нагирад, ба ӯ зарар мерасонем.

## ОЗОДИИ НОИЛ ШУДАН БА МАҚСАД

Бояд иқрор шуд: бояд хеле эҳтиёткор буд. Беҳтар он аст, ки *аз муҳаббат сар кунед ва баъд ба таҳсин гузаред*. Бигузор фарзандони шумо худро боваринок ҳис кунанд, ҳис кунанд, ки онҳоро дӯст медоранд, аҳамиятнокии худро ҳис кунанд. Аммо бигузор фарзандон донанд, ки ба хато кардан ҳақ доранд: он гоҳ онҳо метавонанд осуда шуда, имкониятҳои худро пурра амалӣ гардонанд. Онҳо дар мактаб таҳсил мекунанд, дар мусобиқаҳои варзишӣ иштирок менамоянд, бо ҳар гуна кори дигар машғул мешаванд — бигузор ҳама корро бо дарки арзишнокии худ анҷом диҳанд. Бигузор онҳо на барои таҳсин меҳнат кунанд. Ба ман суханони зерин маъқуланд:

*«Ман кӯшишҳои фарзандамро аз дастовардҳояш бештар қадр мекунам. Ман арзишнокии фарзандамро аз кӯшишҳои ӯ бештар қадр мекунам».*

Гоҳо аз ман мепурсанд: агар кӯшишҳои фарзандро ин қадар баланд баҳо диҳем, магар ӯ ба хулосае намеояд, ки дар зиндагӣ чизи асосӣ — иҷро намудани вазифа аст? Пурра имконпазир аст, аммо пешгирии беҳтарин ин аст: ҳамеша ба фарзанд муҳаббат зоҳир намуда, баъд ба ӯ баҳои сазовор додан даркор аст. Дар ин ҷода «коршинос» шудан имкон надорад. Ман бояд ҳамеша падари шукргузор ва меҳрубон буданро омӯзам.

## МУБОРИЗА БО ОДАТҲОИ КӮҲНА

Аз одатҳои кӯҳна даст кашидан душвор аст. Агар дақиқае ба сустӣ роҳ диҳед, метавонед ба ҳамон марҳилае баргардед, ки аз он сар карда будед: ҷустани корҳои нодурусти фарзандон ба ҷои баҳо додани рафтори хуби онҳо. Ягон одати устуворшудаæро дигаргун намудан — корест барои тамоми умр. Ман то ҳол зидди зуҳуроти хашми «одилона» мубориза мебарам. Ҳангоме ки фарзандон бадрафторӣ мекунанд, ман пеш аз ҳама мехоҳам онҳоро сарзаниш кунам. Ҳар қадар кӯшиш кунам ҳам, аввалин аксуламал ҳамин аст.

Ҳамеша се монеа вуҷуд доранд, ки ман бояд аз онҳо гузарам. Яке аз онҳоро ман аллакай зикр кардам — одатҳои кӯҳна. Ба ман лозим меояд, ки бо худ мубориза барам, то ки ба фарзандон муҳаббат зоҳир намоям, онҳоро сазовор қадр намоям. Аммо ин корро кардан даркор аст. Агар ман ҳар рӯз инро дар ёд нигоҳ надорам, имкониятро аз даст медиҳам ва ҳатто кӯшиш ҳам намекунам.

Монеаи дуюм аз он иборат аст, ки шайтон ҳақиқатан «мисли шери ғуррон гаштугузор мекунад» (1Петрус 5:8), ва яке аз силоҳҳои таъсирбахштарини вай мулоҳизакорӣ аст. Ман метавонам ба худ гӯям:

«*Падари ман майпараст буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ наметавонист оиди он ғамхорӣ кунад, ки ба ман муҳаббат зоҳир намояд, таъриф кунад. Бо вуҷуди ин, ман чун шахси мӯътадил ба воя расидам*».

Аммо ин танҳо баҳонаест барои даст кашидан аз вазифаҳои волидӣ. Ба ғайр аз ин, фарзандон дар ҷамъияте ба воя мерасанд, ки аз ҷамъияти пештараи мо фарқ дорад. Дар назди фарзандони ман мушкилоте истодаанд, ки дар замони наврасии ман вуҷуд надоштанд. Ба онҳо ёрии ман даркор аст.

Ман кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳам, то ба онҳо дӯст бошам ва онҳоро сазовор қадр намоям. Ҳангоме ман ба онҳо мегӯям, ки «ҳама кори аз дасташон меомадаро кунанд», онҳо аниқ медонанд, ки чиро дар назар дорам. Намояндагони насли башар ҳамеша бо ҳам мусобиқа мекунанд. Дар боби навбатӣ Дик оиди воситаҳои мусбат ва манфии мусобиқа ва оиди он сӯҳбат мекунад, ки чӣ тавр ба кӯдак майл ба камолотро ёд диҳем, бе он ки ба доми камолотпарастӣ афтад.

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Усули тарбияи шумо кадом аст: «Онҳоро ҳангоми ягон кори нодуруст карданашон ба даст афтондан» ё «ҳангоми кори хуб карданашон ёфтани онҳо»?

2. Чаро Ҷош пештар фикр мекард, ки маънои тарбия — ислоҳ кардан ва танқид намудан, ва танҳо баъд аз он таъриф кардан аст (тамоман таъриф накардан ҳам мумкин аст)?

3. Бобро хонда, гӯед, ки қувваи таъриф дар чист? Чаро таъриф барои волидони хуб шудан ёрӣ мерасонад?

4. Чаро волидон бояд «бо эҳтиёт таъриф кунанд»? Чӣ мешавад, агар фарзандон таҳсини волидонро набинанд, аммо ба муҳаббати онҳо боварӣ дошта бошанд?

5. Одамони замонҳои қадим таҳсини худро ба наздикон чӣ гуна изҳор менамуданд? Румиён 1:8; Эфсӯсиён 1:15–16; Қӯл. 1:3–4; Тасл. 2:3–4; Фил. 1:4–7-ро аз нав хонед. Дар порчаҳои зикршудаи номаҳои Павлус кадом фикри асосӣ дида мешавад? Чӣ гуна ин порчаҳо ба мо ёрӣ мерасонанд, то ба фарзандон таҳсини худро изҳор намоем?

6. Агар шумо ҳанӯз одати ба фарзандон ошкоро баён намудани таҳсини худро надошта бошед, аз чизи хурдтарин сар кунед: дар як рӯз ақаллан ду кори фарзандатонро ёбед, ки барои он таъриф кардан мумкин бошад. Ҳангоме ки ёфтед, ҳатман *инро ба ӯ гӯед*, ҳатто агар худро нороҳат ҳис кунед ҳам. Баъд осонтар мешавад.

7. Таъриф кардани фарзандонро ёд гирифта, кӯшиш кунед, ки идеяи Ҷошро оиди «сеанси баҳодиҳӣ» дар амал татбиқ намоед. Мавриди мувофиқ — ҳангоме ки тамоми оила дар сари дастурхон ҷамъ меоянд.

# 8 БАРОИ КАМОЛОТПАРАСТ ТАРБИЯ НАКАРДАН ЧӢ БОЯД КАРД *(ДИК ДЕЙ)*

Дар боби 7-ум Ҷош зикр намуд, ки майли ба даст овардани таъриф кӯдакро ба мансабпараст табдил дода метавонад: ӯ тамоми ҳаёти худро ба муваффақият пайдо намудан тобеъ намуда метавонад. Барои вусъати ин фикр ман мехостам оиди масъалае гап занам, ки солҳои зиёд бо он рӯ ба рӯ мешудам. Им масъала камолотпарастӣ аст, яъне майл ба камолот ба хотири худи камолот. Ман борҳо бо кӯдакон ва калонсолоне сӯҳбат кардаам, ки чунин меҳисобиданд, гӯё онҳо бояд худро аз ҷиҳати хубӣ нишон диҳанд — танҳо ҳамон вақт онҳоро дӯст хоҳанд дошт.

Биёед ҳолати типии камолотпарастиро дида бароем. Барбара ном зан барои сӯҳбат назди ман омад, зеро духтурон дар ӯ ягон бемории ҷисмонӣ ёфта натавонистанд, агарчи ӯ доимо хастагӣ ва рӯҳафтодагиро ҳис мекард. Барбара ба ман тартиби рӯзи худро гуфта дод, ва ман фаҳмидам, ки чаро ӯ ба чунин ҳолат афтодааст.

Барбара дар магазини мӯд рӯзи кории нопурра кор мекард — ӯ ба пул эҳтиёҷ надошт, балки ин кор ба ӯ маъқул буд. Ӯ дар ташкилоти «Волидон-омӯзгорон» мавқеи намоён дошт, дар мактаби якшанбегӣ фаъол буд. Аллакай ҳафт сол боз дар шӯъбаи тайёрӣ дарс медод. Барбара дар хори калисо сурудхонӣ мекард ва ҳар тобистон чун мураббияи ихтиёрӣ ба лагерҳои мактаби библиявӣ мерафт.

Аз сӯҳбат ман фаҳмидам, ки вай аз фарзанди ягонаи худ ифтихор дорад. Духтари ӯ аълочӣ, бозингари асосии дастаи бейсбол буд ва «дар хона тамоман мушкилот ба миён намеовард».

Ҷеннифер бисёр вақт ба Барбара дар хӯрокпазӣ ёрӣ мерасонд ва бисёр корҳои хонаро мекард.

«Агар Ҷеннифер намебуд, ман намедонам, ки чӣ мекардам, — оҳ кашид Барбара. Вай фарзанди оличаноб аст. Ману Ҷим аз ӯ ифтихор дорем!»

«Ба ман оиди Ҷеннифер бештар нақл кунед», — пешниҳод намудам ман.

Барбара дар давоми 15 дақиқа Ҷенниферро таърифу таҳсин менамуд. Духтари вай барои сухан намудан дар ҷашни хатм аз синфи худ номзад буд, ва аллакай ба нақша гирифта буд, ки соли оянда низ ҳамин гуна номзад мешавад.

«Вай на танҳо бо китобхонӣ машғул мешавад, — гуфт Барбара, — Ҷеннифер варзишро дӯст медорад. Тренераш (мураббӣ) мегӯяд, ки вай дар дастаи донишгоҳ бозӣ хоҳад кард. Танҳо як чиз ба вай намерасад — худро идора карда тавонистан. Вай тӯб сар доданро дӯст намедорад, ва тоқати мағлубшавии дастаи худро надорад».

«Ба фикри шумо, ин саргармӣ бо варзиш аз куҷо пайдо шудааст? — пурсидам ман.

«Ману Ҷим кӯшиш мекардем, ки дар ҳама кор ба муваффақияти садфоиза ноил шавем, — ҷавоб дод Барбара. — Ман дар бозиҳои рӯимизӣ маҳорат дорам. Ҷим мегӯяд, ки аз бозӣ кардан бо ман метарсад, зеро ман доимо ғолиб меоям».

«Шумо гуфтед, ки Ҷеннифер гоҳо сахт хашмгин мешавад. Ин бисёр вақт рӯй медиҳад?»

Чеҳраи Барбара тира гардид, ва ӯ ҷавоб дод:

«Рости гап, бо Ҷеннифер на ҳамааш хуб аст. Ман кӯшиш мекунам, ки суръати ӯро сусттар кунам, аммо ӯ ҳамеша ба пеш мешитобад. Ба ғайр мактаб ва варзиш вай бисёр машғулиятҳои дигар дорад. Вай узви се ё чор клуб ва президенти яке аз онҳост. Ба қарибӣ вай ба кор даромад, то ки барои либосхарӣ пул дошта бошад. Гоҳо вай бо ман тундмиҷозӣ мекунад, аммо ин ҳайратовар нест, зеро ӯ ба дӯши худ ин қадар борҳои гаронро вогузоштааст».

Ман метавонам нақлро оиди сӯҳбат бо Барбара давом диҳам, зеро ӯ симои ҷомеъ аст. Аммо ба фикрам, шумо фаҳмидед, ки гап дар куҷост. Мутаассифона, моҳияти масъала ғайр аз Барбара ба ҳама фаҳмост. Барбара камолотпараст аст, ва духтарашро низ чунон тарбия мекунад, ки вай низ камолотпараст шавад.

Дар зиндагии онҳо ба муваффақият ноил шудан чизи асосӣ аст. Пеш аз он ки ба Барбара ёрӣ диҳам, то сабаби хастагии худро бинад, ман мебоист аниқ мекардам, ки чаро ӯ ин қадар бо кор банд аст. Сипас ман мебоист ба Барбара мефаҳмондам, ки Ҷеннифер пайрави ӯ шудааст. Модар ба вай ёд медиҳад, ки «бештар аз он чи фурӯ бурда метавонад, газад». Аз афташ, зиндагии Ҷеннифер таҳти шиори «ё ҳама чиз, ё ҳеҷ чиз» мегузарад. Вай бояд аълочӣ бошад, вай бояд ба волидон писанд ояд, вай бояд дар бозиҳои волейбол ғолиб ояд.

Ғалаба барои Ҷеннифер ҳама чиз аст: ҷои дуюм барои ӯ кофӣ нест; баҳои чор гирифтан ғайриимкон аст. Ҳар рӯзи зиндагӣ Ҷеннифер кӯшиш мекунад, ки бо тамоми ҷаҳон мусобиқа кунад. Вай аз пайи модари худ бо суръат ба поён ғелида рафта истодааст; ҳаёти вай иборат аз саъю кӯшиш барои ноил шудан ба муваффақият аст.

**БОРИ УМЕДҲОИ ВОЛИДОН**

Бисёр воситаҳое ҳастанд, ки дар кӯдак муҳаббати ҳамешагиро ба муваффақият бедор мекунанд. Волидон аз фарзандон умедҳои зиёд доранд. Гоҳо волидон мехоҳанд, ки фарзандон ба дастовардҳое ноил шаванд, ки худашон ноил шуда натавонистанд. Масалан, дар ҳайати дастаи футболи донишгоҳ бозӣ кардан, кори хуб пайдо кардан ё маълумоти хуб ба даст овардан. Волидон гӯё аз нав зиндагӣ кардан мехоҳанд, аммо ин дафъа дар фарзандони худ. Аз фарзандон талаб мекунанд, ки ҳамаи умеду интизориҳои волидонро амалӣ гардонанд. Талаботи муаллимони мактаб ва ҳамсолонро илова кунед, ва зиндагӣ тоқатфарсо мегардад.

Ба кӯдаконе ки дар оилаҳои масеҳӣ ба воя мерасанд, бисёр вақт калисо талаботҳои бештар пешниҳод мекунад. Ман бо бисёр кӯдакони масеҳӣ сӯҳбат кардаам, ки бисёрии онҳо вазифаи асосии худро аниқ медонанд — комил будан. Ба даст овардани камолоти пурра ғайриимкон аст, бинобар ин ягона роҳи баромад аз ин вазъият ниқоб аст — ниқоби рӯҳоният, ки дар ҷамъияти калонсолон ба рӯй кашидан лозим меояд. Чунин фарзандон дар назди дӯстон симои ҳақиқии худро нишон медиҳанд, аммо дар назди волидон ва муаллимон онҳо маҷбуранд «қоидаҳои бозӣ»-ро риоя кунанд.

Имрӯзҳо дар калисоҳо бисёр одамоне ҳастанд, ки камолотпарастӣ маънои зиндагиашон гардидааст. Аммо аз чӣ сабаб бошад, ки Китоби Муқаддас боз ва боз ба мо оиди одамоне нақл мекунад, ки аз камолот дур буда, бисёр нобарориҳо доштанд.

Солҳои 1983 ва 1986 ману занам Шарлотта дар конгресси Ассотсиатсияи мавъизадиҳандагони Билли Грэм дар Амстердам парасторони рӯҳонӣ шуда кор кардем. Аз ҳама бадтар он буд, ки мо худи ҳамон шикоятҳоро боз ва боз мешунидем. Воизон ва шубононе ки дар кишварҳои ҷаҳони сеюм кор мекунанд, ба мо мегуфтанд:

«Мо ба ҳеҷ кас муроҷиат карда наметавонем. Мо на аз роҳбарияти миссияҳои худ, на аз пирони худ, на аз аҳли калисои худ ёрӣ талабида наметавонем. Дар назар дошта шудааст, ки маҳз мо бояд намунаи ибрат бошем, аммо мо касе надорем, ки мушкилоти моро ҳал кунад».

Агар фарзандонатон ҳанӯз хурд бошанд, оқилона он аст, ки худи ҳозир бозистода, фикр кунед, ки аз онҳо чӣ умеду интизориҳо доред. Волидон ҳатто аз умедҳои худ фахр мекунанд. Дар як мақоли кӯҳна гуфта шудааст: «Агар бисёр чиз хоҳӣ — умед кун». Аммо ба кӯдак талаботи воқеӣ пешниҳод намудан як чиз аст, аммо аз ӯ дастовардҳои беандоза зиёдро интизор шудан — ӯро ба роҳи сарбаста андохтан аст, ки дар он иҷрои вазифа мақсади зиндагӣ мегардад. Баъзе равоншиносон чунин меҳисобанд, ки ҳангоме чунин мешавад, ҳар кӯдаки сеюм камолотпараст мешавад. Гоҳо ин сухан чун таъриф садо медиҳад. Аммо ҳақиқат дар чизи дигар аст: дар ҳама чиз ба камолот саъй намудан бори беандоза гарон аст, то ки онро тамоми умр бар дӯш дошта бошед. Ин боиси бемориҳои асаб, анорексия, булимия ва ҳатто худкушӣ шуда метавонад.

**НИШОНАҲОИ КАМОЛОТПАРАСТӢ**

Андешаронии камолотпарастонро дар шиори «ё ҳама чиз, ё ҳеҷ чиз» хулоса кардан мумкин аст. Комил будан — ва на чизи дигар. Ин ақида норасоиҳои худро дорад: шахс фикр мекунад, ки ҳеҷ кори ғайриимкон нест. Таассуроте ҳосил мешавад, ки калимаи «не» дар луғатномаи онҳо вуҷуд надорад. Инҳо маҳз ҳамон одамоне мебошанд, ки «бештар аз он чи фурӯ бурда метавонанд, мегазанд».

Тавсифи дигари камолотпараст аз он иборат аст, ки ӯ бисёр вақт табъи хира дорад. Пораи беҳад калонро газида, ҳама корро бе камбудӣ ва норасоӣ иҷро карданӣ шуда, камолотпарастон дар роҳи зиндагии худ танҳо монеаҳоро мебинанд. Онҳо ҳайрон мешаванд, ки чӣ гуна ба ин чизҳо сару кор пайдо кардаанд ва чӣ тавр кори саркардаашонро ба анҷом расонанд. Шояд онҳо умуман ҳеҷ кор намекунанд, зеро аз нобарорӣ метарсанд. Ҳангоме ки камолотпарастон дар назди худ монеаро мебинанд, аксаран ақибншинӣ мекунанд ё корро мавқуф мегузоранд. Касе ки доимо дар кор сустӣ мекунад, аксаран камолотпараст буда метавонад. Ӯ корро ба баъд мавқуф мегузорад, зеро ҳис мекунад, ки барои ҳақиқатан хуб ба ҷо овардани кор вақташ камӣ мекунад. Аммо ҳар қадар ӯ сустӣ кунад, ҳамон қадар бадтар мешавад. Вай ҳамеша баҳона ёфта метавонад: «Агар вақти бештар медоштам, корро *хеле беҳтар* ба ҷо меовардам».

Аммо мушкилии воқеӣ дар он аст, ки камолотпараст аз нобарорӣ ва таъна метарсад.

Дар ин ҷо боз як хусусияти ӯро зикр кардан лозим аст: корҳои саркардаашро ба анҷом расондани ӯ душвор аст. Ӯ кӯшиш мекунад,

ки ҳама корро то ҳадди имкон хубтар ба ҷо оварад, аммо ҳеҷ гоҳ аз натиҷаи кор қаноатманд намешавад.

Дар мисоли Ҷеннифер мо мебинем: ҳангоме ки корҳо на ба таври дилхоҳ ҳастанд, камолотпараст худдориро аз даст медиҳад. Чунин одамон нисбати худ ва дигарон бетаҳаммул мебошанд. Камолотпарастон фаҳмида наметавонанд, ки чаро дигарон монанди онҳо ба камолот саъй намекунанд. Боз камолотпарастон бисёр вақт сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро истифода мебаранд: «*Ман бояд* дар ин бора ғамхорӣ мекардам» ё «Ман *бояд* чунин мегуфтам».

Ҳангоме камолотпарастон ба хато роҳ медиҳанд ё корашон барор намегирад, онҳо аз худ меранҷанд. Нобарорӣ (ҳама гуна нобарорӣ) барои онҳо қобили қабул нест. Камолотпарастон доимо саъю кӯшиш мекунанд, то ки дафъаи дигар корро «боз беҳтар» ба ҷо оваранд. Аммо ин онҳоро танҳо ба доираи нави мубориза барои «ҳама чиз, ё ҳеҷ чиз» ҷалб мекунад. Онҳо дар назди худ мақсадҳои нави иҷронашаванда мегузоранд, ва ҳангоме ки аз ӯҳдаи иҷрои он намебароянд, рӯҳафтода мешаванд[1].

Дар мавриди Барбара мо дидем: камолотпараст якбора аз халқаҳои зиёд гузаштанӣ шуда, «то охир сӯхта» метавонад. Ё ин ки ӯ ақибнишинӣ мекунад ва кори саркардаашро мепартояд, зеро аз нобарорӣ метарсад.

## ОЁ ФАРЗАНДОНИ ШУМО АЗ НОБАРОРӢ МЕТАРСАНД?

Агар дар зиндагӣ чизи асосӣ саъй ба камолот бошад, шахс аз нобарорӣ метарсидагӣ мешавад. Оё фарзандони шумо ақаллан андаке ба хатар андохтани муваффақияти худро меомӯзанд? Ё онҳо ба он одат мекунанд, ки беҳтараш ҳама корро ба оҳистагӣ кунанд?

Оиди «қаҳрамонон»-и типӣ гап мезанем. Ҳамаи онҳо бо нобарориҳо шинос буданд.

- Томас Эдисон садҳо бор ба нобарорӣ дучор шуда буд, пеш аз он ки лампочкаро ихтироъ кунад.
- Бейб Рут, яке аз варзишгарони бузургтарини ҳама замонҳо, ба дастаи худ 60 хол овард — рекорде ки дар давоми даҳсолаҳо устувор монд, пеш аз он ки Роҷер Мэрис[2] аз ин рекорд даргузашт. Аммо дар худи ҳамон сол Рут боз як рекорд нишон дод — дар сар додани тӯбҳо.
- Абраҳам Линколн, пеш аз он ки президенти ИМА шавад, борҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва шахсӣ ноком шудааст.

Номҳои Алберт Эйнштейн, Уинстон Черчилл ва Бенҷамин Франклин дар шуури мо симои қаҳрамонро тасвир медиҳанд. Аммо дар вақташ ҳар яки онҳоро аз кор ронда буданд!

Ҳамаи ин қаҳрамонон як хусусияти умумӣ доранд: таваккал кардан, омодагӣ ба дигаргуншавӣ ва ё ҳатто омодагӣ ба нобарорӣ дар роҳи он чи ба фикрашон арзишнок ва дуруст аст.

Шумо ба фарзандон чӣ намуна нишон медиҳед? Оё барои дигаргун шудани онҳо ёрӣ мерасонед? Ман на дар бораи масъалаҳои ахлоқ мегӯям, балки оиди дигаргун шудан, таваккал кардан, дигаргун шудан, ҷустан, донистан, кашф кардани чизи нав.

Шумо фарзандонро чӣ гуна тарбия мекунед? Оё онҳо ба нобарорӣ ҳақ доранд? Ё шумо аз онҳо талаб мекунед, ки дар ҳама чиз ба камолот ноил шаванд. Аз як тараф, ҳангоме ки фарзандон эҳтиёткор буданро ёд мегиранд, ҳеҷ гоҳ ба ҷаҳон ягон чизи гениалӣ пешкаш намекунанд. Аз тарафи дигар, агар онҳо ба камолот саъй кунанд, ин камолоти ба нақша даровардашуда ва муташаккилона аст.

Дар бадани ҳар як шахс беист равандҳои муайян ҷараён доранд. Ин зиндагӣ ном дорад. Мо дар зиндагӣ беист меравем, зеро зиндагӣ роҳи дарози бетаваққуф аст. Мо ба пеш ҳаракат карда, кӯшиш мекунем ягон кори назаррасеро ба ҷо оварем. Мо мақсадҳо дорем. Мо ба дастовардҳои муайян нигаронида шудаем.

Дар солҳои охир ба мақсадҳо диққати зиёд додан маъмул шудааст. Дар тамоми кишвар садҳо семинарҳо ва машғулиятҳо мегузаранд, то ки кормандони корхонаҳои калон дар назди худ гузоштани мақсадҳо ва тарзи ба даст овардани онҳоро ёд гиранд.

Мақсадҳои фарзанд чӣ? Фарзандатон ба шумо гӯш андохта, шуморо мушоҳида намуда, дар назди худ маҳз кадом мақсадҳоро мегузорад?

Мақсад доштан ва барои натиҷа саъй намудан хуб аст. Аммо агар аз худи раванди ба даст овардани мақсад ҳаловате набаред, пас, зиндагиатон беҳуда гузашта истодааст. Ба зиндагӣ бо ғайрат нигаристан даркор аст. Ба фарзандон талаботҳои беандоза баланд пешниҳод накунед, балки боғайрат буданро ёд диҳед.

## МУСОБИҚА Ё РАҚОБАТ?

Фарзандро таҳсин намуда, «муборизаи рақибона»-ро фаромӯш накунед. Ба фикри Эрик Эриксон, равоншиноси кӯдакон, яке аз марҳилаҳои муҳими ҳаёти кӯдак он вақт сар мешавад, ки ӯ «аз хона меравад», то ки ба ҳаёти нави мактабӣ ғӯтавар шавад. Ҳангоме ки кӯдакро ба боғчаи бачагон ё мактаби ибтидоӣ медиҳанд, ӯ ба марҳилаи нави

инкишоф дохил мешавад — *саъю кӯшиш*ро[3] меомӯзад. Ӯ ба ҷаҳони муборизаи рақибона ворид мешавад, ки он ҷо натиҷа хеле муҳим аст. Маҳз акнун волидон бояд кӯдакро ҳавасманд кунанд, ба худ боварӣ доштани ӯро устувор намоянд. Нишон додан даркор аст, ки дастовардҳои кӯдакро қадр мекунед, аммо ҳавасмандкунии волидӣ бояд ҳамеша аз муҳаббати беғаразона сарчашма гирад.

Ҳангоме ки ин марҳилаи инкишоф фаро мерасад, беҳтараш ба кӯдак нишон диҳед, ки ӯ бо одамон на *рақобат,* балки *мусобиқа* мекунад. Бадбахтона, низоми маъмулии мактабӣ чунон аст, ки ба кӯдакон бо ҳам рақобат карданро ёд медиҳад. Баъзеҳо баҳоҳои панҷ мегиранд, баҳзеҳо — чор, сеюмиҳо — се ва ду, чорумиҳо аз мактаб баромада, бо варзиш машғул мешаванд. Кӯдак барвақт мефаҳмад, ки ғалаба аз ҳама чиз муҳимтар аст. Бе муболиға, барои кӯдаконе ки таҷрибаи маъмулии мактабӣ доранд, рақобат тарзи зиндагӣ мешавад,

Бадии кор дар он аст, ки моҳияти рақобат чунин аст: яке ғолиб мешавад — дигарӣ бой медиҳад. Имконияти мағлуб шуданро аз назар соқит кардан мумкин нест. Пас, ба як маъное ҳама дар ин ҷаҳони рақобаткунанда душманони шумоянд.

Мусобиқа бошад — бозӣ аст. Он қоидаҳои аниқ дорад. Бозингари дуюм на душман, балки иттифоқчӣ аст: барои ба таври максималӣ зоҳир гардидани лаёқатҳои шумо ёрӣ мерасонад. Дар ин ҷо муҳим нест, ки аввалин шуда кӣ ба марра мерасад. Шахс аз худи раванди мусобиқа ҳаловат мебарад. Ӯ барои ба таври максималӣ инкишоф додани имкониятҳои худ мусобиқа мекунад.

Ман мефаҳмам: фалсафаи мусобиқа соддалавҳона аст. Дар ҷаҳони воқеӣ, ки он ҷо одам ба одам чун гург муносибат мекунад, онро масхара мекунанд. Аммо дар ёд нигоҳ доред: бисёр одамоне ҳастанд, ки мусобиқаи боинсофона карданд ва ғолиб омаданд.

### ЧАРО ФИЛМИ «АРОБАҲОИ ОТАШИН» ҒОЛИБ ШУД

Филми «Аробаҳои оташин», ки ба ҷоизаи Оскар ноил шуд, фарқи байни «мусобиқа» ва «рақобат»-ро нишон медиҳад. Ин қиссаи ду даванда аст: Ҳаролд Абраҳамс, писари яҳудии литвагӣ, ва Эрик Лиддл, писари миссионерон. Ҳар ду дар бозиҳои Олимпии соли 1924 дар Париж Британияро намояндагӣ мекарданд. Аммо муносибати онҳо ба ин мусобиқаҳо тамоман гуногун буд.

Ҳаролд Абраҳамс гӯё зидди антисемитизми (яҳудибадбинӣ) шарикдарсонаш аз Кембриҷ мубориза мебарад. Аммо дар асл ӯ барои худсобиткунӣ мубориза мебарад, ӯ бо ҳар касе ки ба мадди назараш меафтад, мубориза мебарад. Ақидаи «ғалаба дар ивази ҳар чизе ки

бошад» дар ӯ чунон реша давондааст, ки дар ниҳояти кор ӯ тренери шахсӣ киро мекунад, ва вай пинҳонӣ ӯро ба бозиҳои Олимпӣ тайёр мекунад.

Дар кадом як лаҳза Абраҳамс фалсафаи худро тасвия медиҳад: «Ман — бар зидди тамоми ҷаҳон». Ӯ чунин мегӯяд: «Ман на барои он медавам, ки мағлуб шавам; агар ман ғолиб шуда натавонам, намедавам. Ман барои ғолиб шудан медавам».

Эрик Лиддл низ ба бозиҳо тайёрӣ мебинад. Ӯ бо норозигӣ ва дилмондагии хоҳараш Ҷеннӣ дучор мешавад. Ҷеннӣ чунин меҳисобад, ки машқҳои давидан бародарашро аз хизмат ба Худованд дур мекунанд. Лиддл кӯшиш мекунад фаҳмонад, ки кори миссионериро тарк карданӣ нест, ва дар бозиҳои Олимпии Париж на барои шӯҳрати худ, балки ба номи Худо иштирок мекунад.

«Худо маро тездав кардааст, — мегӯяд ӯ ба Ҷеннӣ. — Ҳангоме ки ман медавам, ҳис мекунам, ки Ӯ аз ман қаноатманд аст. Ғолиб шудан — ӯро ҷалол додан аст».

Абраҳамс дар мусобиқа дар масофаи 100-метр медали тилло ба даст овард, Лиддл бошад дар ин намуди мусобиқа иштирок кардан нахост, зеро давидане ки шоистагиро муайян мекунад, мебоист рӯзи якшанбе баргузор мегардид. Рӯзи якшанбе давидан барои ӯ — вайрон кардани ҳукм оиди риояи рӯзи шанбе аст. Яке аз яъзоёни даста аз давидан ба масофаи 400 метр даст мекашад, то ки Лиддл ба ҷои ӯ давида тавонад. Дар ин намуди мусобиқаҳо Лиддл медали тилло гирифт.

Бозиҳо анҷом ёфтанд, аммо чунин метобад, ки Абраҳамс аз дастовардҳои худ розӣ нест. Ва мо мефаҳмем, ки чаро ӯ аз ғалаба ҳаловат бурда наметавонист. Пеш аз давидан ӯ чунин суханонро мегӯяд: «Ман ҳамеша аз ақиби чизе медавам, аммо намедонам, ки барои чӣ медавам». Дар ҳуҷраи либосивазкунӣ ӯ иқрор шуд: «Ман тарси мағлубиятро ҳис кардам. Акнун ман қариб ки аз ғолиб омадан метарсам».

Эрик Лиддл бошад аз ғалаба хурсанд буд. Ҳангоме рафиқаш пурсид, ки рӯзи якшанбе ба масофаи 100 метр давиданро рад карда, чиро ҳис мекунад, ӯ ҷавоб дод: «Таассуф, аммо на шубҳа».

Лиддл миссионер шуда, ба Хитой рафт. Он ҷо вай дар роҳҳои деҳот медавид ё дучорхаронӣ мекард — барои ҳаловати худ чандин мил роҳро тай менамуд. Соли 1940 ӯро истилогарони япон ҳабс карданд. Андаке пеш аз анҷомёбии Ҷанги дуюми ҷаҳон ӯ дар конслагер вафот кард.

Эрик Лиддл дар давоми ҳаёти худ борҳо *мусобиқа* кардааст, аммо ҳеҷ гоҳ рақобат нанамудааст. Суханони зерин, ки касе дар рӯзҳои

тантанаи Олимпии ӯ гуфта буд, метавонистанд хати болои қабри ӯ гарданд:

«Ӯ ба номи Худованд медавад, ва ҷаҳон бо ҳайрат ақиб менишинад».

Агар волидон истифодаи максималии лаёқатҳои ба фарзандон талқин карда тавонанд, барои аз доираи сарбастаи «ғалаба — мағлубият» раҳо шудан ва барои фарқи муҳими байни *мусобиқа* ва *рақобат*ро фаҳмидан ёрӣ мерасонанд. Ана барои чӣ кӯшишҳои фарзандонро беш аз рӯйхати дастовардҳои онҳо қадр кардан муҳим аст. Ҳангоме фарзандон медонанд, ки онҳо барои мо аз дастовардҳои варзишӣ ё баҳоҳои мактабиашон муҳимтаранд, метавонанд осуда шуда, боварӣ ба худ ҳис кунанд, лаёқатҳои худро ба таври максималӣ инкишоф диҳанд.

Онҳо хоҳанд донист, ки хоҳ муваффақ шаванд, хоҳ ноком гарданд — шумо муносибати худро ба онҳо дигаргун намекунед.

**«ЧЕМПИОНҲО»-И ВОЛЕЙБОЛИ МО ДАР ҲЕҶ ЯК ВОХӮРӢ ҒОЛИБ НАОМАДАНД**

Соли гузашта мактаби миёнаи Ҷулиан, ки дар он 200 талаба таҳсил мекунанд, бори аввал дар мусобиқаи волейбол иштирок намуд. Бозиҳо хеле нобарор сар шуданд: тренери доимӣ набуд, ҷадвали бозиҳо нобарор тартиб дода шуда буд. Дар натиҷа онҳо маҷбур буданд танҳо як вохӯриро дар майдони худ ва ҳамаи вохӯриҳои дигарро дар майдонҳои дигарон, зидди бозингарони ботаҷриба гузаронанд.

Писарони навраси мо, Ҷонатан ва Тиммӣ, аъзоёни даста буданд, ва ману Шарлотта, чун волидони дигар, ба ҳамаи вохӯриҳои варзишӣ мерафтем. Мо ҳамроҳи онҳо ба ҳама ҷо мерафтем, чун мухлисон то гирифтани овоз фарёд мезадем, аммо бачаҳои мо — дастаи синфи 1А — дар чандин вохӯриҳо ба ҳарифони ботаҷрибатари синфи 3А ноком гардиданд.

Да охири мавсим онҳо дар ҳеҷ як вохӯрӣ ғолиб наомаданд. Аммо барои мо ин аҳамият надошт. Мо барои Ҷонатан ва Тиммӣ хурсандӣ мекардем, гӯё ки онҳо чемпионҳои дараҷаи ҷаҳонӣ бошанд. Онҳо барои мо чунин буданд. Дастовардҳои онҳо бароямон аҳамияте надоштанд. Онҳо то ҳадди охирин кӯшиш мекарданд. Онҳо ҳеҷ гоҳ шикоят намекарданд, дар ҳаққи касе бадгӯӣ намекарданд, аз шарм сар хам намекарданд. Мо барои онҳо хурсандӣ мекардем, гӯё онҳо чемпионҳо бошанд — мо ҳамеша ҳамин тавр мекардем.

Ҳар як дипломи онҳо, ҳар як мукофот ё грамотаи онҳо дар роҳрави назди ҳуҷраи хобашон дар девор ҷой дода мешуд. Аҳамият надошт, ки ин чӣ буд, — ҳар як мукофот арзишнок буд, зеро ба Ҷонатан

ва Тиммӣ ёдрас менамуд, ки онҳо писарони хеле хуб ҳастанд. Мо ҳамеша онҳоро на танҳо барои муваффақиятҳо таъриф мекардем, балки низ барои он ки онҳо чунин шудаанд. Девори роҳрав гӯё мегуфт: «Мо аз шумо ва аз он чи шумо кардед, ифтихор дорем».

Дар ёд нигоҳ доред, ки Тимотӣ ва Ҷонатан «ҷавонии дуюм»-и мо мебошанд, ки онро онҳо баъди зиёда аз 15 соли зода шудани фарзандони аввал тӯҳфа намуданд. Аммо бо фарзандони калонӣ низ мо кӯшиш мекардем, ки ҳамин гуна рафтор намоем. Дик, Дейв ва Ҷефф дар мактаб ва коллеҷ варзишгарони хуб буданд — онҳо ба масофаҳои дароз медавиданд. Офиси ман ба музейи мукофотҳои варзишӣ монанд буд: ҳамаи рафҳои болоии стеллажҳои китобмонӣ аз мукофотҳои онҳо пур буданд. Ҳангоме одамон медаромаданд, дарҳол медиданд, ки ман аз дастовардҳои фарзандонам ифтихор дорам. Аммо меҳмони тасодуфӣ метавонист пай набарад, ки ман аз писаронам фахр мекунам, аз он ифтихор дорам, ки онҳо чунин мебошанд. Ба онҳо лозим набуд, ки барои ба даст овардани таҳсини ман боз ва боз ғолиб оянд. Метавонам илова намоям: духтари ягонаам Киммӣ худ аз худ мукофот аст. Киммӣ ягона «шоҳдухтари хурдакаки падар» аст, агарчи ҳозир ӯ модари се фарзанд мебошад (ниг. Мас. 31:29).

Ман муддати дароз ба фарзандон талқин менамудам, ки рақобат ва ҳасад аз ҳам фарқ доранд. Рақобат комилан табиист. Ман чунин меҳисобам, ки он барои мусобиқа бо якдигар асос мебошад. Аммо ҳасад боиси он мешавад, ки одамон якдигарро хафа мекунанд. Як кӯдак кӯдаки дигарро таҳқир мекунад, то ки худашро хуб нишон диҳад. Ё ки кӯдакон бозии «Ман хуб ҳастам — ту бад»-ро сар мекунанд ва ин бадтарин намуди рақобат аст.

Ҳангоме ки мо Тиммиро писархонд кардем, бисёр хавотир мешудем, ки Ҷонатан ба ин чӣ аксуламале мекунад. Бародари хурдиаш аз Ҷонатан 16 сол калон буд. Яъне аз бисёр ҷиҳатҳо ӯ фарзанди ягона буд, чунки бародарони калонӣ ва апааш аллакай хонаро тарк карда буданд. Ӯ шоҳзодаи хурдакак буд, ва мо хавотир мешудем, ки ӯ ба ҳар касе ки ба ҳудуди ӯ дохил мешавад, рашк хоҳад кард. Аммо хавотиршавиҳои мо беҳуда буданд.

Ҳа, байни Тиммӣ ва Ҷонатан рақобати муайяни кӯдакона ҳаст, аммо ҳасад нест. Ману Шарлотта боварӣ дорем: ин ба шарофати ду бародари калонии ӯ — Дейв ва Ҷефф аст. Ман дигар касонеро намедонам, ки ба ҳамдигар ин қадар ғамхорона муносибат мекарда бошанд. Агарчи онҳо дар баъзе намудҳои варзиш мусобиқа мекарданд, аммо намунаи он буданд, ки чӣ гуна *рақобат* накарда, *мусобиқа* кардан мумкин аст.

Ҷонатан ва Тиммӣ оиди бародари калониашон Дик, ки он вақт дар Африка зиндагӣ ва кор мекард, қиссае доштанд. Худо ӯро барои амалӣ гардондани барномаи мубориза бар зидди гуруснагӣ дар Малӣ — яке аз камбағалтарин давлатҳои Африка истифода бурд.

Ман медонистам, ки Худо ба фарзандони ман чӣ истеъдодҳо ато кардааст, ва ҳамеша онҳоро водор мекардам, ки лаёқатҳояшонро ба таври максималӣ истифода баранд, аммо на барои камолот. Ҳангоме ки тамоми қуввататро сарф карда, ба камолот ноил шудан мехоҳӣ, ҳамеша ғолиб мебарой — ҳатто агар амалан мағлуб шавӣ ҳам. Ман бо Винче Ломбардӣ розӣ нестам: *ғолиб шудан дар ивази ҳар чизе ки бошад*, дуруст нест.

**Ӯ АЗ РЕКОРДИ ҶАҲОНӢ ДАРГУЗАШТ ВА БА МАРРА ДУЮМ ОМАД**

Якчанд сол пеш Стив Скотт, давандаи якуми Амрико дар масофаи як мил, дар мусобиқаҳои байналмилалии калон дар Сан-Диего иштирок дошт. Бегоҳӣ Стив аз рекорди давидан ба масофаи як мил барои толорҳои пӯшида даргузашт, аммо ба ҳар ҳол ба марра дуюм омад, чунки Эмин Коглен боз ҳам тезтар давид. Баъди чанде хабарнигор аз Стив интервю мегирифт ва ба ӯ савол дод: «Шумо чӣ ҳис мекунед: ин қадар хуб давидед, аммо ба марра дуюм омадед?»

Ҷавоби ӯро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Он қадаре ки ман дар ёд дорам, ӯ чунин гуфт: «Ман ба мақсаде ки муқаррар карда будам, расидам, аммо Эмин мақсади баландтареро муқаррар намуд ва ба он расид. Аммо ман низ ба мақсади худ расидам ва бинобар ин қаноатманд ҳастам».

Ба Стив Скотт маъқул набуд, ки ба Эмин Коглен бой дод, аммо вай ба ҳар ҳол қаноатманд буд, зеро медонист, ки ба ҳадди охирини имкониятҳои худ расидааст. Ҳа, вай мехост якум шуда ба марра расад ва рекорди ҷаҳонӣ нишон диҳад, аммо эҳтиёҷе набуд, ки худро назди касе сафед кунад: ӯ то ҳадди охирини имкониятҳояш кӯшиш карда буд.

Чунин муносибати Стив Скотт боз як намунаи мусобиқа аст, на ин ки рақобат. Ҳар як фурсатро истифода бурда, ба фарзандатон нишон диҳед, ки бо атрофиён рақобат кардан даркор нест. Мусобиқа кардан, ба ҳамкорӣ тайёр будан ва ба наздикон дилсӯз буданро ба ӯ ёд диҳед. Ман чунин меҳисобам, ки чизи асосӣ дар зиндагӣ — тарбияи хислат аст, ва чизи асосӣ дар хислат — ба дигарон ҳамдардӣ карда тавонистан. Одам ҳар қадар доно ва комил бошад, агар ба дигарон ҳамдардӣ карданро ёд нагирифта бошад, ҳаёти ӯ нобарор аст. Инро дар ёд нигоҳ доред.

### *Аз гулӯи дигарон гирифта, ҳамдардӣ кардан ғайриимкон аст*

Боз як чизи хеле муҳим ҳаст. Ман мехоҳам, ки фарзандонам фаҳманд: ба худ низ ҳамдардӣ ҳис кардан даркор аст. Камолотпараст ба худ ҳамдардӣ карда наметавонад. Ӯ ба мақсадҳои боз ҳам баландтар ва баландтар расидан мехоҳад, аммо ҳамеша аз худ ва аз дастовардҳои худ норозӣ аст. Камолотпараст бо худ оштӣ карда наметавонад.

Кӯдак бояд на танҳо ҳис кунад, ки ӯро қадр мекунанд, балки низ ҳис кунад, ки ӯро чуноне ки ҳаст, дӯст медоранд. Танҳо муҳаббатро ҳис карда, ӯ метавонад шахси мустақил ва боварибахше шавад, ки қарорҳо қабул карда метавонад ва мефаҳмад: таҳсини шумо нишонаи дӯст доштан ва миннатдорӣ аст, на ин ки музд барои «рафтори хуб».

### ҲАНГОМЕ КИ ТИММӢ НИҲОЯТ ХУДРО ДАРКОРӢ ҲИС КАРД

Дар боби 6-ум ман оиди он нақл кардам, ки мо аз хонаи кӯдакон дар Корея писареро — Тиммиро ба оилаи худ гирифтем. Ҳангоме ки Тиммӣ ба Амрико омада, узви оилаи мо шуд, дарҳол кӯшиш кард, ки барои корҳои хуб таърифу таҳсинҳои зиёдеро сазовор шавад. Ӯ бисёр кӯшиш мекард, ки ба мо маъқул шавад. Агарчи Тиммӣ ба англисӣ гап намезад, ва мо забони кореягиро намедонистем, маълум буд, ки ӯ бисёр мехоҳад ба мо маъқул шавад.

Дар аввал ман рафтори ӯро хусусияти маданияти шарқӣ меҳисобидам, ки дар он итоат ба калонсолон одат аст. Аммо баъди якчанд ҳафта маълум шуд, ки дар асл Тиммиро ба чунин рафтор чӣ водор мекард. Дар маркази Ҷулиан, ки ман директори он будам, мебоист конфронси байналмилалии донишҷӯён баргузор мегардид. Ман фаҳмидам, ки дар он духтаре аз Корея иштирок хоҳад кард.

«*Инак барори кор*! — фикр кардам ман. — *ана бо кӣ Тиммӣ гап зада метавонад. Ӯ аллакай чор ҳафта боз дар ин ҷост ва ягон бор ба забони модарияш гап назадааст*».

Ман Тиммиро бо худ ба Марказ бурдам ва духтараки кореягиро ёфтам. Вай шахси хандонрӯй ва хайрхоҳ буд. Аммо ҳамин ки духтарак бо ӯ ба забони кореягӣ гап зад, Тиммӣ аз вай рӯ гардонда, ба пойҳои ман часпида гирифт. Ман ӯро ба даст гирифта, бӯсидам, аммо ӯ ба риши ман часпида, беист «дада, дада, дада...» мегуфт.

Ман аз духтарак узр хостам ва гуфтам, ки намедонам чаро Тиммӣ ин тавр кард. Бешубҳа, духтарак айбе надошт. Баъд ман сабаби инро пай бурдам. Ҳангоме ки ман Тиммиро бо духтари кореягӣ шиносондам, ва ӯ бо писарак ба забони кореягӣ гап зад, мантиқи

писараки панҷсола ба ӯ чунин гуфт: «*Онҳо маро баргардондан мехоҳанд... Лозим меояд, ки ба Корея баргардам*».

Баъди андаке Шарлотта, Тиммӣ ва ман дар рӯзҳои истироҳат ба Сан-Франсиско равон шудем. Мо ба «Бандари моҳигир» раҳсипор шудем, ва Тиммӣ дар он ҷо хеле хурсандӣ кард. Баъд мо қарор додем, ки ба фуникулёр нишаста, ба Чайна-таун бароем. Ман боз фикр кардам: «*Тиммӣ аз хӯрдани ягон хӯроки шарқӣ ва аз дидани ҷое ки ба Корея монанд аст, шод мешавад*».

Аммо ман хато кардам. Ҳангоме ки мо ба Чайна-Таун расидем, Тиммӣ хомӯш шуд. Мо барои харид кардан ба як-ду магазин даромадем, дар ресторан хӯрок хӯрдем, аммо ӯ дар тамоми ин муддат сухане нагуфт. Ниҳоят мо аз ресторан баромада, ба фуникулёр нишастем ва ба «Бандари моҳигир» баргаштем. Дар ин ҷо Тиммӣ аз нав хушҳол шуд ва тамоми боқимондаи рӯз хурсандӣ мекард.

Баъд ману Шарлотта ин воқеаро муҳокима кардем ва қарор додем: ӯ тамоман наметарсад, ки ӯро ба Корея бармегардонанд. Аз афташ, ягон воқеаи нохуш ба ёдаш омадааст. Ва боз ӯ хоҳиши зиёд дошт, ки худро бо мо ҳаммонанд кунад ва ҳамеша ба мо маъқул бошад. Ҳамин тавр ҳафтаҳои бисёр гузаштанд. Баъд рӯзе фаро расид, ки ман онро «дигаргунсоз» меномам.

Мо наҳорӣ мекардем, ва ман аз Тиммӣ чизеро хоҳиш кардам. Хоҳиш тамоман оддӣ буд: «Хӯрокатро тезтар хӯр» ё «Тиммӣ, вақти ба мактаб рафтанат шуд».

Аммо ба ҷои он ки аз ҷояш ҷаста, ба ман итоат кунад (чуноне ки одатан мекард), Тиммӣ дудила шуда монд. Дар чеҳраи ӯ беитоатии рӯйрост набуд, аммо тамоми ваҷоҳати ӯ чунин мегуфт: «Бояд фикр кард».

Ман ба Шарлотта нигаристам — оё вай маънои ҷавоби Тиммиро фаҳмид? Ман аз чашмонаш донистам, ки фаҳмид. Тимми дар роҳ ба сӯи шахсияти мустақил шудан буд, ки қарорҳои мустақилона қабул карда метавонад. Тиммӣ бо ин «беитоатӣ»-и хурд ба мо фаҳмонд, ки худро дар хонаи мо ба қадри кофӣ боваринок ҳис мекунад, то ки бошуурона итоат кунад, на ин ки автоматӣ ё аз тарс. Акнун ӯ ба муҳаббати мо боварӣ дошт, ва метавонист худаш қарор диҳад, ки кай итоат намояд.

Аз он вақт Тиммӣ пурра ба оилаи мо дохил шуд. Рости гап, танҳо ба шарофати ӯ ман фаҳмидам, ки худро ба касе ё чизе ҳаммонанд кардан чист. Дар синфи панҷум дар дарс оиди Инқилоби Амрико Тиммӣ даст бардошта, ба муаллим гуфт, ки бобокалони бобокалони ӯ дар қатори онҳое буд, ки Эъломияи Истиқлолиятро имзо кардаанд. Ҳангоме

ки ман ин воқеаро нақл мекунам, шунавандагон механданд: онҳо бовар намекунанд, ки дар байни онҳое ки Эъломияи Мустақилиятро имзо кардаанд, ягон шахси осиёӣ бошад. Аммо Тиммӣ ҳақиқатеро фаҳмид, ки бисёр масеҳиён то ҳол намефаҳманд. Ӯ худро бо оилаи Дей дар тамоми наслҳо ҳаммонанд мекард — гузашта, ҳозира ва оянда. Ин оила ӯро писархонд кард ва оилаи ӯ гардид. Айнан ҳамин тавр мо худро бо Масеҳ ҳаммонанд мекунем — дар гузашта, ҳозира ва оянда, зеро фарзандони Малакути Худо гардидаем.

## ШАХСИЯТ ҲАМЕША ДАР ҶОИ АВВАЛ

Шумо фарзанди худро дӯст медоред ва қадр менамоед, аммо дар ин ҷо низ чизе ҳаст, ки ман аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа меномам. Шахсият ҳамеша аввалиндараҷа буда, амалҳои ӯ ҳамеша дуюмдараҷа мебошанд. Аввалан, шумо бо кӯдак — шахсият сару кор доред: шумо ӯро дӯст медоред ва бо ҳамин ба ӯ ҳисси боварӣ ба худ ва «даркор будан»-ро медиҳед. *Рафтору кирдори* кӯдак ҳамеша дуюмдараҷа мебошанд, аммо агар шумо онҳоро таҳсин кунед, ба ӯ имкон медиҳед, ки худро ӯҳдабаро ҳис кунад. Муҳимаш он аст, ки дар ёд нигоҳ доред: таҳсини *рафтору кирдори* кӯдак бояд аз он сарчашма гирад, ки шумо шахсияти кӯдакро эҳтиром менамоед.

Ҳозир Тиммӣ 16-сола шудааст. Оё ба шумо шавқовар аст, ки корҳои ӯ дар чӣ ҳолатанд? Ӯ комил нест. Чун ҳар як навраси муқаррарӣ ӯ мушкилоти худро дорад, гоҳо нисбати ӯ чораҳои интизомӣ андешидан лозим меояд. Аммо қобили зикр аст, ки ӯ дар корҳои хона хеле хуб ёрӣ медиҳад. Ӯ хӯрок пухтанро дӯст медорад. Ӯ зарфҳоро мешӯяд. Ӯ на аз ҳисси вазифадорӣ, балки аз он сабаб ёрӣ медиҳад, ки ёрӣ додан мехоҳад. Ин чиз дили маро гарм мекунад, зеро ман медонам: Тиммӣ на барои таҳсини мо меҳнат мекунад. Ӯ медонад, ки мо ӯро дӯст медорем, ва ҷавобан дӯст медорад. Ӯ медонад, ки ба нобарорӣ ҳақ дорад, аммо боварӣ дорад, ки мо ӯро чун шахсият эҳтиром менамоем.

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Ҳангоми кӯдакиятон волидон аз шумо кадом умеду интизориҳо доштанд? Шумо аз фарзандони худ кадом умеду интизориҳо доред?

2. Оё шумо ё фарзандонатон аз мушкилоти вобаста бо камолотпарастӣ азоб намекашед? Нишонаҳои фарқкунандаи камолотпарастиро ба ёд оваред. Оё дар байни онҳо хусусиятҳое нестанд, ки ба шумо ё фарзандатон хос бошанд? Масалан, оё шумо бисёр вақт ба худ «ман мебоист...» мегӯед? Агар ба яке аз аъзоёни оилаатон ин хусусиятҳо хос бошанд, ба якдигар гӯед, барои дигаргун шудан ёрӣ диҳед.

3. Бо ҳамсаратон гуфтугӯ кунед ва софдилона аз худ пурсед: «Оё мо фарзандонамонро маҷбур намекунем, ки бо «сазоворшавиҳо» зиндагӣ кунанд? Дигар хел карда гӯем, оё фарзандони шумо ҳис мекунанд, ки барои сазовори таҳсини шумо гардидан бояд ягон коре кунанд. Ё онҳо аниқ медонанд: шумо онҳоро новобаста ба рафторашон эҳтиром менамоед? Агар ҷавоби аниқ дода натавонед, бо фарзандон гап занед, ҳиссиётҳои ҳақиқии онҳоро муайян намоед.

4. Оё фарзандони шумо ба хато ҳақ доранд? Худи онҳо ба ин савол чӣ ҷавоб медоданд, агар медонистанд, ки софдилона гап зада метавонанд?

5. Чаро мусобиқа кардан аз рақобат намудан беҳтар аст? Оё Дик дар масъалаи мусобиқа корозмудагӣ нишон медиҳад? Чӣ гуна ба фарзанд ёд диҳем, ки бо дигарон мусобиқа карда, сифатҳои беҳтарини худро зоҳир намояд?

6. Кадоме аз ҷавобҳои зерин оилаи шуморо тавсиф мекунад? Ҷумлаи зеринро ба анҷом расонед: «Ғалаба барои мо... »:
   а. ҳама чиз аст.
   б. аҳамият надорад.
   в. мақсади сазовор аст.

7. Фикри асосии ин боб: «Аз гулӯи наздикон гирифта, ба онҳо ҳамдардӣ кардан ғайриимкон аст». Оё шумо розӣ ҳастед ё не? Бо ҳамсаратон оиди он гуфтугӯ кунед, ки шахси ҳамдарду дилсӯз будан чӣ маъно дорад?

# ҚИСМИ IV

## МУҲАББАТ: ШАРТИ ЗАРУРӢ БАРОИ ҲАЁТИ КӮДАК

Барои он ки хайрхоҳӣ ва таҳсини волидон таъсир бахшанд, ба онҳо муҳаббат ва навозишро илова кардан даркор аст. Муҳаббати волидон барои кӯдак чун об барои гул, равған барои мошин, хӯрок барои гурусна аст. Кӯдак бе муҳаббат метавонад бимирад. Кӯдак бе муҳаббат ба воя расида, танҳо барои дӯстдошта ҳис кардани худ бо амали ҷинсӣ машғул мешавад. Дар ду боби минбаъда муфассал фаҳмонда мешавад, ки чаро муҳаббат ин қадар тавоност. Шумо ба саволҳои зерин ҷавобҳо пайдо мекунед:

- Чаро кӯдакон навозишро дӯст медоранд ва ба зоҳиршавии он эҳтиёҷи сахт доранд?
- Чаро оғӯшгириҳо ва бӯсаҳо кӯдаконро солимтар мекунанд?
- Чаро волидон ба фарзандони навраси худ муҳаббати камтар зоҳир намуда, хато мекунанд? Чаро волидон бояд баръакс рафтор намоянд?
- Чаро наврасон назар ба кӯдакони хурдсол ба муҳаббати бештар эҳтиёҷ доранд?
- Фишори сахте ки ҳамсолон ва воситаҳои ахбори умум дар масъалаи алоқаи ҷинсӣ ба наврасон мерасонанд, аз чӣ иборат аст?
- Сабаби дар масъалаи алоқаи ҷинсӣ фаъол будани наврасон дар чист?
- Чаро дӯст доштанро ёд гирифтан даркор аст?
- Чӣ гуна якдигарро дӯст доштани волидон ба кӯдак ёрӣ медиҳад, ки ба худ боварӣ пайдо кунад?
- Маслиҳатҳо барои шавҳарон. Чӣ гуна ба кӯдак фаҳмондан мумкин аст: «Ман ҳақиқатан модари туро дӯст медорам»?
- Ба қаҳрамонон чӣ гуна амали ҷинсӣ мувофиқ аст?
- Маслиҳатҳои волидон: муҳаббатро ба фарзандон чӣ гуна зоҳир намудан даркор аст.

# 9 ҚУВВАИ ОҒӮШГИРИҲО

Ман дар охири сафари лексияхонии худ дар шаҳри Финикс (иёлати Аризона) будам. «Об нест, аммо пляж бениҳоят калон аст» — оиди он танҳо чунин гуфтан мумкин аст. Охири баҳор буд, сутуни ҳароратсанҷ аз рӯи ҷадвали Фаренгейт аз 90 дараҷа баланд шуд. Ман мебоист дар якчанд мактабҳо баромад мекардам, ва қарор додам, ки як лексияро дар ҳавои кушод гузаронам — нисфирӯзӣ дар алафзори назди мактаб. Дар мактаб қариб ҳазор нафар хонандагон буданд, ва чунин метобид, ки ҳамаи онҳо берун омадаанд, то дар рӯи алаф нишаста, гӯш кунанд, ки ин «амак» ба онҳо оиди секс чӣ мегӯяд.

«Амак» ман будам. Ман ба болои санги калон баромадам — то ки ҳама дида ва шунида тавонанд, — ва суханро оиди он сар кардам, ки чаро барои бисёр ҷавонон ҷустуҷӯи муҳаббат ва наздикии ҳақиқӣ ба амали ҷинсӣ табдил меёбад. Дар айни сӯҳбат ба шунавандагон гурӯҳи панкҳо ҳамроҳ шуд.

Онҳо мӯйҳои рангкардаро ба таври аҷибу ғариб шона кардаанд, дар гарданҳояшон — занҷирҳои тилло. Ҳозирон ба онҳо аҳамияти зиёд надоданд, аммо ман бо диққат онҳоро мушоҳида мекардам, ва намедонистам, ки онҳо барои чӣ омадаанд ва чӣ кор карданӣ ҳастанд. Аммо панкҳо ба ман нигариста, гӯё мегуфтанд: «Канӣ, Макдауэлл, чӣ чизи наве ба мо нақл мекунӣ?»

Баъди 22 дақиқа ман изҳори ақидаҳоямро оиди фарқи муҳаббати ҳақиқӣ аз он чизи беқадре ки ба фикри бисёрии бачаҳо, дар нишастгоҳи ақиби мошин бо он машғул шудан даркор аст, бас кардам. Ҳангоме ки ман аз санг фаромадам, сарвари панкҳо сӯи ман равона шуд.

Ва инак дар назди тамоми мактаб — қариб ҳазор нафар хонандагон — ҷавони калонҷусса ба ман наздик омад. Бисёриҳо он чиро, ки баъд рӯй дод, он қадар хуб надиданд ва нашуниданд. Онҳо ашкҳои ӯро надиданд ва суханони ӯро нашуниданд:

«Ҷаноби Макдауэлл, шумо маро оғӯш намекунед?»

Ман ҳанӯз дастамро боло накарда будам, ки он ҷавон маро дар оғӯши хирсонааш гирифт ва сарашро ба китфам гузошта, чун кӯдак гиря кард. Ман ӯро оғӯш кардам, ва мо қариб як дақиқа истодем: ҳама гуна оғӯшгирӣ беохир метобад, хусусан агар туро панки калонҷусса оғӯш мекунад ва занҷирҳои тиллояш ба сари синаат мехаланд. Аммо ман медидам, ки ӯ самимист. Ӯ на маро аҳмақ мекард, на атрофиёнро. Ӯ ҳақиқатан мехост, ки ӯро ба оғӯш гиранд!

Ниҳоят панк худро ақиб кашид ва чизе гуфт, ки ман аз бисёр наврасон шунидаам: «Ҷаноби Макдауэл, дар тӯли тамоми зиндагӣ падар маро ҳеҷ гоҳ ба оғӯш нагирифтааст, ҳеҷ гоҳ нагуфтааст, ки маро дӯст медорад».

Ин ҷавон, ки дар тан либоси аҷиб, дар гардан занҷири тилло дошт ва мӯйҳояшро ба таври аҷиб шона карда буд, бо усули ба ӯ хос изҳор намуд, ки ҳар кас ба муҳаббат эҳтиёҷ дорад. Ӯ инро бо суханоне гуфт, ки ба фикрам, он хонандагон ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд. Суханони дилхароши он ҷавон оиди падараш бояд барои ҳамаи волидон огоҳие бошанд: ҳангоми ҳар як имконият фарзанди худро сила кунед, навозиш намоед ва бӯса кунед!

**МАРГ АЗ НОРАСОИИ МУҲАББАТ?**

Шояд шумо бо маълумоти омор оиди ба муҳаббат эҳтиёҷ доштани кӯдакон шинос шудаед. Масалан, як тадқиқоти аввали аср нишон дод: кӯдаконе ки ҳеҷ кас онҳоро ба оғӯш намегирифт ва намебӯсид, гоҳо аз норасоии муҳаббат мемурданд. Дар солҳои охир бисёр тадқиқотҳо ва таҷрибаҳо гузаронда шудаанд. Онҳо нишон доданд: ҳангоме ки касе дар ҳаққи кӯдак ғамхорӣ менамояд — навозиш ва меҳрубонӣ мекунад, — саломатии кӯдак беҳтар мешавад. Кӯдакони номаҳбуб, ҳатто агар дуруст тарбия ёфта бошанд ҳам, нодуруст инкишоф меёбанд.

Яке аз талаботҳои аввалини тифл — эҳтиёҷ ба он аст, ки ӯро навозиш намоянд, сила кунанд, ба оғӯш гиранд. Муҳаббат кӯдаконро хушбахт мекунад, аммо — ин боз муҳимтар аст — муҳаббат талаботи асосии физиологӣ ва психологиро қонеъ мегардонад, ки он дар тамоми давраи инкишофи кӯдак бетағйир мемонад.

Дар боби дуюм ман тадқиқотеро зикр карда будам, ки нишон дод: волидон кӯдакони хурдро бештар оғӯш мекунанд ва мебӯсанд; бо мурури калоншавии кӯдакон оғӯшгириҳо ва бӯсиданҳо камтар мешаванд. То он вақте ки фарзандон ба синфҳои мобайнӣ мегузаранд, волидон амалан оғӯш кардан ва бӯсидани онҳоро бас мекунанд. Яке аз сабабҳо дар он аст, ки худи наврасон аз навозишҳои волидон

канорагирӣ карда, гуфтанӣ мешаванд: «» Акнун ман калон шудаам, ин ба ман даркор нест!» Ба онҳо бовар накунед! Онҳо ба муҳаббат эҳтиёҷ доранд! Ва агар онро набинанд, талаботҳои худро бо воситаҳои номатлуб қонеъ мегардонанд.

Бо гузаштани ҳар даҳсола ҳудуди поёнии балоғати ҷинсӣ поёнтар мешавад. Сад сол пеш синни миёнаи балоғати ҷинсӣ 16-солагӣ буд. Дар солҳои 50-ум ин ҳудуд то 14-солагӣ поён фаромад. Имрӯз, дар охири асри XX, синни миёнаи балоғати ҷинсӣ ба 12-солагӣ наздик шуда истодааст.

Ин маълумотҳо хеле муҳиманд, ва оиди онҳо андеша кардан даркор аст. Балоғати ҷинсӣ аз ҳайз ва эҳтиломи шабона хеле бештар аст. Он далели ба балоғат расидани кӯдак аст. Ба ҳар ҳол, ӯ аллакай «кӯдак ба дунё овардан» метавонад. Бадбахтона, кӯдакон ҳар қадар барвақттар ба балоғати ҷинсӣ расанд, ҳамон қадар камтар аз ӯҳдаи стресси эҳсосотие ки аз боиси дигаргуниҳои физиологӣ ба амал меояд, баромада метавонанд.

## МУЗДИ «АХЛОҚИ НАВ»

Шумо оиди «ахлоқи нав» шунидаед: ин истилоҳ аз инқилоби ҷинсӣ баромадааст, ки дар якчанд даҳсолаи гузашта ба амал омадааст. Дар асл ахлоқи нав ғайр аз бадахлоқии қадимии маъмулшуда чизи дигаре нест. Сели азими намоишҳои телевизионӣ, филмҳо, видео, китобҳо ва мақолаҳои маҷаллаҳо ба сари наврасон фурӯ мерезад.

Ба ҳисоби миёна кӯдаки даҳсола ё калонтар дар давоми як сол зиёда аз 9 ҳазор бор тасвири амали ҷинсиро мебинад, гуфтугӯҳоро оиди он мешунавад. Аз онҳо зиёда аз 7 ҳазор саҳна (яъне қариб 80%) секси берун аз никоҳро тарғиб мекунанд. Ҳангоме ки наврас ба синни бистсолагӣ мерасад, аз телевизор 90 ҳазор саҳнаҳои амали ҷинсиро мебинад[1].

Магар ҳайратовар аст, ки ҳарчи бештар наврасон ба секси то никоҳ ҷалб мешаванд? Дар яке аз мактабҳои миёнаи Вермонт муаллим дар байни хонандагони синфи нӯҳум пурсиши маҳрамона гузаронд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки зиёда аз 50% муносибатҳои ҷинсиро сар кардаанд. Пурсиш ошкор намуд, ки 80% талабагон ихтиёрӣ ба амали ҷинсӣ сар карданд, ва зиёда аз 90% ҳангоми алоқаи аввалин воситаҳои зидди ҳамлро истифода набурдаанд[2]. Ва ин дар Вермонт — шаҳри на он қадар пешрафта.

Ҳангоми анкетакунии дигар, ширкати ҷамъиятшиносии Ню-Йорк дар байни 1300 нафар талабагони 16 мактаби миёна, 1600 хонандагони 10 коллеҷ ва 500 нафар волидон дар 12 шаҳри ИМА

пурсиш гузаронд. Пурсиш танҳо дар байни намояндагони табақаи «миёна» гузаронда шуд, то маълум карда шавад, ки «наврасони некӯаҳвол» оиди секс чӣ фикр доранд. Пурсиш нишон дод:

- 51% толибагони мактабҳо ва 79% толибагони коллеҷҳо бакоратро аз даст додаанд;
- Синни миёнаи ба амали ҷинсӣ сар кардани наврасон 16,9 солагӣ аст;
- 33% талабагони мактабҳо ва 52% талабагони коллеҷҳо аз як бор дар як моҳ то як бор дар як ҳафта бо амали ҷинсӣ машғул мешванд;
- 96% наврасони аз ҷиҳати ҷинсӣ фаъоли мактабҳои миёна ва 99% — дар коллеҷҳо медонанд, ки СПИД бо роҳи ҳетеросексуалӣ гузашта метавонад.
- СПИД 26% талабагони мактабҳо ва 15% хонандагони коллеҷҳоро маҷбур кард, ки рафтори худро дигар кунанд.

**ХУШ ОМАДЕД БА ОЛАМИ СПИД**

Аз афташ, хатари СПИД бисёриҳоро ба андеша водор намудааст, ки оё ба алоқаи ҷинсии пеш аз никоҳ ё берун аз никоҳ сар кардан меарзад. Аммо мо ҳикояҳои беш аз пеш даҳшатноктарро мешунавем!

> Илтимос, Ҷош, оиди хатар огоҳ кардани бачаҳоро давом деҳ. Ману занам дугонаи донишҷӯ дорем. Ҳаёти ӯ барҳам хӯрдааст. Тирамоҳи соли гзашта ӯ ба Флорида ба таътили сеҳафтаина рафта буд. Ӯ дар он ҷо бо марди «оличаноб» шинос шуд. Мард бо ӯ чун бо малика муносибат мекард. Ӯ аз меҳмонхона ба хонаи он шахс кӯчид — хулоса, «ошиқ шуд».
>
> Таътил ба анҷом расид, мард ӯро ба ҳавопаймо шинонд ва қуттичаеро дод, ки дар онҳо *ҳалқаҳо*ро мефурӯшанд. Вай гуфт, ки қуттичаҳо танҳо баъди ба хона омадан кушояд. Чун ҳама гуна зан, шиноси мо қуттиро дарҳол баъди парвоз кардани ҳавопаймо кушод. Ӯ дар он тобути хурдакак ва хатчаеро дид: «Хуш омадед ба олами СПИД». Баъди се моҳи бозгаштан ташхис тасдиқ кард, ки ӯ сироят ёфтааст.
>
> Ба фикрам, барои ҳабс кардани он мард ордер дода шуд, чунки ӯ ин корро бо ҳафт зани дигар карда буд.
>
> Ин ҷиноят аст... аммо ба бачаҳо оиди ин хатар нагуфтан низ ҷиноят аст.

**НАВРАСОН БО САБАБИ ХОМӮШ БУДАН АЗ ҶИҲАТИ ҶИНСӢ ФАЪОЛ МЕБОШАНД**

Ман боз бисёр мисолҳое оварда метавонам, ки аз ҳисоботҳо ва маълумотҳои омор гирифта шудаанд, ки қисми тадқиқоти «Чаро интизор бояд шуд?» мебошанд. Мо ин тадқиқотро дар байни талабагони мактабҳои миёна ва коллеҷҳо дар охири солҳои 80-ум гузаронда будем. Бо ҳазорон ҷавонон мусоҳиба карда, ману Дик ба хулосае омадем: бисёр наврасон ва ҷавонон на барои он аз ҷиҳати ҷинсӣ фаъол мебошанд, ки бе секс зиста наметавонанд, балки барои то оиладоршавӣ мавқуф гузоштани муносибатҳои ҷинсӣ сабаби шахсии амиқ надоранд.

Аммо камаш ду сабабе ҳаст, ки боиси ба алоқаи ҷинсии пеш аз никоҳ дохил шудани наврасон мегарданд. Ман пеш аз сӯҳбатҳо дар мактабҳо ва донишгоҳҳо ҳамеша чунин мегӯям: «Қариб ҳамаи шумо аз ду чиз метарсед: аввалан — аз он ки ҳеҷ гоҳ дӯстдошта буда наметавонед, ва сониян — аз он ки худатон ҳеҷ гоҳ дӯст доштан наметавонед».

Баъди ин суханон қариб ҳамеша хомӯшии том фаро мерасад. Дар назди ҷавонон баромад карда, ман медонам: набояд изҳороте кунам, ки ақаллан 5% хато аст. Вагарна онҳо ин 5%-ро ба даҳони ман бармегардонанд. Аммо ҳангоме ки оиди ин ду тарс гап мезадам, ҳеҷ кас рад намекард. Онҳо дар умқи дил мефаҳманд, ки ман ҳақ ҳастам. Ҳамин ду тарс сабабгори он мебошанд, ки наврасон дӯстиро ба амали ҷинсӣ иваз мекунанд.

Ҳангоме ки ману Дик китоби «Чаро бояд интизор шуд?»-ро менавиштем, қисми якумро ба сабабҳое бахшидем, ки ҷавононро ба амали ҷинсии пеш аз никоҳ водор мекунанд[3]. Мо маълумоти тадқиқоти худро ба компютер даровардем. Менеҷери ман натиҷаҳоро оварда, гуфт: «Шумо бовар намекунед. Компютер 37 сабаби ҳуҷҷатӣ тасдиқшударо дод, ки аз боиси онҳо наврасон ба алоқаи ҷинсӣ сар мекунанд».

«Ин ғамангез аст, — гуфтам ман. — Намехостам дар ин бора нақл кунам. Ба ғайр аз ин, бисёриҳо ба мо бовар нахоҳанд кард. Шояд мо ин ададро андаке камтар карда метавонем?»

Ман, бо андешаи он ки шояд аз 37 пункт ақаллан 10 ё 12-тоашро хат задан мумкин бошад, рӯйхатро гирифта хондам. Маълум шуд, ки аз рӯи инсоф ҳеҷ кадом пунктро хат зада наметавонам. Он гоҳ ман гурӯҳи хонандагони мактабҳои миёнаро ҷамъ оварда, ба онҳо гуфтам: «Ба ман ёрии шумо даркор аст. Ана рӯйхате ки аз рӯи суханони худи наврасон тартиб дода шудааст — 37 сабаби ба алоқаҳои ҷинсии барвақт сар кардани онҳо. Оё ба фикри шумо, баъзе пунктҳои онро хат задан имкон дорад ё не?»

Бачаҳо саргарми хондан шуданд. Онҳо рӯйхатро муддати зиёд хонданд, аммо ягон пункти онро хат зада натавонистанд! Албатта, баъзе сабабҳо натиҷаи хурофотҳо мебошанд, аммо онҳо низ наврасонро ба роҳи алоқаҳои ҷинсии пеш аз никоҳ мебаранд.

Мо дар рӯйхат сабабҳоро тасниф намудем — аз сабабҳои физиологӣ («ин комилан табиист», «ин бармеангезонад ва шиддатнокиро паст мекунад») то психологӣ («ин воситаи машҳур шудан аст», «ман бояд ин корро барои ӯ мекардам», «бароям шавқовар буд»). Дар рӯйхат зергурӯҳи «муҳит» низ буд (маълумоти нокифоя оиди секс, оилаҳои вайроншуда, майпарастӣ ва нашъамандӣ).

Дар байни сабабҳои эҳсосотӣ «эҳтиёҷ ба дӯст доштан ва дӯстдошта будан» низ буд. Сабаби дигари муҳим — «ман танҳоям». Мувофиқи маълумоти муҳаққиқ Ҷон К. Вудвард, ки дар давоми 20 сол одамони танҳоро меомӯхт, толибаҳои мактабҳои миёна танҳотарин одамони ИМА мебошанд[4].

**ҲАР ЯК ДУХТАР ҲАМЕША «ДУХТАРИ ДАДААШ» АСТ**

Агар толибаҳои мактабҳо танҳотарин одамони кишвар бошанд, боиси ҳайрат нест, ки боз як сабаби алоқаҳои ҷинсии пеш аз никоҳ «ҷустуҷӯи муҳаббати падар» аст.

Дар китоби машҳури «Духтари дадааш — барои ҳамеша» психолог Норман Райт ба ҳамаи занҳо мегӯяд:

> «Хоҳ бо падар робитаи наздик доштед ё не, ӯ шуморо мефаҳмид ё не, ӯ бо оила мезист ё не — падар бешубҳа дар шахсияти шумо таъсири худро расондааст. Ӯ то ҳол ба ҳаёти шумо таъсир мерасонад — шояд бештар аз он андозае ки шумо гумон мекунед»[5].

Ҳаққонияти ин суханони Норман Райтро яке аз мактубҳои фоҷианоктарине ки ба ман навишта шудаанд, тасдиқ мекунад. Онро ҷавонзане навиштааст. Ӯ чунин менигорад:

> «Ҳангоме ки ман ҳанӯз 14-сола будам, бо ҷавони 18-сола вомехӯрдам. Баъди тақрибан як моҳи вохӯриҳо ӯ ба ман гуфт, ки маро дӯст медорад ва ман бояд аз они ӯ шавам. Ӯ исрор менамуд: агар ман ӯро дӯст дорам, бо ӯ хоб меравам, вагарна ӯ хоҳишҳои худро идора карда наметавонад ва маҷбур мешавад, ки робитаашро бо ман қатъ кунад.
>
> Духтараки 14-сола чӣ гуфта метавонист? Ман медонистам, ки то никоҳ бо алоқаи ҷинсӣ машғул шудан бад аст, аммо

мехостам, ки маро марде дӯст дорад! Ман намедонистам, ки падар маро дӯст медорад ё не. Ман ҳамеша ҳис мекардам, ки бояд ба муҳаббати ӯ сазовор шавам: ҳар қадар корҳои хонаро беҳтар анҷом диҳам, падар маро ҳамон қадар бештар дӯст медорад, ҳар қадар зиёдтар баҳоҳои панҷ гирам, падар маро ҳамон қадар бештар дӯст медорад. Ин ҷо бошад — дӯсте ки ҳақиқатан ба ман маъқул аст. Ман гумон мекардам, ки ӯро дӯст медорам, ӯ низ мегуфт, ки маро дӯст медорад.

Ба ман муҳаббати ӯ даркор буд. Агар барои ин лозим ояд, ки бо секс машғул шавам, бигузор чунин шавад, ман интихобе надорам. Ман бакоратро аз даст додан намехостам, аммо ҳамчунин намехостам шахсеро, ки маро дӯст медошт, аз даст диҳам Дар ниҳояти кор ман ба хоҳиши ӯ гузашт кардам».

Баъд духтар оиди чизҳои ниҳоят шахсӣ нақл мекунад. Дар мактуб ӯ порчаеро аз рӯзномаи худ овардааст:

«Бегоҳии имрӯз ман худро хеле танҳо ҳис мекунам. Ман бисёр вақт худро танҳо ҳис мекардам — тамоман танҳо, гӯё дар ҷаҳон касе надошта бошам. Ва ман фаҳмидам, ки бе падар танҳоям: ҳангоме ки аҳволам бад аст, ӯро даъват карда наметавонам; суханони таҳсин шунида наметавонам; дили худро ба ӯ кушода наметавонам, зеро ӯ ба ман гӯш намедиҳад. Ману падарам аз ҳам хеле дур будем. Ӯ ба ман тақаҷҷӯҳ зоҳир намекард. Маълум мешавад, ки ман танҳоям, ҳеҷ чиз маро бо гузашта намепайвандад.

Баъд ман оиди духтаре фикр кардам, ки имшаб аз боиси он ки муҳаббатро — муҳаббати падарро меҷӯяд, бакоратро аз даст медиҳад. Ман хеле мехостам ӯро боздорам ва фаҳмонам: ӯ ин муҳаббатро дар марди дигар намеёбад. Ҳангоме оиди ин духтар фикр мекунам, ҳангоме оиди худ фикр мекунам — оиди ҳамон гуна духтаре ки ман чандин сол пеш будам, — дилам ба дард меояд. Ҳаёти ман ҷустуҷӯи тӯлонии муҳаббати падар аст».

Ин духтар дар 14-солагӣ ба ҷавони 18-сола имкон дод, ки кори мехостаашро кунад. Баъди ду сол духтар робитаро бо он ҷавон қатъ кард, аммо баъди чанде ӯ аллакай бо марди дигаре буд. Бо вай низ ҳамин воқеа такрор шуд. Сипас сеюм, чорум, панҷум... Дар мактуб ӯ иқрор мешавад, ки ҳеҷ кадоми ин алоқаҳо ба ӯ ҳисси боварӣ ба

худро надод. Баръакс, ӯ дар дасти мардон бозичае буд, зеро касеро меҷуст, ки ӯро бе ҳеҷ шарт дӯст дорад.

Ниҳоят, дар синни 21-солагӣ ӯ ин муҳаббати ҳамабахшандаро пайдо намуд, ҳангоме ки бо Исои Масеҳ вохӯрд. Ӯ фаҳмид, ки ҳанӯз ҳангоме ки ӯ гуноҳкор буд, Масеҳ ӯро дӯст медошт ва барои гуноҳҳои ӯ дар салиб мурд. Ӯ фаҳмид, ки фарзанди Масеҳ шудааст, Масеҳ бошад — падари Ӯ. Дар синни 21-солагӣ, баъди солҳои зиёди хатоҳо, дард ва дилмондагӣ ӯ «падар»-ро ёфт, ки ӯро ҳамеша дӯст хоҳад дошт.

Қиссаи ин духтари ҷавон яке аз воқеаҳои ба ин монанд аст. Боре ҳангоми конфронс барои волидон зане назди ман омада, сурати духтари зебои 15-соларо нишон дод ва қиссаи ӯро нақл кард.

> «Имсол духтари ман бо 17 мард алоқаи ҷинсӣ дошт. Як моҳ пеш ӯ исқоти ҳамл кард, ду ҳафта пеш бошад — худкушӣ карданӣ шуд». Ин пагоҳӣ, ҳангоме ки вай ба мактаб рафтанӣ буд, ман аз ӯ пурсидам: «Азизам, барои чӣ ту ин гуна зиндагӣ мекунӣ? Наход секс ба ту чунон маъқул бошад, ки бозистода наметавонӣ? Ба ту чӣ шудааст?»
>
> Духтар чавоб додааст: «Очаҷон, ман бозистода метавонам ва секс ба ман маъқул нест».
>
> «Пас, чаро ту ин корро мекунӣ?»
>
> «Очаҷон, дар бистари хоб ҷавонписар ҳамеша мегӯяд, ки маро дӯст медорад».

Ба наздикӣ духтараки 14-сола назди ман омада, эълон кард, ки ҳафтаи гузашта бо се ҷавон алоқаи ҷинсӣ кардааст. Ман намедонам, ки ӯ аз ман чӣ аксуламалеро интизор буд. Шояд ӯ маро сахт ҳайрон карданӣ буд, аммо ман ҷавоб додам: «Барои чӣ?»

Ӯ чунин гуфт: «Чунки ҳангоме бо секс машғул мешавам, ақаллан дақиқае ҳис карда метавонам, ки маро дӯст медоранд».

### МУБОРИЗАИ НАВРАСОН БАРОИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ШАХСИЯТ

Ба наврасон бо ангушт таҳдид намудан ва барои «набудани асосҳои ахлоқ» таъна задан осон аст. Аммо вазифаи мо — ба дохил нигаристан, решаҳои мушкилотро кофта ёфтан аст. Яке аз сабабҳое ки аз боиси онҳо ман ин қиссаҳоро ба шумо нақл мекунам, ин аст: ҳар як волид масъулият дорад, ки кӯдак андозаи муайяни муҳаббатро дошта бошад, вагарна ӯ ба худ боварӣ нахоҳад дошт, худро қадр нахоҳад кард. Ҳангоме ки волидон ба фарзандон бо дилгармӣ ва

навозиш муносибат мекунанд, фарзандон инро ҳис мекунанд ва қадр менамоянд. Агар дар хурдсолӣ чунин муҳаббатро ҳис карда бошед, аз эҳтимол дур аст, ки дар синни наврасӣ ба он хиёнат кунед — танҳо ба хотири он ки касе шуморо «дӯст дорад».

Синни наврасӣ марҳилаи сифатан дигари инкишофи кӯдак аст, ки онро равоншинос Эрик Эриксон «*ба даст овардани худшиносӣ*» меномад[6]. Дигар хел карда гӯем, дар ин давра кӯдакон ҳамаи он чиро, ки то ин дам фаҳмидаанд, муттаҳид карданӣ мешаванд. Онҳо фикр мекунанд: «Ман кистам?» Модар мехоҳад, ки ман таҳсили илм кунам; падар мехоҳад, ки ман ихтисосеро соҳиб шавам. Худи ман кӣ будан мехоҳам? Кӣ ба ин таваҷҷӯҳ менамояд?»

Дар синни наврасӣ масъалаи худшиносӣ ва худэҳтиромкунӣ махсусан ҷиддист. Бо мурури он ки наврас худро меҷӯяд, аксаран ӯ кӯшиш мекунад, ки эҳтиёҷоти худро бо ёрии воситаҳои эҳсосотӣ қонеъ гардонад. Мувофиқи ақидаи як равоншинос, таҷрибаи ҳаётии №1 алоқаи ҷинсӣ аст, дар ҷои дуюм мусиқӣ меистад. Секс ва мусиқӣ дар ҷаҳони наврас чӣ мақомеро доранд? Аз он чи ман ҳангоми сафарҳо дидам ва шунидам, як хулоса бармеояд: онҳо дар наздикии хатарнок ба Садӯм ва Амӯро зиндагӣ мекунанд!

Боиси ҳайрат нест, ки бисёр наврасоне ки дар раванди «*ба даст овардани худшиносӣ*» такягоҳе надоранд, сексро такягоҳи худ мекунанд. Мувофиқи ҳашт марҳилаи инкишоф, ки Эрик Эриксон пешниҳод кардааст, лаёқати дар назди шахси дигар *ошкор намудани худ* бевосита ба хусусиятҳои *худшиносии* фард вобаста аст[7]. Ошкор намудани худ — сустиҳо, тарсҳо ва шубҳаҳои худро пинҳон накарда, ба ҷаҳони дохилии худ роҳ додани шахси дигар аст. Агар худатон кӣ буданатонро надонед, пас, дар назди дигарон ошкор намудани худ ғайриимкон аст!

## БАРАҲНА КАРДАНИ БАДАН АЗ КУШОДАНИ ДИЛ ОСОНТАР АСТ

Ҷамъияти дунявӣ — офаринандаи «ахлоқи нав» — ҷавобе дорад. Он чизи қалбакии арзонро пешниҳод мекунад — наздикшавӣ ва кушодани дили худ ба воситаи амали ҷинсӣ. Бисёр наврасон (ва калонсолон низ) ба ин фиреб гирифтор мешаванд. Дар ниҳояти кор, агар шахс худашро надонад, дар назди шахси дигар бараҳна кардани бадан назар ба кушодани дили худ осонтар аст. Назар ба умқи дил ба умқи бадани худ роҳ додани шахси дигар осонтар аст. Чуноне ки ҳаммуаллифи ман Дик Дей мегӯяд:

*Наздикӣ ин аст: ду шахсе бо ҳам вомехӯранд, ки ҳар яке метавонад дигареро ба умқи дили худ роҳ диҳад — ошкоро, бе шарт, бе даъвоҳо, бе дурӯягӣ*

Бадбахтона, бисёр одамон ба наздикии ҳақиқӣ қодир нестанд, чунки дар замони худ таҳсини волидонро надидаанд ва бо худ «оштӣ» нашудаанд. Бинобар ин онҳо намефаҳманд, ки касе ба норасоиҳои онҳо муносибати оромона карда метавонад. Дар натиҷа чунин одамон дар худ маҳдуд мешаванд. Онҳо ниқоб мепӯшанд, то ки касе симои ҳақиқии онҳоро набинад. Ҳангоме ки Дик дар маркази Ҷулиан дарс медод, бисёр вақт ба дарс оиди наздикӣ ниқоберо пӯшида меомад, ки дар он ягон тарҳи рӯй кашида нашуда буд. Шунавандагон қариб дарҳол асли гапро мефаҳмиданд. Ҳангоме ки шумо ниқоб пӯшида мегардед, атрофиён намедонанд, ки шумо дар асл чӣ гуна ҳастед. То даме ки худатон ҳақиқатан худро ошкор кардан нахоҳед, ба наздикии ҳақиқӣ бо дигарон ноил шуда наметавонед.

### САБАБИ АСОСНОКТАРИН БАРОИ ИНТИЗОР ШУДАНИ НАВРАСОН

Ма аллакай зикр карда будам, ки тадқиқоти мо «Чаро интизор бояд шуд?» 37 сабабро ошкор намуд, ки аз боиси он наврасон то никоҳ мавқуф гузоштани сексро лозим намедонистанд. Дар қисми дигари ҳамон тадқиқот мо 26 сабабро тасвир кардем, ки аз боиси онҳо ба ҳар ҳол наврасон *бояд* сабр кунанд. Фаҳмост, ки мо сабабҳои пурра ҷисмониро низ аз эътибор соқит намекунем (тарс аз бемориҳое ки бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузаранд, хусусан тарс аз СПИД: тарс аз ҳомиладории нолозим, тарс аз исқоти ҳамл). Ба ғайр аз ин, мо ба бисёр сабабҳои сирф эҳсосотӣ дахл намудем, масалан, ҳисси айбдорӣ, аз даст додани худэҳтиромкунӣ ва ғайра. Дебора Филлипс, директори Маркази терапияи рафтор дар Принстон (Ню-Ҷерсӣ), муаллифи китоби «Боварии ҷинсӣ», гуфтааст:

> «Аз боиси инқилоби ҷинсӣ одамон имрӯзҳо аз дӯст доштан дида бештар «бо муҳаббат машғул мешаванд». Бисёр занон бо шахси дӯстдошта ҳисси наздикӣ ба даст оварда наметавонанд. Онҳо гумон мекунанд, ки ягон кореро нодуруст мекунанд. Бинобар ин онҳо аз амали ҷинсӣ ҳақиқатан ҳаловат намебаранд»[8].

Сабаби асосие ки аз боиси он наврасон бояд аз амали ҷинсии пеш аз никоҳ канораҷӯӣ кунанд, ин аст: Худо дар Каломи Худ мегӯяд, ки амали ҷинсии пеш аз никоҳ номумкин, ҳатто марговар аст. Дар

Навишта гуфта шудааст, ки бадани мо маъбади Рӯҳулқудс аст, ва барои фосиқӣ истифода бурдани ин маъбад — яъне зидди худ гуноҳ кардан аст» (1Қӯринтиён 6:19).

Дар дигар ҷои Китоби Муқаддас чунин навишта шудааст: хости Худо дар он аст, ки мо бояд муқаддас бошем, аз расвоии ҷинсӣ канораҷӯӣ кунем, худро ба даст гирем ва рафтори бошарафона намоем. Мо набояд бародарро (ё хоҳарро) объекти «оташи шаҳват» қарор диҳем (ниг. 1Тасл. 4: 3–6).

Волидон бисёр вақт се «қоида»-и Китоби Муқаддасро, ки ба секс дахл доранд, ба фарзандон талқин намуда, хато мекунанд. Қоидаҳо ҳақиқатан дар он ҳастанд ва онҳоро риоя кардан даркор аст. Аммо барои он ки фарзанд қоидаҳоро қабул кунад, ӯ бояд бо волидон робита дошта бошад. Ин робитаро ҳанӯз ҳангоми хурд будани фарзандон бунёд намудан даркор аст, аммо чӣ гуна шудани муносибатҳои мо бо фарзандони калоншуда ба будани ин робита вобаста аст.

*Агар фарзандон муҳаббат, ҳусни тавҷҷӯҳ ва таҳсини волидонро ҳис кунанд, фаҳмида метавонанд, ки чаро Худо амали ҷинсиро танҳо барои никоҳ муқаррар кардааст.*

Намунаи волидон ба фарзандон ёрӣ медиҳад, то зебоии наздикии ҳақиқиро бинанд, ки ҳангоми он алоқаи ҷинсӣ на воситаи истифодаи якдигар, балки воситаи ба якдигар изҳор намудани муҳаббат аст. Агар дар хона волидон маънои ҳақиқии навозиш, муҳаббат ва наздикиро нафаҳмонанд, *кӣ ва дар куҷо мефаҳмонад*?

### ОЁ ДАР ХОНАИ ШУМО ОИДИ МУҲАББАТ СУХАН МЕРОНАНД?

Ман фикр мекунам, ки дар Инҷили Юҳанно ду изҳороти амиқи Масеҳро оиди муҳаббат пайдо карда метавонем. Ҳар дуи онҳо ба муҳаббат дахл доранд.

Дар масал оиди ток ва навдаҳо Исо мегӯяд: «Чунон ки Падар маро дӯст доштааст, Ман низ шуморо дӯст доштаам; дар муҳаббати Ман бимонед» (Юҳ, 15:9). Ҷое ки мо бо оилаамон ҳастем — хонаи мост. Пас, ғайр аз хона, дар куҷо «дар муҳаббати Ӯ монда» метавонем?

Исо дар дуое ки шаби пеш аз қатл ба забон овард, хоҳиш мекард, ки шогирдонаш бо ҳам як шаванд, чуноне ки Ӯ бо Падар як аст. Сипас Ӯ гуфт: «... то ки онҳо дар якҷоягӣ комил бошанд, ва ҷаҳон бидонад, ки Ту маро фиристодӣ ва онҳоро дӯст доштӣ, чунон ки Маро дӯст доштӣ» (Юҳанно 17:23).

Ҳар як оилаи масеҳӣ имконияти хубе дорад, то ба ҷаҳон тимсоли ягонагиро, ки онро муҳаббати Худованд ато намудааст, нишон диҳад. Аъзоёни оила якдигарро ба шарофати муҳаббати бузурги Ӯ дӯст медоранд. Ин дарси муҳимтарин аст, ки онро ҳар рӯз бояд такрор кард.

Ин боб як фикри асосӣ дорад: ба фарзандон ҳар рӯз муҳаббат зоҳир намоед. Тақдири онҳо, ҳамсарон ва волидони хуб шуда тавонистани онҳо ба ҳамин вобаста аст.

Ба бамперҳои мошинҳо бисёр вақт наклейкаҳо мечаспонанд: «Оё имрӯз фарзандони худро ба оғӯш гирифта будед?» Ин суханон акнун чунон бисёр истифода шудаанд, ки бисёр пародияҳои он пайдо гардидаанд: «Оё шумо саги худро... аспи худро ба оғӯш гирифта будед?» Ман фикр мекунам, ки саволро чунин гузоштан лозим аст:

*«Шумо имрӯз фарзандони худро чанд бор ба оғӯш гирифта будед?»*

Ҳар қадар бисёр ба оғӯш гирифта бошед — ба ҳар ҳол кам хоҳад буд. Аз муҳаббат «сер шудан» ғайриимкон аст. Дар оғӯшгирӣ, чашмак задан, «ман туро дӯст медорам» гуфтан барин чизҳои оддӣ қувваи азиме ниҳон аст.

Барои қаҳрамон шудан фарзандони худро бисёртар ба оғӯш гиред!

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Агар ба кӯдакони хурдсол муҳаббати волидон нарасад, бо онҳо чӣ рӯй дода метавонад? Бо наврасоне ки дар кӯдакӣ муҳаббати кофӣ надидаанд, чӣ рӯй дода метавонад? Ин махсусан ба духтароне дахл дорад, ки бе муҳаббати падар ба воя мерасанд.

2. Ду сабаби шахсии муҳимтарин, ки аз боиси онҳо наврасон пеш аз никоҳ ба алоқаи ҷинсӣ сар мекунанд, кадомҳоянд? Наврасон дар алоқаи ҷинсии пеш аз никоҳ дар асл чиро меҷӯянд?

3. Чӣ кор бояд кард, то ки фарзандони шумо қоидаҳои Китоби Муқаддасро, ки ба алоқаи ҷинсӣ дахл доранд, риоя кунанд?

4. Ҷумларо ба анҷом расонед (20–30 калима): «Дар оғӯшгирии оддӣ қувваи азиме ниҳон аст, зеро...»

5. Дар вараки коғаз чунин суханонро нависед: «Шумо имрӯз фарзандони худро чанд бор ба оғӯш гирифта будед?» ва онро ба ҷои намоёнтарин гузоред.

6. Худо дар Ирм. 31:3 мегӯяд: «... бо муҳаббати абадӣ туро дӯст доштам, бинобар ин туро бо марҳамат ба Худ ҷалб намудам». Агар Падари осмонӣ моро, фарзандони Худро, маҳз ҳамин тавр ҷалб мекарда бошад, пас то чӣ андоза мо, волидони заминӣ, бояд фарзандони худро дӯст дорем!

# 10 ЧИЗИ АСОСИТАРИНЕ КИ ВОЛИДОН БАРОИ ФАРЗАНДОН КАРДА МЕТАВОНАНД

Дар барномаи «Субҳ ба хайр, Америка!», ки якчанд сол пеш дар рӯзи Валентини муқаддас нишон дода шуд, Дэвид Ҳартман бо равоншинос Бенҷамин Солк мусоҳиба дошт. Мавзӯи асосии рӯз муҳаббат буд, бинобар ин Ҳартман аз чунин савол сар кард: «Наход ҳамаи мо аз рӯзи зода шудан лаёқати дӯст доштан дорем?»

«Ҳа», — ҷавоб дод доктор Солк.

«Пас чаро муҳаббат дар ҷаҳон ин қадар кам аст?» — пурсид Ҳартман.

«Дэвид, — хирадмандона ҷавоб дод Солк, — агарчи мо лаёқати дӯст доштан дорем, бояд *чӣ гуна* дӯст доштанро ёд гирем».

Баъд Солк ба камера рӯ овард ва ба миллионҳо тамошобинон нигариста, илова кард: «Кори асоситарине ки волидон барои фарзандони худ карда метавонанд, — дӯст доштани якдигар аст».

Мо розӣ ҳастем! Доктор Солк ҷавҳари масъала ва роҳи ҳалли онро медиҳад. Ҳама бо лаёқати дӯст доштан зода мешаванд, аммо на ҳама дӯст дошта метавонанд, зеро на ҳама мебинанд, ки одамони асоситарини ҳаёти онҳо — волидон якдигарро дӯст медоранд.

Бешубҳа, кӯдак зери таъсири муҳаббати волидон ба худ боварӣ пайдо мекунад. Аммо ман чунин меҳисобам, ки ҳамчунин он муҳаббате ки волидон ба ҳадигар доранд, аҳамият дорад. Як ё ду насл пеш бисёрии кӯдакон худро ҳимояшуда ҳис мекарданд, зеро муҳаббатеро, ки волидон ба ҳамдигар доштанд, медиданд. Имрӯзҳо вазъият тамоман дигар аст.

Бадбахтона, бисёрии кӯдакон дар оилаҳои худ ва дар оилаҳои дӯстон ҳолати баръаксро мебинанд. Шавҳарону занон ба ҳамдигар муҳаббат зоҳир намекунанд. Роҳи маъмултарини ҳалли мушкилоти оилавӣ ҷудошавӣ аст. Ҳатто агар волидон аз ҳам ҷудо нашаванд ҳам, дар байни онҳо наздикӣ ва муҳаббати ҳақиқӣ нест.

Ман бо ҳазорон кӯдакон сӯҳбат кардаам ва медонам: онҳо беш аз ҳама метарсанд, ки падару модарашон ҷудо мешаванд. Баъди ҳар як

сафари лексиявӣ ман боварӣ ҳосил мекунам: Мероси асосие ки ман ба фарзандонам мегузорам, — муҳаббати ман ба модари онҳост.

## ОИЛАИ ХУШБАХТ

Боби шашуми Нома ба Эфсӯсиён аз насиҳати Павлус сар мешавад: эй фарзандон, ба волидони худ итоат кунед, падару модари худро иззат намоед. Сипас Павлус ба падарон муроҷиат карда, мегӯяд: «Ва шумо, эй падарон, фарзандони худро ба хашм наоваред, балки онҳоро дар таълимот ва насиҳати Худованд тарбия кунед» (о. 4).

Нома ба Эфсӯсиён 6:1–4 тавсияномаи мухтасарест оиди оилаи хушбахт доштан. Фарзандон бояд итоат кунанд, волидон бошанд — хусусан падарон — фарзандонро бо хирад, бо муҳаббат ва адлу инсоф тарбия намоянд. Лаҳзае ба боби панҷуми Нома ба Эфсӯсиён баргардед. Кай фарзандон ба волидон итоат мекунанд ва падарон фарзандонро бо муҳаббат тарбия мекунанд?

Шавҳарон бояд занҳои худро дӯст доранд, чуноне ки Масеҳ ба Калисо муҳаббат дошт (о. 25). Онҳо бояд занҳои худро чун ҷисми худ дӯст доранд. «Он ки зани худро дӯст медошта бошад, худро дӯст медорад» (о. 28). Ба ғайр аз ин занҳо бояд шавҳарони худро эҳтиром намоянд ва ба роҳнамоии меҳрубононаи онҳо пайравӣ кунанд (оятҳои 22–24; 33). Ҳамин тариқ, насиҳати Павлус дар он асос ёфтааст, ки фарзандон падаре доранд, ки онҳоро дӯст медорад ва модаре ки падари онҳоро дӯст медорад.

Ҳангоме ки Келлӣ хурдсол буд, ман бисёр вақт аз ӯ мепурсидам: «Келлӣ, оё ту медонӣ, ки ман модари туро дӯст медорам?»

Ӯ табассум карда, мегуфт: «Ҳа».

«Аз куҷо медонӣ?»

«Ту ҳамеша инро ба ӯ мегӯӣ».

Агар овозам гум шавад ва гап зада натавонам, чӣ гуна мефаҳмӣ, ки модаратро дӯст медорам?

«Ту ҳамеша ӯро бӯса мекунӣ».

«Агар лабҳоям кафанд ва ман бӯса карда натавонам, чӣ гуна мефаҳмӣ?»

Он гоҳ Келлӣ ба ман ҷавоберо дод, ки интизор будам: «Охир, ту бо ӯ хеле хуб муносибат мекунӣ-ку...»

Ана он — вараҷи санҷишии лакмус. Ман бо занам чӣ гуна рафтор мекунам? Ман метавонам ҳангоми ба кор шитобидан аз рухсори занам бӯса кунам; метавонам гӯям, ки ӯро дӯст медорам, аммо ҳар дақиқа фарзандон маро мушоҳида мекунанд ва ҳама гуна риёкориро дарҳол пай мебаранд.

Рафтори ман аз суханонам баландтар шаҳодат медиҳанд. Фарзандон созгор наомадани суханон ва амалҳоро ҳамеша пай мебаранд. Дар ёд нигоҳ доред: Қаллобу аҳмақонро фиреб додан метавон, аммо кӯдакро фиреб кардан ғайриимкон аст!

**БО КАДОМ ВОСИТАҲО МАН БА МОДАРИ ОНҲО ГУФТА МЕТАВОНАМ: «МАН ТУРО ДӮСТ МЕДОРАМ?»**

Доимо дар давоми солҳои зиёд фарзандон ба ман дар фикр карда баровардан ва ҳадия намудани тӯҳфаҳо ёрӣ мерасонанд — масалан, ба солгарди тӯй (ҳангоме ки ман онро ба ёд меоварам). Ман ҳамаи фарзандонро ҷамъ оварда, мепурсам:

«Ман хушбахтам, ки модари шумо зани ман аст. Медонед, фарзандонам, ин ба хоб монанд аст: ман метарсам, ки боре бедор мешавам ва мебинам, ки оиладор нашудаам. Акнун чизи дигарро гуфтан мехостам: солгарди тӯйи мо наздик мешавад. Ба ман ёрии шумо даркор аст. Ин дафъа ба модаратон чӣ тавр гӯям, ки „Ман туро дӯст медорам. Ташаккур барои он ки ту зани ман ҳастӣ!“?»

«Ту метавонӣ ҳамроҳи ӯ ба пляж равӣ: ӯ офтоб хӯрданро дӯст медорад», — пешниҳод кард Келлӣ.

«Хуб, ман ҳамроҳи ӯ ба Лагуна-Бич ба меҳмонхонаи дӯстдоштаамон меравам», — ҷавоб додам ман.

«Ту метавонӣ ӯро бо шамшермоҳӣ зиёфат кунӣ, модар онро дӯст медорад», — илова намуд Кэтӣ.

«Фикри хуб!» — гуфтам ман ва гӯшаки телефонро гирифтам. Дар ҳузури фарзандон ман рақами ресторани дӯстдоштаамонро дар Лагуна-Бич гирифта, гуфтам: «Оё имкон дорад, ки барои мо аз шамшермоҳӣ хӯроки махсус тайёр кунед, ва боз — мизро дар ягон гӯшаи назаррабо омода намоед?»

Ин вақт фарзандон дар назди ман нишаста буданд: гӯш мекарданд, медиданд ва бовар мекарданд, ки ман ҳақиқатан модари онҳоро дӯст медорам.

Шон, ки намехост касе аз ӯ пешдастӣ кунад, илова намуд: «Дафъаи дигар метавонӣ ҳамроҳи ӯ ба ягон ҷой барои хӯрдани спагеттӣ равӣ. Ӯ спагеттиро низ дӯст медорад».

«Ин хеле хуб аст», — гуфтам ман. Ва ҳамон дам ба ресторани «Малерно» дар Лагуна-Бич занг зада, барои бегоҳии дуюм хоҳиш кардам, ки мизи хӯрокхӯрӣ омода намоянд.

## «МАГАСҲО»-И МУҲАББАТ ДАР ҲАМА ҶО МЕНИШИНАНД

Ба ман маъқул буд, ки фарзандон дар интихоби тӯҳфаҳо барои Доттӣ ёрӣ медоданд — барои зодрӯз ва иди Мавлуд. Аммо дар рӯзҳои оддӣ низ ман дар ҷустуҷӯи роҳу воситаҳое будам, ки ба Доттӣ «туро дӯст медорам» гӯям.

«Ман чӣ кунам?» — мепурсам ман аз фарзандон. — Вақтҳои охир ӯ чизе нагуфтааст? Чӣ гуна ба ӯ нишон диҳам, ки дӯсташ медорам?»

Ана яке аз идеяҳое ки фарзандон якчанд сол пеш дар рӯзи Валентини муқаддас ба ман пешниҳод карданд: ба магазин рафта, якчанд наклейка харидан. Аз он вақт ман захираи худро, ки дар ҷевони либос нигоҳ медорам, доим пурра мекунам. Гоҳ-гоҳ, ҳатто бе ҳеҷ сабаб, ман якчанд наклейка гирифта, дар ҳама ҷои хона мечаспонам — дар он ҷое ки Доттӣ онҳоро дида метавонад. Як наклейка дар флакони духии ӯ, дигаре — дар халат ё болишти ӯ. Дар ҳар як наклейка (ман онҳоро «магасҳои муҳаббат» меномам) чунин суханон ҳастанд: «Мо ба опера меравем» ё «Ин ҳафта мо ба ресторан меравем».

Ин ба фарзандони ман хеле маъқул аст, хусусан ҳангоме ки ман яхдонро кушода, «магасҳо»-ро дар қуттии шир ё равған мечаспонам. Ҳангоме ки модар ба ошхона меояд, онҳо мегӯянд: «Оча, яхдонро кушода бин!»

Доттӣ табассум мекунад: бори аввал нест, ки ӯ ин суханонро мешунавад ва мефаҳмад, ки чаро онҳо аз ӯ хоҳиш мекунанд, то ба даруни яхдон нигарад. Аз афташ, дар он ҷо ғайр аз хӯрокворӣ чизи дигаре низ ҳаст. Ӯ хатчаҳои ошиқонаро мехонад, фарзандон бошанд мебинанд, ки падар ба модари онҳо мегӯяд: «*Ман туро дӯст медорам. Ман туро дӯст медорам. Ман ба ту вафодор ҳастам*».

Ҳеҷ чиз — тамоман ҳеҷ чиз — ба фарзандон ҳисси бештари осоиштагӣ ва оромии оилавиро дода наметавонад.

## ОҒӮШГИРИҲО АЗ ДУР

Ман вақти зиёдеро дур аз хона, дар роҳ мегузаронам. Қариб ҳар бегоҳ ман ба хона телефон мекунам ва кӯшиш мекунам, ки бо ҳама гап занам. Одатан гӯшаки телефонро яке аз фарзандон мегирад. Масалан, бо Кэтӣ гап зада, ман аз ӯ хоҳиш мекунам: «Азизам, ман бо ту аллакай сӯҳбат кардам, акнун модарҷонатро ҷеғ зан. Ба ӯ гӯй, ки шавҳараш телефон мекунад».

Дар ҳар ҷое ки бошам — дар масофаи 5000 мил дар Англия ё дар фурудгоҳи Техас — ман ба хона телефон мекунам, то ба фарзандон гӯям: «Ман ба модари шумо вафодорам».

Ҳар як занги телефонии ман — пайравии бошуурона ба принсип аст:

*Ҳангоме фарзандон медонанд, ки ман модарашонро дӯст медорам, онҳо осудаанд.*

Баъди он ки ман Доттиро даъват мекунам, фарзанде ки ҳоло бо ман гап мезад, нидо мекунад: «Оча, дадаҷони олиҷанобам туро ҷеғ мезанад!»

Фарзандон ба ин суханон чунон одат кардаанд, ки аллакай ба ёдраскунии ман эҳтиёҷ надоранд. Боре ман бегоҳӣ ба хона телефон кардам ва андаке бо Шон гап задам. Табъи ӯ хуш буд, чунки як рӯз пеш барои ғолиб шудани дастаи бейсболи худ ёрӣ расонда буд, Ногоҳ ӯ гуфт: «Дада, оё бо модари олидараҷаи ман гап задан мехоҳӣ?»

Ин ба ман маъқул шуд: онҳо фаҳмиданд, ки ман чиро дар назар доштам. Онҳо мефаҳманд: ман ҳақиқатан чунин меҳисобам, ки зани ман беҳтарин зан дар ҷаҳон аст.

Ҳангоме ки ман сафар мекунам, ба воситаи яке аз фарзандон барои занам тӯҳфаҳо мефиристам ва мегӯям: «Илтимос, инро ба модарат деҳ. Ин барои ӯ тӯҳфаи ғайричашмдошт мешавад».

Ҳафтаи гузашта ман ҳамроҳи Кэтии 11-сола дар Сан-Франсиско будам. Мо ба магазини калон даромадем ки он ҷо тӯҳфаҳои хотиравии бейсбол фурӯхта мешуданд, ва ман барои Доттӣ ҳар гуна тӯҳфаҳо харидам. Доттӣ мухлиси ҷиддӣ аст. Пеш аз печондани тӯҳфаҳо ман онҳоро ба Кэтӣ нишон додам. Ман бо ҷӯшу хурӯши кӯдакона ба ӯ гуфтам, ки модари ӯро дӯст медорам ва чаро ҳамаи ин тӯҳфаҳоро барои вай харидаам. Баъд тӯҳфаҳоро ҳамроҳи Кэтӣ ба хона равон кардам ва хоҳиш кардам, ки онҳоро ба модараш дода, чунин гӯяд: «Ин аз дадаам. Ӯ туро дӯст медорад».

Ҳамаи ин барои чӣ ба ман даркор аст? Ман мехоҳам, ки фарзандон барои ба модари онҳо баён намудани муҳаббат ба ман ёрӣ диҳанд. Онҳо оиди ҳиссиёти ман тахминҳо намекунанд, онҳо медонанд, ки ман модари онҳоро дӯст медорам, чунки худашон барои баён намудани ин муҳаббат ба ман ёрӣ медиҳанд.

### ТУ ҲАҚ НАДОРӢ БО ЗАНИ МАН ИН ТАВР ГАП ЗАНӢ!

Ҳатто ҳангоми ҷазо додани фарзандон ман нишон медиҳам, ки Доттиро дӯст медорам. Якчанд сол пеш, ҳанӯз пеш аз он ки духтари калониам ба синни наврасӣ дарояд, барои ӯ ва Доттӣ давраи муноқишот фаро расид. Онҳо бо ҳар як сабаб бо ҳам баҳсу мунозира мекарданд.

Имрӯзҳо онҳо муносибатҳои хеле хуб доранд, аммо он вақт Келлӣ қариб 11-сола буд, ва бо ҳар сабаб ба Доттӣ густохӣ мекард.

Ман чунин саҳнаҳоро якчанд бор мушоҳида кардам ва қарор додам, ки акнун бас аст. Ман аз китфони Келлӣ дошта, бо мулоимат сӯи худ гардондам ва ба чашмони ӯ нигариста, гуфтам: «Хонумаи ҷавон! Албатта ту бо модари худ бо ин оҳанг гап зада метавонӣ, аммо ман роҳ намедиҳам, ки бо зани ман ин тавр гап занӣ! Ман ин занро дӯст медорам ва ӯро на танҳо аз бегонаҳо, балки аз шумо — фарзандон низ ҳимоя мекунам! Дигар бо зани ман ин тавр гап назан!»

Келлӣ мижаҳояшро ба ҳам зад ва зери лаб чизе гуфта, рафт. Аммо натиҷаи нутқи кӯтоҳи ман аз он чи интизор будам, бештар буд. Келлӣ одати ба Доттӣ густохӣ карданро тарк кард. Якчанд бор ӯ ба одати пештарааш баргаштанӣ мешуд, аммо дарҳол ба худ меомад ва ба ман нигариста, мегуфт: «Ман ҳақ надорам бо зани ту ин тавр гап занам?»

«Не, Келлӣ, ҳақ надорӣ», — мегуфтам ман бо табассум. Ҳатто ҳангоми ҷазо додани фарзандон шумо бояд ба онҳо талқин намоед, ки ба ҳамсари худ вафодор ҳастед.

Боз ман бо фарзандон Масалҳо 31:28–31-ро хондам. Дар онҳо оиди шавҳаре гуфта мешавад, ки зани худро ситоиш мекунад, ва оиди фарзандоне ки модари худро ситоиш менамоянд. Ман инро дар ҳузури Доттӣ кардам, баъд мо чизи хондаамонро ҳамроҳ муҳокима намудем ва фикр кардем, ки модарро барои чӣ шукргузорӣ ва ситоиш кардан даркор аст. Ин машқи хурд ду ҳадаф дошт. Аввалан, фарзандон бояд оиди модар ақидаи нек дошта бошанд ва ӯро чун воқеияти худ аз худ маълум напиндоранд. Ман ҳамин тавр мекунам. Сонияn, фарзандон мешунаванд, ки ман модари онҳоро таъриф мекунам, ва боз мебинанд, ки ман ба зани худ вафодорам.

### БО СЕКС МАШҒУЛ ШУДАНИ ҚАҲРАМОНОН ГУНОҲ НЕСТ

Ману Дик чунин меҳисобем: яке аз воситаҳои таъсирбахши дар фарзандон тарбия намудани ҳисси боварии оромона — ошкоро, аммо боодобона изҳор намудани муҳаббат ба зани худ аст. Мо чунин меҳисобем, ки модару падар метавонанд дилбастагии тарафайнро нишон дода, ба фарзандон фаҳмонанд, ки секс дар никоҳ олидараҷа хуб аст.

Бисёр волидон чунон ботаҳаммул ва ноҳинҷор ҳастанд, ки ба фарзандон фикреро талқин мекунанд, гӯё алоқаи ҷинсӣ як чизи ифлос ва бешармона аст. Аммо бисёр воситаҳое ҳастанд, то ба фарзандон нишон диҳем, ки секс дар никоҳ зуҳуроти муҳаббат ба

якдигар аст. Ва ҳангоме ки муносибатҳои шумову занатон онҳоро ҳайрон намекунанд, онҳо гоҳо мушоҳидаҳои шавқовар мекунанд.

Дик ба ёд меовард, ки боре Шарлотта барои дар конфронси занона баромад кардан рафта буд. Шарлотта қариб як ҳафта набуд, ва ӯ мебоист бо рейси бегоҳирӯзӣ ба Сан-Диего бармегашт, ки он дар масофаи 60 мил аст. Ман ба Тиммӣ ва Ҷонатан, ки акнун ба синни наврасӣ расида буданд, гуфтам:

«Бачаҳо, шуморо шабона танҳо гузоштан мумкин аст? Бародари калониатон дар наздикӣ зиндагӣ мекунад, ва агар ягон воқеа шавад, метавонед ба ӯ телефон кунед. Ман мехостам модаратонро дар Сан-Диего вохӯрда, шаб бо ӯ дар меҳмонхона монам».

Тиммӣ ба падар нигарист ва табассум намуд. Ӯ ба паҳлӯи Ҷонатан нихта кард ва чашмонашро ҷило дода, гуфт: «Майлаш дада, майлаш!»

Ба Дик комилан фаҳмо буд, ки Тиммӣ оиди *паррандаҳо ва занбӯрҳо* хеле хуб медонист ва мефаҳмид, ки модару падар имшаб дар меҳмонхона бо чӣ кор машғул мешаванд. Аммо Тиммӣ беэҳтиромӣ ё густохӣ зоҳир накард. Дар ҷавоби ӯ ҳамон муносибат ба секс садо дод, ки волидон онро пайравӣ менамуданд. Мулоҳизаи ӯ ҷанбаи шаҳвонӣ дошт, аммо дар он ягон чизи бешармона набуд: фарзандони Дик медонистанд, ки секс олидараҷа хуб аст, он яке аз хушиҳои никоҳ аст.

Волидон бояд қарор кунанд, ки масъалаҳои ҷинсиро чӣ гуна тафсир диҳанд. Ба ҳар як шавҳару зан лозим меояд ҳал намоянд, ки чиро ба фарзандон гуфтан мумкин аст ва чиро — не. Ҳар як ҷуфти оилавӣ бояд ба фарзандон фаҳмонад: секс зуҳуроти муҳаббати байни шавҳар ва зан аст. Агар шумо фарзандонро дӯст доред, дӯст доштани ҳамдигарро фаромӯш накунед. Дар ёд нигоҳ доред: фарзандон шуморо мебинанд. Онҳо муносибатҳои шуморо мушоҳида намуда, ором ва бо боварӣ ба худ калон мешаванд.

## ШУМО ФАРЗАНДОНРО ЧӢ ТАВР ДӮСТ МЕДОРЕД?

Ба ҳамдигар нишон додани муҳаббат хеле муҳим аст. Ин муҳитеро фароҳам меоварад, ки дар он фарзандони шумо осуда ба воя мерасанд. Марҳилаи навбатӣ — фаҳмидани он аст, ки оғӯшгириҳо ва бӯсаҳо то кадом андоза муҳиманд. Онҳо ба фарзандон ёрӣ медиҳанд, то худро дӯстдошта ва хуб ҳис кунанд.

Ҳангоме ки ману Дик таҳти унвони умумии «Чӣ гуна барои фарзандон қаҳрамон бояд шуд?» силсилаи видеофилмҳоро тартиб медодем, дар назди камера бо бисёр ҷуфтҳои оилавӣ сӯҳбат карда

будем. Мо донистан мехостем, ки онҳо ба фарзандон муҳаббати худро чӣ гуна нишон медиҳанд? Зане гуфт: «Ман кӯшиш мекунам ҳар рӯз духтарони худро ба оғӯш гирам. Яке аз духтаронам ба ман ҷафс шуданро хеле дӯст медорад: ӯ ба кати ман мебарояд, ва мо ҳамдигарро ба оғӯш мегирем».

Ин духтарак 11-сола аст, аммо ӯ ҳанӯз ҳам оғӯши модарро дӯст медорад. Ҳангоме ки модар зиддият мекунад, ӯ мегӯяд: «Очаҷон, биё ҳамдигарро ба оғӯш гирем...» Он гоҳ модар ӯро сахттар оғӯш мекунад, ва ин ба духтарак маъқул аст. Ӯ бисёр вақт ба модар мегӯяд: «Ту беҳтарин дӯсти ман ҳастӣ».

Ҳамчунин мо бо падаре сӯҳбат доштем, ки чунин гуфт: «Ба фикрам, барои кӯдакон муҳим аст, ки ман ба қади онҳо баробар шуда, ба чашмони онҳо нигариста метавонам. Мо якҷоя дар фарш бозӣ мекунем, ман бозиҳо, машғулиятҳо, бозичаҳои онҳо ва фаҳмишашонро оиди хурсандӣ медонам. Ҳангоме ки онҳо дар болои зонуи ман нишастаанд, ман бояд бисёртар ба онҳо китоб хонам. Ман онҳоро оғӯш мекунам, ҳамроҳашон мегирям ва агар беадолатӣ ё бетаҳаммулӣ кунам, аз онҳо узр мехоҳам».

Зани ин шахс илова намуд: ӯ ба фарзандон нишон додани муҳаббатеро, ки ба зани худ дорад, фаромӯш намекунад. Ба наздикӣ духтари хурди онҳо чунин гуфтааст: «Оча, медонӣ, ҳангоме ки ман ба шавҳар мебароям ва ҳомила мешавам, шавҳарам маро низ бӯса хоҳад кард».

Зану шавҳари дигар, ки 4 духтар доранд, нақл карданд, ки дидани муҳаббати падар барои духтарон хеле муҳим аст. Дик аз модар — Керрӣ пурсид, ки оё падар ҳангоми хурд будани ӯ муҳаббати худро ба ӯ зоҳир менамуд? Ӯ иқрор шуд, ки не. Хушбахтона, ӯ модари дӯстдор ва дигар хешовандони меҳрубон дошт, ки аз бисёр ҷиҳатҳо эҳтиёҷоти ӯро ба оғӯш ва бӯсаҳо қонеъ мекарданд. Аммо ба ҳар ҳол ба ӯ нишонаҳои муҳаббати падар намерасид.

Акнун ки Керрӣ худаш модари чор духтари хурд шудааст, ҳангоме шавҳараш Рик онҳоро оғӯш мекунад ва мебӯсад, ӯро ҳиссиёти омехта фаро мегиранд. Аз як тараф, ӯ хушбахт аст, чунки шавҳараш талаботи ҳаётии фарзандонро қонеъ мекунад. Аммо аз тарафи дигар фикр кардан оиди он муҳаббате ки аз падар надида буд, барояш ғамангез буд.

Ман аз Рик пурсидам, ки ҳангоме духтаронашро оғӯш мегирад, мебӯсад ва мегӯяд, ки дӯст медорад, чиро ҳис мекунад. Ӯ ҷавоб дод: «Ин яке аз ҳиссиётҳои беҳтаринест, ки ман дар ҳаётам аз сар гузарондаам».

«Оё ҳис мекунед, ки ҳамчун падар муваффақ ҳастед?»

«Ҳа, — гуфт Рик. — Ҳангоме ки духтари калонӣ таваллуд шуд, ман ба таври кофӣ ба ӯ муҳаббат зоҳир намекардам, аммо Керрӣ маро рӯҳбаланд мекард ва ман одат кардам. Аз муҳаббат ба фарзандон ҳисси бузургтаре нест».

Воситаи дигари ба фарзандон фаҳмондани чӣ будани муҳаббат дар оила ва муҳаббати Худоро Ролф Герборг «баракатхоҳии оилавӣ» номидааст[1]. Дар китоби хеле хуби худ, ки ҳамин номро дорад, ӯ нишон медиҳад, ки агар волидон барои фарзандон баракат хоҳанд (чун дар Адад. 6:24–26) ва ба онҳо муҳаббат ба Худовандро ёд диҳанд, чӣ гуна аъзоёни оила якҷоя ба воя мерасанд, чӣ гуна робитаҳои устувори оилавӣ ташаккул меёбанд. Хислати кӯдак маҳз ҳамин тавр ташаккул меёбад, ҳамин тавр ӯ оромӣ ва боварӣ ба худро соҳиб мешавад. Баракатхоҳии оилавиро ба маросим табдил дода, шумо воситаи хуби «рӯҳонӣ»-и ба фарзандон изҳор намудани муҳаббатро пайдо мекунед.

## ҲАМАИ МО НАВОЗИШРО ДӮСТ МЕДОРЕМ

Дик Дей оиди «қувваи ламс, ки дар сатҳи эҳсосотӣ зоҳир мешавад», сухан меронад. Агар дар ёд дошта бошед, ман оиди тадқиқотҳое гуфта будам, ки тасдиқ намуданд: агар тифлро ба даст нагирем ва оғӯш накунем, имкон дорад, ки ӯ бимирад. Ба як маъное ҳамаи мо бе оғӯшгириҳо, бӯсаҳо, суханони навозишкорона — бе он чи равоншиносон ба таври ғайрирасмӣ «навозиш» меноманд, оҳиста-оҳиста мемирем.

Худо моро чунин офаридааст. Ҳама чиз ҳангоми зодашавӣ сар мешавад, вақте ки кӯдак ба таври ғаризавӣ синаи модарро меҷӯяд. Модар ба ҷои синаи худ шишачаеро дода метавонад, аммо ҳангоми хӯрокдиҳии сунъӣ тамоси ҳаётан муҳим вуҷуд надорад. Беист такрор кардан мумкин аст: *муҳаббат ба одам дар тӯли тамоми ҳаёташ даркор аст.*

Мо мехоҳем, ки Керрӣ ва Рик барин волидон дар рӯи замин бисёр шаванд. Оилаҳои дӯстдор, ҷисман солим барои ба моводи нашъаовар «не» гуфтани фарзандон ёрӣ дода метавонанд. Тарбияи оилавӣ аз барномаҳои иҷтимоӣ (ҳар қадар онҳо хуб ва муфид бошанд ҳам) самарабахштар аст.

Мо, муаллифони ин китоб, аз оилаҳои дӯстдор, солим набаромадаем, аммо кӯшиш мекунем фарзандонамонро ба қадри кофӣ дӯст дорем. Вақтгузаронии дӯстдоштаи Дик, Шарлотта ва фарзандони онҳо — ҳатто имрӯзҳо ҳам — ин аст: онҳо ҳама дар диван нишаста,

якдигарро оғӯш карда, телевизор тамошо мекунанд. Дик бисёр вақт мегӯяд, ки дивани ӯ ба қарибӣ пора-пора мешавад. Аммо агар ҳамин тавр шавад ҳам, ӯ эътироз нахоҳад кард. Диван музди камест барои он муҳаббате ки оилаи онҳоро муттаҳид мекунад.

Эҳтимол чунин рафтор ба шумо писанд намеояд. Ё шояд меарзад, ки санҷида бинед. Ба қарибӣ сурате нашр карда шуд, ки суратгири расмии Хонаи Сафед Дэвид Валдес гирифтааст. Дар он мо президент Буш ва зани ӯ Барбараро дар диван ҳамроҳи ҳамаи набераҳояш мебинем.

Баъзе волидон, хусусан падарон, шубҳа доранд, ки оё духтарони навраси худро бисёр навозиш кардан мумкин аст. Ин тарси асоснок аст, аммо бисёр воситаҳои бамавриди нишон додани муҳаббати худ ҳастанд. Онҳо на шуморо ба ҳолати ноҳинҷор мегузоранд, на фарзандонатонро. Тарзи ба фарзандон зоҳир намудани муҳаббати худро интихоб намоед, ва ҳар рӯз ба самти интихобкардаатон ҳаракат кунед.

**МАН ТУРО ДӮСТ МЕДОРАМ!**

Ошкоро ба фарзандонам зоҳир намудани муҳаббат ба ман ҳисси олидараҷаи онро медиҳанд, ки ман чун падар ва чун мард муваффақ ҳастам. Ана боз он чи ман бо фарзандон карданро дӯст медорам: ҳангоме мебинам, ки онҳо машғуланд — масалан, дарс тайёр мекунанд, — машғулиятҳои худро дақиқае тарк мекунам ва баланд пичиррос зада, мегӯям: «Эй!»

Онҳо ба ин бозӣ одат кардаанд ва ҳеҷ гоҳ якбора ҷавоб намедиҳанд, зеро медонанд, ки баъд чӣ мешавад. Ман «эй» гуфтанро давом медиҳам, онҳо бошанд табассум мекунанд ва ҳатто механданд. Ниҳоят онҳо бо ваҷоҳати ҷиддӣ ба ман менигаранд ва мегӯянд: «Ин дафъа ту чӣ мехоҳӣ?»

Он гоҳ ман ба онҳо чашмакӣ мезанам ва беовоз пичиррос мезанам: «Ман шумоёнро дӯст медорам!»

Ин ҳамеша таъсир мерасонад. Ҳатто агар фарзандон табъи хуш надошта бошанд, агар дар мактаб барои онҳо рӯзи нобарор бошад ҳам, онҳо бо табассум ҷавоб медиҳанд. Сипас дар ҷавоб пичиррос мезананд: «Ман ҳам туро дӯст медорам!»

Баъд ман ба машғулияти худ бармегардам — телевизор тамошо мекунам, газета мехонам, бо телефон гап мезанам, — онҳо бошанд дарсҳояшонро тайёр мекунанд. Ин вақти бисёреро намегирад, аммо самараи бузурге дорад. Фарзандон мебинанд, ки онҳоро қабул менамоянд ва қадр мекунанд, онҳо худро боваринок ва ором

ҳис мекунанд. Гумон накунед, ки зоҳир намудани муҳаббат бояд «олидарача» ё «бамаврид» бошад. Дар давоми яку ним соли охир ману духтари чорсолаам Ҳэзэр як одате пайдо намудем. Ман аз роҳ ба хона занг мезанам ва мо якҷоя сурудеро мехонем, ки дар охири он духтарам бо овози баланд мегӯяд: «Ҳек!»

Баъд ман овози ӯро бо ҳар гуна садоҳои бемаъно, ки рӯи коғаз овардан имкон надорад, пахш мекунам, аммо ба Ҳэзэр ин хеле маъқул аст. Агар ман талаффуз намудани ин садоҳоро фаромӯш кунам, ӯ хоҳиш мекунад: «Дадаҷон, канӣ сар кун!»

«Чиро?»

«Охир, худат медонӣ-ку».

Бо кӯдаки хурд махсусан ихтироъкор будан даркор намешавад, Ҳама гуна садоҳо ба кор меоянд.

Боз ману Ҳэзэр оиди он баҳс мекунем, ки кӣ киро бештар дӯст медорад.

«Ман туро бештар аз он ки ту маро дӯст медорӣ, дӯст медорам».

«Ман бошам туро беш аз ҳам чизи дунё дӯст медорам», — ҷавоб медиҳад Ҳэзэр.

Чунин метобад, ки ӯ ғолиб омадааст, аммо баъд ман ба ӯ асосҳои астрономияро ёдрас мекунам ва мегӯям: «Ман туро беш аз тамоми *коинот* дӯст медорам».

Ҳатто дар чорсолагӣ Ҳэзэр мефаҳмад, ки коинот аз дунё калонтар аст, ва бо чунин суханон таслим мешавад: «Оҳ, дадаҷон, аз ин зиёдтар муҳаббат вуҷуд надорад».

Ман мефаҳмам, ки ин сӯҳбати ду нафар хирадмандон нест, аммо аз як ҷиҳат ман чунин меҳисобам, ки маънои он хеле чуқур аст. Он ба духтари хурдакаки чорсола ёдрас мекунад, ки бештар аз муҳаббати падар ба ӯ чизе нест. Ин арзиши тамоми коинотро дорад!

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Дар ин боб Ҷош мегӯяд, ки воситаи беҳтарини дар фарзанд тарбия намудани ҳисси боварӣ ба худ — пинҳон накардани муҳаббатест, ки волидон ба ҳамдигар доранд (ниг. Эфсӯсиён 5:25–28). Агар имкон бошад, бо ҳамсаратон муҳокима кунед, ки оё муҳаббатеро, ки ба ҳамдигар доред, ба фарзандон нишон медиҳед ё не. Оё онҳо медонанд, ки волидони онҳо ҳамдигарро дӯст медоранд ва дар хонаашон осудагӣ ҳукмфармост? Инро ба фарзандон чӣ гуна нишон додан мумкин аст?

2. *Танҳо барои падарон*: оё ягон бор кӯшиш кардаед, ки бо ёрии фарзандон муҳаббати худро ба модари онҳо нишон диҳед? Оё аз идеяҳои мо ягонтоашро дар оилаи шумо истифода бурдан мумкин аст? Агар ҳа, кӯшиш кунед, ки яке аз онҳоро дар амал истифода баред.

3. Шумо маъалаҳои сексро чӣ гуна маънидод мекунед? Оё кӯшиш мекунед, то ба фарзандон фаҳмонед, ки алоқаи ҷинсӣ зуҳуроти олии муҳаббат аст?

4. Шумо худро аз рӯи шкалаи 10-баллӣ чӣ гуна баҳо дода метавонед, ки дар он 10 балл — шахси дӯстдорест, ки фарзандони худро бисёр бӯса мекунад, ба оғӯш мегирад ва доимо ба онҳо меҳри худро нишон медиҳад? Ҳамсаратонро чӣ? Агар ҳамсаратон ботаҳаммул бошад, бо ӯ сӯҳбат кунед, ки барои ба фарзандон ошкоротар нишон додани муҳаббат чӣ кор кардан мумкин аст?

5. *Танҳо барои падарон*: оё шумо дар зоҳир намудани муҳаббат ба духтари наврасатон ботаҳаммул ҳастед? Оё шумо навозиш кардани ӯро бемаврид ва нохуб меҳисобед? Агар чунин бошад, оиди тарси худ бо занатон гап занед, бо ӯ муҳокима кунед, ки муҳаббати худро ба духтаратон чӣ чуна зоҳир карда метавонед.

# ҚИСМИ V

## ДИҚҚАТ: БАРОИ ҚАҲРАМОН ШУДАН ВАҚТРО НАБОЯД ДАРЕҒ ДОШТ

Дар рӯзҳои мо, ҳангоме ки ҳар кас кори бисёр дорад ва ҳама банд ҳастанд, ҳисси айбдорӣ аз он ки мо ба оила кам вақт ҷудо мекунем, васеъ паҳн шудааст. Мо умедворем, ки ду боби минбаъда ба шумо ёрӣ медиҳанд, то аз ин ҳис раҳо шавед, маслиҳати амалӣ гиред ва масъалаҳои ба фарзандон диққат доданро дуруст фаҳмед:

- Чаро эҳтиёҷоти кӯдаки дусола аз кори шумо муҳимтар аст?
- Чӣ гуна як падар қарор дод, ки муносибати худро ба фарзандон дигар кунад ва аз ин чӣ ҳосил шуд.
- Агар ба кӯдак ҳатто ҳангоми хеле банд буданатон диққат диҳед, оё аҳамиятнокии ӯ дар назари худаш афзунтар мешавад?
- Чаро бе диққат додан кӯдаки мӯътадил тарбия кардан ғайриимкон аст?
- Чаро имрӯзҳо волидон ба фарзандони худ вақти камтар ҷудо мекунанд ва онҳо бояд чӣ кунанд?
- Чаро машғулиятҳоро бо фарзандон ба ҳоли худ набояд гузошт?
- Чаро муоширати ҳаррӯза аз «идҳои калон» муҳимтар аст?
- Ба графики фарзанди наврас чӣ гуна мутобиқ шудан мумкин аст?
- Бо кӯдаки хурд бо чӣ кор машғул шудан мумкин аст?
- Аз суханҳои бад чӣ гуна худдорӣ кардан мумкин аст?
- Чаро қаҳрамон шудани падаре ки барвақт хоб меравад ва барвақт аз хоб мехезад, осонтар аст?
- Даҳҳо воситаҳои «сайқал додан»-и кӯдак,
- Ҳунари саволдиҳӣ — калиди муошират бо кӯдакон.
- Чаро барои дӯстони фарзанд қаҳрамон шудан муҳим аст?
- Воқеаҳои ҳаёти фарзанди худро нависед, то ки ин хотираҳои бебаҳоро нигоҳ доред.

# 11 ҚАЛИМАИ «МУҲАББАТ» ЧУНИН НАВИШТА МЕШАВАД: В-А-Қ-Т

Андаке аз 13 сол пештар писарам Шон, ки он вақт дуюнимсола буд, ва занам Доттӣ ба ман фаҳмонданд, ки вақти худро дуруст истифода бурдан даркор аст. Ман ин дарсро барои ҳамеша дар ёд нигоҳ доштам. Боре ман дар кабинети худ нишаста, бо кадом як лоиҳа кор мекардам — ман ҳамеша якчанд чунин лоиҳаҳо дорам. Ҳангоме ки Шон даромад, ман боберо барои китоби нав менавиштам.

«Бозӣ кардан мехоҳам» — гуфт ӯ бо умед.

Чун волиди «ботаҷриба» (мо аллакай Келлиро доштем) ман мебоист мефаҳмидам — Шон мехоҳад, ки ӯро ба оғӯш гиранд, сарашро сила кунанд ва як-ду дақиқа вақт ҷудо кунанд: ӯ тӯби нави худро нишон додан мехост, аммо ман боби муҳимеро менавиштам ва ҳис мекардам, ки маҳз ҳозир дақиқаи холӣ надорам.

«Шояд андаке дертар? Ман ҳозир дар мобайни боб ҳастам».

Шон чӣ будани «боб»-ро намедонист, аммо мақсади маро фаҳмид: падар ҳоло банд аст, рафтан лозим меояд. Ӯ бе шиква аз ҳуҷра берун рафт, ман бошам ба дастнависи худ баргаштам. Мутаассифона, осудагии ман кӯтоҳмуддат буд. Баъди як ё ду дақиқа Доттӣ даромад ва барои «андаке чақ-чақ кардан» нишаст. Зани ман ҳеҷ гоҳ маро таъна ё сарзаниш намекунад — ӯ усули пурсамари таъсир расондан дорад.

«Азизам, Шон ба ман гуфт, ки ту хеле банд ҳастӣ ва вақт надорӣ, то бо ӯ бозӣ кунӣ. Ман медонам: ин китоби муҳим аст, аммо ба ту чизе гуфтанӣ будам».

«Чӣ?»– пурсидам ман бесаброна: занам маро аз кори хеле муҳим бозмедошт. «Азизам, ба фикрам, ту бояд фаҳмӣ: ту ҳамеша кор хоҳӣ дошт, ва ҳамеша мӯҳлати охирини супурдани мавод хоҳад буд. Ҳамаи зиндагии ту аз он иборат аст, ки ту китоб менависӣ, аммо писари дусолаат, ки мехоҳад болои зонуи ту шинад, аз ту чизе пурсад ва тӯби навашро нишон диҳад, на ҳамеша бо ту хоҳад буд».

«Азизам, ман гапи туро фаҳмидам. Ин хеле оқилона аст. Аммо

маҳз ҳозир ман бояд бобро ба анҷом расонам».

«Хуб, Ҷош. Аммо оиди суханони ман андеша кун. Ту медонӣ: агар мо имрӯз барои фарзандон вақтро дареғ дорем, пагоҳ онҳо барои мо вақтро дареғ хоҳанд дошт».

## КӮДАК ТАНҲО ЯК БОР ДУСОЛА МЕШАВАД

Ман оиди суханони занам андеша кардам. Ва ҳар қадар бештар фикр кунам, суханони меҳрубононаи Доттӣ ҳамон қадар ба корде монанд мешуданд, ки пӯсти себро тоза мекунад. Ҳақ ба ҷониби ӯ буд. Ман ҳамеша мӯҳлати супурдани мавод хоҳам дошт. Ҳамеша контрактҳое хоҳанд буд, ки бояд иҷро кунам, зангҳои телефоние ки ба онҳо бояд ҷавоб диҳам, одамоне ки бояд бо онҳо вохӯрам. Аммо писари ман танҳо як бор дар ҳаёти худ дусола мешавад. Ба қарибӣ як сол мегузарад, ва ӯ сесола, чорсола ва панҷсола мешавад... Аммо оё ман барои ӯ вақти бештар хоҳам дошт?

Ман медонистам: агар ман муносибатҳоямро бо фарзандон тағйир диҳам, вақт мешавад. Ва ман қарор додам: ҳамеша кӯшиш мекунам, ки фарзандонро аз кор ва ҷунбуҷӯли ҷаҳон боло гузорам. Акнун ман бо муҳаррирон муоҳида дорам: фарзандонам аз китобҳои ман муҳимтаранд, вагарна лозим меояд, ки ба фарзандам ҳамеша чунин гӯям: «Китоб аз ту муҳимтар аст».

Аз ин воқеа бо писари дусолаам ман фаҳмидам: муошират бо кӯдаки хурдсолро «то вақти мувофиқ» мавқуф гузоштан лозим нест, чунон ки маҷлисеро ё ба духтур рафтанро мавқуф мегузоред. Диққати кӯдаки хурдсол дарҳол аз чизе ба чизи дигар мегузарад. Ҳангоме ки ба кӯдак дарҳол баъди хоҳиш карданаш диққат медиҳед, гӯё бо ин хусусияти ӯ розӣ мешавед.

Фарз мекунем, ки кӯдак бо шумо бозӣ кардан мехоҳад, аммо баъди якчанд дақиқа хоҳиши ӯ дигар мешавад: ӯ мехоҳад ба бозичаҳои худ бозгардад ё филми «Кӯчаи Сим-сим»-ро тамошо кунад.

Гоҳо волидон хафа мешаванд, ки кӯдакони хурдсоли онҳо кори саркардаашонро ба анҷом намерасонанд. Ман кӯшиш мекунам ба онҳо фаҳмонам: агар шумо бозиро ба анҷом нарасонед, ҳеҷ гап намешавад. Дар бозӣ чизи асосӣ ҳаловат бурдан аст.

Ҳа, машғулият бо кӯдак пурсабриро металабад. Дар семинари мо Дик Дей ҳамеша зикр мекунад: мо, волидон, аз боиси бесабрӣ интизор шуда наметавонем, ки кай фарзандон кори саркардаашонро ба анҷом мерасонанд. Мо дахолат мекунем, то ба ҷои онҳо дуоро ба анҷом расонем ё машғулияти онҳоро бо чунин суханон: «Биё ман ба ту ёрӣ диҳам» қатъ мекунем.

Барои ба суръати кӯдак мутобиқ шудан пурсабрӣ даркор аст. Интизор шуда тавонистан, кӯдаконро то охир гӯш кардан, ба онҳо имкон додан даркор аст, то ягон корро худашон кунанд. Агар аз ӯҳдаи коре набароянд, ягон корро ба охир нарасонанд, набояд ғам хӯред.

Ба фикрам, Ҷон Уэслӣ гуфтааст: «Агар ба кӯдакон чӣ тавр таълим доданро надонед, китобҳои кӯдаконаро гиред ва то дами фаҳмиданатон хонед».

Ҷон Уэслӣ гуфтан мехоҳад, ки агар шумо бо кӯдак сару кор дошта бошед, бояд тарзи фикррониии ӯро донед, бояд «ба мавҷи ӯ ҷӯр шавед». Танҳо пас аз ин шумо метавонед ҳаётро бо чашмони ӯ бинед, суръати ӯро фаҳмед — он гоҳ бо ӯ муошират карданро ёд мегиред.

## НАВРАСОН БА МУОШИРАТИ «ҒАЙРИНАВБАТӢ» ЭҲТИЁҶ ДОРАНД

Хушбахтона, дарсе ки Шони дусола ба ман омӯзонд, фаромӯш нашуд, агарчи аллакай вақти зиёде гузаштааст. Ба наздикӣ ман китоби кӯдакона менавиштам. Ин дар пансионати дӯстдоштаи мо дар соҳили уқёнус, дар қарибии Мехико буд. Боре пагоҳӣ ман бо илҳом китоб менавиштам: фикрҳо дар сарам пур буданд, суханон гӯё аз зери қалам ҷорӣ мешуданд. Аммо ҳамин вақт духтари 16-солаам Келлӣ даромада, гуфт: «Дада, маро назди парикмахер бар».

Фикри аввалини ман ин буд: «*Худоё, фақат ҳаминаш кам буд*».

Фикри дуюмам ин буд: «*Ҷош, он чиро, ки ба дигарон маслиҳат медиҳӣ, худат дар амал иҷро кун*».

Фикри сеюми ман ин буд: «*Худоё, ба ман оромии рӯҳро деҳ*».

Ман метавонистам абрӯ чин карда, гӯям: «Майлаш, биё рафтем». Аммо дар ин ҳол чаро ба ӯ пул надиҳам, то худаш бо таксӣ равад?

Ба ҷои ин ман гуфтам: «Бо камоли майл. Ман ҳатман бо ту меравам».

Ман бо умеди он ки илҳом бозмегардад, боби нотамомро як сӯ гузоштам, ва духтарамро бо шодӣ назди парикмахер бурдам. Гап на дар он буд, ки ман таксисти шахсии ӯ шуда, ӯро ба ҷои даркорӣ бурдам. Аслан ӯ мехост бо ман бошад. Мо дар роҳ сӯҳбати хуш доштем.

Баъди ин Келлӣ ба ман камаш се ё чор бор ташаккур гуфт. Чаро? Барои он ки ман ба ӯ фаҳмондам: «Азизам, ту барои ман чунон муҳим ҳастӣ, ки ман машғулиятҳои худро хурсандона қатъ мекунам, то ки бо ту вақт гузаронам».

Ҳамин аст муносибати мавзун (мутаносиб) ба фарзандон ва таҳсин! Ин суханони бодабдаба нест, ки барои падари хуб тофтан мегӯед. Ҳусни таваҷҷӯҳ ва таҳсини шумо ба кӯдак мегӯянд, ки ӯ бароятон азиз аст. Барои изҳор намудани ҳусни таваҷҷӯҳ ва таҳсин ман бояд дӯстдор ва *боилтифот* бошам!

**ДИҚҚАТ: ТУ БАРОЯМ АЗИЗ ҲАСТӢ**

Ҳангоме ки шумо ба кӯдакон боилтифот ҳастед, онҳо мефаҳманд, ки бароятон азиз ҳастанд. Аммо ҳангоме ки аҳамият намедиҳед, онҳо гӯё мешунаванд: «Ман туро дӯст медорам, аммо чизҳои дигар бароям муҳимтаранд. Ту на он қадар муҳим ҳастӣ».

Барои он ки падарон (хусусан!) ин ҳақиқатро хуб фаҳманд, ман дар семинарҳои волидӣ ягон мардеро даъват намуда, ба ӯ чистонеро мегӯям:

> Тасаввур мекунем, ки шумо дӯсти хуби босс (сарвари корхона) ҳастед. Рӯзи панҷшанбе шумо бояд бе маслиҳати пешакӣ бо ӯ вохӯред. Шумо ба офис омада, аз котиба мепурсед, ки оё имкон дорад, то якчанд дақиқа бо босс гуфтугӯ кунед. Котиба мегӯяд:
>
> «Бубахшед, аммо тамоми вақти ӯ то сешанбеи оянда дақиқа ба дақиқа ба нақша гирифта шудааст. Бори дигар биёед».
>
> Аммо шумо бояд фавран бо босс вохӯред, ва шумо ба котиба мегӯед: «Ман вақти зиёдеро намегирам. Илтимос, ба ӯ расонед, ки ман бояд бо ӯ вохӯрам. Танҳо як дақиқа...»
>
> Котиба ба босс телефон карда, мегӯяд, ки шумо дар қабулгоҳ интизоред. Вай номи шуморо мегӯяд ва ҷавобро мешунавад: «Мутаассифона, ман ҳозир бо ӯ гуфтугӯ карда наметавонам. Бигузор сешанбеи оянда биёяд».

Дар ин ҷой ман ба он довталаб савол медиҳам: «Агар бо шумо чунин воқеа рух медод, чиро ҳис мекардед?»

Ӯ албатта ҷавоб медиҳад, ки худро камаҳамият ҳис мекард. Ӯ чунин фикр мекард: «*Агар ман ноиб-президент ё дигар шахси бонуфуз мебудам, ҳамааш дигар хел мебуд*», ва бо фикри *камаҳамиятии худ* мерафт.

Сипас ман ба ҷамъомадагон мефаҳмонам, ки фарзанди шумо низ худро айнан ҳамин хел ҳис мекард, агар шумо ба ӯ чунин гӯед: «Бубахш, сешанбеи оянда биё».

Барои он ки фарзандон аҳамиятнокии худро ҳис кунанд, қувва ва вақти бисёре сарф кардан даркор аст. Ба шумо лозим меояд,

ки худро ба ҳолати ногувор мононед ва корҳоро қатъ намоед. Албатта, лаҳзаҳое ҳастанд, ки кори саркардаро мавқуф гузоштан ғайриимкон аст ва шумо бо кӯдакони худ бозӣ карда наметавонед. Аммо моҳияти масъала дар ин аст: *бисёр мавридҳое ҳастанд, ки агар ҳақиқатан хоҳед, кори худро қатъ карда метавонед.* Дар чунин мавридҳо рафтори шумо ба кӯдак ёрӣ медиҳад, то фаҳмад, ки ӯ бароятон ҳақиқатан азиз аст. Ва ҳангоме чунин мешавад, ки шумо хоҳиши кӯдакро қонеъ карда наметавонед, инкори шумо таъсири манфӣ нахоҳад дошт, бар хилофи он ҳолате ки агар ба кӯдак ҳамеша чунин гӯед: «Ман хеле банд ҳастам, ман бо ту сӯҳбат ё бозӣ кардан наметавонам».

## АГАР МАН БАРОИ ФАРЗАНД ВАҚТ НАДОШТА БОШАМ, ПАС МАН «САНҶИ САДОДИҲАНДА» ҲАСТАМ

Сабаби асосии он ки шумо бояд ба фарзандон вақт ҷудо кунед, ин аст: агар онҳо ҳис кунанд, ки бароятон азиз ҳастанд, пас мефаҳманд, ки ба Падари осмонӣ низ азиз мебошанд. Ман шояд аз Дик Дей фаҳмидам, ки ҳар кадоми мо, падарони заминӣ, барои фарзандони худ тимсоли Худо-Падар аст. Мефаҳмед, Худо ба воситаи мо муҳаббати Худро ба фарзандон фурӯ мерезад. Аммо агар мо барои онҳо вақт надошта бошам, чӣ гуна Ӯ дуст дошта метавонад?

Боби мо «**Калимаи «муҳаббат» чунин навишта мешавад: в-а-қ-т**» ном дорад. Калимаҳои «ҳусни таваҷҷӯҳ» ва «таҳсин» низ айнан ҳамин тавр навишта мешаванд. Агар ман гӯям, ки шуморо азиз меҳисобам ва бе ҳеҷ шарт дӯст медорам; агар гӯям, ки шуморо қадр мекунам ва мехоҳам, то шумо арзишнокии худро ҳис кунед, аммо барои шумо вақти худро сарф накунам, пас ман ҳамон «санҷи садодиҳанда» ҳастам, ки оиди он ҳавворӣ Павлус дар Номаи якум ба Қӯринтиён (13:1) мегӯяд. Дигар хел карда гӯем, ман дурӯягӣ мекунам.

Бадбахтона, бисёр волидон ба дом меафтанд ва дар муошират бо фарзандон дурӯягӣ мекунанд. Дар бисёр ҳолатҳо ин аз беэҳтиётӣ рӯй медиҳад. Волидон ба фарзандон вақт ҷудо намекунанд, чунки хеле банд ҳастанд. Ҳама оиди «суръати девонавори ҳаёт» ҳазл мекунанд, аммо ин тамоман хандаовар нест. Волидон шикоят мекунанд, ки онҳо «хеле банд» ҳастанд, ва баъд ба ман оиди кор, оиди машғулиятҳо дар калисо гап мезананд... Барои роҳ чӣ қадар вақт сарф мешавад? Одамон танҳо барои ба ҷои кор расидан ҳар рӯз якчанд соат вақт сарф мекунанд!

Дар он вақте ки волидон дар давутози зиндагӣ ҳастанд, фарзандон онҳоро мушоҳида мекунанд ва хулосаҳо мебароранд. Охир, онҳо

мехоҳанд ба падару модари худ монанд шаванд! Дар натиҷа онҳо «ба мо монанд» ба воя мерасанд.

Баъд фарзандони мо оилаҳои худро барпо мекунанд ва айнан ба монанди мо рафтор карданро сар мекунанд: онҳо имкон пайдо намекунанд, то бо фарзандони худ — набераҳои мо — вақти кофӣ гузаронанд. Ман бисёр вақт бо бобоён ва бибиҳое сӯҳбат мекунам, ки хатои худро фаҳмидаанд ва акнун бо набераҳои худ назар ба он ки дар вақташ бо фарзандон мегузаронданд, вақти бештареро сарф мекунанд. Ман чунин меҳисобам, ки имрӯзҳо маҳз бибиҳо ва бобоён ба мустаҳкам намудани оилаҳои мо ёрӣ мерасонанд. Ман аз талабагони хурдсол мепурсидам: «Шумо сирри худро ба кӣ гуфта метавонед?» Медонед, онҳо чӣ ҷавоб медиҳанд? Бисёриҳо ҳатто падару модари худро зикр намекунанд. Онҳо мегӯянд: бо бибӣ ва бобо.

Ман боварӣ дорам, ки сабабҳо гуногун буда метавонанд, аммо яке аз сабабҳо он аст, ки бибиҳо ва бобоён вақти зиёдтар доранд.

## ОЁ НАМОЯНДАГОНИ НАСЛИ БАЪДИҶАНГИРО ВОЛИДОНИ ХУБ НОМИДАН МУМКИН АСТ?

Мувофиқи як таҳқиқот, 50 сол пеш кӯдаки миёна се-чор соатро дар мушоракат бо волидон ё дигар аъзоёни оила мегузаронд. Аммо дар он солҳо бисёр одамон дар фермаҳо мезистанд, ва ҳамаи аъзоёни оила якҷоя меҳнат мекарданд. Ва ҳамаи хешовандон дар наздикӣ сокин мешуданд!

Имрӯзҳо ҳамаи мо ба куҷое гурехта рафтанӣ мешавем. Одамон аз фермаҳо ба шаҳрҳо, ё аниқтараш ба маҳалҳои наздишаҳрӣ кӯчидаанд. Дар оилаи типӣ падару модар ҳар рӯз ба кор мераванд, бегоҳӣ бошад хаста шуда ба хона бармегарданд, то ки барои рӯзи оянда худро ба тартиб оваранд. Дар натиҷа, фарзандон бо волидон дар як рӯз 15 дақиқа муоширати мекунанд, ва аз рӯи ақидаи коршиносон, дар тӯли 12 дақиқаи он танҳо насиҳат ва мулоҳизаҳои танқидиро мешунаванд. Барои вақтхушӣ, хандидан ва ҳаловат бурдан аз наздикии ҳақиқӣ танҳо се дақиқа мемонад[1].

Волидони давраи баъдиҷангӣ гуфтугӯҳоро оиди «босифат» гузарондани вақт бо фарзандон дӯст медоранд. Консепсияи «вақтгузаронии босифат» дар он асос ёфтааст, ки бо вуҷуди графики пуршиддат, волидон метавонанд ягон дақиқаи вақти бо фарзандон мегузарондаро беҳуда сарф накунанд.

Мувофиқи тадқиқоте ки рӯзномаи «Ю-Эс-Эй Тудей» гузарондааст, насли баъдиҷангӣ, яъне касоне ки байни солҳои 1946 ва 1964 таваллуд шудаанд, чунин меҳисобанд: онҳо вазифаҳои волидии худро

аз волидони худ беҳтар ичро мекунанд[2]. Аммо тадқиқот нишон медиҳанд: онҳо вақтро бо фарзандони худ назар ба он ки волидони худашон бо онҳо мегузаронданд, камтар сарф мекунанд.

Пурсише ки дар байни 300 нафар талабагони синфҳои ҳафтум ва ҳаштум гузаронда шуд, ошкор намуд: кӯдакон ба ҳисоби миёна *ҳафтае* 7,5 дақиқаро дар сӯҳбати ҷиддӣ бо падарони худ мегузаронанд. «Сӯҳбати ҷиддӣ» маънои онро дорад, ки ҳамсӯҳбатон рӯ ба рӯ гуфтугӯ мекунанд, якдигарро гӯш мекунанд ва табодули андеша менамоянд. Аммо ин — *ҳафтае як дақиқа* аст! Вазъият бо модарон на он қадар аз ин беҳтар аст.

Якчанд сол пеш ман дар яке аз калисоҳои калонтарини ИМА барои 600 нафар тлабагони синфҳои миёна конфронс мегузарондам. Саволи якум чунин буд: «Ҷош, бо падари худ чӣ кунам?»

«Ту чиро дар назар дорӣ?» — пурсидам ман.

«Ӯ ҳеҷ гоҳ бо ман гуфтугӯ намекунад». Ӯ ба ҳеҷ ҷой бо ман намеравад. Мо машғулиятҳои шавқовари умумӣ надорем».

Дар давоми як ҳафта ман 16 бор баромад кардам ва 42 сӯҳбати инфиродии нимсоата гузарондам. Агар вақт мебуд, аз 300 зиёд мешуд. Аммо ман ҳама кори аз дастам меомадаро кардам. Дар ҳар кадоми ин 42 сӯҳбат ман ҳамон як саволро медодам: «Оё ту бо падари худ бисёр вақт гуфтугӯ мекунӣ?»

Як талаба «ҳа» гуфт. Чилу як нафари дигар не гуфтанд.

## БАРОИ ОН КИ «СИФАТ» ҲОСИЛ ШАВАД, «МИҚДОР» ДАРКОР АСТ

Ман боварӣ дорам: яке аз асотирҳои замони ҳозира асотир оиди «вақти босифат» аст. Албатта, мо мехоҳем вақтро бо фарзандон дуруст ва хуб гузаронем. Аммо маслиҳати пешакӣ ё графики пуршиддат ёрӣ намедиҳанд. Ҳаловати тарафайн танҳо ҳамон вақт ҳосил мешавад, ки бо фарзандон вақти зиёдеро гузаронед. «Миқдор» ба «сифат» мегузарад.

Ҳангоме ки шумо бо фарзандон вақти зиёдеро мегузаронед, онҳо шуморо мушоҳида мекунанд ва аз шумо намуна мегиранд. Агар ман аз пайи корҳоям ба шаҳр равам, кӯшиш мекунам, ки ягон нафари фарзандонро ҳамроҳ барам. Агар чунин нашавад, ман имконияти барои онҳо «намуна шудан»-ро аз даст медиҳам. Ҳангоме фарзандон бо ман ҳастанд, онҳо мебинанд, ки вақте ронандаи дигар пеши роҳи маро мегирад, вақте касе маро хашмгин мекунад, бо атрофиён чӣ гуна муносибат мекунам.

Агар маро фиреб диҳанд, вақтамро гиранд, асабонӣ кунанд, чӣ гуна рафтор намоям? Масалан, агар ман ба автомати рӯзномафурӯшӣ

25 сент андозаму он ба ман рӯзнома надиҳад, чӣ кор кунам? Онро бо мушт занам ё ҳақорат кунам? Ё оромиро нигоҳ дошта, бо «фиреб хӯрдан»-и худ муросо кунам?

Агар фарзандон маро мушоҳида накунанд, ҳамроҳи ман набошанд, ҳеҷ гоҳ инро намефаҳманд. Нағзакак дар ёд нигоҳ доред:

*Агар барои фарзандон қаҳрамон шудан хоҳед — яъне намунаи хуб будан хоҳед, — вақти зиёде сарф кардан даркор аст. Аз миқдор сифат ҳосил мешавад, ва фарзандон ҳусни таваҷҷӯҳ ва таҳсини шуморо ҳис мекунанд.*

## ДИСНЕЙЛЕНД ФОИДАЕ НАМЕБАХШАД

Ривояти дигаре ки аллакай бисёриҳоро ба доми худ кашидааст, ин аст: «Танҳо воқеаҳои калон аҳамият доранд». Ман инро «таассурот аз Диснейленд» меномам. Ин сафарҳои калон мебошанд, ки як рӯзи пурраро дар бар мегиранд ва пули зиёдеро металабанд. Пештар ман низ гумон мекардам, ки танҳо ҳамин гуна «лаҳзаҳои бузурги ҳаёт» аҳамият доранд, ва ман аҳли оилаи худро бо ғайрати зиёд ба Диснейленд ё ягон ҷои дигар мебурдам. Ниҳоят, Доттӣ бо ҳамон тарзи оромона ба ман фаҳмонд:

«Азизам, фарзандон на сафарҳои моро, балки танҳо он лаҳзаҳоеро, ки ту бо онҳо мегузаронӣ, дар ёд нигоҳ медоранд. Барои онҳо бо ту муошират намудан муҳим аст. Онҳо ҳаминро дар ёд нигоҳ медоранд».

Шояд шумо аллакай пай бурдед: ман одат кардаам, ки мулоҳизаҳои Доттиро дар тарозуи ақл баркашам. Ман онҳоро «ҳазм» мекунам ва одатан қарор медиҳам, ки ҳақ ба ҷониби ӯст. Ӯ маро водор намекард, ки дар чор девори хона маҳдуд шавам. Диснейленд ҳанӯз ҳам ҷои дӯстдоштаи мост, аммо акнун дар ҳаёти мо мавқеи пештараашро надорад. «Ба ҷаҳон берун баромаданҳо» даркоранд, аммо ҳеҷ гоҳ он воқеаҳои хурди ҳаррӯзаро иваз намекунанд, ки шуморо қаҳрамон мегардонанд ва ба фарзандон нишон медиҳанд, ки онҳо дӯстдошта ва арзишнок ҳастанд.

## МАН АЗ ДОКТОР ДОБСОН ОИДИ НАВРАСОН ЧИРО ФАҲМИДАМ

Агар шумо фарзандони наврас дошта бошед, пас ман бояд боз як ривояти дигарро фош намоям: «Солҳои ташаккули шахсият гузаштаанд». Ҳайратовар аст, ки шиори католикҳо: «Кӯдакро пеш аз ҳафтсолагиаш ба калосо оваред» дар ҷамъияти имрӯза афзалият

дорад. Ин сабаб дорад: ҳафт соли аввали ҳаёт (хусусан се соли аввал) ҳақиқатан дар ташаккули шахсияти кӯдак ҳалкунанда мебошанд. Ана барои чӣ ману Дик махсусан таъкид менамоем, ки муносибатҳои боваринокро бо фарзанд ҳанӯз ҳангоми хурдсолии ӯ барпо намудан даркор аст.

Аммо тадқиқоти ба наздикӣ гузарондашуда нишон доданд: боз як синни барои ташаккули шахсияти инсон муҳим ҳаст — давраи наврасӣ, ки тақрибан дар 11–12-солагӣ сар мешавад. Асотир ба мо мегӯяд, ки наврас, бар хилофи пештара, ба волидон эҳтиёҷи зиёд надорад; вай гӯё ҷудо мешавад ва мустақил мегардад. Ин як андоза ҳақиқат дорад, аммо ин нисфи ҳақиқат аст.

Ман сӯҳбатеро ба ёд меоварам, ки баъди нашр шудани китоби хуби «Омодагӣ ба калоншавӣ»-и доктор Ҷеймс Добсон байни ману ӯ воқеъ шуда буд. Чуноне ки аллакай гуфта будам, ман бо бисёр падароне вохӯрдаам, ки чунин фикр мекунанд: ҳангоми хурд будани кӯдакон бо онҳо вақт гузарондан даркор аст, аммо вақте ки онҳо калонтар мешаванд, ин корро кардан зарур нест. Добсон чунин ҷавоб дод: «Ин нодуруст аст. Тадқиқоти ман нишон доданд, ки ҳангоме фарзандон ба балоғат мерасанд, чун пештара (ё ҳатто зиёда аз он) ба волидон эҳтиёҷ доранд — хусусан ба падарон».

Сӯҳбати кӯтоҳ бо доктор Добсон маро водор намуд, ки бо фарзандон ҳарчи бештар вақт гузаронам ва дигар падаронро низ ба ин ҳавасманд намоям.

Ман медонам, ки ин на ҳамеша осон аст. Дар бисёр ҳолатҳо ҳатто ғайриимкон метобад. Ҳангоме ман мегӯям, ки наврасон ба волидон эҳтиёҷ доранд, бисёр модарону падарон ранҷидахотир шуда, китф дарҳам мекашанд: «Чӣ тавр ба наврасон вақти зиёд ҷудо карда метавонем? Онҳо нақшаҳои худ, дӯстони худ, ҳаёти худро доранд. Онҳо ҳеҷ гоҳ вақт надоранд, то бо мо гуфтугӯ кунанд».

Ман онҳоро мефаҳмам. Маҳз барои ҳамин ман ба волидон маслиҳат медиҳам, ки бо фарзандони хурдсол вақти бештареро гузаронанд. Агар ба кӯдакони хурд вақт ҷудо кунед, пас ҳангоме ки онҳо ба синни наврасӣ мерасанд, бо хушнудӣ ба шумо вақти худро медиҳанд.

Дар аввали ин боб ман нақл кардам, ки чӣ гуна Келлӣ, духтари 16-солаи ман, кори маро қатъ намуд, то ӯро назди парикмахер барам. Бисёр волидон чунин хоҳишро густохӣ, ё дар ҳадди ақалл, бетакаллуфӣ меҳисобанд. Магар наврасон намедонанд, ки мо, волидон, корҳои муҳим дорем ва бо онҳо машғул шуда наметавонем?

Ба ин савол «ҳа» ва «не» гуфта, ҷавоб додан мумкин аст. Маълум аст, ки волидон бо талаби аввалини кӯдак корҳои худро партофта

наметавонанд. Кор ҳаст, вазифаҳо дар хона ҳастанд... Агар онҳоро ба ҷо наоварем, дар хона бесарусомонӣ мешавад. Аммо бисёр лаҳзаҳое ҳастанд, ки барои фарзандон корро мавқуф гузоштан мумкин аст. Ҳар як волид бояд ба худ чунин савол диҳад: «**Оё вазифаҳои волидии ман дар ҳаёт асосӣ мебошанд?**»

Ман намегӯям, ки вазифаҳои волидӣ бояд барои ҳар як падару модар бори вазнин гарданд. Ман мегӯям, ки барои фарзандони худ қаҳрамон шудан даркор аст: онҳоро дӯст доштан ва қадр кардан, ҳангоми ҳар як имконият ҳиссиёти худро нишон додан даркор аст. Агар шумо қаҳрамони сазовори муҳаббат ва боварӣ будан хоҳед, бояд вақти худро қурбон кунед, он гоҳ дар кӯдак ҳисси аҳамиятнокӣ ва дар ҳимоя будани худ пайдо мешавад.

Ман дар боби дуюм аллакай гуфта будам, ки диққат яке аз пунктҳои муҳими «нақшаи волидӣ»-и мост *Агар ба фарзанд вақт ҷудо накунем, чӣ гуна ӯро ҳақиқатан дӯст дошта ва қадр намуда метавонем? Агар дар назди фарзанд набошем, чӣ гуна нишон дода метавонем, ки ӯро дӯст медорем?*

Шояд суханони зерин ба назар муболиға тобанд, аммо ба фикри мо, ба ҳақиқат мувофиқат мекунанд:

*Агар шумо барои фарзандон вақт сарф кардан нахоҳед, давоми ин китобро хонданатон маъное надорад.*

## Ӯ ДАР ҶАМЪИЯТ БА МАҚОМУ МАРТАБА СОҲИБ ШУД, АММО ФАРЗАНДОНАШРО АЗ ДАСТ ДОД

Андӯҳовар аст, ҳангоме волидон маҷбуранд чунин гӯянд: «Кошки ман бо фарзандон вақти бештареро мегузарондам... кошки фарзандонамро бо диққат гӯш мекардам... кошки ...»

Зани ноиб-президенти як фирмаи калони сохтмонӣ сӯҳбати маро дар калисои маҳаллӣ оиди он ки ба фарзандон вақт ҷудо кардан даркор аст, шунид. Баъд ман бо ин зан дар ресторан вохӯрдам. Вай гиря кард:

«„Ман бояд ба шумо чизеро гӯям, — нобоварона сар кард вай. — Ба наздикӣ шавҳари ман вафот кард. Ӯ дар як сол миллион доллар ба даст меовард. Ӯ дар тамоми ҷаҳон сафар мекард, дар ҳама ҷо чизе месохт. Аммо ҳатто ҳангоми дар хона буданаш ҳеҷ гоҳ ба фарзандон вақт ҷудо намекард. Фарзандон аз ӯ рӯ гардонданд, ва ҳангоме ки ба воя расиданд, бо ӯ муошират намекардагӣ шуданд. Пеш аз марг ӯ ба ман иқрор шуд, ки чун бадбахттарин шахси дунё мемирад. Ӯ

ба ман гуфт: „Ман дар ҷамъият ба мартаба ва мақом соҳиб шудам, аммо оилаамро аз даст додам. Кошки ман ба фарзандони худ вақти зиёдтаре ҷудо мекардам...».

Суханони ин бевазан ба ман суханони Исоро ёдрас намуданд: «Ба одам чӣ фоида дорад, ки агар ӯ тамоми дунёро ба даст оварад ва ба ҷони худ зиён расонад? Ё ки одамизод ба ивази ҷони худ чӣ фидияе медиҳад?» (Матто 16:26).

Вақти бо фарзандон гузарондашуда шуморо наҷот намедиҳад, аммо нишон медиҳад, ки маслиҳати Навиштаро оиди волиди дӯстдор, вафодор будан ҷиддӣ қабул мекунед. Ноиб-президенти мо чун шахси бадбахт вафот кард, чунки тамоми ҷаҳонро ба даст овард, аммо муҳаббати фарзандонро аз даст дод. Ӯ пули бисёреро соҳиб шуд, аммо барои одамони муҳимтарини ҳаёти худ ҳамеша вақт надошт. Ӯ ба онҳо чизҳои гуногун мехарид. Дар рӯзи таваллуд ӯ ба онҳо чунин хат мефиристод: «Ман туро дӯст медорам», аммо онҳо ба ӯ бовар намекарданд. Ӯ намедонист, ки қаллобу аҳмақонро фиреб додан метавон, аммо кӯдакро фиреб кардан ғайриимкон аст.

Аз ресторан баромада, ман рӯзеро ба ёд овардам, ки хеле банд будам ва писари дусолаамро пеш кардам. Баъд ман оиди падар фикр кардам, ки муҳаббати наздикони худро аз даст дода, вафот кард, ва суханони Доттӣ маънои нав пайдо карданд.

*Агар ба фарзандон имрӯз таваҷҷӯҳ зоҳир намоед,*
*пагоҳ онро ба шумо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд.*

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Оё дар ҷадвали волидии шумо барои «воридшавии ғайринавбатӣ»-и фарзандон вақт ҳаст? Оё чунин шудааст, ки аз боиси фарзандон корҳои худро ба анҷом расонда натавониста бошед? Оё шумо вақти бо фарзандон гузарондаатонро бебозгашт гумшуда, ё баръакс, хуб гузаронда меҳисобед?

2. Оё ҳангоми бо кӯдак гап задан шумо пурсабр ҳастед, ё ба ҳар ҳол ӯро шитоб мекунонед?

3. Ҷош гуфт, ки ҳангоме вай бо навиштани китоб банд буд, Келлӣ аз вай хоҳиш кард, то ӯро назди парикмахер барад. Он гоҳ ба сари ӯ фикрҳо омаданд. Кадоми онҳо фоиданоктар мебошанд ва чаро?

4. Фарзандон чӣ фикр мекунанд, ҳангоме мебинанд, ки шумо барои онҳо вақт надоред?

5. Чӣ тавр волидон ҳангоми гуфтугӯ бо фарзандон дурӯягӣ мекунанд? Оё бо шумо низ чунин шудааст? Бо ҳамсар оиди тартиби рӯзи худ гуфтугӯ кунед. Оё шумо ба фарзандон вақти кофӣ ҷудо мекунед? Агар не, пас ин хаторо чӣ гуна ислоҳ кардан мумкин аст?

6. Ягона воситаи бо фарзандон ба қадри кофӣ «вақти босифат» гузарондан кадом аст? Ба фикри шумо, ба фарзандон дар як рӯз чӣ қадар вақт ҷудо кардан даркор аст? Дар як ҳафта чӣ?

7. Дар охири ин боб Ҷош мегӯяд: агар волидон барои фарзандон вақт сарф кардан нахоҳанд, хондани ин китоб бефоида аст. Оё шумо розӣ ҳастед? Чаро?

8. Аз ҳамсаратон хоҳиш кунед, то он чиро, ки оиди суханони Доттӣ Макдауэлл фикр мекунад, нависад: «Агар имрӯз ба фарзандон таваҷҷӯҳ зоҳир намоед, онҳо пагоҳ ба шумо таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд». Ақидаи худро рӯи коғаз оваред, ба ҳам хатчаҳо нависед ва онҳоро муҳокима намоед.

# 12 ҲАМРОҲИ ФАРЗАНДОН БО ЧӢ КОР МАШҒУЛ ШУДАН ДАРКОР АСТ

Рӯзноманигори яке аз маҷаллаҳои масеҳӣ бо оилаи мо мусоҳиба дошт ва аз писари мо Шон пурсид: «Кадом хусусияти падар ба ту маъқул нест?»

Шон, ки он вақт шаш-ҳафтсола буд, бо ҳайрат ба ӯ нигарист ва гуфт: «Ҳамааш маъқул аст».

«Чунин намешавад, — исрор менамуд рӯзноманигор. — Ақаллан *як* норасоии ӯро ба ман гӯй».

«Хайр..., — оҳиста гуфт Шон, — ӯ бисёр вақт дар хона нест».

Чашмони рӯзноманигор дурахшиданд. Ӯ гап назада, зуд чизеро навиштан гирифт. Сипас ӯ бо дигар аъзоёни оила сӯҳбат кард ва акнун рафтанӣ буд, ки ман ӯро боздоштам.

«Хоҳиш мекунам, Шонро ҷеғ занед ва боз як савол диҳед».

«Хуб, — ҷавоб дод ӯ. Чиро пурсам?»

«Пурсед, ки кадом хусусияти падар ба ӯ беш аз ҳама маъқул аст».

«Чаро? — рад карданӣ шуд ӯ.

«Ҳамин тавр, — ҷавоб додам ман бо табассум. — Биёед мебинем, ки чӣ мешавад».

Вай Шонро ба ҳуҷра даъват намуд ва пурсид: «Кадом хусусияти падар ба ту беш аз ҳама маъқул аст?»

Шон бе дудилагӣ ҷавоб дод: «Ӯ бо ман вақти бисёр мегузаронад».

Рӯзноманигор суханони Шонро навишта гирифт, аммо ба онҳо баҳои сазовор надод. Охир, ман таъкид накарда будам, ки ба дигар фарзандон низ ин савол дода шавад, ӯ бошад намефаҳмид, ки ин таҷрибаи хурд бо Шон чӣ сабаб дорад.

«Аз афти кор, шумо оиди сабаби ин хоҳиши ман фикр мекунед, — гуфтам ман. Ба ёд оваред, ҳангоме шумо аз бача пурсидед, ки «Кадом хусусияти падар ба ту беш аз ҳама маъқул нест?», ӯ андаке худашро гум кард, аммо ҷавоби хуб дод. Ӯ гуфт: ба ӯ *маъқул нест*,

ки ман бисёр вақт дар хона нестам. Агар ӯ ба ин аҳамият доданро *бас кунад*, бад мешавад».

Рӯзноманигор бо ҳайрат ба ман нигарист. Ман фаҳмондам: «Агар Шон нисбати дар хона набудани ман бепарво шавад, хулосаи ягона ин аст: ҳатто ҳангоме ки ман дар хона ҳастам, бо ӯ кам муошират мекунам. Аммо ӯ *мехоҳад*, ки ман дар хона бошам, чунки мо бо ҳам бисёр вақт мегузаронем ва аз ин хеле ҳаловат мебарем».

Ӯ изҳори ташаккур намуда, рафт. Дар мақолае ки баъдтар нашр гардид, ӯ хеле хуб баён намуд, ки кадом хусусияти падар ба Шон маъқул аст ва кадомаш не. Ба фикри ман, ин ҷои аз ҳама қавии мақола аст.

## «БАРВАҚТ ХОБ РАФТАН» — НА ТАНҲО ШИОР АСТ

Боварӣ дорам, ки дигар фарзандон низ ба саволи «Кадом хусусияти падар ба ту маъқул аст?» монанди Шон ҷавоб медиҳанд. Ман ҳақиқатан бисёр вақт дар сафар ҳастам, аммо дар хона набудани худро чандин сол боз бо ду восита ҷуброн мекунам:

1. Ман то қадри имкон аҳли оилаамро бо худ мебарам, хусусан тобистон. Дар натиҷа мо вақти бисёреро якҷоя мегузаронем, бо вуҷуди он ки ман бисёр вақт дар хона нестам.

2. Ҳангоме ки фарзандони калонӣ — Келлӣ ва Шон — хурдсол буданд, ман кореро мекардам, ки барои бисёриҳо хеле аҷиб метофт. Хоҳ дар хона меҳмонон бошанд, хоҳ касе телефон кунад — ҳангоме ки вақт меомад, ман ҳамеша узр хоста, ба хобондани кӯдакон мерафтам.

Агар бегоҳӣ меҳмононро интизор бошем, пешакӣ огоҳ мекардем: аз соати 6.30 ё 7.00 Ҷош нахоҳад буд. Мо ба ҳама мегуфтем: «Аз соати 6.30 то 9.00 бегоҳӣ ба Ҷош телефон накунед, дар ин вақт ӯ бо кӯдакон машғул мешавад».

Ҳангоме ки ман дар хона будам, одатан ин дую ним соатро бо Келлӣ ва Шон мегузарондам. Метавонанд пурсанд: Доттӣ ин вақт чӣ кор мекард? Вай аз танаффуси сазовор истифода мебурд. Вай бо шавҳари худ чунон бисёр сафар мекунад, ки сазовори истироҳат аст!

Ҳар бегоҳ бо фарзандон бо чӣ кор машғул мешудем? Сайру гашт мекардем, китоб мехондем ё дар фарш бозӣ мекардем.

Яке аз вақтгузарониҳои дӯстдоштаи мо ваннаи «ҷакузӣ» — тӯҳфаи гаронбаҳои дӯстони ман буд.

Бисёр вақт ману кӯдакон ба он медаромадем, гоҳо Доттӣ низ ба мо ҳамроҳ мешуд. Боре бегоҳӣ мо зарфи пластикиро бо ҷувории бирён

пур кардем ва онро ба об сар додем. Он дар ванна чун дар варта давр мезад, ва мо бо навбат онро дошта мегирифтем. Баъд муддати чандин ҳафта дар ин бора гуфтугӯҳо буданд. Ҳатто муаллимон ва падарони дигар кӯдакон дар бораи «ҷувории бирён дар ҷакузӣ» медонистанд.

Гоҳо аз ҷакузӣ мо телевизор тамошо мекардем, аз ҷумла барномаи дӯстдоштаамон «Қувваозмоии оилавӣ»-ро. Кӯдакон донистан мехостанд, ки оё оилаи мо ду оилаи рақобаткунандаро мағлуб карда метавонад ё не.

Бисёриҳо аз он ҳайрон буданд, ки ман ҳар рӯз аз соати 6.30 ё 7.00 нестам. Метарсам, ки баъзеҳо ранҷидаанд, ва баъзеи дигар ба ақли солими ман шубҳа кардаанд. Аммо ман чунин мактубҳо низ мегирифтам: «(Ҳангоми ба хонаатон рафтанам) беш аз ҳама ба ман он чиз маъқул шуд, ки шумо кӯшиш мекунед пеш аз хоб бо кӯдакони худ бошед». Дигар мактубҳо низ буданд — асосан аз донишҷӯёни коллеҷҳо: «Дар баромади шумо ба ман ин суханон маъқул шуданд: «Бубахшед, аммо ман бо фарзандонам дар як вақт хоб меравам».

### «АЗ ХОБ БАРВАҚТ ХЕСТАН» ТАҚДИРИ ҚАҲРАМОНОН АСТ

Бо гузаштани солҳо тартиби рӯзи ман хеле дигаргун шуд. Вақтҳои охир, дар арафаи анҷом додани китоби калон, ман соати 2-и шаб аз хоб хеста, то соати 6-и пагоҳӣ кор мекардам. Сипас ман фарзандонро бедор мекардам, онҳо ба ҷойгаҳи ман ҷаста мебаромаданд ва мо ҷунбуҷӯл мекардем, гап мезадем ё нақшаҳои рӯзро муҳокима менамудем. Сипас либосамонро мепӯшидем, наҳорӣ мекардем, ва ман онҳоро бо мошин ба мактаб мебурдам.

Дар рӯзи якуми аз сафар бозгаштанам ман, аз рӯи имконият, фарзандонро баъди мактаб ба сайру гашт мебаровардам. Ман тақрибан соати 2.30 онҳоро мегирифтам, ва мо ба сайру гашти яксоата равона мешудем. Баъд дар давоми чор рӯзи минбаъда ман онҳоро алоҳида-алоҳида ба сайру гашт мебурдам — йогурт, яхмос, умуман ҳамаи он чиро, ки онҳо мехостанд, мехаридам. Муҳимаш он буд, ки мо дар давоми як соат бо бозиҳои дӯстдоштаи кӯдак машғул мешудем. Бисёр вақт онҳо дӯстонашонро ҳамроҳи худ мегирифтанд.

Барои бисёр волидон нақли ман ғайриимкон метобад: чӣ гуна ман метавонистам бегоҳӣ, пагоҳӣ ва рӯзона бо кӯдакон ин қадар вақт гузаронам? Онҳо мепурсанд: «Ӯ барои ҳамаи ин аз куҷо вақт меёбад?»

Бояд ба назар гирифт, ки ман тартиби муайяни рӯзро риоя мекунам. Ман танҳо оиди баъзе машғулиятҳои дӯстдоштаамон нақл кардам. Аммо бисёр чизҳо ба графики кории ман, ва низ ба синну соли фарзандон дар вақти додашуда вобаста аст. Масалан, ҳозир

Келлӣ ва Шон дар синфҳои миёна таҳсил мекунанд, Кэтӣ — дар мактаби ибтидоӣ, Ҳэзэр бошад ба боғчаи кӯдакон меравад. Ман бо ҳар кадоми онҳо мувофиқи синну солашон муошират мекунам.

Ҳамаи оилаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ҳама тартиби гуногуни рӯз доранд. Ман маҷбурам бисёр сафар кунам, ва танҳо ҳангоми дар хона буданам барои фарзандон вақт ҷудо мекунам. Аммо ин мушкилоти дигарро ба миён меоварад: бо фарзандон вақт гузаронданӣ шуда, ман гоҳо роҳ медиҳам, ки Доттӣ худро «таркшуда» ҳис кунад. Бинобар ин ман кӯшиш мекунам, ки бо ӯ бештар муошират кунам. Ин муборизаи ҳамешагӣ аст, аммо ман фаҳмидам, ки он натиҷаҳои худро медиҳад. Ман барои зан ва фарзандони худ қаҳрамон шуда *метавонам*. Ман барои оилаи худ вақт ҷудо карда *метавонам... агар хоҳам*. Ман ҳамчунин фаҳмидам, ки ташвишҳои волидӣ хуштарин ташвишҳои зиндагӣ шуда метавонанд.

**МУВОФИҚИ ОДАТҲОИ ХУД РАФТОР НАМОЕД**

Барои ба фарзандон диққат додан ва барояшон қаҳрамон шудан бисёр пул доштан, ягон кори аз дастатон намеомада ё ба тарзи зиндагиатон бегона кардан даркор нест. Лекин лозим меояд, ки вақти бисёреро сарф кунед. Дар ин боб ман нақл карда будам, ки бо фарзандон бо чӣ кор машғул мешавам. Як қисми ин машғулиятҳо метавонанд бароятон қобили қабул набошанд. Аммо ман таъкид кардан мехоҳам: *мо* ин тавр *вақт гузаронданро дӯст медорем*. Шумо метавонед он тавре кунед, *ки ба худатон маъқул аст*.

Муҳимаш ба фарзандон вақт ҷудо кардан аст. Барои ин ягон кори ғайриоддӣ кардан даркор нест — одатан фарзандон аз волидон рафтори тамоман муқаррариро интизоранд. Мақсади дарозмуддати шумо — тартиб додани барномаи амалҳо ва аз он дур нашудан аст.

*Қарор диҳед, ки ҳамроҳи фарзандон бо чӣ кор машғул мешавед, ва қарори худро ба ҷо оваред*

Дар семинарҳо барои волидон ман бисёр вақт саволе медиҳам: «Кадоме аз шумо ҷойхобҳои сафариро гирифта, шабона ҳамроҳи фарзандон дар ҳавлӣ «бошишгоҳ» барпо намудаед?» Ман ин корро кардаам ва медонам, ки ба ситораҳо нигариста, дар бораи чӣ гуфтугӯ кардан мумкин аст. Дар чунин вазъият фарзандон сухангӯ мешаванд ва сирру асрори худро ба шумо мегӯянд. Ҳангоме ки мо ба муддати якчанд рӯз ба соҳили баҳр меравем, кардани ин корро дӯст медорем.

Агар имкон бошад, ман кӯшиш мекунам ба ҳар яки фарзандон бо навбат диққат диҳам. Боре тобистон, ҳангоме ки мо дар ранчо дар округи дурдасти иёлати Айдаҳо будем, ман аз Шон пурсидам: «Писарам, мехоҳӣ ба саёҳат равем?»

Шон ба ин фикр часпида гирифт, ва мо рюкзакҳоро гирифта, ба онҳо хӯрокворӣ, якчанд шиша кока-кола андохтем ва ба саёҳате рафтем, ки панҷ соат давом кард.

Мо аз доманаи кӯҳ қад-қади канион рафтем, боло баромадем, шаршараеро дидем ва ҷое ёфтем, то оббозӣ кунем, дар харсангҳо зери офтоб дароз кашем, хӯрок хӯрем ва бо ҳам вақт гузаронем. Ба мо чунин метофт, ки мо аввалин одамоне ҳастем, ки ба ин замин қадам гузоштаем. (Аммо дар роҳи бозгашт мо якчанд қуттии консерв ва шишаҳо ёфтем, ки ин ақидаи моро барҳам доданд.)

Умуман мо вақтро хуб гузарондем: ман бо писарам, ки он сол даҳсола шуд, панҷ соат якҷоя будам. Ин саёҳат нуқтаи авҷи истироҳати тобистонаи мо буд, ки Диснейленд ва паркҳои дорои бозиҳои гаронбаҳо ба он баробар шуда наметавонанд.

**ПАГОҲИИ БАРВАҚТИ ШАНБЕ. МУҲОРИБАИ ОБӢ**

Мақсади ман ба фарзандон додани он чизест, ки падарам ба ман надода буд. Шояд ман орзуи давраи кӯдакии худро амалӣ мекунам, аммо чунин меҳисобам, ки ин барои ҳамаи мо фоида дорад. Масалан, ман ҳамеша мехостам бо падар ё модар муҳорибаи обӣ барпо намоям, аммо онҳо ҳеҷ гоҳ розӣ намешуданд. Якчанд сол пеш ҳангоми таътили мавлудӣ ман гуфтам: «Оиди муҳорибаи обӣ чӣ фикр доред?»

Аввал онҳо суханони маро ҳазл гумон карданд, аммо ҳангоме ки ман 120 пуфак овардам ва онҳоро бо об пур кардан гирифтам, онҳо фаҳмиданд, ки мақсади ман ҷиддист.

Ман пуфакҳоро бо об пур кардам, ва ҳар ду фарзандони ман (он вақт мо танҳо Келлӣ ва Шонро доштем) ҳамроҳи ду дӯсти худ ба ҳавлӣ баромаданд. Ман шланги обдиҳиро гирифта, давраи калоне кашидам. Сипас ба ҳар яке 30 пуфаки пур аз обро додам ва дар маркази давра истодам. Мо аз рӯи қоидае бозӣ мекардем: ҳар кӯдак танҳо як пуфакро партофта метавонист; дар он лаҳзае ки пуфак мекафид, бозингари дигар пуфаки худро мепартофт. Мувофиқи маслиҳати пешакӣ ҳар касе ки пуфакашро ба ман мерасонд, аз ман 25 сент мегирифт. Агар ман пуфакро дошта, яке аз онҳоро бо он зада тавонам, онҳо ба ман 5 сент медоданд.

Чӣ бозие сар шуд! Бесарусомонӣ ва хурсандии тасвирнопазир! Ман чунин меҳисобам, ки бозии мо ба қонунҳои Китоби Муқаддас

пурра мувофиқат мекард: дар китоби Воиз гуфта шудааст, ки барои хандидан ва рақсидан вақте ҳаст. Пайғамбар Закарё оиди волидоне навишта буд, ки дилашон шод хоҳад гардид, ва фарзандонашон инро дида, шодӣ хоҳанд кард (10:7).

Гап дар он аст, ки чунин бозиҳо фаромӯш намешаванд, қаҳрамонии шумо бошад танҳо аз он иборат аст, ки дар хотираи кӯдак ин таассуроти амиқро гузоред.

**ПАСНОКӢ РОҲ РАФТАНРО ТАҶРИБА КУНЕД**

Шояд он чи ман ҳозир пешниҳод мекунам, ба шумо мувофиқ намеояд. Аммо ин идеяро дигаргун карда метавонед. Оё ягон бор дар кӯча *паснокӣ* роҳ рафта, дар айни замон бо фарзандон гуфтугӯ кардаед? Агар шумо чун ман одатҳои аҷиб дошта бошед, кӯшиш кунед! Аз афташ, шумо ин тавр накардаед.

Албата, агар ҳамсояҳо бинанд, ки шумо паснокӣ роҳ меравед, гумон мекунанд, ки шумо аз ақл бегона шудаед. Аммо ба кӯдакон ин маъқул мешавад. Шумо паснокӣ меравед, онҳо бошанд ба шумо нигариста пеш мераванд. Баъди андак масофа онҳо ба хандидан сар мекунанд. Ба ғайр аз ин, ман кӯшиш мекунам, ки ба гуфтугӯ ҳақиқатҳои рӯҳониро ворид намоям. Масалан, «Исо нури ҷаҳон аст, ва ҳар ҷое ки равем, Ӯ ба мо роҳ нишон медиҳад. Ӯ ба мо моҳияти ҳақиқии зиндагиро нишон медиҳад».

Агар паснокӣ роҳ рафтан маъқул набошад, метавонед бо фарзандон сайру гашт карда, сӯҳбат намоед ва таассуроти худро ба ҳамдигар гӯед. Метавонед бо онҳо то кунҷи кӯча рафта, яхмос харед.

*Агар ба ягон ҷо равед, фарзандонро бо худ баред:*
*дар роҳ метавонед бо онҳо муошират кунед ва сирру*
*асроратонро ба ҳамдигар гӯед.*

Чуноне ки ки дар боби 11 гуфта будам, хеле кам воқеъ мешавад, ки бо корҳои худ танҳо равам. Ман ҳамеша ягон фарзандамро бо худ мебарам, то ки бо ӯ сӯҳбат кунам, дар бораи кору бор, одамон ва воқеаҳое ки ҳама оиди онҳо гап мезананд, пурсон шавам. Гоҳо ба ман лозим меояд ба Рамон, ки дар масофаи 35 мил аз хонаамон дар доманаи кӯҳҳо воқеъ аст, раҳсипор шавам. Ман доимо ягон фарзандамро бо худ мебарам ва дар ёд надорам, ки ақаллан як соат роҳро барои сӯҳбати шавқовар сарф накарда бошам.

## БА НАҚША ГИРИФТАНРО ФАРОМӮШ НАКУНЕД

Таассуроте пайдо шуда метавонад, ки аз дасти Ҷош Макдауэлл ҳама кор меояд, гӯё ӯ суперпадарест, ки пасноки роҳ рафта, ҳар панҷ дақиқа бо онҳо оиди масъалаҳои гуногун гуфтугӯ мекунад. Аммо дар асл ман *бояд кӯшиши зиёд ба харҷ диҳам* — ҳатто пешакӣ ба нақша гирам, ки бо фарзандон дар бораи чӣ гап занам.

Ҳангоме ки ман бо фарзандон вақт мегузаронам, ҳама чизро ба ҳоли худ намегузорам. Ба фикрам, баъзе падарон чунин мушкилӣ надоранд, аммо ман, ки аз ҷумлаи экстравертҳо буда, андешаҳоям чун аспи тозӣ аст, бояд эҳтиёткор бошам. Агар ман чӣ гуфтан, ба фарзандон чӣ саволҳо доданро пешакӣ ба нақша нагирам, гуфтугӯи хуб ҳосил намешавад.

Масалан, фарзандамро бо худ ба сафар бурда, ман албатта метавонам дар давоми роҳ оиди нақшаҳои худ, китобҳо, видеофилмҳо, барномаҳои телевизионӣ, сафарҳои навбатӣ, вохӯриҳо бо аудитория фикр кунам. Ман метавонам оиди ҳамаи ин фикр кунам ва бо писар ё духтарам ҳеҷ гап назанам.

Ман ба хулоса омадам: агар вақтгузаронӣ бо фарзандонро ба нақша нагирам, ҳар гуна монеаҳо пайдо шуда метавонанд, ва дар натиҷа ман ба фарзандон диққати даркорӣ дода наметавонам. Агар ман чӣ кор карданамонро ва чӣ гуна ба ҷо овардани онро пешакӣ ба нақша гирам, муоширати мо муваффақиятноктар мешавад: ман диққати худро ба фарзандон ва машғулиятҳои якҷоя равона мекунам. Ман медонам: баъзеҳо дар марказонидани диққат мушкилӣ надоранд. Аммо барои бисёриҳо — хусусан барои соҳибкороне ки бо кор банд ҳастанд ва мушкилоти зиёде ба дӯшашон бор шудааст, — ин осон нест. Ман мефаҳмам: чӣ гуфтанро пешакӣ андешидан кори дилгиркунанда аст. Гоҳо ман низ чунин меҳисобам. Бо вуҷуди ин ба нақша мегирам, чунки ҳамин тавр ба фарзандон диққат доданам осонтар аст.

## САВОЛ ДОДАНРО ЁД ГИРЕД

Ман ҳамеша оиди саволҳое ки бояд ба фарзандон диҳам, фикр мекунам, ва ҳамин тариқ, сӯҳбатро ба маҷрои даркорӣ равона мекунам. Ман ҳангоми мошинронӣ, ҳангоми сайру гашт, ё ҳангоми хӯроккӯрӣ саволҳо медиҳам.

Ана баъзеи онҳо:

«Ту чӣ чизро дар оилаамон дигаргун кардан мехостӣ?» (Беҳтараш ба ҷавоб пешакӣ тайёр шавед).

«Агар падари оила мебудӣ, чӣ кор мекардӣ?» (Ба ин савол низ пешакӣ тайёр шудан даркор аст).

«Оё ягон коре ҳаст, ки ту кардан мехостӣ, аммо пеш ҳеҷ гоҳ накарда будӣ?»

Метавонед Масалҳо 15:13 ва 17:22-ро, ки он ҷо оиди шодиву ғам гуфта мешавад, хонда диҳед ва танҳо баъди он пурсед: «Оиди лаҳзаи хушбахтонатарин ва лаҳзаи талхтарини ҳаёти худ нақл кун. Чӣ ба ту ҳаловат мебахшад? Чӣ туро ғамгин месозад?» Ин саволҳо ба сӯҳбати пурмазмун табдил ёфта метавонанд.

Боре мо аз боғи ҳайвонот бармегаштем. Роҳ дароз буд, ва ман қарор додам, ки вақтро беҳуда сарф накунам. Ҳангоме ки мо истгоҳро тарк мекардем, ман гуфтам: «Бачаҳо, биёед андаке бозӣ мекунем. Кадом ҳайвони дидаатон ба шумо беш аз ҳама монанд аст ва чаро?»

Дар давоми 60 мил роҳ ману Доттӣ фаҳмидем, ки кӯдакон оиди худ чӣ фикр доранд. Кэтии хурдакак — он вақт вай 3,5-сола буд — гуфт, ки ба хирсҳо монанд аст.

«Чаро?» — пурсидам ман.

«Зеро ба ман маъқул аст, ҳангоме маро сахт ба оғӯш мегиранд», — нидо кард Кэтӣ.

Кэтӣ дар нишастгоҳи пас буд, бинобар ин ман мошинро нигоҳ дошта, баромадам ва дари ақибро кушода, ӯро сахт, чун хирсҳо, ба оғӯш гирифтам. Баъд мо роҳро давом додем.

**ЧӢ ГУНА БАРОИ ДӮСТОНИ ФАРЗАНДОН ҚАҲРАМОН БОЯД ШУД**

Ҳангоме ки ман фарзандонро алоҳида-алоҳида ба сайру гашт мебарам, на ҳамеша бо онҳо танҳо мемонам. Баъди муддате дар хона будан ман ба онҳо иҷозат медиҳам, ки ақаллан ягон дӯсташонро бо худ гиранд: ман ба фарзандон нишон додан мехоҳам, ки бо дӯстони онҳо низ муошират кардан метавонам. Ман мехоҳам, ки дӯстонам бинанд: бо ман будан шавқовар ва хурсандибахш аст. Аммо лозим меояд, ки доимо шиддатнокиро ҳис кунам. Боре духтарам Келлӣ дугонаашро бо худ гирифт. Духтаракон ба ман часпидан гирифтанд — онҳо мӯи маро «ба тартиб овардан» мехостанд.

«Ба мӯи ман даст нарасонед» — эътироз мекардам ман.

«Иҷозат деҳ, дада!» — илтимос мекард Келлӣ.

Ман пай бурдам, ки дугонаи Келлӣ кунҷковона ба ман менигарад. Шояд розӣ шавам? Дар ниҳояти кор ғурури ман фурӯтан шуд. Ман ҳамеша мегуфтам, ки дар назари дӯстони духтарам қаҳрамон будан мехоҳам: чаро озмуда набинам?

«Хуб, — гуфтам ман. Бо мӯйҳои ман ҳар чи хоҳед, кунед аммо қайчӣ назанед ва ранг накунед. Барои ин ман шумоёнро ба хӯрокхӯрӣ даъват мекунам».

«*Хеле хуб!*» — нидо карданд онҳо. Онҳо як соати дароз бо кремҳо, фен ва асбобҳои барои ман номаълум мӯи маро «ба тартиб медароварданд». Ҳангоме ки духтарон корашонро тамом карданд, мӯйҳои ман ба ҳар сӯ сих-сих шуда буданд. Ман ба табақчаи паррон монанд будам, ки ба сафари сайёраи дигар тайёр аст. Ба оина нигариста, ман оиди пункти дуюми муоҳидаамон фикр мекардам. Оё бо чунин намуд барои хӯрокхӯрӣ назди одамон баромадани ман мумкин аст? Ман танҳо ба он умед мебастам, ки касе маро намешиносад!

Ҳангоме ки мо ба толори питсерия даромадем — ман айнаки сиёҳ пӯшида будам, — духтаракон аз ман дар масофаи якунин метр қадам мезаданд, то касе гумон накунад, ки онҳо бо ман омадаанд! Одамон бо шубҳа ба ман менигаристанд, аммо полисро даъват накарданд. Мо вақтро хеле хуб гузарондем.

Ҳангоме ки мо ба хона баргаштем, Шон оиди бозии нав фаҳмид ва қарор дод, ки аз вазъият истифода барад. «Оё мумкин аст, ки ману рафиқам мӯи туро ба тартиб дарорем?» — пурсид ӯ. Ман ба Шон нигариста, оиди он фикр кардам, ки чӣ амсоле ба вуҷуд овардаам.

«Пагоҳ бегоҳӣ. Ба шарте ки баъд бо ман хӯрокхӯрӣ меравед».

Бегоҳии рӯзи дигар Шон бо рафиқаш як соат мӯйҳои маро ба тартиб меоварданд, ва дар ниҳояти кор мӯйҳоямро то ҳадди шинохтанашаванда пахмоқ карданд. Аммо бачаҳо аз натиҷаи кори худ хеле хурсанд буданд, ва чуноне ки пешакӣ маслиҳат карда будем, ба хӯрокхӯрӣ рафтем — ин дафъа ман ресторани дигарро интихоб кардам, зеро фикр кардам, ки барои питсерия як бораш ҳам басанда аст.

Ба шарофати ин мӯйи аҳмақонаи худ ман дар Ҷулиан як навъ достоне шудам. Дар давоми якчанд ҳафта муаллимон ва шиносҳо дар кӯча маро боздошта, мегуфтанд, ки қиссаи мӯйҳои маро медонанд. Ман дар ҷавоб механдидам: кӯдакон вақтхушӣ карданд, дӯстон низ; мо сӯҳбат намудем, ҳазлҳо кардем, ва вақтро хуб гузарондем. Ман ҳамеша мегуфтам, ки мехоҳам падаре бошам, ки ҳар гуна корҳои аҷоиб бофта бароварда метавонад, ва инак бо баҳои мӯйҳои худ ҳаққонияти суханонамро исбот намудам.

**ОНҲО БА ЧӢ ШАВҚ ДОРАНД?**

Агар ба ҷаҳони фарзанди худ даромадан хоҳед, бояд донед, ки ӯ дар ҳамин лаҳза ба чӣ шавқ дорад. Яъне «майнааш бо чӣ банд аст». Ҳангоме ки ман бо навиштани китоб машғул будам, духтари 10-солаам Кэтӣ баъди мактаб бо ман хӯрок хӯрданро дӯст медошт. Дар

тӯли панҷ рӯз ман ду бор ӯро ба ланч (хӯроки нисфирӯзӣ) мебурдам. Дар айни ҳол, одатан, ҳамчун рамзи муҳаббати махсус, ман ба вай гули садбарг тӯҳфа мекардам. Боре ӯ назди ман омада, хоҳиш кард: «Биё бо «Шевроле»-и кӯҳна сайр мекунем. Ман бо ту дар «Шевроле» сайр кардан мехоҳам.

Ман ба Кэтӣ гуфтам, ки фикр мекунам. Рӯзи дигар ман «Шевроле» ва ронанда киро кардам, ва ҳангоме ки талабагон аз мактаб мебаромаданд, бо мошин назди мактаб омадам. Кэтӣ аз мактаб баромад ва аз ҳайрат чашмонаш калон кушода шуданд. Дӯстонаш дар атрофи мо ҷамъ шуданд, Кэтӣ ба мошин нишаст, ва мо ба ланч рафтем. Фикр мекунам, ки Кэтӣ инро фаромӯш намекунад.

Барои Шон ҳозир чизи асосии ҳаёт баскетбол аст. Тобистони гузашта ману Доттӣ ӯро ба лагери баскетболӣ фиристодем. То даме ки ӯ дар хона набуд, ман пудратчӣ киро кардам ва ӯ ба ман ёрӣ дод, ки майдончаи бетонӣ созам ва тахтаи ҳалқадор насб намоям. Ҳангоме ки Шон баргашт, аз чизи дидааш на камтар аз лагерравӣ хурсанд шуд. Акнун вай метавонист тӯбпартоиҳоеро, ки ба ӯ ёд дода буданд, машқ кунад.

Мо бозӣ кардем, ва ман пурсидам, ки дар лагер чӣ хел буд. Чӣ гуна бозингарон буданд? Маълум шуд, ки Шон яке аз беҳтаринҳо ҳисобида шудааст, агарчи ӯ яке аз қадпасттаринҳо аст.

«Дада, ту тасаввур карда наметавонӣ, ки баъзе бачаҳо то чӣ андоза *қадбаланд* буданд», — нидо мекард Шон.

Мо оиди баскетбол гап задем. Дар мавриди додашуда ба ҷаҳони писарам даромадани ман осон буд, чунки баскетбол барои ман яке аз навъҳои дӯстдоштаи варзиш аст. Ба наздикӣ Шон назди ман омад ва гуфт: «Дада, ба фикрам, аз курси дуюм ман барои донишгоҳ бозӣ карда метавонам...»

«Шон, — ҷавоб додам ман, — ман мехоҳам, ки ту донӣ: барои ман фарқ надорад, ки ту бозӣ мекунӣ ё дар курсии бозингарони эҳтиётӣ мешинӣ. Метавонӣ умуман ба майдон набароӣ ва тамоман баскетболбозӣ накунӣ. Ман танҳо мехоҳам, ки ту кори дӯстдоштаатро кунӣ ва аз ин ҳаловат барӣ. Хуб аст, ки туро яке аз бозингарони беҳтарин номидаанд. Агар туро ба даста гиранд, хеле хуб мешавад. Аммо чизи асосӣ он аст, ки ту писари ман ҳастӣ, ва ман туро дӯст медорам».

## САНАҲОИ ХОТИРНИШИН

Ман оиди бисёр машғулиятҳои мо нақл кардам. Оиди Доттӣ низ нақл карда метавонистам. Яке аз ташаббусҳои ӯ чунон бемонанд

аст, ки сазовори муфассал тасвир намудан мебошад. Доттӣ дар тақвимҳо оиди ҳар як фарзанд чизе менависад. Ман тақвимҳоеро дар назар дорам, ки дар онҳо барои ҳар як рӯз квадратчае ҷудо карда шудааст. Доттӣ воқеаҳои рӯзро, рӯйдодҳои оиларо, он чиро ки бо кӯдак рӯй дод, дар он менависад. Ҳар сол Доттӣ чор тақвим мехарад — яктогӣ барои ҳар як фарзанд. Ӯ кӯшиш мекунад ба сабтҳояш суратҳоро аз ҳаёти фарзандон илова намояд. Масалан, як вақтҳо Шон ба дучархаҳо шавқ дошт. Доттӣ барои ӯ тақвимеро бо даҳ эпизоди дучархаронӣ харид. Акнун Шон ба баскетбол шавқ дорад — имсол тақвими ӯ баскетболӣ аст.

Хоҳари Шон Келлӣ, аз афташ ба ҳама чиз шавқ дорад. Бинобар ин Доттӣ қарор дод ба ӯ тақвиме харад, ки ба машғулияти дӯстдоштаи наврасон — харид кардан робита дорад. Кэтии даҳсола аспҳоро дӯст медорад — маълум аст, ки дар тақвими ӯ тасвири чист.

Ҳэззэри хурдакак, ки ҳанӯз чорсола аст, гурбаҳоро дӯст медорад, ва табиист, ки ҳар моҳ дар тақвим гурбаҳо ва гурбачаҳои нав ҳастанд.

Ҳар як рӯз Доттӣ кӯшиш мекунад оиди он чи кӯдак кард, он чи бо ӯ рӯй дод ва ғайра кӯтоҳакак нависад. Ӯ барои ҳар рӯз навиштан имконият надорад, аммо ҳар моҳ дар бораи ҳар як фарзанд сабтҳои хеле зиёд мекунад.

Сабтҳо хеле оддӣ мебошанд, аммо онҳо барои фарзандон ва барои мо хеле муҳиманд. Ана, масалан, баъзе аз сабтҳое ки ба тирамоҳи гузашта дахл доранд:

- «Ҳэззэр — ту имрӯз ба мактаб рафтӣ. Падарат баъди дарс барои аз мактаб овардани ту рафт, ва мо ба кафе рафтем. Яхмоси чормағздор хӯрдем.
- Кэтӣ — мо чизҳои кӯҳнаро ҷамъ карда, фурӯхтем. Имрӯз бегоҳӣ ман туро ба Рамон ба тамошои футбол бурдам. Мубориза сахт ва пуршиддат буд — дастаи ту бо ҳисоби 1:2 мағлуб шуд».

Рӯзи дигар чунин сабт карда шудааст:

- «Ту дар фурӯхтани чизҳои кӯҳна ба ману падарат ёрӣ додӣ. Баъд мо дар вохӯрии дуюм ба дастаи Окленд бой додани «Бостон»-ро тамошо кардем. Шон — донишҷӯёни курси якум имрӯз туро сардор интихоб карданд. Ман аз ту хеле фахр мекунам! Люк бо ту омад ва шаб дар хонаи мо монд. Ӯ каждуми ёфтаамонро кушт.

- Келлӣ — имрӯз ту ба магазин барои харидани либоси мактабӣ рафтӣ ва матои хеле хуберо дар фурӯш дидӣ».

Дар баробари сабти воқеаҳои рӯз Доттӣ суратҳо, мақолаҳои аз рӯзномаҳо буридашуда, наворҳои хотиравӣ ва дигар ашёро ҷамъ мекунад, ки барои дидани дастовардҳои фарзандон ва он чи дар тӯли як моҳ бо онҳо рӯй дода буд, ёрӣ мерасонад. Ҳамаи ин чизҳо бо ҳам баста ё часпонда мешаванд, ё ба тақвим ширеш карда мешаванд.

Тасвирҳои гурбаҳо, аспҳо, баскетболбозон ва харидҳо доимо иваз мешаванд, Доттӣ бошад ҳанӯз ҳам воқеаҳои ҳаёти фарзандонро сабт мекунад. Шумо гумон мекунед, ки тақвим чун дафтарчаи хотирот аст, аммо ҳар рӯз воқеаҳои оилавиро сабт намудан чӣ гуна шавқовар аст!

Он бебозгашт будани вақтро ёдрас мекунад ва барои фаҳмидани он ёрӣ медиҳад, ки ҳатто воқеаҳои оддӣ қисми ҳаёти мо мебошанд.

Сабтҳо дар тақвим, суратҳо ва дигар чизҳои хотиравӣ оддӣ, аммо бебаҳоянд. Масалан, сурати Ҳэзэр бо дугонаҳояш ҳангоми зодрӯз. Дар ҳамин ҷо — сурати дугонаи нави ӯ, ки моҳи гузашта бо ӯ шинос шудааст.

Сурати Кэтӣ ҳамроҳи дастаи софтбол. Дар ҳамин ҷо суратҳои ӯ дар конкурси мӯд, ки дар он ҷо ӯ лентаи хотиравӣ ба даст овард. Лента низ дар ҳамин ҷост — чун ёдрасии дастоварди ӯ.

Суратҳои Шон бо ду дастаи баскетбол, ки дар вақтҳои гуногун дар онҳо бозӣ кардааст. Дар қатори суратҳо тасвирҳое мебошанд, ки ӯ барои маҳфили илмӣ кашидааст ва барои онҳо ҷои аввалро соҳиб шудааст.

Дар тақвими Келлӣ сурат бо «мошини нав» — Шевролеи соли 1957. Агар шумо ба мошинҳо шавқ дошта бошед, бояд донед, ки Шевролеи соли 1957 як навъ мошини классикӣ аст. Аммо боз муҳимтар он аст, ки ин сурат оиди давраи муҳими ҳаёти Келлӣ шаҳодат медиҳад: вай ҳуҷҷати ронандагӣ ва мошини шахсӣ гирифт. Аз як тараф — озодтар шуд, аз тарафи дигар — ӯҳдадориҳои нав пайдо шуданд.

Дар ақиби ҳар як тақвим суратҳо ва дигар предметҳое ҳастанд, ки Доттӣ аз сабаби набудани вақт «ба қайд надаровардааст». Аммо ӯ ҳар рӯз бо ин машғул мешавад — на камтар аз 10 дақиқа дар як рӯз, −сабтҳо мекунад ва суратҳову предметҳои дигарро ҷо ба ҷо мекунад. Доттӣ мегӯяд, ки ин кор хастакунанда нест, балки ба ӯ ҳаловати ҳақиқӣ мебахшад. Ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки ба хонандагони ин китоб оиди тақвимҳо ва аҳамияти онҳо чизе гӯяд. Ӯ чунин гуфт:

«Бояд зикр кард, ки тақвимҳо яке аз машғулиятҳои асосии ман мебошанд, чунки ба ман ва фарзандон барои хотироти бебаҳо мавод медиҳанд. Ман ҳамеша фикр мекунам, ки тақвимҳоро кай ба фарзандон додан даркор аст. Ҳангоме ки онҳо зан мегиранд ё ба шавҳар мебароянд? Ба фикрам, не. Умедворам, тақвимҳоро ба онҳо вақте медиҳам, ки онҳо фарзанддор мешаванд. Баъди зангирӣ ё ба шавҳар баромадан онҳо бо кӯчидан машғул мешаванд, ва тақвимҳо гум шуда метавонанд. Ҳангоме ки онҳо фарзанддор мешаванд, аҳамияти нагузарандаи ин сабтҳоро дарк мекунанд.

Идеяи тақвимҳо вақте ба сарам омад, ки дар рӯзи таваллуд шудани Ҳэзэр ба ман тақвиме тӯҳфа карданд, ки наклейкаҳо дошт. Дар наклейкаҳо чунин сабтҳо буданд: «бори аввал нишаст», «бори аввал табассум кард» ва ғайра. Барои Ҳэзэр ин наклейкаҳоро часпондан ба ман чунон маъқул буд, ки қарор додам барои ҳамаи фарзандон тақвимҳо гирам. Аз ҳамон вақт ман бо ин кор машғул ҳастам.

Албатта, тақвимҳо вақти бисёреро мегиранд, аммо онҳо ба ман ҳаловати зиёд мебахшанд. Ҳар сол аз байни онҳо интихобҳо карда, моҳ ба моҳ калон шудани кӯдакон, бо чӣ кор машғул шудани онҳо, ба чӣ шавқ доштани онҳо, чӣ тавр дигар шудани онҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин кор ба ман ҳаловати зиёд мебахшад».

Шояд ба фарзандон сабтҳои тақвимӣ кардан бароятон кори серташвиш аст. Аммо аз эҳтимол дур нест, ки таҷриба карда дидан хоҳед. Аз чизи хурд сар карда, бинед, ки чӣ ҳосил мешавад. Мо пай бурдем, ки фарзандон низ ба тақвимҳо шавқ пайдо кардаанд. Масалан, ҳангоме ки Шон дӯстонашро ба хона даъват мекунад, тақвимҳоро берун оварда, навиштаҳои модарашро ба онҳо нишон медиҳад. Ҳангоме ки ӯ оиди ҳаёти худ нақл мекунад, чашмонаш аз фахр медурахшанд.

Шон, албатта, дарк намекунад, ки ин сабтҳо то чӣ андоза арзишнок мебошанд, аммо мефаҳмад: тақвимҳо инъикоси таваҷҷӯҳи бузурги модар ба ҳаёти ӯ ва хоҳаронаш мебошанд. Тақвимҳо ба ӯ оиди кору бори оила, оиди он ёдрас мекунанд, ки мо ҳамеша бо ӯ ҳастем ва бо хушнудӣ дар корҳои ӯ иштирок мекунем. Чӣ чиз аз ин муҳимтар буда метавонад?

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

Ман камтар аз ҳама мехоҳам, ки шумо ин бобро хонда, оиди машғулиятҳое ки ман бофта баровардаам, сӯҳбат ва андеша кунед. Беҳтараш он чиро, ки бароятон маъқул шудааст, интихоб намоед ва кӯшиш кунед, ки дар муносибатҳо бо фарзандон онҳоро *амалӣ гардонед*. Агар дар ягон кор душворӣ кашед, рӯҳафтода нашавед. Идеяро такмил диҳед ё онро дигаргун намоед. Муҳимаш он аст, ки шумо бо фарзандон ҳарчи бештар вақт гузаронед. Бигузор ин *тарзи зиндагии шумо* гардад.

# ҚИСМИ VI

## ВАЗИФАҲО ВА НУФУЗУ ЭЪТИБОРИ ВОЛИДӢ: МАНЪКУНИҲО ЧӢ ГУНА ДАР ФАРЗАНДОН ИНТИЗОМНОКӢ ВА ҚАТЪИЯТРО ИНКИШОФ МЕДИҲАНД

Дар қисмҳои II — V-уми китоб мо оиди он сухан рондем, ки чӣ гуна бо фарзандон ҳамдигарфаҳмӣ бунёд намудан даркор аст: *ҳусни таваҷҷӯҳ*и волидон*, таҳсин, муҳаббат ва диққат*и онҳо лозим аст. Ҳамин ки ҳамдигарфаҳмӣ барпо шавад, *манъкуниҳо* ба кор медароянд. *Манъкуниҳо* бе *муҳаббат* боиси беитоатии ошкорои кӯдак шуда метавонанд, аммо *муҳаббат* бе *манъкуниҳо* низ на камтар мушкилот ба миён меоварад.

Ду пункти «нақшаи волидӣ» барои дар чорчӯбаи муайян нигоҳ доштани фарзандон ёрӣ мерасонанд. Аввалан *муносибати масъулиятшиносона ба вазифаҳо*и худ. Оддӣ карда гӯем, ин «хоҳиш ва лаёқати барои амалҳои худ ҳисобот додан» аст. Масъулият ба одамон ёрӣ медиҳад, то дар худ интизомро инкишоф диҳанд.

Ва, ниҳоят, мо бо *нуфузу эътибори волидӣ* сару кор дорем. Ба шарофати он фарзандон хислати Худоро мефаҳманд, оиди некиву бадӣ тасаввурот пайдо мекунанд. Нуфузу эътибори волидӣ ба кӯдак ёрӣ медиҳад, ки дар чорчӯбаи манъкуниҳои мавҷуда интихоби дуруст намояд. Ҳамин тавр ӯ ба қувваи худ боварӣ пайдо мекунад.

Муносибати масъулиятшиносона ба зиндагӣ ва нуфузу эътибори волидӣ бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Масъалаҳои асосии ин қисм инҳоянд:

- Чаро ба аъзоёни оила «ҳисоботдиҳанда» будан калиди бунёд намудани оилаи солим аст?
- Байни масъулият, итоат ва тобеият чӣ робитаи байниҳамдигарӣ ҳаст?
- Чаро одамоне ки ба худ боварӣ доранд, ба дигарон беҳтар итоат кардан ва барои амалҳои худ масъул будан метавонанд?
- Чӣ гуна ба фарзандон ёд диҳем, ки барои амалҳои худ масъул бошанд?

- Агар ба ҳамсар ва фарзандон «ҳисоботдиҳанда» будан хоҳед, чӣ чиз дигаргун шуда метавонад?
- «Ниятҳои нек»-ро чӣ гуна амалӣ гардонем?
- Чаро ҳангоме ки барои амалҳои худ масъул ҳастед, аз фарзандон талаб кардан осонтар аст?
- Чаро шумо барои амалҳои фарзандон масъул нестед?
- Чаро волидони масъулиятшинос аз фарзанди беитоат тарсе надоранд.
- Чаро волиди фармонраво рӯҳи кӯдакро барҳам мезанад?
- Чаро манъ накардан боиси бесарусомонӣ мегардад?
- Чаро кӯшиши «дорои ҳама чиз будан» боиси бепарвоӣ нисбати фарзандон шуда метавонад?
- Чаро бо фарзанд «робитаи тарафайн» доштан даркор аст?
- Манъкуниҳо чӣ гуна ба фарзандон ёрӣ медиҳанд, то интихоби дуруст кунанд?
- Кадом принсипҳо барои барпо намудани «робитаи тарафайн» бо фарзанд ёрӣ медиҳанд?
- Чӣ гуна ба он муваффақ шавем, ки «натиҷаҳои мантиқӣ» амал кунанд?
- Талаффуз намудани кадом се калима барои волидон аз ҳама душвортар аст?
- Тафтиши магнитӣ»-и эҳсосоти одамиро чӣ тавр гузарондан даркор аст?
- Чаро ҳамеша қаҳрамон будан даркор аст?

# 13 ВОЛИДОНИ МАСЪУЛИЯТШИНОС ФАРЗАНДОНИ МАСЪУЛИЯТШИНОС ТАРБИЯ МЕКУНАНД

Дар саросари кишвар сафар карда ва бо гурӯҳҳои волидон сӯҳбат намуда, ман бисёр вақт шикоятҳоро аз фарзандони «бемасъулият» мешунавам. Падари се фарзанди синни мактабӣ ба ман гуфт:

«Ҷош, он чи ту оиди ҳусни таваҷҷӯҳ, муҳаббат, диққат ба фарзандон мегӯӣ, ҳақиқатан ба ман маъқул аст. Аммо ин ҳанӯз ҳамааш нест. Фарзандон бояд фикр кардан ва барои рафтори худ масъул буданро омӯзанд. Чӣ гуна ба онҳо *масъулиятшиноси*ро ёд диҳем? Агар ман ба ёдашон наоварам, онҳо ҳуҷраҳои худро рӯбучин намекунанд, ифлосиҳоро бурда намепартоянд, кори оддитарини хонаро намекунанд». Ман ба ин падар ҳамдардии амиқи худро баён мекунам: ӯ рост мегӯяд. Ҳангоми сӯҳбат бо ӯ ман фаҳмидам, ки ӯ барои барпо намудани муносибатҳои устувор бо фарзандон кӯшиши зиёд мекунад. Аз рӯи шкалаи 10-баллӣ қаҳрамонии ӯ ба 7,5 ё зиёдтар баробар аст. Аммо фарзандон, чун ҳамаи одамон, на он қадар майл доранд корҳои бисёрро ба ӯҳда гиранд.

Чунин мафҳумҳо, ба монанди «вазифадорӣ» ва «масъулият», на он қадар маъмуланд, хусусан дар байни кӯдакон. Охир, барои иҷро намудани вазифаи ба ӯҳда гирифташуда тарзи одатии зиндагиро дигар кардан даркор аст. Кори мехостагиро кардан ва ба ҳеҷ кас ҳисобот надодан осонтар аст. Аммо ҳаёт дигар хел сохта шудааст. Агар ҳама аз масъулият мегурехтанд, ҷамъият ба харобазор табдил меёфт. Бе муносибати масъулиятшиносона ба кор дар хона бесарусомонӣ ҳукмфармо мешавад. Дар бисёр оилаҳо аллакай ҳамин тавр шудааст. Ва ҳамааш аз боиси он ки яке аз аъзоёни оила вазифаи худро ба ҷо овардан намехоҳад.

## МАСЪУЛИЯТ = ИТОАТ + ТОБЕИЯТ

Ман чунин меҳисобам, ки масъулият бо консепсияҳои библиявии фурӯтанӣ ва итоаткорӣ робитаи зич дорад. Агар ман ба кор бо масъулият муносибат намоям, ин маънои онро дорад, ки ман ба

одамон итоат мекунам ва тобеъ мешавам, хоҳишҳои онҳоро қонеъ мегардонам, ба онҳо хизмат мекунам.

Бисёриҳо чунин меҳисобанд, ки тобеият нишонаи бехислатӣ ва сустӣ аст. Аммо ҳаввориӣ Павлус гуфта буд, ки барои аз Рӯҳулқудс пур шудан «дар тарси Худо мутеи якдигар шудан» (Эфсӯсиён 5:21) даркор аст. Гуфтаи зерини Дик Дей ба ман хеле маъқул аст:

*Фурӯтан будан — на ба дигарон бор кардани талаботҳои худ, балки ба қонеъ намудани талаботҳои дигарон кӯшиш карда, мувофиқи принсипҳои дар 1Қӯринтиён 13 зикршуда ба одамон хизмат намудан аст.*

Масъулиятшинос будан — ба воя расидан ва ба шахсияти болиғ, мӯътадил табдил ёфтан аст. Масъулиятшинос будан — ба дигарон итоат кардан ва на оиди эҳтиёҷоти худ, балки оиди эҳтиёҷоти дигарон ғамхорӣ кардан аст. Масъулиятшинос шудан — аз андармониҳои кӯдакона даст кашидан ва одами болиғ шудан аст. Танҳо шахсе ки аҳамиятнокии худро дарк мекунад, метавонад масъулиятшиносона рафтор намояд, чунки наздикон ба ӯ таваҷҷӯҳи самимӣ доранд. Агар мо фарзандони худро дӯст дорем ва қадр намоем, онҳо одамони масъулиятшинос шуда метавонанд. Ман боварӣ дорам, ки онҳо хоҳиши масъулиятшинос шудан пайдо мекунанд!

**МАН? БА АҚИДАИ ФАРЗАНДОН ГӮШ АНДОЗАМ?**

Ҳар боре, ки падар ё модар оиди дар фарзандон тарбия намудани масъулиятшиносӣ савол медиҳанд, ман ҳамон як саволро медиҳам: «Оё шумо кӯшиш кардаед, ки дар назди кӯдакон барои амалҳои худ ҳисобот диҳед?»

Ин савол бисёр волидонро сахт ҳайрон мекунад. Дар аввал онҳо фаҳмида наметавонанд, ки *чӣ гуна* дар назди кӯдакон ҳисобот додан *мумкин аст.* Охир, маҳз фарзандон бояд ба волидон «ҳисобот» диҳанд! Магар моҳияти савол дар ҳамин нест?

Ман розӣ ҳастам, ки фарзандонро одамони масъулиятшинос ба воя расондан даркор аст, аммо ба хулосаи қатъӣ омадам: намунаи волидон воситаи беҳтарини дар фарзандон тарбия намудани масъулиятшиносӣ аст. Оиди амалҳои худ *ба онҳо ҳисобот диҳед*!

Ман пешниҳод намекунам, ки фарзандонро калони хона кунед. Ман шуморо ба фурӯтанӣ ва ҳалимӣ даъват мекунам: ҳангоме ки

шумо беҳад сахтгирона ё бемасъулиятона рафтор мекунед, бигузор фарзандон шуморо ислоҳ кунанд.

Албатта, ақидаи онҳо оиди сахтгирӣ на ҳамеша бо ақидаи шумо мувофиқат мекунад, аммо агар амалҳои худро ба фарзанд фаҳмонед, байни шумо робитаи хуб барпо мешавад. Дар шумо одамони масъулиятшиносро дида, онҳо масъулиятшинос буданро ёд мегиранд. Ман чунин меҳисобам: Барои он ки фарзандро масъулиятшинос тарбия намоед, бо намунаи худ ба ӯ нишон диҳед, ки масъулиятшинос будан чист.

**МАСЛИҲАТИ МУТАХАССИС**

Ҳангоме ки фарзандонам хурд буданд, ман фаҳмидам, ки худам итоаткор будан наметавонам, ва ба шахси донотарине ки мешинохтам — ба занам муроҷиат кардам. Дар рӯи замин касе нест, ки маро чун Доттӣ дӯст дорад. Кадом каси дигар маро монанди ӯ эҳтиром менамояд ва аз ман ба ваҷд меояд? Ӯ ҳамқадами зиндагии ман, ӯ модари фарзандони ман, муҳаббати ман, дӯсти беҳтаринам, атои Худо барои ман аст.

Ман ба ӯ гуфтам: «Азизам, ба ман ёрии ту даркор аст. Илтимос, маро назорат намо, ки вазифаҳои шавҳарӣ ва падариро чӣ гуна иҷро мекунам? Агар ягон чиз нодуруст бошад, — гӯй. Агар ман он чиро ки ба ту ва ба фарзандон даркор аст, накунам, — рӯйрост гӯй. Агар ман ба ту ва ба фарзандон кам вақт ҷудо кунам, — гӯй.

«Хуб, Ҷош, — ҷавоб дод Доттӣ бе ғайрати назаррас. — Ман ба ту ёрӣ мерасонам, аммо гоҳо ин туро хоҳад ранҷонд».

«Азизам, ман медонам: ман худро сафед карданӣ мешавам. Ман ба ту ҳуқуқ медиҳам, ки ҳамаи худсафедкуниҳои маро рад намоӣ. Ман аз ту ҳақиқатро фаҳмидан мехоҳам».

Ва ин ҳанӯз ҳамааш не. Ҳангоме ки Келлӣ ҳафтсола шуд, ман ба варақаи табрикӣ хатчаеро илова намудам:

«Келлии азиз, ман туро хеле дӯст медорам. Ман хушбахтам, ки падари ту ҳастам. Аммо имсол ба ман ёрии ту даркор мешавад. Ман то ҳол падари духтари ҳафтсола набудам, аммо ман падари хуб будан мехоҳам. Агар ту чунин ҳисобӣ, ки гоҳо ман ноҳақ ҳастам, ноодилона рафтор мекунам, туро кам дӯст медорам ё кам диққат медиҳам, ба ман гӯй».

Ҳангоме ки Шон ҳафтсола шуд, ман ҳамин тавр кардам. Ман бо ҳамаи фарзандон ҳамин тавр кардаам. Ман ба Кэтӣ чунин навишта будам: «Ман то ҳол падари духтари чашмкабуди малламӯи ҳафтсола набудам...» Ҳэзэр бошад рафтори масъулиятшиносонаро аз хоҳарони калонӣ ва бародараш меомӯзад.

## ФАРЗАНДОН НОТАРСОНА МОРО «БА ҶАВОБГАРӢ МЕКАШАНД»

Ҳамин ки ман аз зану фарзандонам хоҳиш кардам, ки ба ман итоаткориро «омӯзонанд», онҳо ёрдамчиёни беҳтарини ман шуданд. Келлӣ ва Шон пешниҳоди маро боғайратона қабул намуданд. Ман дар боби 2-юм воқеаи «ошхонаи фач» ва маро ислоҳ намудани Келлиро зикр карда будам. Дигар фарзандон низ ҳамин тавр мекунанд. Мисол меоварам. Боре ману Шон дар кӯча сайру гашт карда, сӯҳбат менамудем. Маро касе боздошта, чизе гуфт. Суханони ӯ маро чунон хашмгин намуданд, ки ман ба ӯ ҷавоби дағалона додам. Баъдтар Шон гуфт: «Ту ба ин шахс дағалӣ кардӣ. Метавонистӣ бо мулоимат гап занӣ».

Замин накафид, ки дароям. Он шахс ҳанӯз аз назар ғоиб нашуда буд, ва мо аз пайи ӯ шитофтем. Ман аз ӯ узр хостам, Писарам, ки дар наздикӣ меистод, мушоҳида мекард.

Якчанд моҳ пеш ман аз сафар баргаштам, ва духтари 10-солаам Кэтӣ чунин гуфт: «Ту нисбати ман рафтори ноҳақ мекунӣ».

«Чаро, азизам?»

«Ҳангоме ки аз сафар ба хона бармегардӣ, бо Шон, Келлӣ ва Ҳэзэр ба сайру гашт меравӣ, аммо бо ман — не».

«Наход?»

«Ҳа», — гуфт духтари 10-солаам, ва баъд илова намуд: «Имрӯз ҳамроҳ ба хӯрокхӯрӣ меравем?».

Ман шод будам, ки Кэтӣ маро ба ҷавобгарӣ кашид. Чунин ба назар мерасид, ки ман бо ӯ ба қадри кофӣ вақт мегузаронам, аммо, аз афташ, ӯ ин тавр намеҳисобид. Ман хурсандона ба ӯ ваъда додам, ки ҳамроҳ ба хӯрокхӯрӣ меравем. Чуноне ки дар боби 12-ум аллакай навишта будам, Кэтӣ дар он давраи зиндагӣ бо ман хӯрок хӯрданро дӯст медошт.

## ОИДИ АМАЛҲОИ ХУД ҲИСОБОТ ДОДАН НОХУШ АСТ

Фаҳмед: барои ман, чун барои ҳама гуна волиди дигар, оиди амалҳои худ ҳисобот додан нохуш аст. Не, Доттӣ ва фарзандон аз ман суиистифода карданӣ намешаванд, аммо аз баён намудани мулоҳизаҳо низ ибо намекунанд.

Гоҳо ин ба ман маъқул нест, ва ман худро сафед карданӣ мешавам. Аммо агар ман хафа шавам, онҳо хомӯш мешаванд — ва ман дигар ёрдамчиён надорам. Ман фаҳмидам: лаҳзаҳое мешаванд, ки ғурури беандоза афзуншудаи худро паст кардан лозим меояд; бо вуҷуди ин ман ин корро мекунам, чунки ёрии бебаҳои Доттӣ ва фарзандон бароям хеле зарур аст. Онҳо ба ман ёд медиҳанд, ки барои амалҳои худ масъул бошам. Акнун ман қоидаи асосиро медонам:

## НИЯТҲОИ НЕК ХУД АЗ ХУД АМАЛӢ НАМЕГАРДАНД

Чандин сол пеш ман ҳаёти худро таҳлил намуда, фаҳмидам, ки оиди худ аз рӯи ниятҳои худ баҳо медиҳам, аммо на ҳамеша ин ниятҳоро амалӣ мегардонам. Худи роҳ ба сӯи дӯзах бо ниятҳои нек сохта шудааст! Зану фарзандонам бошанд маро аз рӯи амалҳоям баҳо медиҳанд, яъне аз рӯи он ки ман *ниятҳои худро чӣ гуна амалӣ мегардонам*. На камтар аз як бор дар як ҳафта ягон нафар аз аҳли оилаам ба ман ёдрас мекунад, ки барои амалӣ гардондани ниятҳои худ бояд чӣ кунам.

Ғурури шикаста ва ранҷишҳо — ҳанӯз бадтарин чизҳо нестанд. Бадтар он аст, ки бегонаҳо танқид кунанд. Ақидае ҳаст, ки масеҳӣ бояд сарвари хонадон бошад. Ӯ бояд сарваре бошад, ки оилаи худро раҳнамун месозад ва ҳимоя мекунад. Пас чӣ тавр шавҳар ва падар метавонад ба зану фарзандон имкон диҳад, ки ба онҳо гапу корро ёд диҳанд?

Ман ба мунаққидони худ ҷавоб медиҳам, ки худро дар як вақт ҳам сарвар ва ҳам хизматгоре меҳисобам, ки метавонад ба Доттӣ ва фарзандон гӯяд: «Ман мехоҳам, ки шумо аз ман ҳисобот талаб намоед. Агар ман, ба фикри шумо, беҳавсалагӣ кунам, ба ман гӯед».

Ба фикри ман, сарвар шахсест, ки ба қадри кофӣ қавӣ аст, то бигӯяд: «Ба ман ёрӣ расонед, Ман ба ёрии шумо эҳтиёҷ дорам. Ман мехоҳам хости Худоро то охир ба ҷо оварда, шавҳар ва падари хуб бошам».

## КАСЕ КИ БАРОИ АМАЛҲОИ ХУД МАСЪУЛ АСТ, НАМУНАИ ХУБ НИШОН МЕДИҲАД

Дар боби 12-ум ман гуфта будам, ки ҳангоме аз пайи корҳои худ ба ягон ҷо меравам, кӯшиш мекунам ягон нафари фарзандонро бо худ барам, ҳатто агар ба муддати кӯтоҳ равам ҳам. Мақсади асосии ман — бо фарзандон муоширати кардан, бо онҳо робита барпо намудан ва, ҳангоме ки имкон ҳаст, ба онҳо намунаи хуб нишон додан аст.

Боре ман аз Шон пурсидам, ки оё мехоҳад барои харидани навори часпанда то маркази савдо бо ман равад. Дар аввал ӯ рад кард, аммо баъд розӣ шуд, чунки медонист: ҳангоми бозгашт ман ба ӯ яхмос мехарам.

Мо ба мошин нишаста, ба маркази савдо равона шудем, То он ҷо 8 дақиқа роҳ буд. Дар роҳ ман ба Шон рӯ оварда, ба китфонаш тап-тап задам:

«Медонӣ, писарам, ту бароям хеле азиз ҳастӣ. Падари ту будан барои ман хушбахтӣ аст. Ман хушбахттарин шахси ҷаҳон ҳастам. Ман бисёр бачаҳоро мешиносам, аммо ту писари беҳтарин ҳастӣ».

Шон ба ман нигариста, пурсид: «*Ин рост аст*, дада?»

«Рост аст», — ҷавоб додам ман ҳангоме ки мошинро дар истгоҳи маркази савдо мегузоштам. Ман бо суҳбат чунон банд будам, ки мошинро дар мобайни ду ҷой гузоштам, ба ҷои он ки як ҷойро ишғол намоям. Ҳангоме аз мошин баромаданӣ будам, ин хатои худро пай бурдам. Вақти мо кам буд, аммо ман ба худ гуфтам: «*Ягон кас барои мошинмонӣ ҷой наёфта, овора мешавад — ин барои писарам намунаи хуб намешавад*».

Ман аз Шон хоҳиш кардам, ки дақиқае интизор шавад, ва мошинро ақиб рондам, ва бо намунаи хуб маҳдуд нашуда, хостам ба писарам дарси ибрат диҳам.

«Писарам, оё медонӣ ки чаро ман мошинро ақиб рондам?»

«Чаро, дада?» — пурсид ӯ.

«Медонӣ, ман мошинро нодуруст мондам — ду ҷойро банд кардам. Дар боби 13-уми Номаи якум ба Қӯринтиён гуфта шудааст, ки муҳаббат ҳамчунин муносибати боилтифотона ба одамон аст. Мошинро дар чунин ҳолат мондан нодуруст мебуд. Барои ягон кас дар истгоҳ ҷой намерасад, ва ӯ то магазин пиёда меравад. Ман қарор додам, ки мошинро дуруст ба ҷояш монам».

Шон чизе нагуфт, ман низ фикри худро давом надодам. Аммо ман ба мақсади худ расидам. Ман имконият доштам ба писарам намунаи хуб нишон диҳам, ва онро аз даст надодам.

## АГАР БАРОИ АМАЛҲОИ ХУД МАСЪУЛ БОШЕД — АЗ ФАРЗАНДОН ТАЛАБ НАМУДАН ОСОНТАР МЕШАВАД

Ҳангоме кӯшиш мекунед, ки барои амалҳои худ ба фарзандон ҳисобот диҳед, гоҳо ба вазъияти душвор меафтед. Аммо баъд ба худатон осонтар мешавад, ки фарзандонро ба интизомнокӣ даъват намоед. Агар амалҳои худро ба фарзандон фаҳмонед, аз онҳо талаб намудан осонтар мешавад.

Дар оилаи ман бисёр вақт «масъалаҳои лағжонак» пайдо мешаванд. «Масъалаи лағжонак» вазъиятест, ки худ аз худ бӯҳронӣ нест, аммо агар онро ҳал накунед, фарзандон мегӯянд: «Гоҳо бемасъулиятона рафтор намудан мумкин аст». Ман ба хулосае омадам: агар ба «масъалаҳои майда-чуйда» аҳамият надиҳед, ҳамаи кӯшишҳои ба фарзандон талқин намудани ҳисси вазифашиносӣ барбод мераванд.

Боре пагоҳӣ ман ба ошхона даромадам ва дидам, ки Шон сатили ифлосиро берун набурда, ба мактаб рафтааст. Берун бурдани сатили ифлосиҳо вазифаи ҳаррӯзаи ӯ буд, ва ин корро ҳар рӯз пеш аз мактабравӣ кардан даркор буд.

«Бояд ӯро бозгардонда, маҷбур кунам, ки сатили ифлосиҳоро берун барад», — гуфтам ман ба Доттӣ

«Ҷош, — гуфт вай хавотир шуда, — лозим не. Баъди панҷ дақиқа занг зада мешавад. Ӯро барои дер монданаш ҷазо медиҳанд».

«Азизам, ман бояд ин корро кунам. Вагарна ӯ нисбати вазифаи супурдашуда масъулиятшиносона рафтор намуданро ҳеҷ гоҳ ёд намегирад».

Ман ба мошин нишаста, ба мактаб рафтам. Ҳанӯз занг садо надода буд. Шон дар майдончаи бозӣ буд Ман ӯро ҷеғ зада, гуфтам: «Писарам, ба дучарха нишаста, хона рав ва сатили ифлосиҳоро берун бар».

«Дада, — эътироз намуд Шон, — то занг панҷ дақиқа мондааст. Ман баъди мактаб ин корро мекунам».

«Не, писарам, ин корро пеш аз мактаб кардан даркор аст. Илтимос, ба хона рафта, ифлосиҳоро берун барор».

«Наход ягон бор ба ҷои ман ифлосиҳоро берун баровarda натавонӣ?»

«Не, писарам. Ин вазифаи туст. Илтимос, рафта, кореро, ки бояд кунӣ, ба ҷо овар».

Шон тӯбро ба дӯстонаш партофт ва сарашро хам карда, сӯи дучархааш равона шуд. Овози дарунӣ ба ман мегуфт: «*Ту чӣ хел падар ҳастӣ, Макдауэлл? Наход ягон бор ба ҷои писарат ифлосиҳоро берун баровarda натавонӣ?*»

Бояд иқрор шуд, ки овози дарунӣ барои норозигӣ асос дошт. Ман ин корро дар як дақиқа карда метавонистам, аммо баровардани ифлосиҳо вазифаи ӯст. Агар ман ин корро мекардам, писарам хулоса баровarda метавонист, ки вазифаҳоро мавқуф гузоштан мумкин аст.

Шон ба хона баргашта, сатили ифлосиҳоро берун баровард ва ба мактаб баргашт, Санг кайҳо садо дода буд — ӯ ним соат дер монд Муаллим дид, ки ӯ бар хилофи қоидаҳои муқарраршуда аз ҳавлии мактаб берун рафт, ва сабаби инро надониста, ӯро назди директор фиристод.

«Шон, чаро ту аз ҳавлии мактаб рафтӣ ва ним соат ба дарс дер мондӣ?» — пурсид директор.

Шон ба директор воқеаро нақл кард: ба ӯ лозим омад, ки ба хона баргашта, сатили ифлосиҳоро берун барорад, чунки падараш ба мактаб омада, ин вазифаи ӯро хотиррасон кард. Директор оромиро нигоҳ дошт — агарчи қариб атои сухангӯиро аз даст дода буд. Ӯ ба Шон гуфт: «Ташаккур, Шон, ки инро ба ман нақл кардӣ. Метавонӣ ба синф баргардӣ. Ман дар ин бора бо муаллими ту гап мезанам».

Баъди якчанд дақиқа директор ба ман телефон кард. «Ба он чи Шон нақл кард, бовар карда наметавонам. Мехоҳам донед, ки мо ба ин рафтори шумо баҳои баланд медиҳем. Аввал ман гумон кардам, ки Шон аз дарс гурехтанӣ шудааст, аммо ҳангоме ӯ ҳамаашро нақл кард, ман ҳайрон шудам. Агар волидон дар фарзандон ҳарчи бештар ин ҳисси масъулиятшиносиро тарбия мекарданд, хуб мебуд. Ин кори моро осон мекард. Ман ба муаллими Шон воқеаро мегӯям. Дар мавриди додашуда писари шумо айбдор нест: падар ба ӯ иҷозат дод, ки ӯ аз ҳавлии мактаб баромада, ба хона баргардад».

Ҳангоме ки ман гӯшаки телефонро гузоштам, сабукии бузурге ҳис кардам. Ман гумон кардам, ки одами дилсахте ҳастам, ки барои сатили ифлосиҳо ба писараш хурдагирӣ мекунад, аммо суханони директор маро ба ҳаёт баргардонданд.

Ин тирамоҳи соли гузашта рӯй дода буд, ҳангоме ки Шон 13-сола буд. Намегӯям, ки аз он вақт ӯ баровардани сатили ифлосиҳоро ҳеҷ фаромӯш накардааст, аммо ба ҳар ҳол на он қадар зиёд фаромӯш мекард.

### КОРИ ДУЗДИ САХОВАТМАНД

Боре Шон ва ду рафиқаш бо ману Доттӣ ба магазин рафтанӣ шуданд. Кэтӣ, ки ҳамон вақт панҷсола буд, ба мо ҳамроҳ шуд. Ӯ ҳамроҳи бачаҳо ба магазин рафт, ману Доттӣ бошем дар мошин мондем, то ки рӯйхати харидҳоро «аз ёд» кунем.

Ҳангоме ки кӯдакон бозгаштанд, Кэтӣ дар даст чизҳои хурде дошт — нишонаҳо, қаламҳои ранга. Ӯ онҳоро ба дӯстони Шон дода гуфт: «Инро ман барои шумоён харидам».

Ману Доттӣ бе ҳеҷ фикри бад ба аломати тасдиқ сар ҷунбондем ва гуфтем, ки ҳангоме одамон оиди дигарон фикр мекунанд, хуб аст. Аммо дар роҳи бозгашт Доттӣ фикр кард: «*Кэтӣ барои харид кардан аз куҷо пул дорад?*»

Доттӣ аз ман хоҳиш кард, ки мошинро боздорам, ва мо Кэтиро барои сайр берун баровардем. Ҳангоме ки бачаҳо дар мошин нишаста буданд, мо аз духтарамон пурсида, фаҳмидем, ки ӯ тӯҳфаҳо барои бачаҳоро дуздидааст.

«Азизам, чизҳоро гирифта, пули онҳоро надодан мумкин нест, — фаҳмонд Доттӣ. — Бояд тӯҳфаҳоятро аз бачаҳо гирифта ба магазин баргардонӣ».

Ба Кэтӣ лозим омад, ки тӯҳфаҳоро аз бачаҳо гашта гирад. Ин манзараи шармовар буд, аммо ӯ ҳама чизро гардонда гирифт. Мо ба магазин баргаштем, ва Кэтӣ ва Доттӣ ба дарун даромаданд, то ки

«чизҳои ғоратшударо бозгардонанд». Кэтӣ он чизҳоро ба пештахта монд ва аз фурӯшанда узр хост.

Ин барои Кэтӣ воқеаи нохуш буд, аммо, хушбахтона, фурӯшанда шахси боилтифот ва дилсафед будааст. Вай муддате бо Кэтӣ гуфтугӯ карда, гуфт, ки бовиҷдонии ӯро қадр мекунад.

Баъд Доттӣ Кэтиро ба тарафе бурда, гуфт, ки ҳангоме ӯ шашсола буд, ҳамроҳи модар ба магазин рафт ва сақич дуздид. Вақте модар инро фаҳмид, Доттиро маҷбур кард, ки онро баргардонад ва узрхоҳӣ кунад (айнан ҳамон коре ки Кэтӣ кард). Ва Кэтӣ фаҳмид: волидони ӯ ҳам одамон мебошанд ва мефаҳманд, ки ӯ чӣ ҳиссиёт дорад.

## ШУМО БАРОИ РАФТОРИ ФАРЗАНДОН МАСЪУЛ НЕСТЕД

Ҳар бор, фарзандонро ба масъулиятшиносӣ даъват намуда, ман ба онҳо принсиперо омӯзонданӣ мешавам, ки Исо ба шогирдонаш талқин менамуд. Дар Флп 2:5–10 Павлус нақл мекунад, ки Исо Худро аз мартабаи илоҳӣ озод намуда, ба сурати ғулом даромад ва ба одамон монандӣ пайдо кард. Бо вуҷуди қувваи азим, ки дар ихтиёри Ӯ буд, Исо ҳамеша на чун фармонраво, балки чун сарвар-хизматгор таълим медод.

Масалан, ҳангоме ки Исо ва 12 ҳаввори бори охир ба Уршалим мерафтанд, ҳаввориён оиди он баҳс карданд, ки кадоме аз онҳо нахустин аст. Худованд бо пурсабрӣ ба онҳо таълим дод: «... ҳар кӣ хоҳад дар байни шумо нахустин бошад, ғуломи шумо шавад» (Матто 20:26–27).

Исо ҳеҷ гоҳ бар шогирдонаш фармонравоӣ намекард ва ҳеҷ гоҳ барои амалҳои *онҳо* масъулиятро ба Худ намегирифт. Баръакс, Ӯ сарваре буд, ки ба онҳо хизмат мекард, ҳамеша онҳоро бо сухан ва амал таълим медод.

Ҳангоме ки бори масъулияти дигаронро ба дӯши худ мегирем, мо онҳоро ва худро ба нобарорӣ рӯ ба рӯ мекунем. Фаромӯш накунед: шумо *барои* амалҳои фарзандон масъул нестед. Ҳангоме ки ман инро дар семинарҳо барои волидон мегӯям, баъзеҳо норозигӣ баён мекунанд: суханони ман бо тасаввуроти онҳо оиди вазифаи волидӣ мувофиқат намекунанд. Ман мефаҳмонам: ҳеҷ яке аз волидон наметавонад кӯдакро, ҳатто хурдтарини онҳоро, масалан, аз хуруҷҳои хашмгинӣ раҳо кунад. Ӯро ба хомӯшӣ водор намудан, каму беш ба тартиб овардан мумкин аст, аммо аз ин кор хашмгинии ӯ камтар намешавад.

Кӯдак калон мешавад, шумо кӯшиш мекунед ба ӯ ҳисси масъулиятшиносиро омӯзонед, аммо дар айни ҳол бояд чунин кунед, ки

ӯ вазифаҳои худро ихтиёрӣ ба ҷо оварад. Ман розӣ ҳастам: дар қонун гуфта шудааст, ки шумо барои амалҳои фарзанди ноболиғи худ масъул ҳастед. Аммо дар ниҳояти кор, ӯ бояд барои амалҳои худ масъул буданро ёд гирад ва ин корро бошуурона кунад.

Вазифаҳои волидӣ чист? Ман бояд фарзандон ва модари онҳоро дӯст дорам. Ман вазифадорам онҳоро маълумотнок кунам, ба калисо барам. Ман бояд онҳоро сахт ба оғӯш гирам ва гӯям: «Ман шуморо дӯст медорам». Ман бояд онҳоро гӯш кунам, ба ёрии онҳо биёям, бо онҳо вақт гузаронам.

Аммо ман *барои* амалҳои онҳо масъул нестам! Дар ниҳояти кор — бо ҳаёти худ чӣ кардан дар ихтиёри онҳост.

**АЗ КӮДАКӢ ГУРЕХТАН**

Нисбати фарзандон масъул будан ва, мувофиқан, ба онҳо масъулиятшиносиро ёд додан — кори калонест, ки муҳаббат ва устуворӣ, ва низ маҳорати калонро металабад. Модари Доттӣ бахшоише дошт, ки фарзандонро ба роҳи ҳақ роҳнамун кунад ва дар айни ҳол ба шахсияти онҳо зарар нарасонад. Ҳэззэри чорсола нақли Доттиро оиди он ки ӯ дӯстонро ба исён водор намуд, бо шавқ гӯш мекунад. Ба Доттӣ дар боғча ҳама чиз маъқул буд, ба ғайр аз соати хоб: ӯ кӯдаки серҳаракат буд.

Боре Доттӣ қарор дод, ки тартиби рӯзро дигаргун кунад. Ӯ сӣ нафар кӯдаконро водор намуд, ки аз соати хоб «гурезанд». Ҳангоме ки мураббия бо коре машғул буд, ҳамаи кӯдакон мувофиқи ишора аз катҳо ҷаста фаромаданд ва ба боғ баромада, аз он ҷо бо кӯча сӯи ҷангал, ба хонаи оилаи Доттӣ, ки аз боғча дар масофаи якчанд маҳалла воқеъ буд, давида рафтанд. Мураббия ба даҳшат омада, нафасгир шуда, аз қафои онҳо медавид, то ки аз кӯдакон ақиб намонад, онҳо бошанд бо нидоҳову ханда ба ҳавлии хонаи Доттӣ давида даромаданд. Кӯдакон боварӣ доштанд, ки ин беҳтарин «соати хоб» дар ҳаёти онҳост.

Модари Доттӣ шӯру ғавғоро шунида, ба ҳавлӣ давида баромад. Мураббия воқеаро ба ӯ нақл кард. Модар ҳоли ин зани ба изтироб афтода ва хасташударо дида, раҳмаш омад. Ӯ ҳамроҳи он зан кӯдаконро ба боғча баргардонд ва мураббияро бовар кунонд, ки бегоҳӣ бо Доттӣ гап мезанад. Доттӣ аз боғча баргашт, ва дар хона гуфтугӯи ҷиддӣ баргузор гардид. Доттӣ инро чунин тасвир мекунад:

«Модар маро назад, се ҳафта аз ширинӣ маҳрум накард, телевизор тамошо карданро манъ накард. Ба ҷои ин ӯ маро барои

> лаёқати ташкилотчигӣ таъриф кард ва фаҳмонд, ки кадом корҳо номумкин мебошанд.
>
> Модар фаҳмонд, ки баъзе корҳоро кардан ҳеҷ гоҳ мумкин нест. Ман ваъда додам, ки дигар ҳеҷ гоҳ чунин намекунам. Аммо дар айни ҳол модар якчанд лаҳзаҳои мусбатро зикр намуд, масалан, лаёқати ташкилотчигӣ ва ихтироъкории маро ёдрас намуд. Ӯ аз ман ҳисси хурсандиро кашида гирифтанӣ набуд.
>
> Модар метавонист маро танбеҳ диҳад, ва дар айни замон муҳаббати беандоза зоҳир намояд. Аз ин ҷиҳат ӯ барои ман нуфузу эътибори беандоза дошт. Рости гап, ҳеҷ яке аз фарзандони ман чунин корҳоро накардааст, аммо агар ягон воқеае шавад, ман боварӣ надорам, ки монанди модари худ оромона ва бо меҳрубонӣ аксуламал карда метавонам.
>
> Ман аз ҷиҳати мизоҷ ба падар шабоҳат дорам, ки гоҳо бо мо сабрро аз даст медод, аммо ҳамеша омада, узр мехост».

Ман ошкорбаёнии Доттиро қадр мекунам. Масалан, агар Ҳэзэр ҳангоми «соати хоб» 29 нафар дӯстони худро ба хона меовард, ман оромона аксуламал намуда наметавонистам. Чуноне ки дар боби 3-юм навишта будам, ба ман ҳамеша лозим меояд, ки бо «майлҳои фармонравоӣ»-и худ мубориза барам.

Гоҳо ман фарзандонро ба муддати якчанд ҳафта, ва аҳёнан ба муддати якчанд моҳ ҷазо медиҳам. Ҳангоме ки чунин мешавад, Доттӣ ба ёрӣ меояд. Ӯ одатан чунин мегӯяд: «Азизам, ман фикр мекунам, ки ту хеле сахтгирона рафтор намудӣ. Вазнинии ҷазо ба вазнинии гуноҳ мувофиқат намекунад».

Зани ман ҳеҷ гоҳ ба ман чунин намегӯяд: «Ту чаро ин тавр мекунӣ?» Ба ҷои ин ӯ ҳамеша мегӯяд: «Ҷош, худат қарор кун, аммо ба фикрам, ҷазо хеле сахтгирона аст».

Ман қариб ҳамеша ҷавоб медиҳам: «Ба фикри ту, ман бояд чӣ кунам?»

Баъди ин мо вазъиятро таҳлил мекунем ва шакли оқилонатари ҷазоро фикр карда мебароем. Сипас ман назди фарзандон меравам ва иқрор мешавам, ки беҳад сахтгирона рафтор намудам, ва агар даркор бошад, узрхоҳӣ мекунам.

Чаро ман ин сирру асрори оилаи Макдауэллҳоро ба шумо мегӯям? Яке аз сабабҳо он аст, ки ман мехоҳам, то шумо фаҳмед: мо тарафдорони бебанду борӣ (иҷозат додани ҳама чиз) нестем. Мо ҳама корро мекунем, то ба фарзандон нишон диҳем, ки онҳоро дӯст медорем. Мо онҳоро чуноне ки ҳастанд, дӯст медорем, онҳоро

қадр мекунем, аммо ин муҳаббатро бо чорчӯбаи муайян маҳдуд мекунем. Амалан, ин маҳдудкуниҳо қисми муҳаббати мо ба онҳост. Ва фарзандон инро медонанд.

Барои амалҳои худ масъул буданро ба фарзандон ёд дода, мо ба инкишофи интизомнокии онҳо мусоидат мекунем. Ин барои ҳаёти пурсамар, фоиданок ва хушбахтонаи онҳо даркор аст. Ба ман бисёр вақт лозим меояд, ки оиди варзишгарони машҳур ё шахсони боистеъдод хонам, ки аз боиси интизомнокӣ надоштан ба нобарорӣ дучор мешаванд. Кӯдак танҳо ҳамон вақт интизомнокиро ёд мегирад, ки волидон онро ба ӯ ёд диҳанд.

*«Агар барои ба дигарон итоат намудан қувваи иродаатон камӣ кунад, барои ба худ итоат намудан қувваи иродаатон нахоҳад расид».*

**БАРОИ АМАЛҲОИ ХУД МАСЪУЛ БУДАН ФУРӮТАНӢ ВА ПУРСАБРИРО МЕТАЛАБАД**

Мақсади асосии ин боб нишон додани он аст, ки чӣ гуна дар намунаи худ ба фарзандон муносибати масъулиятшиносонаро ба ҳаёт нишон додан мумкин аст. Аммо шуморо огоҳ кардан мехоҳам: барои амалҳои худ ба фарзандон ҳисобот додан фурӯтанӣ ва пурсабриро металабад. Ҳар як серияи видеосериали «Чӣ гуна барои фарзандон қаҳрамон бояд шуд»-ро мо бо саҳнае сар мекунем, ки дар он актёрҳои касбӣ нақши «оилаи Престонҳо»-ро мебозанд. Душвориҳо ва изтиробҳои оилаи Престонҳо, муносибати онҳо бо се нафар фарзандон ба ману Дик имкон медиҳанд, то оиди он муҳокимаронӣ намоем, ки барои фарзандон қаҳрамон будан чист.

Масалан, муносибатҳои падар Престон бо писари 15-солааш Натан душвориҳо доранд. Дар ниҳояти кор, ҳар ду волидон ба хулоса меоянд: муносибатҳоро бо фарзандон мустаҳкам намуда, ба қувва камтар умед бастан даркор аст. Дар саҳнаи финалӣ падар машварати оилавӣ даъват намуда, ба ҳар яки фарзандон лифофаи маҳкам кардашударо медиҳад. Духтари калонӣ, Ҳэзэр аз модар мактуб мегирад:

> «Ман туро дӯст медорам. Меҳрубонии ту, бовиҷдонии ту ва дили ғамхори туро дӯст медорам. Ман афсӯс мехӯрам, ки гоҳо аз ту хашмгин мешудам ва бесабрӣ зоҳир менамудам. Ман хеле мехоҳам модари хуб бошам! Ман хеле мехоҳам дӯсти ту бошам!»
>
> *Модари ту»*

Падар ба Ҳэзэр менависад, ки ӯро дӯст медорад ва аз ӯ фахр мекунад, ва баъд пешниҳод менамояд:

> «Ман ба ту иҷозат медиҳам, ки агар ман, ба фикри ту, ақидаи *туро* напурсида, ба ҷои ту қарор диҳам, ба ман софдилона гӯӣ. Ин мактуб иҷозати назди ман омадан аст. Ҳангоме ки он аз истифодаи зиёд фарсуда шавад, ваъда медиҳам, ки навашро менависам».

Сипас Эшлии 11-сола мактубҳои худро мехонад. Падар афсӯс мехӯрад, ки ба вай кам диққат медод:

> «Маро бубахш, ки ба ту кам диққат медодам. Соли оянда ман ҳамроҳи ту ба ҳамаи мусобиқаҳои футбол меравам. Ин мактуб ба ту ҳақ медиҳад, ки агар ман ногоҳ ваъдаи худро фаромӯш кунам, маро огоҳ намоӣ. Аз ҳаққи худ истифода бар».

Баъд Натан мактубҳои худро мехонад. Модар ба ӯ чунин менависад:

> «Ман туро дӯст медорам, Натан Аллен. Ту дар ҳаёти ман аз ҷиҳати аҳамиятнокӣ марди дуюм ҳастӣ. Илтимос, агар ба ту диққати ман камӣ кунад, ин мактубро ба ман деҳ».

Ниҳоят, Натан мактуби падарро мехонад:

> «Нэти азиз! Маро бубахш, ки шавқу рағбатҳои худро ба ту бор карданӣ мешавам. Ман мехостам, ки ту бо он навъҳои варзише ки ман бо онҳо машғул шуда наметавонистам, машғул шавӣ, аз ман беҳтар таҳсил намоӣ, аз ман беҳтар шавӣ. Маро барои суханони бад ва хислати дағалонаам бубахш. Ин мактуб ба ту ҳуқуқ медиҳад, то ба ман гӯӣ, ки бо чӣ розӣ нестӣ. Аз ин кор дилат сабук мешавад. Ту ба ман даркор ҳастӣ. Ба ман ёрӣ деҳ, то падари пурсабр шавам. Ман ҳар рӯз дар ҳаққи ту дуо мекунам. Ман туро беш аз он чи бо суханон гуфта метавонам, дӯст медорам.
>
> *Падари ту*».

Ман ин мактубҳоро ба китоб дохил намудам, то нишон диҳам, ки чӣ тавр ба фарзандони худ «ҳисоботдиҳанда» шудан мумкин аст. Шояд шумо ба ягон нафари фарзандони худ чунин мактуб навиштан хоҳед.

Сарвари оилаи Престонҳо дар аввал ба чунин хато роҳ дод: ҳокимияти волидии худро истифода бурд, аммо онро бо намунаи худ тақвият надод. Хушбахтона, ӯ сари вақт фаҳмид, ки ҳокимияти волидӣ бояд бо муҳаббат ва меҳрубонӣ ҳамқадам бошад. Ба дағалӣ такя кардан, бесабрӣ зоҳир намудан мумкин нест.

Оё шумо ягон вақт оиди он фикр кардаед, ки ҳокимияти волидии худро чӣ гуна истифода мебаред? Нуфузу эътибори шумо дар чӣ асос ёфтааст? Дар боби навбатӣ Дик Дей оиди пункти охирини «нақшаи волидӣ»-и мо муфассалтар изҳори ақида мекунад.

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Дар ин боб гуфта шудааст, ки шумо бояд дар намунаи худ ба фарзандон масъулиятшиносӣ ва барои амалҳои худ масъул буданро ёд диҳед. Оё шумо бо ин розӣ ҳастед? Бо ҳамсари худ муҳокима кунед, ки оё ба фарзандон «ҳисобот» медиҳед.

2. Оё шумо ба фарзандон гуфтаед, ки онҳо ҳақ доранд шуморо «ислоҳ кунанд»? Масалан: «Ман мехоҳам ба ту «ҳисоботдиҳанда» бошам. Агар ман гоҳо қоидаҳои оилавиамонро вайрон кунам ё нисбати ту ноҳақ бошам, — ба ман гӯй».

3. Яке аз сабабҳое ки аз боиси онҳо Ҷош қарор дод ба зану фарзандон оиди амалҳои худ ҳисобот диҳад, дарки он ҳақиқат аст, ки «ниятҳои нек худ аз худ амалӣ намегарданд». Чаро ин хел мешавад? Ҳар кас ниятҳои нек дорад, аммо чаро онҳо амалӣ намегарданд? Оё агар ба амалҳои худ бодиққаттар муносибат кунем, амалӣ гардондани ниятҳоямон осонтар намешавад? Фаҳмонед, ки чаро «ҳа» ва чаро «не».

4. Оё бо муаллиф розӣ ҳастед, ки сарвари ҳақиқӣ касест, ки аз танқид ва масъулият наметарсад? Сарвари оила бояд кадом сифатҳоро дошта бошад? Шумо аз рӯи шкалаи 10-баллӣ ба худ кадом баҳоро мегузоштед?

5. Чаро муҳим аст, ки барои амалҳои худ ба фарзандон ҳисобот диҳед, аммо *барои* амалҳои фарзандон масъул набошед? Чӣ гуна волидон метавонанд «аз ҳар зиёд кӯшиш карда», масъулиятро барои амалҳои фарзандон ба дӯши худ гиранд? Агар ин хато бошад, онро чӣ гуна ислоҳ кардан мумкин аст?

6. Дар охири боб Ҷош мактубҳои волидонро меоварад. Волидон дар ин мактубҳо ба фарзандон хабар мерасонанд, ки мехоҳанд ба онҳо «ҳисоботдиҳанда» бошанд. Шояд меарзад, ки ягон чизро дар ин мактубҳо дигаргун карда, ба фарзандонатон фиристед?

7. Падарон, Матто 20:26–27-ро аз нав хонда бароед. Дар ин ҷо Исо оиди хизмат ба наздикон мегӯяд. Оё шумо вазифаи сарвари оиларо ҳамин тавр ба ҷо меоваред?

# 14 ФАРЗАНДОНРО ЧӢ ГУНА БА ХАШМ НАОВАРЕМ (ДИК ДЕЙ)

Шуморо чӣ гуна тарбия намудаанд? Яъне, волидони шумо кадом усули тарбияро пайравӣ менамуданд? Ҷавоби ин савол барои фаҳмидани муносибати худатон ба ҳокимияти волидӣ ёрӣ медиҳад. Аммо шумо бояд қарор диҳед, ки он аз чӣ иборат аст ва онро чӣ гуна истифода бурдан даркор аст.

Чуноне ки аз диаграммаи зерин аён мешавад, чор услуби тарбия ҳаст:

- Фармонравоӣ — «Он тавре ки ман мехоҳам, бикун!»
- Иҷозат додани ҳама чиз — «Он тавре ки мехоҳӣ, бикун».
- Бепарвоӣ — «Ба ман фарқ надорад, ки ту чӣ мекунӣ».
- Робитаи тарафайн — «Ман гӯш мекунам... Ман дар ҳаққи ту ғамхорӣ мекунам... Ман туро фаҳмидан мехоҳам... Ин дафъа мо чунин мекунем, зеро...»

**ВОЛИДОНИ ФАРМОНРАВО БА ҲОКИМИЯТИ МУТЛАҚ САЪЙ МЕКУНАНД**

Ҳар кадоми ин чор услуб ба ҳокимияти волидӣ муносибати муайян дорад. Волиди фармонраво ҳокимияти мутлақ дорад. Мувофиқи луғати Уэбстер, ин калима се маъно дорад. Аввалан, ин касест, ки «ҳокимияти мутлақи сиёсӣ дорад ва онро амалӣ мегардонад». Сониян, фармонраво касест, ки «ба ӯ ҳокимияти мутлақ бар атрофиён дода шудааст ё ӯ онро гирифтааст». Сеюм, ҳама гуна «шахсияти ҳукмфармои худраъй»-ро чунин номидан мумкин аст.

Чуноне ки аз диаграмма аён аст, волидони фармонраво бар фарзандон ҳокимияти мутлақро амалӣ мегардонанд. Онҳо интизомро беҳад назорат мекунанд ва таърифу таҳсинро сарфи назар мекунанд. *Манъкуниҳо* аз *муҳаббат* афзунтар мебошанд.

Дар баъзе оилаҳо фармонравоии волидӣ шаклҳои нафратовар мегирад ва боиси таҳқири кӯдак мегардад. Гоҳ-гоҳ дар рӯзномаҳо оиди кӯдаконе навишта мешавад, ки волидон онҳоро зарбу лат мекунанд, гурусна нигоҳ медоранд ва дар ҳуҷрае қуфл карда мемонанд — гоҳо ба муддати солҳо.

Ба наздикӣ ман оиди ҳодисае хондам. Аз ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ба полис телефон карданд. Кормандони ҳифзи тартибот ба ҷои воқеа рафта, оилаи серфарзандеро диданд. Дар хона духтараки 12-сола дар ҳоҷатхонаи хурд маҳкам карда шуда буд. Фарши ҳоҷатхона аз ахлоти одамӣ, қоғазпечҳои хӯрокворӣ пур буд, дар ҳама ҷо нонхӯракҳо давида мегаштанд. Духтарак ба назар ҳафтсола метофт ва дар тан либоси варзишии даридае дошт, ки бо пешоб тар карда шуда буд. Тамоми рӯи ӯ аз зарбу лати доимӣ кап-кабуд буд.

Ҳангоми таҳқиқот маълум гардид, ки духтарак на камтар аз як моҳро дар ҳоҷатхона гузарондааст, ва дар давоми даҳ соли охир борҳо ба чунин таҳқирҳо дучор шудааст. Аз афташ, ба шаш нафар бародарону ва хоҳарони ӯ беҳтар муносибат мекарданд. Яке аз афсарони полис, ки духтаракро ёфт, гуфт, ки садҳо ҳодисаҳои таҳқири кӯдаконро дидааст, аммо «чунин ҳодисаро бори аввал мебинад»[1].

Чунин тарзи муносибат ба тарбия, ки дар принсипи «итоати мутлақ» асос ёфтааст, ғайритабиӣ ва номақбул аст. Ин волидон ба ифрот афтодаанд, аммо усулҳои «бегуноҳтар»-и тарбия ҳастанд, ки ба кӯдакон зарари азим мерасонанд.

## ВОЛИДОНИ ФАРМОНРАВО ДАР ҲАҚҚИ ФАРЗАНДОН ҒАМХОРӢ МЕКУНАНД

Бисёр волидони фармонраво кӯшиш мекунанд, ки ба фарзандон «чизи беҳтарин»-ро диҳанд. Онҳо ба фарзандон хӯрок ва пӯшоки хуб медиҳанд, иҷозат медиҳанд, ки бо кӯдакони дигар бозӣ кунанд — умуман, ҳамаи он чиро, ки барои ҳаёти «мӯътадил» даркор аст, медиҳанд. Ҳама чизро, ба ғайр аз дастгирӣ ва муҳаббат.

Имкон дорад, ки волидони фармонраво фарзандонро назананд, дар ҳоҷатхона маҳкам накунанд, аммо онҳо ҳамеша соҳибони мутлақи вазъият мебошанд.

Бо волидони фармонраво зиндагӣ карда, фарзандон аз ду тактика якеро интихоб мекунанд: мегурезанд ё мубориза мебаранд. Ҳангоме ки кӯдакон *гурехтан*ро интихоб мекунанд, онҳо дамдузд мешаванд, агарчи зоҳиран итоаткорӣ нишон медиҳанд. Аммо дарунашон гӯё меҷӯшад. Доктор Ҳовард Ҳендрикс, профессори семинарияи илоҳиётшиносии Даллас, бисёр вақт оиди писараке нақл мекунад.

Падар ба ӯ мефармояд, ки шинад. Кӯдак нишастан намехост, аммо падар дод мезанад: «*Шин, вагарна маҷбур мекунам, ки шинӣ!*»

Кӯдак ғур-ғуркунон нишаст: «Ба ту чунин метобад, ки ман нишастаам, аммо дар ботин ман *рост истодаам!*»

Дар дигар ҳодиса чунин «гуреза» метавонад «шикаста шавад» ва ба қадами маъюсона даст занад, чунки ба вазъияти додашуда тоб оварда наметавонад. Дар ҳолати беҳтарин ӯ аз хона мегурезад, дар ҳолати бадтарин худкушӣ мекунад.

Агар кӯдак қарор диҳад, ки мубориза барад, хашми ӯ берун мебарояд. Ӯ шикоят менамояд, гапгардонӣ мекунад ва ҳатто бо ҳақоратҳо ва таҳдидҳо ба ранҷонанда ҳуҷум мекунад. Хулласи калом, кӯдак исён мебардорад, чунки қоидаҳое ки ӯ бояд мувофиқи онҳо зиндагӣ кунад, бо муҳаббати волидон гарм карда нашудаанд.

Ҳангоме ки ман бо парастории рӯҳонӣ машғул будам, бисёр вақт лозим меомад, ки бо волидони фармонраво сару кор дошта бошам. Онҳо маъюсона назди ман омада, мегуфтанд: «Бо фарзандам чӣ кор карданамро намедонам! Ӯ тамоман бетартиб шудааст — беитоатӣ мекунад, дарсҳояшро тайёр намекунад, ба хона дер меояд. Бигӯед, ки чӣ кунам».

«Шумо чӣ кор мекунед?» — мепурсидам ман одатан.

«Албатта, ҷазо медиҳам. Телевизор тамошо кардан намемонам, пул намедиҳам. Умуман, ӯро ҳақиқатан *ҷазо медиҳам*!

Одатан ман кӯшиш мекунам, ки ба волидон оиди тарбияи фарзандон ҷавобҳои «тайёр» надиҳам, аммо дар чунин мавридҳо ин тавр ҷавоб медиҳам:

«Оё шумо кӯшиш кардаед, ки қоидаҳо ва ҷазоҳои худро сусттар кунед ва бо фарзанд муносибатҳои мӯътадил барпо намоед?»

«Қоидаҳоро суст кунам? Шумо писари маро намедонед. Ӯ ба гардани ман мешинад!»

Он гоҳ ман саволи дуюмро медиҳам: «Бигӯед, оё усулҳои тарбияи шумо самаранок мебошанд?»

Бисёрии волидон маро аз ними сухан мефаҳмиданд: албатта, усулҳои онҳо нобарор мебошанд, вагарна онҳо барои маслиҳат назди ман намеомаданд. Баъзеи онҳо ба маслиҳатҳои ман гӯш карда, аз одатҳои худ даст мекашиданд. Дигарон дар ақидаҳои худ устувор мемонданд. Дигаргун шудани волидони фармонраво душвор аст. «Ҳокимияти мутлақ» барояшон азиз аст, онҳо ба қувваи худ боварӣ надоранд ва аз қоидаҳои худ даст кашида наметавонанд.

## Шумо ба кадом усул пайравӣ мекунед?

**Фармонравоӣ:** интизоми қатъӣ ва набудани ғамхорӣ оиди кӯдак




**Иҷозат додани ҳама чиз:** ғамхорӣ дар ҳаққи кӯдак ва интизоми суст




**Бепарвоӣ:** интизоми суст ё набудани он; кӯдак худро нодаркор ҳис мекунад




**Робитаи тарафайн:** ҳокимияти волидӣ + хайрхоҳӣ: таносуби дурусти интизом ва ғамхорӣ



### ИФРОТИ ДИГАР — ИҶОЗАТ ДОДАНИ ҲАМА ЧИЗ

Ифроти дигар — волиде мебошад, ки ҳама чизро иҷозат медиҳад. Ӯ ҳамеша тайёр аст кӯдакро дастгирӣ кунад аммо ба интизом аҳамият намедиҳад. Чуноне ки диаграмма нишон медиҳад, *муҳаббат* аз *манъкуниҳо* афзалият дорад. Дар чунин оилаҳо низ ифротҳо ҳастанд. Шояд шумо оиди волидони либералӣ шунидаед ё онҳоро мушоҳида намудаед. Амалан, кӯдак кори мехостаашро мекунад, волидон бошанд истода тамошо мекунанд, ки чӣ тавр ӯ гулҳоро меканад, мебелро мешиканад ва хонаро чаппа-роста мекунад.

Фарзандоне ки тарбияи волидони либералиро дидаанд, волидонро гаравгон мегиранд. Онҳо «соати хоб»-ро риоя намекунанд, хашми худро бознамедоранд, доду фарёд мекунанд, то ки модари бечора хостагии онҳоро ба ҷо оварад. Ҳамин ки бедодгари хурд об нӯшидан хоҳад, модар барои об овардан медавад. Ӯ об мебиёрад, аммо кӯдак стаканро дағалона тела медиҳад, зеро чунин меҳисобад, ки модар дер кардааст.

Модар стакани обро дар даст нигоҳ дошта, ба писараш мегӯяд: «Агар об нанӯшӣ, то панҷ ҳисоб мекунам ва меравам».

Табиист, ки ӯ то панҷ ҳисоб мекунад, аммо кӯдак об наменӯшад. Модар меравад — кӯдак боз доду фарёд карда, об талаб мекунад. Ва боз ҳамон чиз такрор мешавад, дар айни ҳол кӯдак соҳиби вазъият аст: модар ҳеҷ як хоҳиши ӯро рад намекунад, ӯ инро медонад.

Фарзандоне ки дар чунин муҳит калон шудаанд, одатан чизи мехостаашонро ба даст меоваранд, аммо онҳо аз фарзандони волидони фармонраво хушбахттар нестанд, чунки онҳо низ таносуби дурусти *муҳаббат* ва *манъкуниҳо*ро намебинанд. Рости гап, набудани манъкуниҳо ба кӯдак асос медиҳад, ки чунин фикр кунад: «Агар онҳо ҳақиқатан дар ҳаққи ман ғамхорӣ мекарданд, ба ман аҳамияти бештар медоданд... Гоҳо «не» мегуфтанд... Ба фикрам, онҳо маро на он қадар дӯст медоранд».

### ВОЛИДОНИ ЛИБЕРАЛӢ ФАРЗАНДОНИ БЕПАРВО ТАРБИЯ МЕКУНАНД

Соли 1970 равоншиноси ҷавоне ки ба ҳеҷ кас маъруф набуд, ҷаҳонро бо китоби «Қувваи ҷазодиҳӣ» ҳайрон намуд. Фикри асосии доктор Ҷеймс Добсон чунин аст: «Фарзандонро ҷазо додан мумкин аст, агар ин бо муҳаббат ва меҳрубонӣ карда шавад». Ба фаразандон интизомнокӣ ва барои амалҳои худ масъул буданро ёд додан даркор аст. Барои ин манъкуниҳо даркоранд»[2].

Китоби «Қувваи ҷазодиҳӣ» ҷавобест ба тарбияи фарзандон дар рӯҳияи иҷозатдиҳии ҳама чиз. Тарғибкунандаи либерализми

волидӣ, ки дар тамоми кишвар паҳн мешуд, доктор Бенҷамин Спок гардид, ки китоби «Кӯдак ва нигоҳубини ӯ»-ро навиштааст. Аммо иҷозатдиҳии ҳама чиз аз боиси як-ду китоб ба миён наомадааст. Волидони ҷонибдори иҷозатдиҳии ҳама чиз Депрессияи бузург ва Ҷанги дуюми ҷаҳониро аз сар гузарондаанд. Худи онҳо аз бисёр чизҳо маҳрум буданд, агарчи гуруснагӣ намекашиданд.

Солҳои 50-ум замона беҳтар шуд, ва волидон қасам хӯрданд, то ба фарзандон он чиро диҳанд, ки худашон аз он маҳрум буданд. Онҳо миқдори зиёди фарзандон доштанро ба худ иҷозат доданд — давраи «таваллуди кӯдакони зиёд» сар шуд, ки аз соли 1946 то 1964 давом кард. Волидони он кӯдакон аз бисёр ҷиҳатҳо ба фарзандони худ тағофул менамуданд.

Аммо кӯдаки вайроншуда калонсоли вайроншуда мегардад. Насли «таваллуди кӯдакони зиёд» — яъне «насли МАН» — калон шуд ва намояндагони он волидони тамоман бепарво шуданд. Дар баъзе оилаҳо ин бепарвоӣ дарҳол ба назар мерасад, дар оилаҳои дигар — он қадар маълум нест.

Дар солҳои 80–90-ум расонаҳои хабарӣ фаровониро таблиғ мекунанд — баландравӣ дар вазифа, фарзандон, хонаи калон, «БМВ». Бисёр волидон ба ин дом афтоданд ва кӯшиш мекунанд, ки аз зиндагӣ ақиб намонанд. Дар натиҷа оила зарар мебинад: волидон худашон инро нахоҳанд ҳам, ба фарзандон чунон кам диққат медиҳанд, ки набудани таваҷҷӯҳро ба осонӣ чун бепарвоӣ қабул кардан мумкин аст.

Ман тамоми намояндагони насли «таваллуди кӯдакони зиёд»-ро як хел баҳо доданӣ нестам, Бисёрии онҳо бо фарзандон машғул мешаванд ва аз ӯҳдаи вазифаҳои волидӣ бо муваффақият мебароянд. Бо вуҷуди ин, тамоюлҳои умумӣ низ ҳастанд. Агар шумо дар давраи «таваллуди кӯдакони зиёд» зода шуда бошед ва шуморо беандоза эрка карда бошанд, бояд бобҳоро оиди диққат додан ба фарзандон хонда бароед ва фикр кунед, ки ба фарзандон ва ҳамсар чӣ қадар вақт ҷудо мекунед.

Дар ёд нигоҳ доред: чунин шуда метавонад, ки хонаро хуб ҷиҳозонед, ба фарзандон чизҳои хуб харед, аммо бо вуҷуди ин барои фарзандон ба маънои ҳақиқӣ ва маҷозӣ «ҷои холӣ» бошед. Бепарвоӣ ба таври тамоман ғайричашмдошт зоҳир мешавад. Ва ҳангоме фарзандон ҳис мекунанд, ки волидон нисбати онҳо бепарвоянд, онҳо азоб мекашанд ва хашмгин мешаванд. Ва шояд тамоми насли наврас низ «насли азобкашанда ва хашмгин» мешавад, ки он ба дунё овардани «оилаҳои носоз»-ро давом медиҳад: ба воя мерасад, оиладор мешавад ва касони ба худ монандро ба дунё меоварад.

Ман аз таҷрибаи худ медонам, ки оилаҳои носоз чӣ тавр пайдо мешаванд. Волидони ман ҷудо шуданд, баъд аз нав якҷоя шуданд. Падарам мартабаи баланд дошт, ноиб-президенти фирма буд. Вай ва модарам маҷбур буданд, ки ба қабулҳои расмӣ (шабнишиниҳо) раванд, ки он ҷо машруботи спиртӣ бисёр буд. Дар ниҳояти кор онҳо ба «майзадаҳои маишӣ» табдил ёфтанд.

Ман медонистам, ки волидон маро дӯст медоранд, аммо онҳо бо зиндагии худ чунон банд буданд, ки маро пайхас намекарданд. Барои дар хона «зинда мондан» ман дамдузд шудам: қисми зиёди вақтро дар ҳуҷраи худ бо гӯш кардани радио мегузарондам. Ҳама чиз бароям нафратовар буд, хусусан таҳсил. Аҳвол дар оилаи ман чунон бад буд, ки ман ду семестри аввали коллеҷро бо баҳоҳои ду тамом кардам, ва ин ҳеҷ касро безобита намекард, на муаллимонро ва на волидонро.

Дар охири семестри дуюм волидони ман муддате майнӯширо қатъ намуда, ба ёд оварданд, ки аллакай як сол боз дафтарчаи имтиҳоноти маро надидаанд. Ҳангоме ки диданд, кӯшиш карданд, ки ба ман бо муҳаббат муносибат намоянд: ба соли дуюм мононданд.

Ҳангоме ки Худо дахолат намуда, ману оилаи маро аз роҳи сарбастаи «нобасомониҳои оилавӣ» берун овард, ман кайҳо аз бистсолагӣ гузашта будам ва оилаи худро доштам. Ҳангоме ки ману Шарлотта масеҳӣ шудем, қасам хӯрдем, ки ҳеҷ гоҳ фарзандони худро сарфи назар намекунем. Ва ба қавли худ устувор мондем.

**РОБИТАИ ТАРАФАЙН**

Барои ҳамоҳанг намудани *муҳаббат* ва *манъкуниҳо* волидон бояд бо фарзандон робитаи тарафайнро барпо намоянд. Чуноне ки аз диаграмма аён аст, маҳз истифодаи якҷояи муҳаббат ва манъкуниҳо имкон медиҳад, ки байни волидон ва фарзандон робита барпо карда шавад. Фарзандон ҳам муҳаббат ва ҳам қатъияти волидонро ҳис мекунанд. Дар айни ҳол интизом ба фарзандон ёрӣ медиҳад, ки ба худ боварӣ пайдо кунанд.

Ҳайратовар нест, ки агар робитаи тарафайн бошад, кӯдак хайрхоҳии волидон, таҳсини онҳо, муҳаббат ва диққати онҳоро ҳис мекунад. Агар порчаи маълуми Номаи Яъқубро бо суханони дигар баён кунем, чунин гуфтан мумкин аст: ҷонибдори робитаи тарафайн бо фарзандон «дар шунидан бошитоб, дар гуфтан оҳиста ва дар хашм оҳиста» мешавад (ниг. Яъқ. 1:19). Чунин волид дар байни фарзандон нуфузу эътибор дорад. Ӯ аз фарзандон ҷиддӣ талаб мекунад (дар ҳоле ки худаш низ ба онҳо ҳисобот медиҳад), аммо ҳокимияти волидии худро бо муҳаббат ва одилона истифода мебарад.

Мо дуру дароз фаҳмонда будем, ки чаро муносибатҳоро бо фарзандон дар асоси муҳаббат барпо намудан даркор аст. Аммо агар ин муҳаббат самимӣ бошад, манъкуниҳоро низ набояд фаромӯш кард. Манъкуниҳо ба фарзанд ҳисси дар ҳимояи пурра буданро медиҳанд. Манъкуниҳои оқилона ба фарзандон озодии таҷриба карданро медиҳанд, имконияти дуруст ба воя расидан ва инкишоф ёфтанро медиҳанд. Бе онҳо фарзанд қабул кардани қарорҳои дурустро ёд намегирад, ва дар ҳаёти ӯ бесарусомонӣ ва ошуфтагӣ ҳукмфармо мешаванд.

Ҳангоме ки ману Ҷош оиди ҳокимияти волидӣ мегӯем, қоидаҳои додаи Худоро дар назар дорем, ки дар каломи Ӯ мавҷуданд. Худо шариатро дод ва низ муҳаббати кафоратткунандаи Масеҳро ато намуд. Ҳақиқат — ҳақиқати илоҳӣ — масеҳӣ ва оилаи ӯро иҳота мекунад. Ҳақиқати илоҳӣ на банду занҷир, балки озодӣ аст.

Аммо ҳақиқат аз рӯи табиати худ баъзе манъкуниҳоро дорад. Ҳақиқат як қатор манъкуниҳоро дар бар мегирад — биёед онҳоро тавораҳо меномем. Бе онҳо ҳақиқат буда наметавонад, балки танҳо озодие хоҳад буд, то ҳар чизро ҳақиқат ҳисобем.

**ЧАРОГОҲҲОИ ТАВОРАДОР БАРОИ ГӮСФАНДОН... ВА ФАРЗАНДОН ХУБАНД**

Дар яке аз рӯзҳои хуб ман дар доманаи кӯҳсор сайру гашт доштам ва шахсеро вохӯрдам, ки бо фургони болопӯшида дар саросари ИМА саёҳат мекард. Ӯ таваққуф намуд, то ба хачирҳо имкон диҳад, ки дар алафзори наздикии Ҷулиан алаф чаранд. Ман бо ӯ суҳбат намудам. Маълум шуд, ки ӯ мутахассиси соҳаи чорводорӣ аст, ва ман аз ӯ пурсидам: хачир барин ҳайвонотро чӣ гуна парвариш кардан беҳтар аст? Дар чарогоҳҳои кушода, дар чарогоҳҳои таворадор ва ё дар қӯраҳо?»

«Албатта, дар чарогоҳҳои таворадор», — бе дудилагӣ ҷавоб дод ӯ.

«Чаро?»

«Ҳангоме ки ҳайвонот ба чарогоҳҳои кушода мебароянд, онҳо роҳгум зада ё тӯъмаи ягон даррандае шуда метавонанд. Чарогоҳҳои кушода он қадар боварибахш нестанд. Аммо агар чорворо дар қӯра нигоҳ доред, ба онҳо доимо хӯрок додан лозим мешавад. Онҳо худашон хӯрок дарёфт карда наметавонанд. Агар онҳоро ба чарогоҳи хуби таворадор сар диҳед, онҳо ҳама чизи барои зиндагӣ даркор ва озодии амалиётро хоҳанд дошт».

Ҳамсӯҳбати ман хачирҳои худро ба ароба баст ва фургони болопӯшида ба роҳ даромад, ман бошам фикр кардам, ки суханони ӯ принсипи Навиштаи Муқаддасро хеле хуб тафсир медиҳад. Худо ба

мо ҳама чизи даркориро додааст — чарогоҳҳои сералаф ва обҳои роҳатафзо (ниг Забур 22). Ӯ ҳамчунин ба мо таворахоро додааст — шариати комили озодӣ ва ҳақиқате ки моро дар Масеҳ озод мекунад (ниг. Яъқ. 1:25; Юҳанно 8:32). Чарогоҳҳои таворадор на танҳо барои чорво хубанд; онҳо барои тарбияи фарзандон ёрӣ мерасонанд, хусусан дар ҷамъияти арзишҳои «нисбӣ» ва бебанду борӣ.

Ана барои чӣ бояд манъкуниҳо вуҷуд дошта бошанд — қоидаҳое ки ба ҳаёти кӯдак субот ва ҳокимияти волидиро медиҳанд. Дар баробари ин мувозинат даркор аст. Дар яке аз тадқиқотҳо оиди муносибатҳои байни наврасону волидон гуфта шудааст, ки фарзандони дар шароити интизоми сахт тарбияшуда одатан ба волидон муносибати душманона доранд; калонсолонро дӯст намедоранд; рафтори зиддиҷамъиятӣ доранд — дурӯғ мегӯянд, занозанӣ мекунанд, ба харобкорӣ майл доранд, ба ҷамъият муносибати душманона доранд; қоидаҳои анъанавии ахлоқро рад мекунанд; бо одамон унс гирифтанашон душвор аст.

Дар лагери дигар — фарзандоне мебошанд, ки дар шароити бебанду борӣ (иҷозат дода шудани ҳама чиз) тарбия ёфтаанд. Инҳо наврасоне мебошанд, ки амалан барои рафтори худ маъул нестанд. Кам касоне аз байни онҳо барои ба наздикон мадад расондан шитоб мекунанд — ёрӣ ба ҳамсинф дар иҷро кардани вазифаи хонагӣ, даравидани газони пирамарди нотавон, ба ҷо овардани хоҳиши бемори барҷомонда.

Наврасоне ки дар шароити иҷозат дода шудани ҳам чиз тарбия ёфтаанд, бисёр вақт ба меъёрҳои ахлоқии волидон пайравӣ кардан мехоҳанд. Онҳо ба дуздӣ, фиреб, майзадагӣ, истифодаи маводи нашъаовар, секс майл доранд. Онҳо бо осонӣ ба филмҳои бадахлоқона ва эротикӣ рағбат пайдо мекунанд. Умуман, иҷозат дода шудани ҳама чиз тарзи зиддиҷамъиятии зиндагиро тавлид менамояд, ки боиси фоҷиа мегардад.

Аз ин бармеояд, ки ба кӯдак манъкуниҳо даркоранд, аммо манъкуниҳо бояд аз муносибати хайрхоҳонаи волидон сарчашма гиранд. Да бобҳои гузашта сухан дар бораи ҳамин мерафт.

**ОНҲОЕ КИ «РОБИТАИ ТАРАФАЙН» БО ФАРЗАНДОНРО ҶОНИБДОРӢ МЕКУНАНД, БО ЧӢ ФАРҚ МЕКУНАНД**

Мо се тарзи тарбияи фарзандонро, ки аз онҳо барканор будан мехоҳем, дида баромадем: фармонравоӣ, иҷозатдиҳии ҳама чиз ва бепарвоӣ. Аммо дар бораи «робитаи тарафайн» — идеале ки мо ба он расидан мехоҳем, чӣ фикр доред? Ҷонибдорони чунин усули тарбия бо чӣ фарқ мекунанд? Онҳо чӣ кор мекунанд, то ки ҳокимияти худро бо муҳаббат зоҳир намоянд?

Оиди он, ки чӣ тавр барои фарзандони худ соҳиби эътибор ва нуфуз шудан мумкин аст, китобҳои зиёде навишта шудаанд. Як муаллиф чизе мегӯяд, муаллифи дигар ба ақидаи ӯ зид мебарояд. Тавсифномаи беҳтарини волиди хубро Павлус дар яке аз номаҳои худ додааст: «Ва шумо, эй падарон, фарзандони худро ба хашм наоваред, балки онҳоро дар таълимот ва насиҳати Худованд тарбия кунед» (Эфсӯсиён 6:4).

Павлус «фарзандони худро ба хашм наоваред» гуфта, чиро дар назар дошт? Дар яке аз тарҷумаҳои Китоби Муқаддас чунин гуфта шудааст: «Падарон, фарзандони худро ба *маъюсӣ* наоваред...» Ҷ. Б. Филлипс тарҷумаи дигарро пешниҳод мекунад: «Падарон, дар ислоҳи фарзандон *кӯшиши беандоза накунед* ва ба онҳо дар иҷрои аҳком халал нарасонед». Дар тафсири Китоби Муқаддас бошад гуфта шудааст: «Фарзандонро *он қадар сарзаниш накунед*, онҳоро *беҳад телба накунед*. Онҳо аз ин ба хашм меоянд ва дамдузд мешаванд» (курсиви муаллиф).

Бо назардошти усулҳои гуногуни манфӣ дар тарбияи фарзандон, Эфсӯсиён 6:4-ро ин тавр баён кардан мумкин аст: «Фарзандонро бо фармонравоӣ, иҷозатдиҳии ҳама чиз ё бепарвоӣ аз ақл бегона накунед, балки ба муҳаббату ҳамдигарфаҳмӣ, ки ба онҳо ҳокимияти волидӣ илова карда шудааст, саъй кунед».

Осонтар гуфтан мумкин аст — бо суханон аз боби 3-юм:

*«Қоидаҳо бе ҳамдигарфаҳмӣ боиси исён мешаванд».*

Хуб, набошад бо ҷумлае ки дар Эфс 6:4 ҳаст, чӣ кунем: «Онҳоро дар таълимот ва насиҳати Худованд тарбия кунед»? Ҳангоме ки «ҳиссиётҳо метафсанд», волидони хуб бояд чӣ кунанд? Дар поён мо якчанд қоидаҳоро дар ин хусус меоварем:

### *Барои рафтори бад на он қадар сахт ҷазо диҳед*

Бояд дар ёд дошт, ки ҳангоме фарзандон рафтори бад мекунанд, онҳо одатан аз мо ҳамдардӣ меҷӯянд. Албатта, агар кӯдак кори нохуб карда бошад, ӯро бе ҷазо монондан мумкин нест. Чора андешидан даркор аст, аммо чӣ гуна чора? Кӯдаке ки кори нохуб кардааст, чиро бояд бинад ва шунавад?

Агар шумо овоз баланд кунед, аз хашм суп-сурх шавед ё ягон хели дигар худдориро аз даст диҳед, кӯдак ба хулосае меояд: рафтори бад беҳтарин воситаи диққатро ба худ ҷалб намудан аст.

Аз тарафи дигар, агар ба рафтори ӯ оромона муносибат намоед, дуру дароз ва бо овози баланд ӯро сарзаниш накунед ва хашмгин нашавед, зарар хеле камтар мешавад. Аз ҳама беҳтар он аст, ки номумкин будани чунин рафторро ба фарзанд фаҳмонед, ва агар лозим бошад, ӯро муваққатан аз дигар аъзоёни оила ҷудо кунед. Дар ёд нигоҳ доред: агар дар ҳуҷра танҳо бошед, ҷалб намудани диққати касе душвор аст. «Ба кунҷ гузоштан» ҷазои кӯҳнашуда аст, аммо агар фарзандони бисёр дошта бошед, ин чора хеле самарабахш аст.

Ман мефаҳмам: кӯдаконе ҳастанд, ки бо онҳо сару кор доштан хеле душвор аст. Аммо ҳангоме ки кӯдак бадрафторӣ мекунад, дар ёд нигоҳ доред: ӯ доимо рафтори хуб карда наметавонад. Онҳо кӯдаконанд. Бинобар ин барои худ қоидае қабул кунед, ки аз боиси рафтори бади кӯдак маѓал набардоред; ба ҷои ин бештар ба сифатҳои мусбати ӯ диққат диҳед. Чуноне ки дар боби 7-ум гуфта шудааст, кӯшиш кунед, ки дар рафтори фарзандон ягон ҷиҳати хуберо пай баред, танҳо норасоиҳоро ҷустуҷӯ накунед. Кӯшиш кунед, ки ҷиҳати хубро таъриф намоед ва ҷиҳати бадро бартараф кунед.

Барои дар ин кор муваффақ шудан системаи ҷазоҳо даркор аст, ки ба кӯдак имкон медиҳад, то чизеро ёд гирад ва болиғ шавад. Ба фикрам, Навиштаи Муқаддас ба мо ду усули ҷазодиҳиро меомӯзад, ки онҳоро равоншиносон танҳо ба наздикӣ «ошкор намуданд». Яке «натиҷаҳои табиӣ» ном дорад, дигараш — «натиҷаҳои мантиқӣ». Ҳар ду модел дар робитаи сабабӣ-натиҷавии ҳамаи воқеаҳо асос ёфтаанд.

**ПИСАРИ НОҚОБИЛ АЗ «НАТИҶАҲОИ ТАБИӢ» АЗИЯТ МЕКАШИД**

Масал оиди писари ноқобил намунаи хуби натиҷаҳои табиист. Ҷавон қарор дод, ки аз хона рафта, ба хости худ зиндагӣ кунад. Ӯ аз падар талаб намуд, ки аз дороии оила ҳиссаи ӯро диҳад. Падар медонист, ки чӣ рӯй медиҳад, аммо ба ҳар ҳол пулро ба писараш дод ва монд, ки равад, то ӯ худаш душвориҳои зиндагиро фаҳмад ва хислаташро обутоб диҳад.

Натиҷаҳои табиӣ ғолиб омаданд ва писар то дараҷаи хукбонӣ паст фаромад. Ӯ пул надошт. Калимаҳои асосии масал инҳоянд: «Оқибат ӯ ба худ омад...» (Луқо 15:17). Натиҷаҳои табиӣ ақлу ҳуши ҷавонро ба ҷояш оварданд. Ӯ қарор дод, ки ба хона назди падар баргардад. Дар он ҷо ӯро қабул намуданд ва аз пештара зиёдтар дӯст доштанд (ниг. Луқо 15:11–32).

Ҷолиби диққат аст: падар на танҳо роҳ дод, ки ӯ равад, балки пул ҳам дод. Бисёр падарон ба писарон иҷозати рафтан медоданд. Аммо кӣ имкон медиҳад, ки онҳо меросро беҳуда сарф кунанд? Кам касон

# НАМУДҲОИ ҲОКИМИЯТИ ВОЛИДӢ

## ФАРМОНРАВОӢ

Мартаба ва ҳокимият (м/ҳ)




## РОБИТАИ ТАРАФАЙН

Масъулият барои амалҳои худ, ки аз ҳамдигарфаҳмӣ бармеояд (м/ҳ)



ин корро мекунанд! Аммо падари писари ноқобил ба ин тайёр буд. Ӯ хислатро аз пул авлотар медонист. Дар ҷамъияти мо одатан аз хислат дида ба ҷиҳати молиявии масъала диққати бештар медиҳанд. Ва инак мо, волидон, бояд аз якдигар пурсем: мо ба фарзандони худ кадом ақидаҳоро талқин менамоем?

Ман дар ёд дорам, ки ҳангоме Ҷонатан хурдсол буд, қонуни натиҷаҳои табиӣ ба ман ёрӣ дод, то ба ӯ дарси муҳиме омӯзонам. Дар хонаи мо дар сатҳи фарш камин (оташдон) буд, ва ман ҳамеша барои Ҷонатан дар хавотир будам. Ӯ аз оташ наметарсид ва агар беназорат монад, ба камин даромада, сахт осеб диданаш мумкин буд.

Боре бегоҳӣ мо хӯрок мехӯрдем. Дар рӯи миз шамъҳо фурӯзон буданд. Ҷонатан дасташро сӯи шамъ дароз кард. Шарлотта ӯро боздоштанӣ шуд, аммо ман гуфтам: «Бигузор даст занад».

Ҷонатан дасташро ба оташ зад ва дарҳол дод гуфта, дасташро кашид. Дасти ӯ на он қадар сӯхта буд, аммо ин кифоя буд: ӯ қувваи оташро фаҳмид ва онро ба эътибор гирифт. Шумо эътироз мекунед: ин бераҳмона аст, ки ман ба кӯдак роҳ додам, то ба оташ даст занад. Аммо ман чунин намеҳисобам. Беҳтараш ӯ аз оташи суст дардро ҳис кунад, назар ба ин ки баъд аз оташи сахт зарар бинад. Аз он вақт Ҷонатани хурдакак оташро ҳурмат мекардагӣ шуд, ва хавотиршавиҳои ман вобаста ба камин хеле кам шуданд.

## НАТИҶАҲОИ МАНТИҚӢ ПЕШАКӢ МУҚАРРАР КАРДА МЕШАВАНД

Тарзи дигари ҷазодиҳӣ, ки ҳамчунин дар Навиштаи Муқаддас тасвир шудааст, натиҷаҳои мантиқӣ аст. Ин маънои онро дорад, ки волидон пешакӣ қарор медиҳанд, ки рафтори бад боиси кадом натиҷаҳо мегардад. Масалан: «Агар ҳамаи хӯрокро нахӯрӣ, ширинӣ дода намешавад» ё «Агар ба сагча хӯрок надиҳӣ — худат хӯрок намехӯрӣ

Ба мо маълум аст, ки аз боғи Адан ронда шудани Одаму Ҳавво натиҷаи мантиқӣ буд. Худо ба онҳо ҳама чизро дод, аммо огоҳ намуд: онҳо аз меваи яке аз дарахтон — дарахти маърифати некӣ ва бадӣ набояд хӯранд. Агар хӯранд — «хоҳанд мурд» (ниг. Ҳастӣ 2:15–17).

Ҳавво бо васвасаи мор меваи манъшударо хӯрд. Пас аз ӯ Одам низ хӯрд. Ҳангоме Худо дид, ки чӣ воқеа рӯй додааст, натиҷаҳо дарҳол фаро расиданд. Одаму Ҳавво миранда шуданд, аммо ҷазоҳо бо ин хотима наёфтанд: дарди зан ҳангоми зоиш, бо арақи ҷабин ба даст овардани нон, аз биҳишт ронда шудан низ ҷазоҳо мебошанд (ниг. Ҳастӣ 3:1–19).

Худо ҳудуде гузошт, ки Одаму Ҳавво дар дохили он озодона амал карда метавонистанд. Ҳангоме онҳо қарор доданд, ки ин ҳудудро вайрон кунанд ё аз он гузаранд, лозим омад, ки ҷазо бинанд. Аммо Худо танҳо баъди он ҷазо дод, ки муҳаббати Худро зоҳир намуд: Ӯ оиди ҳамаи эҳтиёҷоти онҳо (табиӣ, эҳсосотӣ, ақлӣ, иҷтимоӣ, ҷинсӣ ва рӯҳонӣ) ғамхорӣ намуд. Манъкуниҳоро ҷорӣ намуда, Худо ба Одаму Ҳавво имкон дод, ки ба муҳаббати Ӯ бо имон ва итоаткорӣ ҷавоб диҳанд.

Ғамхории волидӣ оиди фарзандон аз бисёр ҷиҳатҳо ба ғамхории Худо монанд аст. Волидон бояд барои фарзандони худ ҳудудҳо муайян кунанд. Ин манъкуниҳо аз муҳаббат ба фарзанд бармеоянд. Манъкуниҳоро ҷорӣ намуда, шумо кӯдакро барои амалҳояш масъул менамоед.

## ҚАТЪИЯТ ЗОҲИР НАМУДАН МУҲИМ АСТ

Дар боби 13-ум оиди он гуфта шуд, ки ҳангоме Шон аз ҳавлии мактаб барои баровардани сатили ифлосиҳо рафт, Ҷош дар дил вазнинӣ ҳис кард. *Аммо Ҷош қатъият зоҳир намуд*, ва ин барои амал намудани натиҷаҳои мантиқӣ хеле муҳим аст. Ӯ медонист, ки агар исрор накунад, ба вазифаҳо масъулиятшиносона рафтор намуданро ба писараш ёд дода наметавонад. Агар Ҷош ба ҷои писараш ифлосиҳоро мебаровард ё агар Шон, чун «писари хуб», онро баъди мактаб берун мебаровард, писар ҳақиқати муҳимтаринро намефаҳмид.

Ҳангоме ки писари калонии ман Дик ҳуҷҷати ронандагӣ гирифт, ману ӯ қарор додем: агар ӯ қоидаҳои ҳаракати нақлиётро вайрон кунад, худаш ҷаримапулӣ месупорад ва як моҳ мошин намеронад. Ман рӯзеро, ки Дик бори аввал қоидаро вайрон кард, хуб дар ёд дорам. Ӯ беҷуръатона ба ҳуҷра даромада, гуфт: «Падар, ба ман ҷарима муқаррар карданд».

Намедонам, ки Дик чиро интизор буд, аммо ман пурсидам: «Калидҳои мошинканӣ?» Ӯ хомӯшона калидҳоро ба ман дод. Ӯ ҷаримапулиро супурд ва дар давоми як моҳ мошинро истифода набурд. Ман ба ӯ насиҳат накардам, сабаби воқеаро напурсидам. Натиҷаҳои мантиқӣ пешакӣ муқаррар шуда буданд, ва Дик медонист, ки бояд музди пешакӣ гуфташударо пардозад.

## БАХШИДАН ВА БАХШИШ ПУРСИДАН

Дар ҳолатҳои тасвиршуда натиҷаҳои мантиқӣ ба осонӣ амалӣ гардиданд. Аммо волидон медонанд: на ҳамеша ин тавр мешавад. Гоҳо чунин мешавад, ки хашмгинӣ авҷ мегирад, кор то ҷанҷол мерасад,

дар оила шиддатнокӣ пайдо мешавад. Волиде ки қаҳрамон будан мехоҳад, бояд ба бахшидан ва бахшиш пурсидан тайёр бошад.

Гуфтани се калима — «Илтимос, маро бубахш» — бароямон хеле душвор аст. Бо вуҷуди ин, агар ба зану фарзандон «ҳисоботдиҳанда» шуда, ҳокимияти волидиро на воситаи бадбинӣ, балки асбоби муҳаббат карданӣ бошед, онҳоро бисёр ба кор бурдан лозим меояд.

Боре писари калонии ман Дик ҳамроҳи оилааш ба хонаи мо меҳмонӣ омад. Он вақт мо дар рухсатӣ будем. Истироҳати якҷояи мо ба охир мерасид, ва мо қарор додем, ки ба парки наздиктарини шаҳр рафта, пикники видоъ ташкил кунем. Шарлотта хӯроки бомазаро ҷо ба ҷо гузошт, Дик ва занаш Бэтта фарзандони худро ҷеғ заданд, ва мо ба парк равона шудем.

Ҳамааш хуб буд, аммо мушкилие пайдо шуд. Якчанд соат пеш аз ин дугонаи наздики Шарлотта телефон карда, гуфт, ки ба бемории саратон гирифтор шудааст ва барои муолиҷа ба Сан-Диего меояд. Вай аз Шарлотта хоҳиш кард, ки аз Ҷулиан ба Сан-Диего рафта, вайро дар фурудгоҳ пешвоз гирад ва ба беморхона барад.

Шарлотта намедонист, ки чӣ кор кунад: ӯ мехост ба дугонаи дӯстдоштааш ёрӣ расонад ва низ мехост дар пикники видоъ ҳамроҳи наберахо бошад.

Мо ба парк омадем, Шарлотта муддате бо мо буд, аммо ба зудӣ вақти рафтани ӯ фаро расид. Ман дар назди ӯ нишаста будам. Ба ӯ чизе гуфтам, аммо ӯ ҷавоб надод. Ман саволро такрор кардам — ӯ аксуламале накард. Ман бори сеюм бо овози баландтар саволро такрор кардам, то ки диққати ӯро ҷалб намоям. Ин таъсир расонд. Ӯ ба ман рӯ оварда, гуфт: «Ту чаро ба ман дод мезанӣ?»

«Ту чӣ мегӯӣ? Ман ба ту ду бор савол додам, аммо ту ҷавоб надодӣ. Ба ту чӣ шуд?»

Ман мебоист мефаҳмидам, ки чаро Шарлотта ба фикр фурӯ рафтааст. Ӯ оиди дугонааш фикр мекард, андешаҳои ӯ аз ин ҷо дур буданд. Ба ғайр аз ин, ӯ оиларо тарк кардан намехост. Шояд худи ман андаке хафа будам, ки ӯ бо мо буда наметавонад.

## АЗ РӮИ ҚОИДАИ «ДОМИНО» ҲАМА ХАФА ШУДАНД

Якчанд дақиқа баъд аз рафтани Шарлотта вазъият хеле шиддатнок гардид. Табъи хира ба Дик ва занаш гузашт: ин воқеа эффекти доминоро пайдо намуд. Баъди якчанд дақиқа Дик ва занаш бо ҳам ҷанҷол карданд, сипас фарзандонашон бо ҳам баҳс карданд. Дик ва Бэттӣ, албатта, фарзандонро сарзаниш намуданд, ва ҳамин тавр мунозира сар шуд...

Ҳамаи ин як сценарийро ба ёдам овард: босс ба корманди худ дод мезанад, ӯ бошад ба хона омада ба занаш дод мезанад, занаш ба фарзандонаш, фарзандон — ба саг, саг бошад ба гурба дармеафтад!

Ман андеша карда, фаҳмидам, ки чӣ шудааст. Ман — чуноне ки ба ман тобид — аз бепарвоии Шарлотта, ки ба саволам ҷавоб надод, хашмгин шудам. Ҳангоме ман донистам, ки чаро ин тавр шуд, фаҳмидам, ки нодуруст кардаам. Ман қарор додам: ҳамин ки ӯро бинам, бахшиш мепурсам.

Шарлотта дер ба хона баргашт. Маълум шуд, ки андешаҳои ман ба сари ӯ ҳам омадаанд. Ҳангоме ӯ ба роҳ баромад, оиди воқеаи рӯйдода фикр карда фаҳмид, ки ҳамаи ин хеле аҳмақона аст. Баъд чархи мошин суст шуд, ва то даме ки таъмирчиён чархро дуруст мекарданд, Шарлотта барои фикр кардан вақти бештар пайдо намуд.

Ҳангоме Шарлотта баргашт, мо дар хонаи қабули меҳмонон нишаста будем. Аввалин фикре ки ба сари ман омад, — бахшиш пурсидан буд. Ӯ низ аз ман бахшиш пирсиданӣ буд. Ҳамин тариқ, ману ӯ бо суханони «Маро бубахш» сӯи якдигар шитофтем. Ин дар оила боиси реаксияи навбатии занҷирӣ гардид, ки ин дафъа мусбат буд. Дик ва Бэттӣ аз якдигар бахшиш пурсиданд, ҳатто кӯдакон ба ин машғулият рӯ оварданд.

## СУХАНОНИ «ИЛТИМОС, МАРО БУБАХШ» ЧӢ ҚУВВАТЕ ДОРАНД

Баъдтар ҳамаи мо нишаста, воқеаи рӯйдода ва чизи аз он омӯхтаамонро ба ёд оварда, механдидем. Ман мефаҳмам: ин рӯйдод ба масъалаи ҷазо ва натиҷаҳои мантиқӣ дахл надорад, аммо мефаҳмонад, ки ба ҳамдигар суханони дурушт гуфтан боиси чӣ мешавад. «Илтимос, маро бубахш», — ана ҷавоби ҳалимона, ки хашмро фурӯ менишонад ва ҳама чизро ба ҷойҳои худ мегузорад (Мас. 15:1). Ҳангоме ки шумо фарзандонро ҷазо медиҳед, ин суханон ба шумо ва ба онҳо даркор мешаванд.

Дар ёд нигоҳ доред, ки байни калимаҳои «Афсӯс, ки ин тавр шуд» ва «Илтимос, маро бубахш» масофаи азимест. Суханони «Афсӯс, ки ин тавр шуд» ҳолати танҳо яке аз ҳамсӯҳбатонро ифода мекунад. Аммо ҳангоме «Илтимос, маро бубахш» мегӯянд, ду ё зиёда касон ба робита медароянд. Ибораи «Илтимос, маро бубахш» робитаи тарафайнро дар назар дорад. Он барои дуруст кардани муносибатҳо ёрӣ медиҳад, чунки аз ҳамсӯҳбат ҷавобро металабад.

Иқрор мешавам: «Илтимос, маро бубахш» гуфтан нисбатан хатарнок аст. Бахшиш пурсида, шумо иззати нафси худро зери зарба мегузоред, чунки ҳамсӯҳбати шумо метавонад рӯ гардонда, «Ман туро

намебахшам» гӯяд. Ин суханонро фарзанди худатон, ба ғалаёни хашми наврасона дода шуда ва ба воқеа сарфаҳм нарафта, гуфта метавонад. Аммо ин корро бояд кунед, чунки ба фарзанд намуна нишон медиҳед, ки аз зери зарба монондани иззати нафси худ набояд тарсид.

Ҳангоме фарзандони хурдсолро ҷазо медиҳед, онҳо чунин гуфтанро дӯст медоранд: «Дигар намекунам... дигар намекунам», аммо агар фармоед, ки аз касе бахшиш пурсанд, онҳо якравона розӣ намешаванд. Ба онҳо аз хурдсолиашон ёд диҳед: аз боиси воқеаи рӯйдода афсӯс хӯрдан хуб аст, аммо рафта бахшиш пурсидан хеле беҳтар аз он аст.

### ДАР ВАЗЪИЯТҲОИ ИХТИЛОФНОК БА ҚОИДАИ ОҲАНРАБО ПАЙРАВӢ КУНЕД

Ҳангоме ки байни ману фарзандон ихтилоф ба миён меояд, ман чунин меҳисобам, ки беҳтараш ором шавам ва ба онҳо бо чашмони Худо нигариста, дар онҳо одамони дорои арзиши азимро бинам. Ин маро водор мекунад, ки ба фарзандон муносибати меҳрубонона кунам, ҳатто ҳангоме ки вазъият ба ҷазодиҳӣ рӯ оварданро талаб мекунад. Рафтори фарзандонро маҳкум намуда, бо вуҷуди он, ман бо худи онҳо бо муҳаббат муносибат карда метавонам. Ин нигоҳ аз як тарафро ман «принсипи оҳанрабо» меномам. Ҳангоме ки ду оҳанрабо аз ҳам дур буда, майдони магнитии умумӣ надоранд, онҳо ба ҳамдигар таъсир намерасонанд. Аммо агар дар байни онҳо майдони магнитӣ пайдо шавад, ё ба ҳам ҷазб мешаванд, ё ҳамдигарро тела медиҳанд.

Ҳиссиёти инсонӣ ба оҳанрабо монанд мебошанд. Шумо майдонҳои магнитӣ надоред, аммо эҳсосот доред. Агар бо касе дар як хона зиндагӣ кунед, «майдони эҳсосотӣ» пайдо мешавад. Он ба майдони магнитӣ баробарқувва аст. Шумову фарзандатон ё ба ҳамдигар ҷазб мешавед, ё аз ҳамдигар дур мешавед.

Ҳангоме байни ману фарзандон вазъияти ихтилофнок пайдо мешавад, ман ба худ саволҳо медиҳам: «Чаро муносибатҳои мо на он қадар хубанд? Чаро ман фарзандамро тела медиҳам? Чаро фарзандам маро тела медиҳад?» Ҳангоме дар оилаи шумо вазъияти ихтилофнок пайдо мешавад, метавонед боварӣ дошта бошед: фарзандон ҳисси тахти ҳимоя буданро гум кардаанд, ба шумо бошад ягон рафтори фарзандон маъқул нест.

Донед: «тести магнитӣ»-ро на фарзандон, балки шумо бояд гузаронед. Танҳо шумо — калонсол — метавонед ором шуда, ба воқеа аз як тараф нигаред — ва вазъиятро солимфикрона баҳо диҳед. Ба ғайр аз ин, шумо бояд хашми худро фурӯ нишонед, ва агар даркор бошад, бахшиш пурсед.

«Тести магнитӣ» ҳамеша ба ман ёрӣ медиҳад, ки роҳи аз вазъияти душвор баромаданро ёбам, имкон медиҳад, ки ҳамдигарфаҳмиро бо фарзандон барқарор намоям, ва низ, агар даркор бошад, манъкуниҳо ташкил диҳам. Муҳаббат ва таҳсин ҳамроҳи манъкуниҳо — ҳамин аст тарбияи ҳақиқӣ. Ин қоидаҳо дар муносибатҳо бо ҳамсар ё ҳар каси дигар низ дурустанд, ба шарте ки «майдонҳои магнитӣ»-и шумоён ба ҳам мерасида бошанд.

## ЭҲСОСОТ

**Эҳсосот ба оҳанрабо монанд мебошанд:**
агар майдонҳои онҳо ҳамдигарро бурида нагузаранд, онҳо ба ҳамдигар таъсир намерасонанд, аммо агар ба майдони умумии магнитӣ афтанд,

**ё ҳамдигарро тела медиҳанд**



**ё ҷазб мешаванд**



### ВОЛИДОНЕ КИ ГӮШ ДОРАНД, БИГУЗОР ШУНАВАНД

Ҳангоме ки ман парастории рӯҳониро ба ӯҳда доштам, назди ман духтараки 13-сола бо волидон омад. Падари ӯ мусиқанавози машҳури масеҳӣ буд, ва дар тамоми кишвар бо консертҳо баромад карда, оиди имони худ шаҳодат медод.

Дар суханони ман чизе ба ӯ маъқул нашуд ва ӯ ба ман оиди илоҳиётшиносӣ лексияе хонд — оиди нуқтаи назари библиявӣ ба оила. Ин барои таассурот гузоштан ба ман ва хиҷил кардани

зану духтари худ усули хубе буд. Аммо падар, аз афташ, суханони дӯстдоштаи Ҷошро нашунида буд: «Қаллобу аҳмақонро фиреб кардан метавон, аммо кӯдакро ҳеҷ гоҳ наметавон фиреб кард».

Ҳангоме ки падар суханрониро анҷом дод, духтараш ба ӯ нигариста, бо овози пасти қариб ношунаво гуфт: «Дада, ту бояд худатро бо диққат гӯш кунӣ ва хулосаҳо барорӣ».

Духтарак ба волидон эҳтиромона муносибат мекард ва ба исёнкор монанд набуд. Аммо ӯ хеле мехост, ки дар оила ваҳдат бошад. Падар бошад садои ӯро намешунид. Нигоҳ доштани «ҳокимият» ва аз даст нададани «нуфузу эътибори волидӣ» барои ӯ муҳимтар буд. Аммо духтар мегуфт, ки ҳокимияти воқеӣ танҳо дар дасти хизматгор буда метавонад. Сарвар-хизматгор ба аъзоёни оила гӯш медиҳад, ва ҳамдигарфаҳмӣ барои ӯ аз ҳокимият муҳимтар аст. Аммо барои ҳам хизматгор, ҳам сарвар будан шахс бояд фаҳмад, ки дӯстдошта будан, тахти ҳимоя ва даркорӣ буданро ҳис кардан, меҳрубонӣ ва таҳсини волид ва Худоро эҳсос намудан чист.

Бузургтарини ҳамаи сарварон–хизматгорон бисёр вақт такрор мекард: «Касе ки гӯш дорад, бигузор шунавад». Волидони хайрхоҳ мешунаванд ва баъд амал менамоянд. Дар ниҳояти кор, танҳо ҳамин тавр барои фарзандон қаҳрамон шудан мумкин аст!

Ба схемаи саҳифаи 181 нигариста, фарқи байни сарвари фармонраво ва сарвар-хизматгори хайрхоҳро дидан мумкин аст. Дар саҳифаи 194 шумо таъсири эҳсосотии ҳар дуи онҳоро дида метавонед. Волидони шумо ба кадом навъи сарварон тааллуқ доштанд? Худи шумо кадом навъи волидон ҳастед? Чӣ гуна будан мехоҳед?

## БИЁЕД АНДЕША МЕКУНЕМ...

1. Чуноне ки аз ин боб аён аст, чор усули тарбияи фарзандон вуҷуд дорад: фармонравоӣ, иҷозатдиҳии ҳама чиз, бепарвоӣ ва робитаи тарафайн. Кадоми ин усулҳо дар оилаи шумо афзалият дорад? Кадоме аз волидон кадом усули тарбияро пайравӣ мекунад ва чаро?

2. Чӣ гуна ба фарзанд «ҳама чиз»-ро дода, дар айни замон фармонраво будан мумкин аст?

3. Чаро фарзандони волидони либералӣ аз фарзандони волидони фармонраво хушбахттар нестанд?

4. Дар як боб Дик зикр мекунад, ки баъзеҳо метавонанд хонаи хуби тамоми шароитҳояш муҳайё дошта бошанд, аммо ба фарзанд ҳеҷ диққат надиҳанд. Оё ба оилаи шумо чунин бадбахтӣ таҳдид намекунад? Бо ҳамсаратон гуфтугӯ кунед, ки барои ислоҳ намудани вазъият чӣ кор кардан даркор аст.

5. Варақеро гирифта, нависед, ки волиди ҷонибдори робитаи тарафайн бояд кадом сифатҳоро дошта бошад. Шумо кадоме аз ин сифатҳоро доред? Кадоме аз ин сифатҳо дар шумо нестанд?

6. Оё дар муносибатҳои шумо бо фарзандон принсипи натиҷаҳои табиӣ ва мантиқӣ амал мекунад? Намунаҳо биёред. Барои ба кор даровардани «принсипи натиҷаҳо» аз чизи кам сар кунед ва чун вақти амалӣ гардондани натиҷаҳои мантиқӣ фаро мерасад, ақибнишинӣ накунед.

7. Кадом се калимаро талаффуз кардан аз ҳама душвортар аст? Оё шумо бахшиш пурсида метавонед? Дигар аъзоёни оила бахшидан ва бахшиш пурсида тавонистани шуморо чӣ гуна баҳо медиҳанд?

8. Ҳангоме дафъаи оянда ба вазъияти душвор меафтед, кӯшиш кунед ба «тести магнитӣ» рӯ оваред. Саволҳои асосиро такрор кунед: «Чаро муносибатҳои мо на он қадар хубанд? Чаро ман фарзандамро тела медиҳам? Чаро фарзандам маро тела медиҳад?» Ва ниҳоят, «Барои дигаргун намудани вазъият чӣ кардан даркор аст?»

9. Акнун, ҳангоме ки шумо омӯхтани «Нақшаи волидии иборат аз шаш пункт»-ро ба анҷом расондед (хайрхоҳӣ, таҳсин, диққат, муҳаббат, «ҳисоботдиҳанда» будан ва нуфузи волидӣ), шояд фаҳмидан мехоҳед, ки ин принсипҳо дар баёни Китоби Муқаддас чӣ гуна садо медиҳанд. Оиди чор принсипи асосӣ (диққат ва муҳаббат зуҳуроти хайрхоҳӣ ва таҳсин мебошанд) дар Нома ба Эфсӯсиён гуфта шудааст.

   *Хайрхоҳӣ* аз рӯи файз меояд (Эфсӯсиён 1:1; 3:21)

   *Таҳсин* — ба воситаи панду насиҳат (4:1; 5:20)

   *Масъулиятшиносӣ* — ба воситаи итоаткорӣ (5:21; 6:9)

   *Ҳокимияти волидӣ* — аз Худо (6:10–20)

   Оятҳоеро, ки ба шумо махсусан таъсир бахшидаанд, ишора кунед.

# ФИКРҲОИ ХОТИМАВӢ

## ҚАҲРАМОН БУДАНРО ЛАҲЗАЕ БАС НАКУНЕД!

Ин китобро хонда, аз афташ, шумо борҳо фикр кардаед: «Ин ягон душворӣ надорад, ин фикри солими худододи библиявӣ аст. Ҳар як волид бояд фарзандони худро ҳамин тавр тарбия кунад».

Айнан ҳамин тавр аст.

Чуноне ки мо аллакай гуфтем, «Нақшаи волидӣ» формулаи мӯъҷизаноки муваффақиятро надорад. Шаш пункти он танҳо асбобҳои фоиданок мебошанд, ки барои дар ҷамъияти радкунандаи арзишҳои оилавӣ волидони хуб будан ёрӣ мерасонанд. Ҷамъияти мо дар одамон худпарастӣ, ҳирс ва бераҳмиро тарбия мекунад. Арзишҳои он дар суруди «Ман аз ҳама муҳим ҳастам» баён карда шудаанд, моҳияти инҷили он чунин аст — «ҳама гуна ҳақиқат нисбӣ аст».

Ҳангоме ки ману Дик ин китобро менавиштем, зарбулмасале ба ёдам омад:

*«Кас қаҳрамон зода намешавад, балки ба қаҳрамон табдил меёбад».*

Ман — волид — ба ин боварӣ дорам. Ба ғайр аз ин, ман медонам: Барои қаҳрамон шудан *вақт* даркор аст. Ҳар рӯз кас бо мушкилие рӯ ба рӯ мешавад: чӣ гуна хайрхоҳӣ, таҳсин, муҳаббат ва диққат

зоҳир намудан даркор аст? Ҳар дақиқа масъулият барои амалҳо ва боилтифот буданро дар ёд нигоҳ доштан лозим меояд. Рости гап, шабона аз ҳама душвортар мешавад, ҳангоме «об биёр» гуфта хоҳиш мекунанд ё аз шӯъбаи милиса занг мезананд. Ҳатто агар дар назари фарзандон аллакай қаҳрамон шуда бошед ҳам, мушкилот, ҳатто исёни рӯйрост, ба миён омада метавонанд. Ҳамин ки шумо волид мешавед, — хуб ё бад, — дарҳол мушкилот пайдо мешаванд.

### УМЕД БАРОИ ПАДАРОН

Ба ҳар ҳол мо умед дорем, ки шумо принсипҳои дар ин китоб тасвиршударо ба вазъияти мушаххас мутобиқ гардонда, ҳамаи мушкилотро паси сар мекунед. Шояд шумо аллакай баъзе аз онҳоро таҷриба карда дидаед ва дар оянда ба онҳо пайравӣ кардан мехоҳед. Мо умед дорем, ки падарон ақаллан баъзе қоидаҳои «Нақша»-ро истифода мебаранд, то вазъиятро дар оилаҳояшон дигаргун кунанд.

Занатон хеле хурсанд мешавад, агар чунин гӯед: «Ба ман ёрӣ деҳ, то босабртар шавам! Ба ман ёрӣ деҳ, ки амалҳои *хуби* фарзандонро дида, баҳо диҳам». Агар ман беҳад бо корҳо машғул шавам, ба ман гӯй. Ба ман ёрӣ деҳ, то ба шумоён «ҳисоботдиҳанда» шавам».

Ман ҳатто умед дорам, ки модарони ҷудошуда шавҳарони собиқи худро бо чунин суханон рӯҳбаланд карда метавонанд: «Ин китобро хон. Ҳар дуи мо дар назди фарзандон масъулияти калон дорем. Мо якҷоя зиндагӣ намекунем, аммо метавонем фарзандонамонро чун пештара дӯст дорем ва дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ кунем».

Даҳҳо садоҳо аз экрани телевизорҳо ва кинотеатрҳо, аз радио ва ҳатто аз синфхонаҳо ба кӯдакон муроҷиат намуда, ба онҳо талқин карданӣ мешаванд: «Ба калонсолон гӯш надиҳед, ба волидон аҳамият надиҳед». Ҳеҷ кас инкор намекунад, ки тарбияи фарзандон рӯз то рӯз душвортар мешавад. Ман боварӣ дорам, ки волидон бояд якдигарро дастгирӣ кунанд ва муттаҳид бошанд. Бо дигар модарон ва падарон дар ҷои кор ва дар калисо гуфтугӯ кунед. Фаҳмида гиред, ки онҳо чӣ кор мекунанд, бо кадом мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва чӣ гуна онҳоро ҳал мекунанд. Волидонеро, ки ба фикратон, вазифаҳои худро бо муваффақият ба ҷо меоваранд, мушоҳида кунед. Ба онҳо саволҳо диҳед, ба ҷавобҳои онҳо аҳамият диҳед.

Агар ҷустуҷӯ кунед, ёриро меёбед. Шумо оиди тарбияи фарзандон (мувофиқи синну солашон) бисёр чизҳои фоиданок меёбед. Онҳо хоҳ қадами аввалин гузоранд, хоҳ наврас шуда бошанд — ба ҳамаи онҳо ғамхории волидон даркор аст. Ба онҳо хайрхоҳӣ, таҳсин ва ҳама чизи дигар даркор мебошанд.

**МИСТЕР МОДАР БА МУҲОРИБА ОМОДА МЕГАРДАД**

Ба ҳар ҷое ки равам, ба волидон мегӯям, ки вазифаи дар пеши онҳо истода то чӣ андоза муҳим аст, ва мефаҳмонам, ки онҳо аз ӯҳдаи ҳамаи мушкилот баромада метавонанд. Аммо якчанд моҳ пеш ба худи ман ёдрас намуданд, ки волид будан чӣ қадар душвор аст, хусусан модар будан.

Ман қарор додам, ки ба Доттӣ дар рӯзи таваллудаш тӯҳфаи ғайриоддӣ кунам: то даме ки ӯ дар Флорида меҳмони волидон, бародар ва хоҳари худ мешавад, ман ба муддати даҳ рӯз мистер модар шуданро ба ӯҳда гирифтам. Ин фикр ба Доттӣ маъқул шуд, вай хеле мехост ба дидорбинии наздикони худ равад ва ба истироҳат эҳтиёҷ дошт.

Мо қарор додем, ки духтари сесолаамон Ҳэзэр ҳамроҳи ӯ ба Флорида меравад ва онҳо чиптаҳои имтиёзнокеро, ки бояд ба ман барои «соатҳои зиёди парвоз» дода мешуданд, истифода мебаранд. Дар натиҷа ман бо Келлии 15-сола, Шони 13-сола ва Кэтии 9-сола дар «хонаи чархдор», ки ҳашт моҳи охир дар он мезистем, мондам. Мо хонаи худро фурӯхтем ва то даме ки оиди сохтан ё харидани хонаи нав фикр мекардем, — ба хона-фургоне кӯчидем, ки онро бо баъзе истисноҳо бароҳат номидан мумкин буд.

«Ба ҳар ҳол, ману Ҳэзэр ба шумо ҷой холӣ мекунем», гуфт Доттӣ.

«Умедворам, ки хонаро дар тартиб нигоҳ дошта метавонам, — оҳ кашидам ман, — Ман бояд китобро ба анҷом расонам, аммо азбаски бо кӯдакон ва хоҷагӣ бисёр машғул шудан лозим меояд, шояд ягон чизро фаромӯш кунам».

«Ту аз ӯҳдааш мебароӣ», — маро бовар кунонд Доттӣ. — Агар ҳангоми бозгаштанам андаке бетартибӣ бошад, ҳеҷ гап не. Ман хеле мехоҳам ба дидорбинии наздикони худ равам!»

Ман аз он хавотир будам, ки оё аз ӯҳдаи вазифаи мистер модар баромада метавонам ё не, аммо ман хеле мехостам, ки Доттӣ истироҳат кунад. Ба ғайр аз ин, ман ба фарзандон ёдрас карданӣ будам, ки модари онҳоро хеле дӯст медорам. Ман мехостам, то фарзандон бубинанд, ки ман фармудаи Китоби Муқаддасро: «Эй шавҳарон, занони худро дӯст доред ва ба онҳо сахтгир набошед» (Қӯл. 3:19) дар амал татбиқ менамоям. Бо Доттӣ масъалаи сафарро ҳал карда, ман бо ҳар яки фарзандони калонӣ гуфтугӯ кардам ва фаҳмондам, ки чаро Доттӣ ба Флорида сафар мекунад.

«Ман модари туро хеле дӯст медорам. Мо ӯро пазмон мешавем, аммо ӯ бояд андаке истироҳат кунад. Ӯ бояд истироҳат кунад ва бо наздикони худ бошад. Барои ба ӯ нишон додани муҳаббати худ

ман қарор додам, ки якчанд рӯз мистер модар шавам. Ман ӯро фиристодан мехоҳам, аммо барои ин ба ман ёрии шумоён даркор мешавад».

Келлӣ, Шон ва Кэтӣ тантананок сар ҷунбонда, ваъда доданд, ки бо тамоми қуввати худ ба ман ёрӣ диҳанд. Ҳангоме ки ман «рӯйхати корҳои хона»-ро, ки Доттӣ тайёр карда буд, дидам, хурсанд шудам, ки ёрдамчиёнро ба кор ҷалб намудаам.

#### МИСТЕР МОДАР ДАСТУРҲОРО ИҶРО МЕКУНАД

«Ман одатан ҳама чизро дар майнаам нигоҳ медорам, — дар роҳ ба сӯи фурудгоҳ якчанд варақро ба ман дода, гуфт Доттӣ. — Аммо дар аввал ту ба ин рӯйхат нигариста кор кун».

Пункти аввал соати 6.30 аз хоб хестан ва тайёрӣ ба мактабравӣ буд.*«Ин душвор нест,* — фикр кардам ман. — *Ман ҳамеша соати 2.30 аз хоб мехезам ва китобро менависам»*.

Баъд — аз ин ҳам зиёдтар. Масалан, наҳорӣ барои мактаб: ним сандвич, як мева, як конфет барои духтарон... сандвичи пурра, ду мева, ва ду конфет барои Шон... ба ғайр аз ин, нӯшокиҳо...

«Наҳориҳои онҳоро пешакӣ бегоҳ тайёр карда мемонам», — фикр кардам ман ва давомашро хондам — ҳангоми дар мактаб будани фарзандон чӣ кардан лозим аст. Онҳо дар мактабҳои гуногун таҳсил мекарданд, ва дарсҳои ҳар кадоми онҳо дар вақти худ сар мешуданд, аммо ман қарор додам, ки баъди наҳорӣ мо ҳисоб карда мебароем. Бо наҳорӣ чӣ кунем? Мистер модар на он қадар хуб хӯрок тайёр карда метавонад, бинобар ин бо ҷувории бирён маҳдуд мешавем ё ба Макдоналдс меравем. Да натиҷа пагоҳиҳо мо дар ягон ошхона наҳорӣ мекардем.

Баъд аз он ки фарзандон ба мактабҳои худ мерафтанд, ман навиштани китобро давом медодам Баъд вақти аз мактаб овардани онҳо фаро мерасид. Бо Кэтӣ осон буд: вай бо варзиш машғул намешуд, маҳфили дӯзандагии вай рӯзҳои чоршанбе буд. Бо Келлӣ ва Шон душвортар буд. Онҳо аъзоёни дастаи баскетбол буданд ва ҳар рӯз баъди дарсҳо машқ мекарданд. Шон амалан дар ду даста бозӣ мекард ва мебоист барои дар ду ҷой машқ кардан фурсат меёфт.

Ба ғайр машқҳо вохӯриҳои варзишӣ низ буданд. Он қадаре ки ман дар дар ёд дорам, Шон се бор бозӣ мекард, Келлӣ бошад — на камтар аз ду бор. Бисёрии бозиҳо дар Ҷулиан баргузор мешуданд, аммо як бозӣ — бо иштироки Шон — дар Рамон. Мо ба ҳар як бозӣ мерафтем, ва ман ҳамаи роҳҳои кӯҳиро хуб дониста гирифтам.

Ин сӯ-он сӯ мошин ронда, фарзандон ва дӯстони онҳоро кашонда, *ман фаҳмидам, ки чаро Доттӣ гоҳо худро таксист меномид.* Ман наклейкаеро дар бампери мошин ба ёд овардам: «Агар ҷои модар хона бошад, чаро ӯ дар мошин нишастааст?»

Баъд вақти хӯроки нисфирӯзӣ фаро мерасид. Ёдрас мекунам, ки мистер модар хӯрок пухта наметавонад, бинобар ин ҳар дафъа ман интихоб мекардам — оё Келлӣ ва Шонро ба тайёр кардани хӯрок шарик кунам ё ба кафе равем. Якчанд бор мо дар кафе хӯрок хӯрдем. Боре фарзандон спагеттӣ пухтанд (хеле хуб буд), аммо бештар бегоҳиҳо мо дар тафдон хӯрокҳои нимтайёрро гарм мекардем (ин ҳам хеле бомаза буд). Баъди хӯрокхӯрӣ ман бо корҳои хона машғул мешудам ё фарзандони калонсолро ба калисо ба ҷамъомадҳои «Ҷавонони зиндадил» мебурдам. Шон рӯзҳои сешанбе ба ҷамъомадҳо мерафт, Келлӣ — рӯзҳои чоршанбе, мистер модар бошад нақши ронандаи шахсиро мебозид. Хушбахтона, калисо дур набуд.

Пеш аз хоб рафтан мушкилоти нав сар мешуданд. Ҳар яке вақти хобравии худро дошт. Келлӣ, «бум»-и мо аз ҳама дертар хоб мерафт. Дар натиҷа пагоҳиҳо ӯ бисёр вақт мекалавид. Шон, «сӯфитурғай»-и мо, қариб ҳамеша барвақт хоб мерафт ва хуб бедор мешуд. Кэтӣ на «бум» ва на «сӯфитурғай» буд. Вай ҳам ин тавр ва ҳам он тавр хоб мерафт, вобаста ба он ки рӯз чӣ тавр гузашт.

Мистер модар чӣ? Аз боиси он ки мӯҳлати супурдани китоб гузашт ва ман соати 2.30 аз хоб мехестам, ман тайёр будам баробари садои хурӯс хоб равам. Аммо пеш аз он ман мебоист ба фарзандон барои мактаб наҳорӣ печонда медодам ва пӯшок тайёр мекардам. Пештар ман гумон мекардам, ки кӯдакон либосҳояшонро ҳар тавре ки рост ояд, мепӯшанд. Аммо ман даҳ рӯз нақши мистер модарро иҷро намуда, ақидаи худро дар ин бора дигар кардам. Маълум шуд, ки либосҳо бояд ба ҳам мувофиқ бошанд — аз ҷиҳати услуб ва ранг.

Ман мебоист назорат мекардам, ки либос камӣ накунад, бинобар ин бо либосшӯӣ машғул шудан лозим меомад. Дар ин давра ман *якчанд бор* ҷомашӯӣ кардам. Хокаи ҷомашӯиро ба мошини либосшӯӣ андохта, ман ҳайрон мешудам, ки як оила дар чунин муддати кӯтоҳ ин қадар хокаи ҷомашӯиро сарф карда метавонад, хусусан агар ба назар гирем, ки ду нафар аъзоёни оила набуданд!

Ҳангоме ки нисфи мӯҳлат гузашт, ман ногоҳ фаҳмидам, ки Ҳэзэрро бурда, Доттӣ кори оқилона кардааст.

«Агар боз кӯдаки сесола бо ман мебуд, ман аз ақл бегона мешудам!» — андеша мекардам ман. Ҳатто фикр кардан даҳшатовар аст!

## АЗ КОРҲОИ ҲАРРӮЗА БА БӮҲРОН

Як ҳафта гузашт, ва ба киштии «Мистер модар» об медаромадагӣ шуд. Боре бегоҳӣ ман наҳориҳоро зуд ҷамъ карда, ба сумкаҳо андохтам ва худро бо рекорди нави ҷаҳонӣ табрик кардам. Аммо пагоҳӣ, ҳангоме ки духтарон сумкаҳои худро аз назар мегузаронданд, ман шунидам: «Сандвичи ман канӣ?»

Баъд Шон ба сумкаи худ нигариста, нидо кард: «Эҳе, чӣ қадар хӯроки бисёр!» Маълум шуд, ки ман ҳамаи сандвичҳоро ба сумкаи Шон андохтаам.

Баъди якчанд рӯз фарзандон чунин мегуфтагӣ шуданд: «Мон, дада, ман худам хӯрокамро мепечонам». Ман намедонистам, ки инро чӣ хел қабул кунам. Ин чист — хоҳиши ёрӣ расондан ё норозигии ошкоро? Ман гумон мекардам, ки аз ӯҳдаи тайёр кардани сандвичҳо хуб мебароям, аммо шумо шунидаед-ку: «Қаллобу аҳмақонро фиреб додан метавон, аммо кӯдакро фиреб кардан ғайриимкон аст!» Аз он вақт онҳо сандвичҳояшонро худашон тайёр мекардагӣ шуданд. Ва ҳама қаноатманд буданд, ман низ.

Ман на танҳо кори хастакунандаеро ба ҷо меовардам, ки Доттӣ ҳангоми дар сафар буданам ба ҷо меовард, балки бӯҳронро низ аз сар гузарондам. Ҳангоме ки ман мистер модар будам, Шон мебоист ба намоишгоҳи ҳарсолаи илмӣ тайёрӣ медид.

Шон рӯйхати маводу таҷҳизотеро, ки барои иштироки ӯ дар намоишгоҳ даркор буданд, ба ман дод. Бисёрии ин чизҳоро танҳо аз Сан-Диего харидан мумкин буд (70 мил аз хонаи мо). Танҳо як роҳ буд. Ман бо муаллим маслиҳат кардам ва рӯзи сешанбе ба Шон иҷозат доданд, ки ба мактаб наравад. Мо ба Сан-Диего омадем, ҳама чизро харидем ва дар вақташ ба хона баргаштем.

Аммо ин ҳанӯз ҳамаи кор набуд. Шон мебоист маърӯза ва натиҷаҳои таҷрибаҳоро чоп мекард. Иқрор мешавам: ман ин корро ба котибаи худ вогузор намудам. Вақти ман кам буд, чунки мӯҳлати супоридани китоб наздик меомад ва бисёр кор кардан лозим буд.

Ба ҳар ҳол мо аз ӯҳдаи вазифа баромадем, ва ман оҳи сабук кашидам. Намоишгоҳи илмӣ мебоист як рӯз баъд аз омадани Доттӣ баргузор мегардид, ва ӯ ба он рафтанӣ буд. Доттӣ Шонро ба намоишгоҳҳои илмӣ бо муваффақият тайёр карда метавонист, аммо барои ман тайёрӣ азоби ҳақиқӣ буд. Мистер модар тадриҷан мефаҳмид, ки қаҳрамон будан чист.

## БА МАРРА РАСИДАНИ МИСТЕР МОДАР

Мӯҳлати омадани Доттӣ наздик мешуд. Ҳам хуб буд, ҳам бад. Хуб он буд, ки занам бармегардад, ва мистер модар аз корҳои хона озод мегардад. Бад — ҳамаи он чи дар хона дар атрофи ман буд. Ман бо фарзандон дар ҳама ҷо давутоз доштам ва дар айни замон кӯшиш мекардам, ки бо китоб машғул шавам. Дар натиҷа ман хонаро ба ҳоли худ гузоштам: чунин метобид, ки гирдбоде аз ҳуҷраҳо гузаштааст.

Ман вақт надоштам. Ба тақвим нигариста, дидам, ки дастнависро бояд рӯзи ҷумъа супорам, рӯзҳои истироҳатро бошад бо фарзандон ва дӯстони онҳо дар соҳили баҳр гузаронам. Мо ин сайру гаштро як моҳ пеш ба нақша гирифта, ба ҳар як фарзанд иҷозат дода будем, ки як ё ду дӯсташонро бо худ гиранд.

Ман ҳамеша кӯшиш мекунам, ки барои фарзандон ва дӯстони онҳо қаҳрамон бошам, аммо ин дафъа як чиз аниқ буд: ман барои қаҳрамонӣ вақти номувофиқро интихоб кардаам. Мо мебоист бегоҳии ҷумъа рафта, рӯзи якшанбе бармегаштем. Доттӣ бегоҳии якшанбе бармегашт. Чӣ тавр то омадани ӯ хонаро ба тартиб оварам?

Рӯзи панҷшанбе пагоҳии барвақт ман фарзандонро ба машварат даъват намудам: «Дӯстон, мушкилие ба миён омад. Хона дар ҳолати бесарусомонӣ аст, модар бошад рӯзи якшанбе бармегардад. Ман бояд бо китоб машғул шавам, шумо — бояд ба мактаб равед, бегоҳии ҷумъа бошад мо бо дӯстони шумо ба саёҳат меравем. Чӣ гуна аз ин вазъият берун оем?»

Се ҷуфт чашмон гуфтанд, ки саёҳат ба баҳрро мавқуф гузоштан номумкин аст.

«Хеле хуб. Аммо мо наметавонем роҳ диҳем, ки модар баргашта, ин бесарусомониро бинад. Ман модари шумоёнро хеле дӯст медорам ва чунин меҳисобам, ки ба тартиб овардани хона кори асосӣ аст. Оё шумо дӯстоне доред, ки модаронашон бо рӯбучини хона машғул мешаванд? Боварӣ дорам, ки агар модар хонаи топ-тозаро бинад, хеле хурсанд мешавад».

Фарзандон ягон гапи аниқ нагуфтанд, ва ман онҳоро ба мактаб бурдам ва баъд аз пайи телефонкунӣ шудам. Ниҳоят касе аз калисо ба ман маслиҳат дод занеро даъват кунам, ки ба наздикӣ ба шаҳри мо кӯчида омада буд. Вай бо кори хона машғул мешуд ва ин корро хеле хуб мекард. Ман ба вай телефон карда, мушкилии худро баён намудам.

«Аз афташ, дурӯза кор аст, — гуфт вай. — Барои воситаҳои шустагарӣ боз 35 доллари дигар доданатон лозим меояд».

«Хонум, ман ҳатто чӣ хариданамро намедонам, — ҷавоб додам ман. — ҳама чизи даркориро харед, ман шуморо пагоҳӣ интизор мешавам».

Зан пагоҳии ҷумъа омад, ва ман ба ӯ хонаро нишон додам. Вай бе он ки аз ҳолати хона норозигӣ баён кунад, ба кор сар кард, ман бошам ба офиси худ рафтам, то ки бо китоби худ машғул шавам.

Бегоҳии ҷумъа ман дастнависи худро ба анҷом расонда, ба хона баргаштам ва дидам, ки зан хеле корҳоро ба сомон расондааст. Акнун ман фарши хона ва мебелро, ки пеш аз боиси ифлосӣ ва лашу луши ба он партофташуда намоён набуданд, дида метавонистам. Ман калиди хонаро ба зан додам ва фарзандонро бо худ гирифта, сӯи баҳр роҳ пеш гирифтам.

Рӯзи якшанбе ҳангоми баргаштан мо сари роҳ ба хонаи фаррошзан даромадем, то фаҳмем, ки чанд пул додан даркор аст. Мо пешакӣ наху наво накарда будем, ва ман тамоман намедонистам, ки рӯбучини хона чанд пул арзиш дорад. Ман аз ҷавоби ӯ ҳайрон шудам.

«Аз рӯзи ҷумъа то шанбе ман 22 соатро дар хонаи шумо гузарондам, — гуфт вай. –Ҳамроҳи воситаҳои шустагарӣ ин 250 доллар мешавад».

Ман оби даҳонамро фурӯ бурда, китобчаи чекро баровардам ва оиди он фикр кардам, ки Доттӣ соатҳои зиёдро бо таҳрири дастнависҳои китобҳои ман мегузаронад, ва ин имконияти хубест, то нишон диҳам, ки меҳнати ӯро то чӣ андоза баланд қадр мекунам.

Мо ба роҳ даромадем, ва фарзандон пай бурданд, ки ман ба хона барнагашта, онҳоро ба хонаи Дик ва Шарлотта Дей бурда истодаам.

«Чаро мо ба он ҷо меравем?» — пурсиданд онҳо.

«Чунки то вақти бозгаштани модар шумо дар он ҷо мемонед. Намехоҳам, ки шумоён хонаро чаппаву роста кунед».

«Дада, мо хеле эҳтиёт мешавем. Дар хонаи қабули меҳмонон мешинем ва шояд як-ду бор ба ҳоҷатхона медароем».

Ман ба ларза даромадам. «Ҳатто фикр ҳам накунед! То омадани модар дар хонаи Дейҳо мемонед».

Ман аллакай ба Шарлотта телефон карда, аз ӯ хоҳиш кардам, ки баъди нисфирӯзӣ кӯдаконро ба хонааш гирад. Маълум шуд, ки ӯ кор доштааст: ӯ хонаро ба қабули меҳмонон тайёр мекардааст. Пагоҳии душанбе дар хонаи ӯ ҷамъомади калон мешудааст. Аммо, чун ҳарвақта, Дик ва Шарлотта мушкилоти маро дарк карда, ба ёрӣ додан розӣ шуданд.

Ман фарзандонро фаровардам, ба Дик ва Шарлотта изҳори миннатдорӣ намудам ва барои пешвоз гирифтани Доттӣ ва Ҳэзэр ба фурудгоҳ равона шудам. Ман хеле хурсанд будам! Дар роҳ ба сӯи хона Доттӣ оиди сафар нақл кард ва гуфт, ки дар меҳмонии хешовандон вақтро хуб гузарондааст.

Баъд ӯ оҳиста илова намуд: «Гӯш кун, Ҷош. Ман медонам: аз афташ, хона андаке бетартиб аст, аммо парво накун. Ман рафтори туро қадр мекунам — дар меҳмонии наздикон будан хеле хуб аст! Агар хонаро рӯбучин кардан даркор бошад, ман худи ҳозир сар мекунам».

Ман қарор додам, ки ҳазл кунам ва то ҳадди имкон самимона гуфтам: «Доттӣ, азизам, хона на он қадар тоза аст. Ман кӯшиш кардам, аммо аз дастам наомад».

«Парво накун, Ҷош, — маро бовар мекунонд ӯ, — Рӯбучин вақти зиёдеро намегирад».

Доттӣ некбин буд, аммо дертар иқрор шуд: ӯ умедвор набуд, ки хонаро дарҳол ба тартиб оварда метавониста бошад. Шавҳар-нависанда, ду наврас ва духтараки 9-сола хона-фургонро ба чӣ табдил дода метавонистанд? Инро танҳо Худованд медонист, ӯ бошад танҳо пай бурда метавонист.

Мо ба хона расидем. Доттӣ ба хона даромада, дид, ки ҳама ҷо аз тозагӣ медурахшад. Сӣ сонияи аввали хурсандии ӯ ба 250 долларе ки ман ба фаррошзан дода будам, меарзид. Ман аллакай оиди китоби нави худ «Чӣ гуна барои зани худ қаҳрамон бояд шуд» фикр кардам.

Ногоҳ Доттӣ гуфт: «Фарзандон канӣ?»

«Дар хонаи Дик ва Шарлотта, — гуфтам ман бо лабханд. — Ман намехостам, ки онҳо хонаро пеш аз омадани ту чаппаву роста кунанд».

Мо ба хонаи Дик равона шудем ва фарзандонро гирифта, ба хона баргаштем. Ҳангоме Келлии 15-сола, ки корҳои хоҷагиро на он қадар дӯст медорад, ҳуҷраҳои топ-тозаро дид, бо нидои худ ба ин қисса нуқта гузошт: «Оҳо, дадаҷон! Кори модарам омад кардааст, ки чун ту шавҳаре дорад!»

Таърифи Келлӣ маро хурсанд кард: ба кас маъқул аст, ҳангоме ӯро қаҳрамон меҳисобанд. Аммо пеш аз ҳама ман аз он шод будам, ки Келлӣ чизи асосиро фаҳмид. Ман на барои он ба рӯбучини хона ин қадар пул сарф кардам, ки аз хашми Доттӣ метарсам. Ман барои он оиди тозагии хона ғамхорӣ намудам, ки занамро дӯст медорам ва ӯро хурсанд кардан мехоҳам. Ана ҳамин тавр ман муносибатҳоямро бо фарзандон мустаҳкам намудам.

Баъд ман ба Келлӣ гуфтам: «Барои суханҳое ки оиди шавҳари хуби модарат будани ман гуфтӣ, хеле миннатдорам. Аммо ту бояд донӣ: маҳз кори ман омад кардааст, ки чунин зан ва чунин фарзандон дорам».

### МИСТЕР МОДАР ОИДИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ БИСЁР ЧИЗҲОРО ФАҲМИД

Чунин аст қиссаи мистер модар будани ман. Он ба дараҷаи сериал намерасад, аммо барои ман саргузашти ҳақиқист. Ман фаҳмидам, ки Доттӣ бо кадом душвориҳо рӯ ба рӯ мешавад. Ман пештар инро намефаҳмидам. Ман дар таҷрибаи худ донистам, ки ҳаёти ӯ то чӣ андоза давутоз ва мураккабиҳои зиёд дорад.

Аммо ба ҳар ҳол, бо вуҷуди бесарусомонӣ дар тартиби рӯз ва наҳориҳо, ман бо фарзандон 10 рӯзи хеле хубро гузарондам. Ҳангоме ки ман мистер модар будам, муносибатҳои мо ба сатҳи сифатан нав гузаштанд ва ман суханони зеринро ба таври нав дарк кардам: «Қоидаҳо бе ҳамдигарфаҳмӣ боиси исён мегарданд».

Ҳангоме ки масъалаҳои маишӣ, мушкилоти мактабиро якҷоя ҳал мекунед, хубтар мефаҳмед, ки қоидаҳо барои чӣ даркоранд, ва муносибатҳои мӯътадил дар хона то чӣ андоза муҳиманд.

> Дар Китоби Масалҳои Сулаймон гуфта шудааст: «Эй писарам! Ҳукми падаратро риоя намо, ва таълими модаратро рад накун; онҳоро бар дили худ ба таври доимӣ бибанд, ва бар гардани худ онҳоро овезон бикун. Вақте ки роҳ равӣ, ба ту роҳнамоӣ хоҳад кард; вақте ки хоб равӣ, туро нигаҳбонӣ хоҳад кард; вақте ки бедор шавӣ, бо ту мусоҳиба хоҳад кард, зеро ки ҳукм чароғ аст, ва таълим нур аст, ва насоеҳи адабомӯз роҳи ҳаёт аст» (Мас. 6:20–23).

Маслиҳати хуб. Сулаймон мефаҳмид, ки қоидаҳо заруранд. Ӯ мефаҳмид, ки фарзандон бояд ба гуфтаҳои волидон гӯш диҳанд. Бадбахтона, худи ӯ дар муносибатҳо бо одамон сари калобаашро гум кард ва барои ин лозим омад, ки нархи гароне пардозад. Аз афташ, Сулаймон ниятҳои нек дошт: Китоби Масалҳо аз ин шаҳодат медиҳад. Аммо ниятҳои нек танҳо ҳамон вақт амалӣ мегарданд, ки барои он саъю кӯшиш намоед.

Дар ёд нигоҳ доред: на рафтори қаҳрамонона, балки корҳои хурди ҳаррӯза аҳамият доранд. Ва ҳеҷ гоҳ таслим нашавед! Ҳамаи он чи мекунед, ягон вақт самар меоварад. Барои қаҳрамон шудан ягон дақиқа ба сустӣ роҳ надиҳед!

# Илова

## ЛАВОЗИМОТИ ҚАҲРАМОН

***(Маслиҳатҳои иловагӣ: машғулиятҳои дӯстдоштаи кӯдакон)***

Дар зер номгӯи машғулиятҳои бофта баровавда ва идеяҳое оварда шудаанд, ки мо дар муошират бо фарзандон истифода бурдаем ва мебарем.

---

Якшанбеи иди Песаҳ мо ба Лагуна-Бич рафта будем, ки он ҷо аз рег қалъаҳо сохтем. Аммо на танҳо қалъаҳои қадимӣ. Пеш аз сар кардани сохтмон мо аз Китоби Муқаддас оиди Ҳафтаи азобҳои Масеҳ хондем. Онро мо мувофиқи нақшҳо хондем, сипас аз рег тамоми саҳнаи Ҳафтаи азобҳоро сохтем — салиб, қабр, санг. Мо ҳатто аз чӯбҳои бо обсабзҳои баҳрӣ басташуда «бадан»-и Масеҳро сохтем. Аз рег Ҷолҷолторо бо се салиб сохтем. Нисбатан ба ҳақиқат монанд баромад, агар ба назар гирем, ки мо танҳо рег, чӯбҳо ва обсабзҳои баҳриро дар ихтиёр доштем.

Фарзандон ин сафарро муддати зиёд дар ёд доштанд, ва баъди як-ду сол мо ин бозиро такрор кардем. Мо на танҳо вақтро хуб гузарондем, балки имконият ёфтем ба фарзандон яке аз ҷойҳои муҳимтарини Китоби Муқаддасро таълим диҳем. Ҳангоме ки Ҳэзэр калонтар шуда, қиссаи Песаҳро то охир фаҳмида метавонад, мо ин бозиро бори дигар такрор мекунем.

---

Боре ман аз хона баромадам ва пурбине харида, ба фарзандон гуфтам: «Биёед ба пляж меравем».

Ин ба он монанд буд, ки ман «Биёед ба Диснейленд равем» ё ягон чизи ба ин монанд гӯям: кӯдакон харчангҳои баҳрӣ ва дигар ҷонваронеро, ки дар соҳили баҳр сукунат доранд, дӯст медоранд. Мо ҳақиқатан бисёр харчангҳои баҳрӣ, гамбускҳо ва дигар ҷонварони аҷибро пайдо намудем.

Мо яку ним соат гап мезадем, ҳар гуна масъалаҳоро муҳокима менамудем. Дар айни ҳол ман метавонистам оиди офаридаҳои Худо нақл кунам, нишон диҳам, ки ҳар як махлуқи зинда аз кадом ҷиҳат нотакрор аст. Сипас ман ба фарзандон гуфтам: «Писарам, ту бемонанд ҳастӣ. Шумо, духтарони ман, ҳамчунин нотакрор ҳастед. Ҳар яки шуморо Худо аз ҳам фарққунанда офаридааст».

Ҳангоми сӯҳбат мо ҷонваронро дар зери пурбине ки аз дӯкони маҳаллӣ харида будем, аз назар мегузарондем. Як гамбускро мо он қадар зиёд аз назар гузарондем, ки аз афташ, он бирён шуд. Аммо умуман мо вақтро хуб гузарондем. Ин сайру гашт низ дар хотири фарзандон мемонад.

---

Дар боби 12-ум ман якчанд саволҳо пешниҳод кардам, ки бо ёрии онҳо фарзандонро ба гуфтугӯ ҷалб намудан, фикрҳои онҳоро фаҳмидан мумкин аст. Инак боз якчанд намунаҳо: «Кай ту бештар хушҳол будӣ? Кай худро ноҳинҷор ҳис кардӣ? Кай ту бештар аз ҳама гиря кардӣ? Кай ту аз ҳама зиёд дар зиндагии худ хаста шудӣ? Ин дар куҷо буд?»

Боз ду саволи хуб: «Кай ту ба Худо наздикии бештарро ҳис кардӣ? Кай ту худро аз Худо дуртар аз ҳама ҳис мекунӣ?»

Ва инак саволи шавқовар: «Агар ту имрӯз Исоро ба меҳмонӣ даъват мекардӣ, чӣ мепӯшидӣ?» Ҳангоме ки ман бори аввал ин саволро додам, мо дар сари миз нишаста хӯрок мехӯрдем. Ҳама шавқ пайдо намуданд, ва ҳар яке гуфт, ки чӣ мепӯшад. Сипас мо оиди он гап задем, ки меҳмонро бо кадом хӯрокҳо зиёфат мекунем. Шунидан шавқовар буд, ки чӣ тавр кӯдакон хӯрокҳои дӯстдоштаи худро номбар мекунанд. Баъд аз ин ман пурсидам, ки онҳо боз киро барои бо Наҷотдиҳанда хӯрок хӯрдан даъват мекунанд. Ҳар кас дӯсти беимони худро номбар кард, чунки боварӣ дошт: ин дӯст «ба суханони Исо гӯш меандозад».

Дигар машғулияте ки ману Доттӣ ба фарзандон пешниҳод мекардем, аз он иборат буд, ки зарбулмасалро анҷом диҳанд. Масалан:

«Айби худро ба гардани...», «Барои дигарон чоҳ накан, чунки худат ба он....», «Ҷомаи бомаслиҳат ...».

Ҳангоми аз спектакли калисоӣ ба хона баргаштан ба фарзандон чунин савол диҳед: «Кадом саҳна ё кадом артист ҳолати ботинии шуморо беҳтар аз ҳама инъикос намуд ва чаро?» Баъди тамошои ярмаркаи маҳаллӣ чунин пурсида метавонед: «Кадом ҷонвар ё кадом экспонат беш аз ҳама ба шумо монанд аст ва чаро?»

Ана боз намунаи хуб: «Агар ман ба ҷои дилхоҳи ҷаҳон рафта метавонистам, ... интихоб мекардам», ва бигузор онҳо ҷумларо ба анҷом расонанд. Бисёр намунаҳоро бо интихоби анҷомҳо пешниҳод намудан мумкин аст: «Агар ман миллион доллар медоштам, ...», «Агар ман чӯбчаи сеҳрнок медоштам, хоҳиш мекардам, ки... », «Агар мукофоти нобелӣ мегирифтам, ман...»

Гоҳо дар роҳ ба сӯи мактаб ман мегӯям: «Имрӯз ҳангоми хӯроки шом се воқеаи хурсандибахшро номбар кунед». Ё: «Се касро номбар кунед, ки имрӯз ба онҳо «ташаккур» гуфтед, ва гӯед, ки барои чӣ». Мо гоҳ-гоҳ чунин бозӣ мекунем. Ҳэзэр, фарзанди хурдии мо, як воқеа ё як шахсро номбар мекунад, Келлӣ бошад — чор панҷто. Дар ману Доттӣ одатан ду-се мавриди «ташаккур» гуфтанамонро номбар мекунем.

---

Фарзандон ба ман ёд доданд, ки дар мошин нишаста ва ба оинаи назди ронанда нигариста, бисёр чизҳоро фаҳмидан мумкин аст. Боре ман аз роҳ ба хона занг задам. Доттӣ гуфт, ки рӯзи дигар Шон бояд экспонати худро ба намоишгоҳи илмӣ барад.

«Шояд ман кӯдаконро ба намоишгоҳ барам?» — пурсидам ман аз Доттӣ.

Ба фикрам, онҳо ронанда доранд, аммо намедонам...»

Бо Доттӣ гап зада, ман ба муаллимаи Шон телефон кардам ва пурсидам, ки оё мумкин аст ман кӯдаконро бо микроавтобус ба намоишгоҳ барам. Маълум шуд, ки онҳо ронанда надоштаанд, ва ӯ аз пешниҳоди ман хеле хурсанд шуд. Рӯзи дигар шабона ман аз сафар ба хона баргаштам. Ман хеле хаста шуда будам, аммо бояд ба ваъда вафо мекардам. Шонро аз хоб бедор карда оиди нақшаҳои ӯ барои пагоҳ пурсидам.

«Экспонатҳоро ба намоишгоҳи илмӣ бурдан даркор аст», — гуфт ӯ бо овози хоболуд.

«Мехоҳӣ ман мошинро ронам?» — пурсидам ман аз писарам, ва фикр кардам, ки аз куҷо қувват пайдо кунам, то пагоҳии барвақт хеста, кӯдаконро ба Сан-Диего барам.

«Ту розӣ ҳастӣ, дада?»

«Ман аллакай бо муаллимаи ту маслиҳат кардам», — ҷавоб додам ман бо табассум. «Хеле хуб! Оё сумка-яхдонро бо яхмосҳо ҳамроҳи худ мегирӣ?»

«Мебинем». — чашмак задам ман.

Пагоҳии рӯзи дигар ман ҳамроҳи Шон ва панҷ нафар бачаҳои дигар дар назди автобус бо бори гаронбаҳое будам, ки маро дар назари онҳо қаҳрамон гардонд. Ин сумка-яхдон бо шоколад, яхмос ва дигар шириниҳо буд. «Нигоҳ кунед, — ба бачаҳо муроҷиат карда, нидо кард Шон, — падарам барои мо чиҳо харидааст! Хеле хуб! Ту беҳтарин падар дар ҷаҳон ҳастӣ!»

Баъзе модарон хоҳанд гуфт, ки ба кӯдакон бисёр ширинӣ додан даркор нест, аммо ман худро сафед мекунам. Одатан ман бо худ ин қадар ширинӣ намегирам. Аммо ин дафъа, ҳангоме ки бачаҳо дар ақиб нишаста, шириниҳоро мехӯрданд, ман вазифаи худро иҷро мекардам — онҳоро ба воситаи оинаи назди ронанда мушоҳида менамудам ва гуфтугӯи онҳоро гӯш мекардам. Бароям шавқовар буд, ки чӣ гуна Шон бо кӯдакони дигар муошират мекунад, онҳо чӣ тавр бо ҳам муросо мекунанд ва дар бораи чиҳо гап мезананд.

Оё Шон ҳавобаланд нест? Оё ӯ беҷуръат аст? Оё бо дӯстон ошкорбаён аст?

Ҳангоме ки ман кӯдаконро бо мошин мебарам, дар бораи онҳо чизҳои зиёдеро мефаҳмам. Боре ман Келлӣ ва дӯстонашро ба бозӣ бо иштироки «Лейкерс» бурдам. Дар бозгашт мо барои хӯрдани яхмос бо меваҳо бозистдем. Ҳатто ҳангоме ки бо як кӯдак гап мезанам, ман ба гуфтугӯи дигарон гӯш меандозам. Ман ҳама чизро таҳлил мекунам — ҳам чизи хуб ва ҳам бадро.

Ҳангоми яке аз сафарҳо ман шунидам, ки яке аз дӯстон ба Шон мегуфт: «Ҳеҷ гап не, ба ӯ гӯй, ки ҳамаашро ба ҷо овардӣ». Ман дарҳол фаҳмидам: дӯсташ Шонро иғво меандохт, то оиди кадом як супорише ки ӯ аз афташ иҷро накардааст, дурӯғ гӯяд. Ҳангоме ки мо барои бензин андохтан бозистодем, ман бачаро ба каноре бурда, бо хушмуомилагӣ, аммо қатъӣ гуфтам: «Ба ман маъқул нест, ки ту Шонро ба дурӯғгӯӣ иғво меандозӣ».

Дар ин вазъият бача дуруст рафтор намуд. Ӯ узр хост ва хатои худро дарк намуд. Дигар кӯдакон ин қадар зуд аз раъяшон намегарданд, ва ману Доттӣ аз Шон бо исрор хоҳиш мекунем, ки бо онҳо дӯстӣ накунад. Ман медонам: бисёр волидон ҷуръат намекунанд, ки ақидаи худро оиди дӯстони фарзандонашон баён намоянд. Аммо ман мехостам, ки дигар волидон низ нисбати фарзандони ман ҷиддӣ

муносибат кунанд. То ҳол фарзандони ман дар интихоби дӯстон пурбарор буданд, аммо ман чунин меҳисобам, ки худи ман ба ин барорнокӣ мусоидат мекунам: фарзандони худро дилхуш мегардонам ва ба сафарҳои тӯлонӣ бо худ чизҳои бомаза мебарам.

Ман барои Шон ва дӯстонаш қаҳрамон ҳастам. Ин ба ман «ҳуқуқ» медиҳад, ки ақидаи худро баён кунам. Ба ғайр аз ин, ҳангоме ман дар бораи дӯстони фарзандонам гап мезанам, онҳо гӯш меандозанд.

---

Барои ба фарзандон ва дӯстони онҳо қаҳрамон шудан шавқу рағбатҳои худро ба онҳо бор накарда, нисбати *ҷаҳони онҳо* таваҷҷӯҳ зоҳир намудан даркор аст. Яке аз падарон ба ман нақл кард: «Ман ба писарам пешниҳод намудам, ки ба шаҳр барои вақтхушӣ равем, аммо сафари мо нобарор буд».

«Шумо бо чӣ кор машғул шудед? — пурсидам ман.

«Ман голфро дӯст медорам. Мо ба голфбозӣ рафтем, — ҷавоб дод падар, — маълум шуд, ки голф ба писарам маъқул нест. Ана ҳамин тавр».

Ин воқеа ҳақиқатан рӯй дода буд, ман чизеро бофта набаровардаам! Падар мехост бо писар вақт гузаронад, аммо дар айни ҳол машғулияти дилхоҳашро кунад. Ба ман лозим омад, ки он чизеро ки ӯ намефаҳмад, барояш фаҳмонам. Ӯ бояд шавқу рағбатҳои *писараш*ро фаҳмида гирад ва он машғулиятҳоеро интихоб намояд, ки *ба писараш* маъқуланд.

Барои ба ҷаҳони кӯдакон ғӯтавар шудан вақт даркор аст — ташвишҳо зиёд мешаванд, аммо шодиҳо низ бисёр хоҳанд буд. Ман ҳамеша ба худ саволе медиҳам: «Шон ҳозир бо чӣ кор машғул аст? Келлӣ ба чӣ мароқ зоҳир мекунад? Бо Кэтӣ чӣ шуда истодааст? Ҳэзэри хурдакак-чӣ — ӯ ба чӣ шавқ дорад?»

Ҳангоме ки Шон хурд буд, ӯ суперменбозӣ мекард — ҳамеша ниқоби суперменро пӯшида мегашт. Барои ҷазо додани Шон танҳо ниқобро аз ӯ гирифтан кофӣ буд. Ин баробари он буд, ки мӯйҳои Шимшӯнро буранд. Бе ниқоби супермен ҳаёт барои Шон маънои худро гум мекард!

Барои ба рақобати супермен муқобилат карда тавонистан ман қарор додам, ки оиди ӯ хонам. Ман бисёр комиксҳо харидам ва ба зудӣ на камтар аз Шон оиди супермен медонистам. Боз ба ӯ комиксҳо тӯҳфа кардам, ки барояш баробари тилло буданд. Шавқ ба супермен дер давом накард, аммо тамоми ин муддат ман кӯшиш

мекардам, ки дар нақши Кларк Кент баромад кунам, ва ман ба ин муваффақ шудам.

Баъди якчанд сол Шони даҳсола ба мошинҳои варзишӣ шавқ пайдо кард. Мошинҳои гаронбаҳо — «Мазераттӣ», «Ламборҷинӣ» ва «Феррарӣ Тестероза». Чун дидам, ки Шон суратҳои ин мошинҳоро аз рӯзномаву маҷаллаҳо бурида мегирад, фаҳмидам, ки шавқмандии ӯ рағбати муваққатӣ нест. Дар майнаам фикре пайдо шуд. Ман китоби рӯйхати телефонҳоро гирифта, ба магазинҳои беҳтарини Беверлӣ-Ҳиллз занг задам. Баъд чунин мактуб фиристодам:

> «Ман падари маъюсшуда ҳастам. Ман кӯшиш мекунам ҳарчи бештар бо писарам вақт гузаронам. Ҳозир ӯ ба мошинҳои варзишӣ шавқ пайдо намудааст. Оё мумкин аст, ки ӯро ба салони шумо оварам, то ки дар мошинҳои варзишӣ сайр кунад? Росташро мегӯям: ман он мошинҳоро харидани нестам».

Боиси ҳайрати ман буд, ки ҳамаи салонҳо розӣ шуданд. Ман ба воситаи телефон бо онҳо маслиҳат кардам ва мо ба Беверлӣ-Ҳиллз (150 мил аз хонаи мо) равона шудем, то ки салонҳои мошинҳои варзиширо тамошо кунем. Ин чӣ рӯзи хубе буд! Шон бо фурӯшандаҳо сифатҳои мошинҳоро месанҷид: ҳамаи мошинҳои барояш шиносро «санҷида» дид. Шон ба ман даст меҷунбонд — ӯ аз ин рӯйдод хеле фахр мекард.

Шон дар ҳамаи мошинҳо сайр кард ва плакатҳои рекламавиро бо имзоҳои варзишгарони номӣ гирифт. Умуман, ин рӯзи фаромӯшнашуданӣ буд. Дар бозгашт мо мошинҳои маъқулшударо муҳокима мекардем, брошюраҳо ва плакатҳои рекламавиро аз назар мегузарондем. Сипас ман оҳиста сӯҳбатро ба дигар мавзӯъ гузарондам: ба Шон гуфтам, ки ба ҳама чиз дар партави Супориши Бузург нигаристан даркор аст.

«Мефаҳмӣ, Шон, ҳамаи ин мошинҳо — бозичаҳо мебошанд, аммо нархи хеле гарон доранд. Аммо мо дар навбати аввал бояд оиди вазифае фикр кунем, ки Худо дар назди мо гузоштааст». Ҳамин тавр ман ба Шон оиди материализм дарс гузаштам. Ман мавъиза накардам. Ман гуфтам, ки чизҳое ҳастанд, ки мо онҳоро дӯст медорем ва онҳоро қадр мекунем. Аммо мо, масеҳиён, набояд чизи асосиро фаромӯш кунем.

Шон маро фаҳмид. Ман аз ӯ хоҳиш накардам, ки плакатҳо ва брошюраҳои рекламавиро партояд. Ман зидди мошинҳои варзишӣ набудам, аммо дар роҳи бозгашт Шон бисёр чизҳоро оиди материализм фаҳмид.

Баъди се моҳ шавқ ба мошинҳои варзишӣ аз байн рафт, Шон ба дигар чиз таваҷҷӯҳ пайдо намуд. Шумо мепурсед: «Оё ба ин чиз вақт сарф кардан меарзид?» Ба фикрам, меарзид. Даҳҳо падарон бо ман розиянд, дар семинарҳо ин қиссаро шунида, онҳо низ ҳамин тавр карданд.

Сафар ба автосалон намунаест оиди чӣ гуна ба ҷаҳони кӯдак дохил шудан. Агар шумо ин корро карда тавонед, барои баён намудани нуқтаи назар ва ақидаҳои худ ҳуқуқ пайдо намудаед.

---

Ба наздикӣ Кэтии 10-сола ба бейсбол шавқ пайдо кард. Ҳамроҳи Доттӣ — мухлиси «Бостон ред сокс» — вай бисёр бозиҳои финалиро тамошо кард. Ман мехоҳам ба ӯ маҷмӯи варақаҳои бейсболро тӯҳфа карда, чунин гӯям: «Ман ҳамроҳи ту варақаҳои бейсболро ҷамъ мекунам. Ҳангоме ки бо дастаҳои бейсболбозон вомехӯрам, имзоҳои бозингарони асосиро ба даст меоварам».

Бешубҳа, Кэтӣ хеле хурсанд мешавад. Ин машғулият моро муттаҳид мекунад. Ман ба муваффақият умед дорам. Ман умед дорам, ки ваъдаамро иҷро мекунам: ҳангоми чемпионати ҷаҳон имзои Хосе Кансекоро ба даст меоварам.

---

Аллакай чандин сол боз ман қоидаеро пайравӣ мекунам, ки бо фарзандони калонӣ масъалаҳои сиёсиро муҳокима кунам. Ман кӯшиш мекунам ба он рӯйдодҳое дахл намоям, ки амалҳои дуруст карданро ёд медиҳанд.

Ба наздикӣ мо ба як ҷой рафта будем, ва ман якчанд соат бо фарзандон дар ҳуҷраи мотел сӯҳбат намудам. Мо вазъи Шарқи Наздикро баъди ба Кувайт зада даромадани Ироқ муҳокима менамудем. Ман дар бораи таърихи ин сарзамин, сабабҳои ҳуҷуми ироқиён ва қиссаи библиявиро оиди муносибатҳои арабҳову исроилиён нақл кардам. Сӯҳбат ба дарс оиди бадбинӣ ва қувваи вайронкунандаи он табдил ёфт. Баъд лаҳзаи мусоиде фароҳам омад, то оиди бахшидан сухан ронем.

Сарлавҳаҳои рӯзномаҳо ва барномаҳои телевизионӣ барои сӯҳбат бо фарзандон маводи фаровон медиҳанд. Якчанд сол пеш президент Роналд Рейган ҳангоми сафар ба Олмон қабристонеро дар Битбург дидан намуд, ки он ҷо қариб сад нафар аскарони фашист дафн карда шудаанд. Ба қабри «аскари номаълум»-и немис гулчанбар гузошта, президент Рейган гуфт: «Вақти он расидааст, ки захмҳои ҷангиро фаромӯш кунем. Вақти бахшидан фаро расидааст».

Ин амали Рейган дар ИМА норозигиро ба вуҷуд овард. Мувофиқи пурсиши раъйи ҷамъият, қариб нисфи шаҳрвандон зидди ин изҳори ақида намуданд. Баъзе сенаторҳо ва конгрессменҳо ҳатто даъват намуданд, ки президент импичмент карда шавад. Аз вақти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ қариб 40 сол гузаштааст. Одамон чунин меҳисобанд, ки ин кам аст: агар бахшем, ҷаҳон даҳшатҳои ҷангро фаромӯш мекунад, ва ҳамааш аз нав сар мешавад.

Ман ҳамроҳи фарзандон барномаи ахборро тамошо мекардам, мақолаҳои рӯзномаҳоро оиди Битбург мехондам. Баъд ман ба фарзандон гуфтам: «Биёед сайру гашт мекунем, наҳорӣ мехӯрем ва ҳамроҳи мистер Рейган ин воқеаро муҳокима мекунем».

Келлӣ, Шон ва ман ба кафе равона шудем. Ва дар он ҷо, дар толори пур аз одам, ки он ҷо ҳама ману фарзандонамро мешинохтанд (Ҷулиан шаҳраки хурд аст), мо ба қабристони Битбург рафтани Рейганро муҳокима намудем. Мо Инҷили Матто (6:12) — қисми дуои Худовандро ба ёд овардем: «Ва қарзҳои моро бибахш, чунон ки мо низ ба қарздорони худ мебахшем».

Ман фаҳмондам, ки президент Рейган нишон доданӣ буд: вақти бахшидан фаро расидааст. Яке аз пешхизматҳо суханони маро шунида, ба тамоми толор нидо кард: «Мистер Макдауэлл, Рейган шахси маккор аст, шумо ба фарзандонатон чиро ёд дода истодаед?»

Агар пешхизмат мегуфт, ки «Дояи ман Мерилин Монро буд», диққати бештареро ҷалб намекард. Хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Ҳама ба мо нигаристанд. Вай сӯи пешдӯкон рафта истода буд, аммо дар ними роҳ ақиб гашт ва бо ангушт сӯи ман ишора намуда, гуфт: «Ана ман ба шумо чӣ мегӯям, мистер Макдауэлл. Агар фашистҳо модари Рейганро ба камераи газӣ мефиристоданд, ӯ тамоман ба Битбург намерафт!»

Фарзандон гӯшҳояшонро сих карданд. «*Лаҳзаи беҳтарин*», — фикр кардам ман.

«Шумо ба суханони хонума чӣ мегӯед?» — бо овози баланд аз фарзандон пурсидам ман, то ки ҳозирон моро шунаванд. Фарзанди калонӣ Келлӣ чунин гуфт:

«Дада, ин ақидаи шахсии ӯст».

«Ту чӣ фикр дорӣ? — исрор намудам ман. — Агар фашистон модари Рейганро мекуштанд, ӯ ба Битбург мерафт? Оё саволро ин тавр гузоштан мумкин аст?»

Акнун ҳамаи ҳозирон ба фикр афтоданд: «*Саволро чӣ тавр гузоштан даркор аст?*»

«Тарзи дурусти гузоштани савол чунин аст, — давом додам ман. — Агар фашистҳо модари ӯро мекуштанд, оё ба Битбург рафтани ӯ *дуруст мебуд?*»

Ман тавонистам нишон диҳам: онҳое ки президент Рейганро барои ба бахшидан даъват намуданаш маҳкум мекарданд, амалан чунин мегуфтанд: «Худоё, моро набахш, зеро мо фашистонро бахшидан намехоҳем».

Шояд шумо дар ҳузури фарзандон бо пешхизмат оиди масъалаҳои байналмилалӣ мубоҳиса кардан намехоҳед. Худатон ҷой ва вақтро интихоб намоед, то ки ҳамаи ин масъалаҳоро муҳокима намоед. Ақидаи фарзандонро пурсед, ва баъд оромона ба онҳо нуқтаи назари худро фаҳмонед.

---

Ба ҷои он ки пулро ба чизҳо сарф кунед, онро ба «эҳсосоти кӯдакона» сарф кунед. Дик ва Шарлотта ду фарзанди хурдии худ — Ҷонатан ва Тиммиро бо худ ба саёҳати Аврупо бурданд. Бачаҳо 14 ва 15-сола буданд. Онҳо панҷ ҳафта рюкзакҳо дар китфҳо бо қатора саёҳат мекарданд, дар меҳмонхонаҳои арзонтарин бозмеистоданд, дар як ҳуҷра чор нафар мезистанд. Чунин саёҳат ба бачаҳо на танҳо имкон дод, ки бо кишварҳои гуногун шинос шаванд, балки ҳамчунин ёрӣ расонд, ки таърих ва замони ҳозираро беҳтар фаҳманд.

Дик ин саёҳатро сармоягузории беҳтарин меҳисобад. Дар он давра оила ба мошини нав эҳтиёҷи сахт дошт, аммо на ӯ ва на Шарлотта ягон дақиқа афсӯс нахӯрданд: онҳо пулро ба чизи муҳимтар сарф карданд.

Ба Аврупо рафтан шарт нест, ба ҷои дигар рафтан мумкин аст. Аммо таъкид кардан мехоҳам: барои *чорабиниҳои якҷоя* пулро дареғ надоред. Онҳо фоидаи зиёд меоваранд.

---

Ба ғайр аз саёҳатҳо фарзандонро ба сафарҳои корӣ бурдан мумкин аст (агар имконият бошад). Ман бисёр вақт ҳамин тавр мекунам, аммо пешакӣ фикр мекунам, ки кӯдакро бо чӣ кор машғул медорам.

Ман ба сафар танҳо як кӯдакро мебарам: ба намояндагони калисоҳое ки дар онҳо баромад мекунам, телефон карда, маслиҳат мекунам, ки онҳо барои кӯдак ягон машғулият фикр карда баророанд. Ҳангоме ки машғули кор нестам, вақти зиёдеро ба муошират бо ӯ сарф карда метавонам.

Боре ман Шонро бо худ гирифтам. Яке аз аҳли калисои маҳаллӣ писаре дошт — ҳамсоли Шон, ки бо скейтбординг машғул мешуд.

Дар шаҳр барои скейтбординг парки махсусе буд, ва ҳангоме Шон ҳамроҳи онҳо ба омӯхтани трассаи маҳаллӣ рафт, волидони бача хеле шод буданд.

Дар сафари дигар Кэтӣ ба ман ҳамроҳ шуд. Аҳли калисои маҳаллӣ дар ташкил намудани вақтгузаронии фоиданок барои ӯ ёрӣ расонданд.

Таъкид кардан мехоҳам: фарзандонам бо ман саёҳат карданро на барои он дӯст медоранд, ки кори маро дидан мехоҳанд, балки барои он ки ман барои онҳо вақтгузарониҳо ташкил мекунам.

Ва ҳангоме ки ман бо кор машғул нестам, мо вақтро хушнудона бо ҳам мегузаронем.

---

Вақти хӯроки нисфирӯзӣ низ барои муошират бо фарзандон мувофиқ меояд. Наврасон хӯрокхӯриҳои оилавии тантананокро дӯст намедоранд. Аммо хӯрокхӯрии ғайриоддӣ ба онҳо маъқул шуда метавонад. Шумо дар ҳуҷраи хоб ё дар гараж хӯрокхӯрӣ ташкил накардаед? Ин дар хотири фарзандон мемонад. Шумо метавонед бозии «ҷойҳоямонро иваз мекунем»-ро ташкил кунед. Пагоҳӣ ман яке аз фарзандонро ба каноре бурда, мегӯям: «Имрӯз ту дар сари дастурхон сарвар мешавӣ. Ба ҷои ман шин, ва мо он чиро, ки ту мегӯӣ, мехӯрем».

Сипас ману Доттӣ маслиҳат мекунем, ва ба кӯдаке ки нақши «падар»-ро мебозад, иҷозат медиҳем, то хӯрокҳоро интихоб кунад. Он гоҳ дар сари дастурхон чунин хӯрокҳо пайдо мешаванд: яхмос ва бутербродҳо бо мураббо. Агар шумо ба чунин равиши воқеа тайёр набошед, беҳтараш ин корро накунед. Аммо агар ба ин кор даст занед, кӯдакон хеле хурсанд мешаванд. Дар як чиз боварӣ дошта метавонед: шумо ба фарзанд нишон медиҳед, ки ӯ аз дигарон фарқ мекунад.

---

Усули дигари ба «бесарусомонии фаромӯшнашаванда» табдил додани хӯрокхӯрӣ низ ҳаст. Хӯрокхӯрии омехта ташкил кунед. Ба ошхонаҳо рафта, он чиро, ки кӯдакон мехоҳанд, харед: самбӯсаҳо, салат, питса. Ин усулро танҳо шахсоне истифода бурда метавонанд, ки меъдаи боқувват доранд. Ҳеҷ нашавад — баъд доруи сусткунандаи дарун истеъмол кунед.

# ТАВЗЕҲОТ

**БОБИ 1**


1. «Падарам дар куҷост» «*Washington Watch*», «Family Research Counsil» январи с. 1990 нашр кардааст, саҳ. 2. Иқтибос аз рӯи «*The Josh McDowell Research Almanac and Statistical Digest*», саҳ. 1101.
2. «Боғчаҳои бачагон дар шаҳр» «USA Today», 29-уми августи с. 1982. Иқтибос аз рӯи «*The Josh McDowell Research Almanac and Statistical Digest*», саҳ. 99.
3. Ҷин Л. Ричардсон ва дигарон, «Вайроншавии меъёри рафтори талабагони синфҳои 8-ум, ки баъди мактаб ба ҳоли худ гузошта шудаанд», «*Pediatrics*», с. 1989, саҳ. 556–565. Иқтибос аз рӯи «*The Josh McDowell Research Almanac and Statistical Digest*», саҳ. 110.
4. «*Fundamentalist Journal*», октябри с.1984. Иқтибос аз рӯи «*The Josh McDowell Research Almanac and Statistical Digest*», саҳ. 86.
5. «*Focus and Family Bulletin*». С. 1989. Иқтибос аз рӯи «*The Josh McDowell Research Almanac and Statistical Digest*», саҳ. 87.
6. «Report to the President. White House Conference on Children», Washington D.C, U.S. Government Printing Office, 1971, pp. 41–43.
7. Robert Hemfelt, Frank Minirth, Paul Meier, «*Love is a Choice*» (Nashville: Thomas Nelson Publishers, 1989), ниг. саҳ.12.
8. Ҳамон ҷо, саҳ. 11.
9. Ҳамон ҷо, саҳ. 14.
10. Аз шеъри «*Children Learn What They Live*» by Dorothy Law Notle мутобиқ гардонда шудааст. Ин шеърро бисёр вақт ба «муаллифи номаълум» мансуб медонанд ва эҷодиёти халқ меҳисобанд.
11. Ман ба шарофати шеъре ки ба Ҷиммӣ Стюарт мансуб methodonista мешавад, оиди «кӣ будани қаҳрамон» фикр карданро сар кардам. Ӯ онро ҳангоми барномаи «Умед барои Амрикои аз маводи нашъаовар озод», ки аз тариқи фаъолияти «Super Bowl» ташкил шуда буд, иқтибос овард. Шеъри ӯро Дорис Лӣ Маккой дар китоби «*Megatraits: twelve traits of Successful People*» (Plano, Texas Wordware Publishing Inc. 1988) иқтибос овардааст.
12. Robert S. McJee, Jim Craddock, Pat Springle, «*The Parent Factor*» (Houston: Rapha Publishing, 1989), p.9.
13. «*Children Learn What They Live*» by Dorothy Law Notle.

**БОБИ 2**

1. Josh McDowell, «*How to Help Your Child Say No to Sexual Pressure*» (Waco: Word Books Publisher, 1987), p. 51.
2. Маълумотҳои оморӣ аз «Junior High Ministry», май-август, 1988. Иқтибос аз рӯи «*The Josh McDowell Research Almanac and Statistical Digest*», саҳ. 104.

**БОБИ 4**

1. Josh McDowell, «*Building Your Self-image*» (Wheaton: Living Books, Paperback Edition, 1988), p. 25.

**БОБИ 5**

1. Charles Caldwell Ryrie, Editor, *Ryrie Study Bible* (Chicago: Moody Press, 1976), p. 968.
2. Мубоҳисаи муфассалро оиди «ҳашт синну соли одам» ниг. дар Erik H. Erikson «*Childhood and Society*», Second Edition Revised and Enlarged (New York: W. W. Norton and Company Inc, 1964), p. 247–273.
3. «Ман дӯстдошта ҳастам». Суханони Уилям Ҷ. ва Глория Гейтер. Мусиқии Уилям Ҷ. Гейтер. Ҳуқуқи муаллифии Уилям Ҷ. Гейтер аз с. 1978. Ҳамаи ҳуқуқҳо ҳимоя карда шудаанд. Ҳуқуқи муаллифии байналмилалӣ риоя карда шудааст. Мувофиқи иҷозати муаллифон истифода шудааст.

**БОБИ 6**

1. Dr. James Dobson, «*Hide or Seek*» (Old Tappam: Fleming H. Revell Company, 1974), p.23ff.
2. Ниг. Stephen D. Eyre, «*Defeating the Dragons the World*» (Downers grove: InterVarsity Christian Fellowship, 1987), p. 24.
3. Ҳамон ҷо.

**БОБИ 7**

1. Kenneth Blancherd, Spencer Johnson, «*The One-Minute Manager*» (New York: Berkeley books, 1983).

**БОБИ 8**

1. Оиди сифатҳои шахси ба камолот саъйкунанда дар David Stoop, «*Lining with a Perfectionist*» (Nashwill: Oliver Nelson, 1987) хондан мумкин аст.
2. Барои расидан ба рекорди худ Роҷер Мэрис назар ба Рут вақти бештаре сарф намуд.
3. Erikson. «*Childhood and Society*», pp. 258–261.

**БОБИ 9**

1. Josh McDowell, «*How to Help Your Child Say No to Sexual Pressure*», p. 28.
2. «Condoms Sought in School», San Diego Union, Thursday, March 15, 1990, p. C-4. Иқтибос аз рӯи «*The Josh McDowell Research Almanac and Statistical Digest*», саҳ.1.
3. Josh McDowell, Dick Day, «*Why Wait?*» (San Bernandino: Here´s Life Publishers Inc, 1987). Оиди сабабҳое ки ҷавононро пеш аз оиладорӣ ба алоқаи ҷинсӣ тела медиҳанд, дар қисми дуюм хонед.
4. «Summary of Findings: Young Adolescents and Their parents» Search Institute, Minneapolis, M.N. 1984, p. 1D.
5. H. Norman Wright, «*Always Daddy´s Girl*» (Ventura: Regal Books, 1989), p. 10.
6. Ниг. Erikson. «*Childhood and Society*», pp. 261–263.
7. Ниг. Erikson. «*Childhood and Society*», pp.263–266.
8. Debora Phillips, «*Sexual Confidence*» (Boston: Houghton Mifflin. 1980), p. 121.

**БОБИ 10**

1. Rolf Garborg, «*The Family Blessing*» (Dallas: Word Publishing, 1990).

**БОБИ 11**

1. Josh McDowell, «*How to Help Your Child Say No to Sexual Pressure*», p. 19.
2. Anthony Casale, «*Tracking Tomorrow´s Friends*» (Kansas City: Andrews, Mcmeel and Parker, 1986). Ин китоб аз ҷониби хадамоти расонаҳои хабарии оммавӣ «Ганетт», «*USA Today*» навишта шудааст. Ба он материалҳои тадқиқотҳо ва пурсишҳои раъйи омма, ки маҷаллаи «*USA Today*» гузарондааст. дохил карда шудаанд. Китоб такроран нашр нашудааст.

**БОБИ 14**

1. Ниг. Ҷеннифер Уоррен, «Духтараки беҳолшуда дар ҳоҷатхона ёфт шудааст. Волидон дастгир шудаанд», «Los Angeles Times», панҷшанбе, 25-уми октябри с. 1990, саҳ. A-3.
2. Ниг. Dr. James Dobson, «*Dare to Discipline*» (Wheaton: Tyndale House Publishers, 1970), Introduction page 1–4.

# МУНДАРИҶА

*Пешгуфтор* ........ 3
*Изҳори миннатдорӣ* ........ 4

**I Қаҳрамононе даркоранд, ки мувофиқи «Нақшаи волидӣ» амал мекунанд ........ 5**
1 Кӯдакро фиреб додан ғайриимкон аст ........ 7
2 Муносибатҳо бо фарзандонро ба ҳоли худ нагузоред ........ 20
3 Агар муносибатҳо хуб набошанд, ҳеҷ гуна қоидаҳо ёрӣ намедиҳанд ........ 30

**II Муносибати мавзун (мутаносиб) ба фарзанд: таҳкурсии боварӣ ва худэҳтиромкунӣ ........ 40**
4 Агар фарзандон ба шумо даркор бошанд, ба худ низ даркоранд ........ 42
5 Муносибати хайрхоҳона ба фарзанд: маънои ҳақиқии Масалҳо 22:6 ........ 53
6 муносибати мавзун (мутаносиб) ба фарзанд чунин маъно дорад: «ту махсус ҳастӣ» ........ 65

**III Таҳсин: калиди дарки аҳамиятнокии худ ........ 77**
7 Корҳои неки фарзандонро бе аҳамият нагузоред ........ 80
8 Барои камолотпараст тарбия накардан чӣ бояд кард ........ 90

**IV Муҳаббат: шарти зарурӣ барои ҳаёти кӯдак ........ 105**
9 Қувваи оғӯшгириҳо ........ 107
10 Чизи асоситарине ки волидон барои фарзандон карда метавонанд ........ 120

**V Диққат: барои қаҳрамон шудан вақтро набояд дареғ дошт .................. 132**

11 Калимаи «муҳаббат» чунин навишта мешавад: В-А-Қ-Т . 134

12 Ҳамроҳи фарзандон бо чӣ кор машғул шудан даркор аст .................. 146

**VI Вазифаҳо ва нуфузу эътибори волидӣ: манъкуниҳо чӣ гуна дар фарзандон интизомнокӣ ва қатъиятро инкишоф медиҳанд .................. 160**

13 Волидони масъулиятшинос фарзандони масъулиятшинос тарбия мекунанд .................. 163

14 Фарзандонро чӣ гуна ба хашм наоварем .................. 178

*Фикрҳои хотимавӣ:* Қаҳрамон буданро лаҳзае бас накунед! .... 199

*Илова:* Лавозимоти қаҳрамон .................. 209

*Тавзеҳот* .................. 219

*Мундариҷа* .................. 222

# Чор конуни рӯҳонӣ

Ба ҳама маълум аст, ки дар олами мо қонунҳои моддии табиат амал мекунанд. Аммо қонунҳои рӯҳонӣ низ ҳастанд, ки муносибатҳои моро бо Худо муайян мекунанд.

Биёед онҳоро аз назар мегузаронем:

## Қонуни 1:

**Худо шуморо дӯст медорад, Ӯ барои ҳаёти шумо нақшаи олидараҷа дорад.**

(Иқтибосҳоеро, ки дар ин брошюра ҳастанд, дар қаринаи Китоби Муқаддас хондан беҳтар аст)

**Муҳаббати Худо**

«Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, талаф нашавад, балки ҳаёти ҷовидонӣ ёбад. (Юҳанно 3:16)

**Нақшаи Худо**

Масеҳ гуфтааст: «Ман омадаам, то ки онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд» (Юҳанно 10:10).

Чаро бисёрии одамон ин «ҳаёти фаровон»-ро надоранд? Чунки...

# Қонуни 2:

**Одам гуноҳкор аст ва аз Худо ҷудо карда шудааст. Бинобар ин муҳаббати Худо ва нақшаи Ӯро фаҳмида ва ҳис карда наметавонад.**

### Одам гуноҳкор аст

«Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд» (Румиён 3:23).

Одам барои он офарида шуда буд, ки бо Худо мушоракат дошта бошад, аммо аз боиси худраъйии якравонааш одам роҳи худро интихоб намуд. Дар натиҷа мушоракат бо Худо вайрон шуд. Ин худраъйиро, ки дар беитоатии фаъолона ба Худо ё дар муносибати бепарвоёна ба Ӯ ифода меёбад, Китоби Муқаддас гуноҳ меномад.

### Одам аз Худо дур карда шудааст

«Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ» (Румиён 6:23).




Ин сурат нишон медиҳад, ки Худо муқаддас аст, одам бошад — гуноҳкор. Онҳоро ҷарии азиме аз ҳам ҷудо мекунад. Тирчаҳо нишон медиҳанд, ки одам доимо кӯшиш мекунад бо қувваи худ ба Худо ва ҳаёти фаровон расад, масалан, бо корҳои нек, фалсафа ё дин.

Қонуни сеюм ба мо ягона роҳи баромадро аз ин бунбаст нишон медиҳад.

# Қонуни 3:

**Исои Масеҳ ягона роҳест, ки Худо барои раҳоӣ аз гуноҳи одамӣ додааст. Ба воситаи Ӯ шумо метавонед муҳаббати Худо ва нақшаи Ӯро фаҳмед ва ҳис кунед.**

### Ӯ барои мо мурд

«Лекин Худо муҳаббати Худро нисбат ба мо бо ҳамин исбот мекунад, ки ҳангоме ки ҳанӯз гуноҳкор будем, Масеҳ барои мо мурд» (Румиён 5:8).

### Ӯ аз мурдагон бархост

«Масеҳ барои гуноҳҳои мо мурд... ва, мувофиқи Навиштаҳо, дар рӯзи сеюм эҳё шуд... ва ба Кифо ва баъд ба он дувоздаҳ нафар зоҳир шуд; пас аз он ба зиёда аз панҷсад нафар бародарон дар як вақт зоҳир шуд...» (1Қӯринтиён 15:3–6).

### Ӯ ягона роҳ ба сӯи Худост

«Исо ба вай гуфт: «Ман роҳ ва ростӣ ва ҳаёт ҳастам; касе наметавонад назди Падар ояд, магар ин ки ба василаи Ман»» (Юҳанно 14:6).




Аз сурат аён аст, ки Худо аз болои ҷарие ки Ӯро аз одам ҷудо мекард, кӯпруке барпо кардааст — Ӯ Писари Худ, Исои Масеҳро фиристод, то ки ҷазоро барои гуноҳҳои мо ба дӯши Худ гирад ва ба ҷои мо дар салиб бимирад.

Танҳо донистани ин се қонун кофӣ нест...

# Қонуни 4: мо бояд Исои Масеҳро чун наҷотдиҳанда ва худованд қабул намоем; танҳо баъд аз ин мо метавонем муҳаббат ва нақшаи Ӯро фаҳмем.

**Мо бояд Масеҳро қабул кунем**
«Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд» (Юҳанно 1:12)

**Мо Масеҳро бо имон қабул мекунем**
«Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки атои Худост, ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ кас фахр накунад» (Эфсӯсиён 2:8–9).

**Мо Масеҳро ба воситаи даъвати шахсӣ қабул мекунем**
Масеҳ гуфтааст: «Инак, назди дар истода, тақ-тақ мекунам: агар касе овози Маро шунида, дарро воз кунад, назди ӯ даромада, бо ӯ таоми шом хоҳам хӯрд, ва ӯ бо Ман» (Ваҳй 3:20).

Қабул кардани Масеҳ аз он иборат аст, ки мо аз номи худ ба Худо муроҷиат (тавба) мекунем ва қарор медиҳем, ки ба Масеҳ роҳ диҳем, то ба ҳаёти мо дарояд, гуноҳҳоямонро бахшад ва аз мо чунон одамоне кунад, ки Ӯ моро ҳамон гуна дидан мехоҳад. Танҳо бо ақл дарк кардан кофӣ нест, ки Исои Масеҳ Писари Худост ва Ӯ барои гуноҳҳои мо дар салиб мурдааст. Ҳамчунин таассуроти эҳсосотӣ доштан кофӣ нест. Муҳимаш Масеҳро бо имон қабул кардан аст. Бо имон қабул кардани Масеҳ амали имони мост.

### Ин ду доира ду тарзи зиндагиро ифода мекунанд

**Ҳаёте ки онро худи одам идора мекунад**




Ман – «ман» дар тахти ҳаёт

† – Масеҳ берун аз ҳудуди зиндагӣ

● – майлу водоркунандаҳои зиндагӣ аз худи одам бармеоянд, ки ин бисёр вақт боиси ноумедӣ мегардад

**Ҳаёте ки онро Масеҳ идора мекунад**




† – Масеҳ дар тахти ҳаёти шумо

Ман – «ман» ба Масеҳ ҷои худро дод

● – майлу водоркунандаҳои зиндагӣ аз Масеҳ бармеоянд, ки ин ба нақшаи Худо мувофиқат мекунад

Кадом доира ҳаёти шуморо беҳтар тасвир мекунад?

Кадоми онҳоро интихоб кардан мехостед?

Дар давоми сухан фаҳмонда мешавад, ки чӣ гуна шумо Масеҳро қабул карда метавонед.

## ШУМО МЕТАВОНЕД ХУДИ ҲОЗИР БО ДУО БА МАСЕҲ МУРОҶИАТ НАМУДА, ӮРО БО ИМОН ҚАБУЛ КУНЕД*

Худо дили одамиро хуб медонад, бинобар ин ба ӯ на суханҳо, балки ҳолати дили шумо муҳим аст. Дуо тахминан чунин садо дода метавонад:

*«Худованд Исо, ман ба Ту эҳтиёҷ дорам. Туро шукр мегӯям, ки барои гуноҳҳои ман дар салиб мурдӣ. Ман дари ҳаёти худро мекушоям ва Туро чун Наҷотдиҳанда ва Худованд қабул мекунам. Барои омурзидани гуноҳҳоям ва атои ҳаёти ҷовидонӣ ба Ту ташаккур мегӯям. Ҳаёти маро ба дастони Худ бигир. Маро чунон одаме бикун, ки Ту дидан мехоҳӣ. Туро, Худои бузургро: Падар, Писар ва Рӯҳулқудсро шукр мегӯям. Омин».*

Оё ин дуо хоҳиши дили шуморо ифода мекунад?

Агар ҳа, пас худи ҳозир ҳамин дуоро ба забон оваред, ва Масеҳ ба ҳаёти шумо ворид мешавад, чуноне ки ваъда кардааст.

*(*Дуо гуфтугӯ бо Худост*)

### Чӣ тавр донистан мумкин аст, ки оё Масеҳ ба ҳаёти шумо даромадааст

Шумо Масеҳро ба ҳаёти худ қабул кардед? Мувофиқи ваъдаи Ӯ (Ваҳӣ 3:20), акнун Масеҳ нисбати шумо дар куҷост? Масеҳ гуфтааст, ки Ӯ ба ҳаёти шумо медарояд. Оё Ӯ шуморо фиреб дода метавонад?

Боварии шумо оиди он ки Худо дуоятонро иҷобат намуд, дар чӣ асос ёфтааст?Дар он, ки Худо ва Каломи Ӯ сазовори боварӣ мебошанд.

### Китоби Муқаддас ба ҳамаи онҳое ки Масеҳро қабул кардаанд, ҳаёти ҷовидониро ваъда медиҳад

«Ва ин шаҳодат аз он иборат аст, ки Худо ба мо ҳаёти ҷовидонӣ ато намудааст, ва ин ҳаёт дар Писари Ӯст. Касе ки Писарро дорад, ҳаёт дорад, касе ки Писари Худоро надорад, ҳаёт надорад. Ба шумо, ки ба исми Писари Худо имон доред, инро навиштаам, то донед, ки шумо ба Писари Худо имон дошта, ҳаёти ҷовидонӣ доред» (1Юҳанно 5:11–13).

Ҳамеша Худоро барои он шукр гӯед, ки Масеҳ дар ҳаёти шумо ҳаст ва Ӯ ҳеҷ гоҳ шуморо тарк намекунад (Ибриён 13:5). Дар асоси ваъдаи Ӯ шумо метавонед донед, ки Масеҳ дар шумо зиндагӣ мекунад ва шумо аз он лаҳзае ки Ӯро даъват намудед, ҳаёти ҷовидонӣ доред. Ӯ фиреб намедиҳад. Дар ёд нигоҳ доштан муҳим аст...

## БА ҲИССИЁТ ТАКЯ НАКУНЕД

Асоси имони мо на ҳиссиётамон, балки ваъдаи Худо мебошад, ки ба мо дар Китоби Муқаддас дода шудааст. Масеҳӣ бо умед ба ҳаққонияти Худи Худо ва каломи Ӯ зиндагӣ мекунад. Ин сурат, ки қатораро тасвир мекунад, рамзи ҳаёти масеҳист ва робитаи байни факт (Худо ва Каломи Ӯ), имон (боварии шумо ба Худо ва Каломи Ӯ) ва ҳиссиётро (натиҷаи имон ва итоаткории мо) нишон медиҳад (Юҳанно 14:21).




Фаҳмост, ки локомотив бе вагонҳо низ ҳаракат карда метавонад. Аммо бо ёрии вагонҳо ҳаракат додани локомотив тамоман беҳуда мебуд. Айнан ҳамин тавр, мо, масеҳиён, бояд ба ҳиссиёти худ такя накунем, балки имони худро ба нуфузу эътибори Худо ва ваъдаҳои Каломи Ӯ вогузорем.

## Акнун, ҳангоме ки шумо Масеҳро қабул кардаед

Дар лаҳзае ки шумо Масеҳро бо имон қабул кардед, бисёр чизҳо рӯй доданд:

1. Масеҳ ба ҳаёти шумо ворид шуд (Ваҳй 3:20; Қӯлассиён 1:27).
2. Шумо бахшоиши гуноҳҳоро ба даст овардед (Қӯлассиён 1:14).
3. Шумо фарзанди Худо шудед (Юҳанно 1:12).
4. Шумо ҳаёти ҷовидонӣ ба даст овардед (Юҳанно 5:24).
5. Шумо роҳпаймоиро сӯи мақсади бузурге ки Худо шуморо барои он офаридааст, сар кардед (Юҳанно 10:10; 2Қӯринтиён 5:17; 1Таслӯникиён 5:18).

Оё ягон чизеро тасаввур карда метавонед, ки аз қабул кардани Масеҳ беҳтар бошад? Оё худи ҳозир дар дуо Худоро барои ҳамаи он чи Ӯ ба шумо кардааст, шукргузорӣ кардан мехоҳед? Ӯро шукргузорӣ намуда, шумо ба Ӯ имон доштани худро нишон медиҳед.

*Барои он ки ҳаёти шумо мукаммал бошад, шумо бояд рӯҳан инкишоф ёбед.*

## Барои инкишофи рӯҳонӣ чиро донистан даркор аст

Инкишофи рӯҳонӣ ба боварии шумо ба Исои Масеҳ вобаста аст. «Одил ба воситаи имон зиндагӣ хоҳад кард» (Ғалотиён 3:11). Ҳаёти имондорона ба шумо имкон медиҳад, ки дар ҳар як чизи хурди ҳаёти худ ҳарчи бештар ба Худо боварӣ кунед ва корҳои зеринро ба ҷо оваред:

1. Ҳар рӯз дар дуо ба Худо муроҷиат намоед (Юҳанно 15:7).
2. Каломи Худоро ҳар рӯз хонед (Аъмол 17:11) — аз Инҷили Юҳанно сар кунед.
3. Дар ҳама чиз ба Худо итоат кунед (Юҳанно 14:21).
4. Ба одамон бо сухан ва амалҳо, бо тамоми ҳаёти худ оиди Масеҳ шаҳодат диҳед (Матто 4:19; Юҳанно 15:8).
5. Дар ҳама чиз ба Худо таваккал намоед (1Петрус 5:7).
6. Ба Рӯҳулқудс имконият диҳед, ки шуморо идора кунад ва бо қувваи Худ пур кунад — барои ҳаёти ҳаррӯза ва барои шаҳодат оиди Масеҳ (Ғалотиён 5:16–17; Аъмол 1:8).

## Мушоракат бо имондорон дар калисо

Каломи Худо ба имондорон маслиҳат медиҳад, ки «ҷамъомади худро тарк накунанд» (Ибриён 10:25).

Гулхан хуб месӯзад, ҳангоме ки чӯбҳо дар як ҷо ҷамъ оварда шудаанд, аммо дар алоҳидагӣ онҳо зуд хомӯш мешаванд. Бо имондорон низ ҳамин ҳодиса рӯй медиҳад. Агар ба ягон калисо намерафта бошед, интизор нашавед, ки шуморо даъват кунанд. Дар маҳалли зисти худ шахсонеро ёбед, ки ба Масеҳ имон доранд, яъне калисоеро (ҷамоати имондорон), ки он ҷо Масеҳро иззату ҳурмат мекунанд ва Каломи Ӯро мавъиза менамоянд. Ин барои инкишофи рӯҳонии шумо бениҳоят зарур аст.

## Барои фарзанди худ қаҳрамон шудан сифатҳои фавқуттабииро наметалабад!

Ба шумо танҳо муҳаббат, мақсаднокӣ ва нақшаи воқеӣ даркор мешаванд. Ҷош Макдауэлл ва Дик Дей нақшаеро пешниҳод мекунанд, ки дар Китоби Муқаддас асос ёфтааст ва ба шумо имкон медиҳад, то дар чашмони фарзандон қаҳрамон шавед. Дилсӯзӣ, қатъият, пайдарҳамии амалҳо шуморо барои фарзандон намуна мегардонанд.

Муаллифон бисёр маслиҳатҳои амалӣ медиҳанд. Шумо мебинед: барои қаҳрамон шудан бисёр рафторҳои аҷоиб кардан даркор аст. Аммо аз ҳама муҳимаш, шумо бо фарзандон чунин муносибатҳо доштанро ёд мегиред, ки ба оилаатон ҳаёти фаровонро медиҳад, ки ин дар ҷаҳони пуризтироб ва хатарноки мо камёфт аст.

**Ҷош Макдауэлл** – мавъизадиҳандаи маъруф, семинарияи илоҳиётшиносии Талботро хатм кардааст. Ӯ муаллифи зиёда аз панҷоҳ китоб аст, ки бисёрии онҳо ба забони русӣ тарҷума шудаанд. Дар байни онҳо – «Далелҳои раднашаванда», «Исо», «Фиребгарон», «На танҳо дуредгар» ва ғайра.

**Дик Дей** – устоди дипломдор оиди масъалаҳои никоҳ, оила ва тарбияи фарзандон, директори маркази «Ҷулиан» дар Калифорния. Дар якҷоягӣ бо Ҷош Макдауэлл якчанд китоб навиштааст.